# ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ИСФАРА

**МАҶМӮАИ**
**МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ**
**ИЛМИЮ АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
бахшида ба
**«30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**
дар мавзӯи
**«ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ, ТАҚВИЯТИ ИҚТИДОРҲОИ СОДИРОТӢ ВА ҲИМОЯИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ВАТАНӢ»**

**БАХШИ II - IV**
**ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРА**

**ИСФАРА – 2021**

ББК
УДК

**Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ** дар мавзӯи «**Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ**» – Хуҷанд. Парки технологии ДДҲБСТ, 2021. – 320 с.

**Фароҳаморӣ ва таҳрири матнҳои тоҷикӣ**
**Нигина Ризоева**

КУМИТАИ СОЗМОНДЕҲИ КОНФЕРЕНСИЯ

Холиқзода М.Ғ. директори ФДТТИ, н.и.и., раис;
Солиев З.М. муовини директор оид ба таълим ва илм, н.и.к., дотсент, муовини раис;
Шаропова Н.Ҳ. мудири шуъбаи илм, инноватсия ва нашрияҳои даврӣ, омӯзгори калон, котиб.
Пӯлодов И. мушовири директор, омӯзгори калон, узв;
Бобоева Г. В. мутахассиси шӯъбаи корҳои илмӣ, таҳқиқоти ва нашрияҳои даврӣ, н.и.т., узв.
Бобоев Л.Г. мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва фанҳои ф.м. н.и.т., дотсент, узв.
Носиров Н.Б. мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, н.и.ҳ., дотсент, узв.
Усмонова Ш.Ҳ. мудири кафедраи технологияҳои саноатӣ, омӯзгори калон, узв.
Ҳомидов И.М. мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент, н.и.и., дотсент, узв.
Бобоев С. Сардори шуъбаи равобити хориҷӣ, омӯзгори калон, узв.
Нематуллоев А. Директори Парки технологӣ.

**© ФДТТИ, 2021**

# САРСУХАН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромаду суханрониҳои хеш истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, аҳаммияти ин рӯйдоди муҳимро баён менамоянд. Мардумро барои чун гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдории он роҳнамоӣ карда, истиқлолро тантанаи адолати таърихӣ ва идомаи силсилаи давлатдории чандинҳазорсолаи ниёгонамон ва пайвастани он ба оини давлатдории навини миллиамон меноманд: «Маҳз истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии хешро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем».

Давлати мо дар рушду тараққиёт қадамҳои устувор гузошта, дар бисёр нишондиҳандаҳо дар минтақа пешсаф мебошад. Иқтисодиёти Тоҷикистон баланд шуда, мо ба кишвари содиркунанда табдил гардидем. Истихроҷи тиллову нуқра, алюминий ва маъданҳои гуногун, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, нуриҳои минералӣ, сементу кабел, истеҳсоли автобусҳои замонавӣ камтарин дастовардҳои истиқлолият мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёми худ аз 26-уми январи соли 2021 қайд намуданд: "Дар соли 2021 ба истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва фаъол гардонидани иқтидорҳои амалкунанда, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ тақвият бахшида, дар ин замина иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишуда, хусусан, доир ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи на камтар аз 7 фоиз ва ҳалли проблемаҳои рӯзмарраи аҳолӣ таъмин карда шавад". Бо мақсади ҳифзи амнияти озуқаворecho кишвар ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти худӣ майдони кишти асосӣ ва такрории зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати даҳҳо ҳазор гектар афзоиш дода шуд. Дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем.

Бо ин хотир мо тасмим гирифтем, конференсияи илмию амалиро дар мавзӯи "Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони Ватанӣ" баргузор намоем. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуд.

Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданиву ғайримаъданӣ, аз қабили металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, сангҳои худҷило ва ороишӣ, ангишт ва монанди инҳо мебошад, ки ҳаҷми тасдиқшудаи онҳо садҳо миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 600 кон ва 800 зуҳурот кашф ва омӯхта шудааст, ки дорои зиёда аз 60 навъи ашёи хоми маъданиву ғайримаъданӣ мебошад. Ҳоло ҳамагӣ 27 фоизи захираҳои зикршуда истихроҷ ва коркард шуда

истодааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мо қонеъкунанда нест. Аз ин, рӯ мо - мутахассисони соҳаро зарур аст, ки баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат ва ба хотири бунёди Тоҷикистони саноатӣ чораандешӣ намоем. Дар шароити муосир иқтидори захиравии ҳар як минтақа имконияти ояндаи рушдро муайян месозад. Вале ин дар ҳолате амалӣ мешавад, ки агар дар иқтисодиёти минтақа роҳҳои илмии самаранок истифодабарии он таъмин карда шавад.

Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд:, ки "...натиҷаи заҳмати софдилонаи кишоварзон ва чораҳои амалинамудаи Ҳукуматро мо имрӯз дар фаровонии маҳсулоти истеҳсоли худӣ дида истодаем. Бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза мо минбаъд низ бояд тарзе кор кунем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ ва муҳтоҷӣ кашанд".

Бори нахуст дар замони соҳибистиқлолӣ дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва марказҳои иттилоотиву техникӣ таъсис ёфта, ҷиҳати ба корҳои илмиву пажӯҳишӣ машғул шудани олимону донишҷӯён заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Солҳои охир бо мақсади дастгирии илмҳои бунёдӣ барномаҳои алоҳидаи давлатӣ ҳам дар соҳаи маориф ва ҳам дар бахши илм амалӣ шуда истодаанд.

Пайвастани илм бо истеҳсолот ҳадафи асосӣ ва бунёдии филиал маҳсуб шуда, кормандони он дар ин ҷода собитқадаманд, бо пуштибонӣ аз сиёсати созанда ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ таҳқиқотро идома дода талош мекунанд, ки баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

Аз ин рӯ, бояд шукргузорӣ аз он намоем, ки Худованд баҳри мо чунин Ватани азизу маҳбуб ва ободу зебоеро ато намудааст, ки шабеҳ ба биҳишт мебошад. Бояд ҳамагӣ ба қадри талошу заҳматҳои Пешвои муаззами миллат ва замину фазов ва ҳавои меҳану сарзамини хеш бирасем ва ҳама ҳамдилу яктан гашта, дар ободонии ин диёри ҳамешасабз ва хурраму ободу нозанин заҳмат ба харҷ диҳем.

**Холиқзода М.Ғ.**
*н.и.и., директори ФДТТИ*

# БАХШИ II

# ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ: ГУЗАРИШ ВА ҲАЛЛИ МУАММОҲО

**Komilov Suhrob Sodiqjonovich**
*assistant of world economy department,*
*Faculty business and management,*
*Tajik Sate University of Law, Business and Politics*

## SIGNIFICANCE AND ROLE OF DATA IN E-COMMERCE AND THE DIGITAL ECONOMY

The evolving digital economy is characterized by the emergence of a platform ecosystem of digital products and services, evolving through a combination of wide and continuous measurement and data collection on the Internet of Things, the flow of data from both users and numerous sensors of industrial automation systems and ubiquitous user devices connected to the Internet. This creates pools of "big data" that can be mined and analyzed for patterns and correlations that would otherwise remain hidden. The results can be used in systems using artificial intelligence, machine learning and automated decision making to improve system elements and even the entire system. Platforms created by such players as Alibaba, Amazon, Apple, Facebook, Google, Microsoft, HP, Tensun and others are already using business models centered on big data.

Data generated using digital technologies can serve as new sources of knowledge, innovation and profit if it is effectively analyzed and turned into information. For example, detailed data collected about the behavior of platform users and consumers on the Internet can enable platform owners to innovate and offer new, better and / or more specialized products and services that can be monetized. Data analytics can also be used to drive progress towards the 2030 Agenda for Sustainable Development.[1]

This note examines the growing role of data in e-commerce and the digital economy in the context of the digital and information divide within and between countries. The data economy offers new opportunities for wealth creation and development, but it also raises a number of potential challenges such as data privacy and security, cross-border movement of data, market concentration and taxation. For these challenges and opportunities to translate into inclusive trade and development, adequate policy responses are needed at the national and international levels. The note concludes with a number of central issues agreed by Member States at the second session of the Intergovernmental Group of Experts on Electronic Commerce and the Digital Economy.

According to the International Telecommunication Union, at the end of 2018, 51.2% of the world's population used the Internet. Thus, just under half of the world's population remains offline. In least developed countries, less than 20% of people use the Internet, while in developed countries over 80%. The digital economy can enable micro and small and medium enterprises to increase their market access and production efficiency. However, many micro-enterprises, as well as small and medium-sized enterprises, especially in rural and remote areas, are ill-prepared to participate beneficially in e-commerce and the digital economy, including data collection and

analysis. They face barriers in areas such as access to low-cost digital and data infrastructure, payment solutions, trade logistics, employee qualifications, consumer and data protection, and digital entrepreneurship financing. Another aspect of the digital divide is that most data centers are located in developed countries. [2]

The UNCTAD Business-to-Consumer E-Commerce Index illustrates the differences in countries' willingness to participate in e-commerce and the digital economy.

In an increasingly digital world, youth are the driving force behind going online and online platforms. Approximately 71% of young people worldwide use the Internet. As a result of digitalization, there has been an increase in the use of social media and e-commerce, as well as an increase in exposure to online risks. Youth creativity and innovation turn business ideas into solutions for inclusive trade and development, but their achievement depends on decent work opportunities. Young people are considered the "digital generation". However, they do not necessarily have the skills required to pursue the job opportunities that arise in the digital economy.[3]

The digital divide is driven by factors such as inadequate access at affordable prices, low levels of technical and digital training, including in data analytics, lack of relevant content or information resources in the local language, and security concerns. Therefore, one of the main tasks of digitalization is to ensure integration so that no one is left behind. Bridging this gap is essential to achieving the overarching trade and development goals. If not addressed properly, the digital and information divide between countries will widen, exacerbating existing inequalities. This will require significant capacity building efforts, including skills development, at the national, regional and international levels.

Digital data is becoming an important input for decision-making, production processes, operations and communications management in the ever-growing field of agriculture, manufacturing and services. As the digital economy develops further, data will become even more inextricably linked to all aspects of the global economy, including the functioning of the Internet, global production systems, and international trade.

Big data opens up new possibilities for analysis, value creation and artificial intelligence. Big data can be mined for analysis, allowing businesses, government agencies, and individuals or organizations with access to the data and the tools to conduct further analysis to make data-driven decisions. Big data can take our understanding of economic and social dynamics to the next level.

Digital data has value after the data is transformed into "digital intelligence". By leveraging newly emerging business models, global digital platforms create value by aggregating and analyzing data. This value can then be monetized in a variety of ways10:

a) The data of users of the platform can be used to provide targeted advertising services (for example, Google, Facebook).

b) IoT and sensor data can be used to foster innovation and improve the efficiency of supply chains (eg Caterpillar, Rolls-Royce).

c) E-commerce platforms may use the data they collect from sellers and buyers to provide better services or to increase platform usage fees (eg Ibei, Jumia, Amazon).

d) Companies may sell or lease as a service the infrastructure or software required to operate in a data-driven economy (eg, Amazon Web Service).[4]

While some digital platforms may provide many services and products for free, consumers and users end up paying for them by providing firms and app developers, sometimes unknowingly, with detailed information about their preferences, location, relationships, and personal habits. It is this knowledge that can be turned into money.

Data is invaluable in terms of gaining a competitive advantage. This is why platform service providers are often willing to provide them in exchange for data rather than money. The digital economy also has a centralized data flow. A distinction can be made between raw data obtained by raw data providers (for example, Facebook users), value-added information products produced by information companies (Facebook), and consumers of digital products. The data is then returned to users and sold to companies wishing to advertise. This creates a global data value chain, but if policy is not taken, many countries may become trapped in low value added stages of the value chain and increasingly dependent on the owners of the central platform.[5]

For developing countries, the monetization of data by global companies can have implications in such aspects as lost and tax-free income, the strengthening of the economic position of global platforms, the possibility of personal data abuse, insufficient development of hosting in the country, data centers, cloud services, advertising markets, etc.

Collecting and analyzing data can help solve or overcome major global challenges, generate new scientific advances, improve human health, provide real-time streams of information (such as disease outbreaks or traffic conditions), monitor natural systems, improve resource efficiency, and supporting decision-making by entrepreneurs, policymakers and civil society.

There are different ways in which big data can contribute to sustainable development, especially when combined with mobile technologies. For example, sub-Saharan Africa compiles large datasets of soil properties to help identify fertilizer needs and improve productivity. For example, Bridge International Academies uses big data and algorithms to develop early childhood and primary education in five developing countries.

Collecting and analyzing data is becoming more affordable thanks to the availability of cloud services (on demand). Small businesses can lease pay-per-use cloud data services without buying expensive hardware and software systems or hiring their own data analysts

The Concept of the Digital Economy in the Republic of Tajikistan (hereinafter - the Concept) was developed on the basis of the Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon "On the directions of domestic and foreign policy of the Republic of Tajikistan" dated December 26, 2018 and in accordance with the Resolution of the Republic of Tajikistan dated January 31, 2019 year, No. 39 "On the results of socio-economic development of the Republic of Tajikistan in 2018 and tasks for 2019".[6]

The concept is based on the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and represents a common vision of the use of modern digital technologies in order to achieve the highest goal of the long-term development of Tajikistan, namely, to improve the living standards of the country's population, as soon as possible to reach the standard of living in middle-income countries and a significant decrease poverty, as well as achieving the priority goals of the republic's economic development, such as ensuring energy independence and food security, getting the country out of the communication deadlock and turning it into a transit, accelerated industrialization of the country and the creation of new jobs. The widespread introduction of digital technologies, including "breakthrough" technologies, should become the basis for ensuring sustainable economic development and growth of the country's international competitiveness. The digitalization of the economy will create a new model of economic growth, attract international investment, give an impetus to the transformation of existing and development of new types of production, strengthen export orientation and at the same time satisfy domestic demand through import

substitution. The concept is aimed at obtaining digital dividends in such critical issues for national development as creating new jobs, growing gross domestic product (hereinafter referred to as GDP), transforming the service sector and improving the quality of life of the population.

**References**


1. *A detailed analysis of the use of big data in health, agriculture and other development areas is presented in UNCTAD, 2018, Technology and Innovation Report 2018: Harnessing Frontier Technologies for Development (United Nations publication, Sales No. E.18.II.D.3, New York and Geneva).*
2. *UNCTAD, 2017, Information Economy Report 2017: Digitalization, Trade and Development (United Nations publication, Sales No. E.17.II.D.8, New York and Geneva)*
3. *World Wide Web Foundation, 2018, Closing the Investment Gap: How Multilateral Development Banks Can Contribute to Digital Inclusion, Washington D.C.*
4. *World Bank Group, 2018, Malaysia's Digital Economy: A New Driver of Development (World Bank, Washington D.C.).*
5. *UNCTAD, Information Economy Report 2017.*
6. *www.medt.tj*



**Аминов Дадохон Ғайбуллоевич,**
**Тӯразода Ҷамшед Аскар,**
**Тошматова Мунира Далиловна**
*номзадони илми иқтисодӣ,*
*дотсентони кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ ДДҲБСТ*


## АРЗЁБИИ САТҲИ ВОБАСТАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ВОРИДОТИ ГУРӮҲИ МОЛҲО

Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти хурди кушод буда, воридкунандаи софи молҳо ва хадамот мебошад. Либерализатсияи савдои хориҷии кишвар дар миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифт. Дар соли 2017, дар рейтинги савдои ҷаҳонӣ аз рӯи мол, кишвар дар содирот ва воридот мутаносибан дар зинаи 143 ва 140 қарор дошт.

Аз сабаби маҳдуд будани сабади содиротӣ, ки дар он алюминийи аввалия ва нахи пахта бартарӣ дошт, дар давраи баррасишаванда дар нишондиҳандаи арзиш тағйироти назаррасе дар ҳаҷми содирот ҷой надошт. Пастшавӣ ё болоравии содирот асосан аз тағйир ёфтани нархи ҷаҳонии молҳои аз Тоҷикистон содиршаванда иборат аст.

Мушкилоти марбут ба номутавозунии тиҷорати хориҷии Тоҷикистон пеш аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии соли 2009 ва ҷанги шаҳрвандӣ, ки бо сохтори ғайримутаносиби истеҳсолӣ алоқаманд аст, ба вуҷуд омада буд. Сурати афзоиши воридоти молҳо нисбат ба содирот бақия манфии савдои хориҷиро зиёдтар менамояд. Сохтори савдои хориҷии кишвар аз тағирёбии бозори хориҷӣ, тағъирёбии қурби асъор, маҳдудиятҳои гумрукӣ ва асъории шарикони савдо вобаста аст.

Дар асоси таҳқиқот муайян карда шуд, ки сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон нобаробар аст (ниг. ҷадвали 1).

Таҳлили маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки дар сохтори иқтисодиёт, ҳиссаи соҳаҳои алоҳидаи саноат, аз ҷумла энергетика, аз 14,5% -2014 то 12,8% -2018 коҳиш ёфтааст, сохтмон аз 7,9% то 11,8 афзоиш ёфтааст дар солҳои 2014-2018, бахши кишоварзӣ аз 23,8% то 21,9% ва бахши молиявӣ аз 1,6% то 0,8% ММД коҳиш ёфтааст.

Ҳамзамон, дар сохтори бахши саноат, бевосита дар соҳаи истеҳсолот номутавозунӣ мавҷуд аст. Дар равандҳои сохтории истеҳсолӣ суръати афзоиши ҳиссаи соҳаи коркард паст аст. Ғайр аз он, аз се ду ҳиссаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ба соҳаҳои коркарди ашё рост меояд. Хатари ашёи хоми сохтори истеҳсолӣ пеш аз ҳама ба эҳтиёҷоти содирот нигаронида шуда, саноат ва иқтисодиётро дар маҷмӯъ аз шароити бозори беруна вобаста карда, рушди бозори дохилиро бозмедорад.

**Ҷадвали 1 - Сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2014-2018, бо% нисбат ба ММД**

| Намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | Солҳо | | | | | *2018 нисбат ба соли 2014, бо%* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | |
| **ММД (млн. сомонӣ)** | ***45606,6*** | ***48408,7*** | ***54479,1*** | ***61093,6*** | ***68844,0*** | **+50%** |
| Кишоварзӣ | *23,8* | *23,3* | *21,1* | *23,5* | *21,9* | *-8,7%* |
| Саноат, аз ҷумла энергетика | *14,5* | *13,6* | *13,0* | *12,0* | *12,8* | *-13,3%* |
| Сохтмон | *7,9* | *8,3* | *10,2* | *10,0* | *11,8* | **+49,4** |
| Савдо | *13,1* | *13,9* | *15,6* | *14,4* | *14,2* | **+8,4** |
| Нақлиёт, алоқа | *14,5* | *15,3* | *13,8* | *13,2* | *10,8* | *-34,3* |
| Фаъолияти молиявӣ, амволи ғайриманқул ва лизинг | *1,6* | *1,6* | *0,7* | *0,6* | *0,8* | *-50* |
| Гардиши савдои хориҷӣ | *8,0* | *8,2* | *8,7* | *11,6* | *8,9* | **+11,2** |
| Маъориф | *4,7* | *4,0* | *4,0* | *3,4* | *3,4* | *-27,6* |
| Расонидани хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | *2,9* | *3,8* | *3,8* | *3,3* | *3,7* | *-21,6* |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019. - С. 189.

Истеҳсоли саноатӣ дар давраи пас аз бӯҳронӣ дар маҷмӯъ бо динамикаи мусбӣ тавсиф мешавад: афзоиши зиёд дар истеҳсолот дар соҳаҳои вазнин, сӯзишворӣ, энергетика ва металлургия ба шарофати шароити мусоиди иқтисодии беруна, болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва барқароршавии талабот ба маҳсулоти ин соҳаҳо ба амал омад (ниг. расми 1).

Хулоса кардан мумкин аст, ки барқарорсозии ниҳоии маҳсулоти саноатии саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, илова бар саноати хӯрокворӣ, аз сабаби вобастагии корхонаҳо аз дастрасӣ ба захираҳои кредитӣ, суст ба кор андохтани фондҳои асосӣ ва фаъолияти пасти инноватсия ба натиҷаҳои назаррас ноил нагардид.




**Рис. 1. Ҳаҷми маҳсулоти саноатии соҳаи коркард аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (млн. сомонӣ)**

Нобаробарӣ дар сохтори ҷараёни савдои хориҷӣ, ки мустақиман бо сохтори ғайримутаносибии истеҳсолот ба вуҷуд омадааст, ба тавозуни савдои хориҷӣ таъсири манфӣ расонид.

Аз соли 1991 инҷониб тамоюли устувори бақияи манфии савдои хориҷӣ ба назар мерасад, ки дар соли 2014 - 3320,1 млн. долл. ИМА ташкил дода, дар соли 2018 ба 2070,4 млн. долл. ИМА расид.

Таҳлили динамикаи ММД, содирот ва воридоти молҳо дар тӯли панҷ сол (2014-2018) тағйироти гуногунро дар нишондиҳандаҳои дахлдор нишон медиҳад (ниг. расми 2).




| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 8592,2 | 6925,2 | 6916,9 | 6927,5 | 7300,8 |
| Воридот | 4297,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151 |
| Содирот | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198 | 1073,3 |

**Расми 2. Динамикаи ММД ва нишондиҳандаҳои тиҷорати хориҷии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2018 (млн. долл. ИМА)**

Омили асосие, ки ба коҳиш ёфтани хароҷотҳои воридотӣ таъсир мерасонад, ин кам шудани талабот ба сармоягузории дохилӣ, бахусус аз ҷониби аҳолӣ, бинобар кам шудани даромади воқеии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки бақия манфии тавозуни савдои берунаи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба сохтори ғайримутаносибии тиҷорати хориҷӣ вобаста аст. Дар сохтори содирот агар ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр бо арзиши иловашудаи камтарин бартарӣ дошта бошад, пас дар сохтори воридот ҳиссаи назарраси маҳсулоти баландтехнологӣ ва маҳсулоти истеъмолии ниҳоӣ ба назар мерасад.

Дар Тоҷикистон афзоиши устувори бақияи манфии савдои хориҷӣ бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, инчунин бо мамлакатҳои ИДМ мушоҳида мешавад (ниг. расми 4).




| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | -3320,1 | -2545 | -2132,5 | -1576,9 | -2077,7 |
| Мамлакатҳои ИДМ | -1913,7 | -1592 | -1379,2 | -1225,5 | -1287,7 |
| Дигар мамлакатҳои ҷаҳон | -1406,4 | -953 | -753,3 | -351,4 | -790 |

**Расми 4. Динамикаи бақияи тавозуни савдои хориҷӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2014-2018 (млн. долл. ИМА)**

Сохтори ҷуғрофии воридоти Тоҷикистон ба таври назаррас тағир наёфт ва асосан бо динамикаи савдо бо кишварҳои ИДМ ва Осиё муайян карда мешавад. Таҳлили сохтори воридот нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳои ИДМ 60% маҳсулот ворид мекунад. Дар воридоти молҳо ба Тоҷикистон дар соли 2018 мавқеи баландро ишғол карданд: : Русия - 30,7% -и кулли воридот, Чин - 18,9%, Қазоқистон - 17,0%, Узбакистон - 4,2%, Туркия - 4,0%, Олмон - 3,1%, Эрон ва Ҷопон - 2,0%, Покистон - 1,7%.

Умуман таҳлили савдои хориҷии Тоҷикистон аз зиёдшавии воридоти молҳои гурӯҳҳои гуногун шаҳодат медиҳад. Мутобиқан, дар доираи афзоиши воридот шумораи зергуруҳи молҳое, ки нисбати онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти содиротии худро маҳдуд кард, зиёд гардиданд.

Воридоти маҳсулоти нафт, ки бензин, аз ҷумла гази моеъро дар бар мегирад, тақрибан 15,0% -ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар ин давра, ҳиссаи воридоти маҳсулоти чорводорию растанипарварӣ қариб дуюним ва маҳсулоти хӯрокворӣ якуним маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҳамзамон, содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ коҳиш ёфт. Ин аз зарурати рушди содироти кишоварзӣ, тавсеаи бозори дохилӣ ва кам кардани воридот аз ҳисоби воридотивазкунии намудҳои шабеҳи мол шаҳодат медиҳад. Воридоти маҳсулоти чорвопарварӣ, растанипарварӣ ва инчунин саноати сабук аз Чин, Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо ба рушди маҳсулоти воридотивазкунӣ монеъ мешавад.

**Ҷадвали 2 - Ҳиссаи молҳо дар сохтори воридот дар солҳои 2009-2018, бо %**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 2,7 | 3,1 | 3,6 | 4,9 | 5,0 | 5,4 | 7,1 | 7,6 | 7,1 |
| Маҳсулоти нафт (якҷоя бо бензин) | 11,6 | 16,4 | 20,7 | 15,4 | 12,9 | 16,8 | 10,2 | 8,6 | 9,6 |
| Гази моеъ | 1,9 | 1,6 | 1,5 | 1,0 | 0,9 | 4,2 | 4,3 | 5,3 | 5,8 |
| Гилзамин | 10,5 | 12,0 | 8,2 | 6,6 | 4,9 | 3,0 | 3,9 | 4,5 | 3,8 |
| Орд | 3,6 | 3,7 | 4,1 | 3,4 | 2,4 | 1,8 | 1,5 | 0,9 | 0,5 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шакар | 1,7 | 2,0 | 2,3 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 2,1 | 1,7 | 2,1 |
| Равгани растанӣ | 1,1 | 1,9 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,9 | 2,3 | 2,2 | 2,6 |
| Доруворӣ | 2,7 | 4,0 | 3,1 | 1,9 | 1,9 | 1,6 | 1,9 | 0,9 | 1,2 |
| Масолеҳи чӯб | 3,5 | 3,7 | 4,0 | 3,7 | 3,7 | 4,3 | 4,9 | 2,6 | 2,8 |
| Прокати ҳамвор аз пӯлоди карбондор, зарандуд | 1,0 | 1,0 | 1,2 | 1,3 | 1,8 | 1,1 | 1,2 | 1,7 | 1,6 |
| Милаҳои пӯлоди карбондор | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,5 | 1,6 | 1,9 | 2,2 | 1,4 | 1,5 |
| Конструксияҳои ф/с | 0,8 | 1,2 | 0,6 | 0,7 | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 1,3 | 1,1 |
| Бульдозерҳои худрав | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,7 | 0,7 |
| Қисмҳои таҷҳизаоти бардорандаю нақлиётӣ | 0,2 | 0,3 | 0,4 | 0,3 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,2 | 0,2 |
| Трансформаторҳои барқ | 0,2 | 0,3 | 1,1 | 0,3 | 0,3 | 0,8 | 0,9 | 0,6 | 0,6 |
| Пултҳо, панелҳо, консолҳо, лавҳаҳои тақсим, симҳои изолятсияшуда, кабел | 0,7 | 0,4 | 1,3 | 0,8 | 1,1 | 0,7 | 0,8 | 2,0 | 1,7 |
| Автомобилҳои сабукрав, боркаш ва махсус, инчунин тракторҳо | 6,6 | 5,4 | 6,2 | 9,4 | 9,4 | 9,1 | 10,3 | 4,1 | 5,3 |
| Қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 0,8 |
| **Молҳои дигар (якҷоя бо тиҷорати номуташаккли ва боз арзёбишуда СИФ-ФОБ)** | 45,9 | 37,8 | 35,1 | 41,1 | 45,7 | 40,2 | 39,9 | 49,8 | 49,6 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019. - С. 257.

Таҳлили маълумотҳои дар чадвали 3 овардашуда, аз сатҳи баланди вобастагии мамлакатро аз воридот дар солҳои 2007-2015 нишон медиҳад, аз ҷумала: маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан - 76,51-70,56%, истихроҷи маъданҳои сӯзишворию энергетикӣ - 85,97-80,32%, сабук - 54,83-68,87%, саноати кимиё ва нафту кимиё - 43,74- 56,12% ва саноати бофандагӣ - 61,71-72,27%.

**Ҷадвали 3 - Сатҳи вобастагии воридотии Тоҷикистон аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2012-2018,%**

| Нишондиҳандаҳо | Вобастагии воридотӣ,% | | | | | | | 2018 бо % нисбат ба 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷ | 76,5 | 70,2 | 70,7 | 70,9 | 74,5 | 71 | 70,5 | -7,8 |
| Истихроҷи маъданҳои сӯзишворию энергетикӣ | 85,9 | 80,5 | 83,1 | 83,7 | 85,8 | 84,7 | 80,3 | -6,5 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок, ба истисноӣ сӯзишворӣ ва энергетика | 23,3 | 18 | 19,6 | 24,2 | 21 | 18,2 | 15,7 | -32,6 |
| Истеҳсоли маҳсулоти озуқа, нушокӣ ва ғайра | 7,7 | 8,8 | 8,7 | 9,1 | 9 | 9,3 | 9,8 | 27,3 |
| Саноати сабук | 54,8 | 55,3 | 54,1 | 59,9 | 61,5 | 66,7 | 68,8 | 25,5 |
| Саноати бофандагӣ; Истеҳсоли либос ва курку | 61,7 | 62,4 | 60,5 | 66,4 | 67,6 | 72,2 | 71,2 | 15,4 |
| Истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва дигар | 19,9 | 24,3 | 25,7 | 29,7 | 29 | 35,1 | 35,9 | 80,4 |
| Коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ, ба истисноӣ мебел | 26,7 | 27,1 | 29,6 | 31,7 | 28,5 | 29,1 | 30,1 | 12,7 |
| Саноати целлюлоза ва коғаз | 39,7 | 40,5 | 41,4 | 42 | 42,5 | 43,6 | 45,8 | 15,4 |
| Саноати кимиё ва нафту кимиё | 43,8 | 47,9 | 50,1 | 52 | 56,2 | 56,2 | 56,1 | 28 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 38,7 | 43,9 | 46,4 | 47,6 | 55,4 | 53,6 | 50,6 | 30,7 |
| Истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластикӣ | 55,3 | 55,5 | 57,2 | 60,7 | 57,7 | 61,5 | 57,7 | 4,3 |
| Истеҳсолоти металургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри | 19 | 22,2 | 23,2 | 24,2 | 22,8 | 24 | 25,9 | 36,3 |
| Истеҳсоли таҷҳизот ва дастгоҳ | 50,1 | 53,9 | 55,5 | 57,5 | 47,3 | 47,6 | 60 | 19,7 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019. - С. 259.

Сатҳи баланди вобастагии воридоти Тоҷикистон аз маҳсулоти истихроҷи маъдан, ки пеш аз ҳама дар норасогии захираҳои энергетикӣ (нафт, газ) зоҳир мегардад, воридоти муҳим ба ҳисоб меравconfigured. Вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон аз воридоти энергия ба рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад. Рушди воридотивазкунӣ бояд аз рӯи маҳсулоти саноати кимиё ва нафту кимиё амалӣ карда шавад. Барои кам кардани вобастагӣ аз воридот, пеш аз ҳама бояд рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро афзоиш додан лозим аст, технологияҳои каммасрафро истифода карда, доираи номгӯи молҳои воридотивазкунандаро васеъ бояд намуд.

Тоҷикистон аз воридоти молҳои баландтехнологӣ вобастагии зиёд дорад. Ба ин пеш аз ҳама воридоти таҷҳизоти баркӣ ва оптикӣ дахил мешавад. Масъалаи истиқлолияти технологӣ, ки он дар навбати аввал дар шароити муфлисшавии истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологии кишвар зоҳир мешавад, барои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ҳалношуда мебошад.

Вазъияти вазнин дар соҳаи озуқаворӣ ташаккул ёфтааст. Имрӯз хавфи озуқаворӣ аз ҳисоби зиёд шудани воридоти молҳои гурӯҳи хӯрокворӣ ба миён омадааст. Нишондиҳандаи ҳисобшудаи вобастагии воридоти Тоҷикистон дар асоси таносуби ҳаҷми воридот ва ҳаҷми истеҳсолот (аз ҷиҳати арзиш)

нишондиҳандаи афзоиши ин нишондиҳанда барои бисёр маҳсулоти хӯрока, ки асоси ғизо ба ҳисоб меравaнд, нишон дода мешавад.

Дар асоси таҳлили вобастагии Тоҷикистон аз воридот, ба хулоса омада метавонем, ки номутавозунии сохторӣ дар истеҳсолот ва савдои хориҷии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки ба зиёд шудани бақияи манфии савдои хориҷӣ оварда расонид. Дар чунин шароит, ҳавасмандкунии истеҳсолоти воридотивазкунӣ вобастагии Тоҷикистонро аз воридоти мол коҳиш медиҳад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Чумхурии Точикистон барои солҳои 2016- 2020» аз 26 ноябри соли 2016, № 503.*
2. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019.*
3. *Остапенко Т. Влияние экспортоориентированных и импортозамещающих отраслей на рост экономики / Т. Остапенко // Экономика, финансы, право. - 2009. - №10. - С. 11-16.*
4. *Плющик И. А. Анализ эффективности применения политики импортозамещения в мире / И. А. Плющик, Г. П. Огородник // Экономические инновации. - 2011. - Вып. 43. - С. 272-278.*



**Аннотация.** В данной статье рассматривается устойчивая тенденция увеличения внешнеторгового дефицита и обоснован характер развития импортозамещения. Определяется зависимость Таджикистана от импорта товарной группы в 2014-2018 гг. Праведён анализ внешнеторговых дисбалансов в процессе экспорта и импорта.



**Ключевые слова:** импортозамещение, импорт, экспорт, дефицит внешней торговли, товарная группа, анализ показателей, ВВП, структура экономики.



This article examines a steady trend towards an increase in the foreign trade deficit and substantiates the nature of the development of import substitution. The dependence of Tajikistan on imports of a commodity group in 2014-2018 is determined. The analysis of foreign trade imbalances in the process of export and import is righteous.



**Key words:** import substitution, import, export, foreign trade deficit, commodity group, analysis of indicators, GDP, structure of the economy.



**Самадова Заррина Акрамҷоновна**

*н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ҒИЗОИ ХУШСИФАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар замони муосир дар ҳама кишварҳо таъмини амнияти миллӣ ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ гардидааст. Зеро татбиқи ҳама гуна ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти сулҳу субот, ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар

кишвар вобастагӣ дорад. Дар таъмини амнияти миллӣ ҷойи махсусро амнияти озуқаворӣ, ки он ҷузъи амнияти иқтисодӣ аст, ишғол менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ мубрам буда, он ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ дониста шудааст.

Масъалаи ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат дар ҳама суханрониҳои сарвари давлат, дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда, дар кишвар ҷиҳати ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагони ватанӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати онҳо, пешниҳоди имтиёзҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, чораҳои судманд андешида мешавад [1; 2; 3; 4].

Дар Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ дар радифи ҳадафҳои дигар, ба монанди таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, ҳадафи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат низ муайян карда шудааст [8, с. 12].

Дар Стратегия ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат тадбирҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- пешбурди ислоҳоти аграрӣ ва обтаъминкунии он;
-таъмини дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ ба озуқаворӣ бар пояи пешрафти устувори бахши агросаноатӣ;
- диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти таъсири камтарин ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба алтернативӣ, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷираҳои арзиши иловашуда;
- баланд бардоштани дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳо дар бозори ватанӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ҳавасмандгардонии истифодаи усул ва технологияҳои нави кишоварзӣ;
- ташкили низоми нави самараноки идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои комил (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ҳаётан муҳими озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги ғизохӯрӣ, огоҳкунии бармаҳал, захираҳо).

Барои расидан ба ҳадафи стратегии мазкур Ҳукумати кишвар вазифадор гардидааст, ки бо назардошти талаботи воқеии аҳолии мамлакат бо маводи озуқа ва дастрасии сокинон бо ғизои хушсифат барномаи нави давлатии амнияти озуқавориро таҳия ва татбиқ созад. [2]

Чи тавре ки маълум аст, амнияти озуқаворӣ чунин вазъи иқтисодиро ифода мекунад, ки он аз ҳисоби ҳама гуна имкониятҳои дохилӣ ва беруна аҳолии

кишварро тибқи меъёрҳои илман асосноки истеъмолот бо озуқаворӣ таъмин менамояд. Ин таъминот бо се роҳ имконпазир аст:

- афзун гардонидани истеҳсолоти дохилии молҳои озуқаворӣ дар ҳаҷми зарурӣ;

- афзун гардонидани истеҳсолоти дохилии молҳои озуқаворӣ дар ҳамҷоягӣ бо воридот;

- афзун гардонидани ҳаҷми воридот [7].

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 671 самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти давлат, тибқи принсип ва меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда муайян карда шудаанд.

Қонуни мазкур мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» -ро чунин маънидод кардааст: «Амнияти озуқаворӣ - вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки он аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣии кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад» [5].

Дар зери таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва чорабиниҳои дигаре фаҳмида мешавад, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии бӯҳронҳои озуқаворӣ равона шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии давлатӣ оид ба амнияти озуқаворӣ таъмини талаботи аҳолии давлат ба озуқаи асосӣ аз ҳисоби истеҳсоли он аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқа ба роҳ монда шудааст. Дар ин самт ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

- рушди заминаи моддию техникии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти фаъолияти самараноки иншоотҳои мелиоративӣ ва обёрикунанда дар асоси лизинги техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ;

- маблағгузории барномаҳои таъмини илмии пешбурди соҳа, мукаммалгардонии механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои кишоварзӣ ва коркард оид ба рушди тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, селексияи растанӣ ва зотпарварӣ;

- мусоидат ҷиҳати истифодат технологияи пешқадами истеҳсолот, коркард, нигаҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи озуқа;

- мусоидат барои таъсиси иншоотҳои замонавии савдои яклухт (марказҳои тақсимкунӣ, бозорҳо ва маҷмааҳои яклухти озуқа);

- ташаккули низоми самараноки расонидани маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хоми кишоварзӣ ва озуқа аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ;

- рушди инфрасохтори нақлиёти анборҳои савдои яклухти озуқа;

- дастгирии илмии мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғайра.

Таҳлили қонуни номбурда нишон медиҳад, ки он танҳо як роҳи таъмини амнияти озуқаворӣ – афзун гардонидани истеҳсолоти дохилии молҳои

озуқавориро дар ҳаҷми зарурӣ пешбинӣ намудааст. Албатта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи як қатор молҳои озуқаворӣ, ба монанди шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, картошка, меваю сабзавот имконияти таъмин намудани аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ ҳаст. Лекин қонеъ намудани талаботи аҳолии кишвар ба нон ва маҳсулоти нонӣ, гӯшт, моҳӣ ва ғайра аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз айни замон роҳи дигари таъмини амнияти озуқаворӣ - афзун намудани ҳаҷми маҳсулот дар натиҷаи истеҳсолоти дохилӣ ва ҳам воридот истифода бурда мешавад.

Дар шароити Тоҷикистон омили асосии амнияти озуқаворӣ ин рушди устувори соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ ба таъсири ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад. Дар ин замина дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардидааст, ки он аз 7,4 миллиард сомонӣ дар соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шудааст [3]. Тибқи Барномаи рушди боғу токпарварӣ майдони боғу токзори мамлакат дар соли 2016 ба 180 ҳазор гектар расонида шудааст, ки он нисбат ба соли 1991- ум қариб 100 ҳазор гектар ё 2 баробар зиёд буда, дар ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, рушди содирот ва таъмини саноати коркард бо ашёи хом нақши арзишманд гузоштааст [1].

Албатта ин нишондиҳандаҳо хубанд, лекин онҳо басанда нестанд. Зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар самти рушди соҳа ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати бештар дода шавад.

Бо мақсади рушди истеҳсолоти кишоварзии сермаҳсул ва даромаднок дар асоси истифода ва идоракунии босуботи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаиислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи онро тасдиқ кардааст [5].

Сарфи назар аз кӯшишҳои Ҳукумат, дар таъмини амнияти озуқаворӣ масъалаҳои зиёди чигиле ҳастанд, ки садди рушди устувори комплекси агросаноатӣ ва омили ноамнии озуқаворӣ мегарданд. Омилҳои асосии ба амнияти озуқавории Тоҷикистон таъсири манфӣ расонанда аз инҳо иборатанд:

- самаранок набудани низоми танзими давлатии бозори захираҳо, бозори озуқаворӣ ва потенсиали озуқаистеҳсолкунии комплекси агросаноатӣ;

- самаранок истифода нашудани захираҳои истеҳсолӣ, корношоямӣ ва фарсудагии фондҳои асосии истеҳсолӣ, норасоии техникаи кишоварзӣ ва низоми номукаммали киштгардону чорабиниҳои беҳкунии сифати ҳосилхезии заминҳо дар миқёси мамлакат;

- суст будани чараёни чорӣ кардани дастовардҳои илму техника дар комплекси агросаноатӣ, технологияи номукаммали истеҳсол ва рақобатнопазирии маҳсулоти ватанӣ;

- аз ҳад зиёд озод ва бе ҳимоя будани бозори озуқаворении дохилӣ, нокифоягии назорати воридоти маводи ғизоӣ, чой доштани ҳолатҳои воридотимаводи озуқаворении барои саломатӣ хатарнок, ки асосан дар кишварҳои истеҳсолшудаашон талабот надоранд, бо нархи нисбатан арзон;

- нокифоягии дастгирии давлатии соҳаҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ бо мақсади ташкил намудани муҳити рақобат ва ба вучуд овардани моли рақобаткунанда бо молҳои воридотӣ;

- паст рафтани қобилияти харидории аксарияти истеъмолкунандагон, дастнорасии иқтисодии маводи ғизоӣ аз рӯйи меъёрҳо, асосан бо сабаби сатҳи баланди таваррум дар бахши истеъмолӣ ва дар натича сифатан бад шудани вояи хӯрок;

- нокифоягии тухмии босифати зироатҳо, номукаммалии соҳаи тухмипарварӣ, ғайрикофӣ будани корҳо оиди хушзоткунии чорво ва рушду чалбкунии чомеаи соҳибкорӣ ба бахши агросаноатии мамлакат;

- дар сатҳи паст қарор гирифтани амалисозии муносибатҳои маркетингӣ дар фаъолияти субъектҳои молистеъмолкунандаи соҳаи агросаноатӣ;

- чой доштани ҳолати нобаробарии нархи маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва саноатӣ, аз он чумла сӯзишворӣ;

- сатҳи пасти чалб намудани маблағҳои сармоягузории дохилию хоричӣ, мониторинги самаранокии истифодабарии маблаггузориҳо ва назорати мукаммали маблағҳои мақсаднок, ҳиссаи ночизи қарздиҳии дарозмуддат дар ҳачми умумии қарздиҳӣ ба субъектҳои истеҳсолӣ;

- дарачаи пасти рушди зерсохтори бозорию истеҳсолии комплекси агросаноатӣ ва соҳаҳои таъминкунандаи он, талафёбии маҳсулоти хӯрокворӣ, вобастагии зиёд аз воридот ҳатто то ба ҳадди гузаштан аз меъёрҳои чаҳонии қабулшудаи таҳдид ба амнияти озуқаворении мамлакат.

Ҳалли муаммоҳои чойдоштаи соҳа метавонад ба таъмини амнияти озуқаворӣ такон бахшад.

Дар шароити имрӯзаи Точикистон амнияти озуқаворӣ танҳо дар ҳолати якчоякунии дурусти имкониятҳои истеҳсолоти дохилӣ ва воридот таъмин хоҳад шуд, зеро мамлакат, чун кишварҳои дигар, наметавонад бо ҳама намудҳои озуқа худро таъмин намояд. Он аз нуктаи назари илмӣ  низ нодуруст аст. Чунин самтёбӣ зиёновар ҳисобида шуда, ягон кишвар онро истифода намебарад. Кӯшиши таъмини пурраи масалан, ғалладона аз ҳисоби худ метавонад ба камшавии ҳачм ва баландшавии нархи дигар намудҳои озуқа, ба монанди гӯшт, шир, сабзавот ва ғайра оварда расонад.

Ҳамин тариқ, вазифаи таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат дар Чумҳурии Точикистон ҳалли худро танҳо дар ҳолати танзими ҳамачонибаи давлатии истеҳсолоти дохилӣ бо чалби диққати сохторҳои давлатӣ

ба масъалаи самаранокӣ ва интихоби таносуби хуби байни истеҳсолоти ватанӣ ва воридоти молҳои озуқаворӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои он ёфта метавонад.


**Сарчашмаҳои истифодашуда:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016. www.president.tj*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017. www.president.tj*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. www.president.tj*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021. www.president.tj*
5. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 «Дар бораи Барномаиислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020». //www.mmk.tj*
6. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 671. //www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 14.02.2019)*
7. *Продовольственная безопасность в Таджикистане: перспективы и препятствия. -* ***http://news.tj/ru/news/prodovolstvennaya-bezopasnost-v-tadzhikistane-perspektivy-i-prepyatstviya***
8. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе: Контраст, 2016.*



**Шарипов Б.М. Холов Т.Т.**
(*ИЭД НАНТ, НУТ, г. Душанбе, Таджикистан*)


## ВОПРОСЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ ГЕОЛОГОРАЗВЕДОЧНЫХ РАБОТ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Проблемы формирования минерально-сырьевых ресурсов как одного из факторов производства в современных условиях развития национальной экономики требуют разработки научно-обоснованной индустриальной стратегии развития Республики, включая ее финансовый компонент. Это требует серьезного преобразования действующего законодательства страны, которое не в полной мере отвечает требованиям нынешнего времени и должно быть усовершенствована с учетом передового опыта развитых стран с учетом защиты интересов государства и ее недропользователей, что позволит привлечь большие инвестиции, и соответственно, современные инновации посредством импорта новой техники и технологий на базе новых создаваемых и действующих отечественных и иностранных компаний, занятых производством руд и концентратов из минерального сырья, поэтапно увеличивая глубину их переработки и обеспечивая выход конечной продукции и добавочной стоимости.

В целях развития отраслей горно-металлургической промышленности на основе использования местных минеральных ресурсов, Правительством Республики разработаны и реализуются совокупность национальных, отраслевых и корпоративных программ

развития, включая Национальную стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Государственную программу развития геологической отрасли Республики Таджикистан на 2012-2020 годы, Программу геологической разведки, добычи и переработки урана на 2009-2020 гг., Государственную программу изучения и оценки запасов редких металлов на 2016-2026 годы, Стратегию развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 год», Программу развития цветной и черной металлургии в Республике Таджикистан на период до 2025 года, План мероприятий по оздоровлению финансово-экономического положения государственного унитарного предприятия «Таджикская Алюминиевая Компания» на 2016-2018 годы и другие.

Природно-ресурсный потенциал недр Республики Таджикистан обусловливает необходимость приоритетного освоения и развития минерально-сырьевой базы и на этой базе развитие дополнительных мощностей посредством действующих и создания новых предприятий горно-металлургической промышленности. Необходимо отметить, что ускоренное индустриальное развитие экономики Таджикистана в большей степени зависит от наращивания запасов минерально-природных ресурсов и их эффективного использования, развития их промышленной углубленной переработки до конечной продукции. Для этого важно разработка финансового механизма инновационного развития и ускоренной индустриализации отраслей горно-металлургической промышленности. Он должен развиваться по следующим основным направлениям:

–постоянное наращивание запасов минерально-сырьевых ресурсов путем организации и развития геологоразведочных работ - за счет бюджетного финансирования предварительной разведки и привлечения внешнего финансирование для целей детальной разведки месторождений;

–восстановления бездействующих предприятий, развития и расширения производственных мощностей действующих предприятий, а также организации новых высокотехнологических предприятий по разработке минерально- сырьевых ресурсов в целях получения конечной продукции;

–обеспечения нужд предприятий металлообработки и машиностроения в черных, цветных, благородных и редких металлах в целях увеличения ассортимента выпускаемой продукции для покрытия нужд внутренних потребителей;

–обеспечение импортозамещения и роста экспорта конечной продукции с высокой добавленной стоимостью и др.

Насыщенность недр Республики Таджикистан полезными ископаемыми и перспективы развития геологоразведочных работ позволяют рассматривать их как огромный потенциал для устойчивого экономического и индустриального развития национальной экономики. Незначительное их реальное освоение и использование в процессе формирования производственно- и социально-экономических отношений обусловливают ускоренное индустриальное развитие горнорудной промышленности страны и решение проблем с ее финансированием. В настоящее время существуют следующие основные источники финансирования увеличения производства запасов минерально-сырьевых ресурсов, включая проведение геологоразведочных работ:

- государственный бюджет;

- финансирования геологоразведочных работ за счет собственных средств горнорудных предприятий по договорам со специализированными геологоразведочными организациями;

Анализ источников финансирования наращивания запасов минерально-сырьевых ресурсов (табл.1), показывает, что объем финансирования выполненных работ Главным геологическим управлением при Правительстве Республики Таджикистан за период 2007-2018 годы хотя и возрос в 4,4 раз, однако составляет незначительную сумму (максимум 53,2 млн. сомони за 2017г.), и колеблется в пределах от 0,75 до 0,99 % к ВВП.

Хотя за рассматриваемый период объем выполненных геологоразведочных работ (ГРР) в целом увеличились в 7,1 раз (рост ВВП в 5,3 раз, соответственно), они профинансированы за счет средств государственного бюджета в диапазоне от 0,1 до 0,2% к ВВП, что свидетельствует о крайне недостаточности данного источника финансирования для расширения минерально-сырьевой базы страны.

**Таблица №1**

**Источники финансирования геологической отрасли Таджикистан, за 2007-2018 годы (в действующих ценах, тысяча сомони)**

| Годы | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018 к 2007, раз, п.п. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Государственный бюджет | 1 900 | 2 180 | 3 900 | 2 400 | 3 200 | 7 300 | 7 900 | 9 000 | 11 000 | 13 000 | 13 000 | 13500 | 7,1 раз |
| За счет договорных работ | 4 115 | 5 428 | 6 224 | 8 330 | 9 871 | 9 876 | 11 131 | 12 176 | 12 881 | 12 352 | 13628 | 13562 | 3,3 раз |
| Подрядные работы | 93 | 53 | 359 | 135 | 911 | 54 | 98 | 18 | 150 | 442 | 323 | 351 | 3,8 раз |
| Выполненные работы хоз. способом | 5 922 | 7 555 | 9 765 | 10 595 | 12 159 | 17 121 | 18952 | 21 158 | 23 731 | 24 910 | 26 306 | 24487 | 4,1 раз |
| Итого | 12 030 | 15 216 | 20 248 | 21 460 | 26 141 | 34 351 | 38 081 | 42 352 | 47 762 | 50704 | 53 257 | 51900 | 4,4 раз |
| ВВП (в ценах соотв. лет), млн. сомони | 12804 | 17706 | 20628 | 24707 | 30071 | 36163 | 40525 | 45606 | 48401 | 54479 | 61093 | 68448 | 5,3 раз |
| Финансирование из госбюджета, в % к ВВП | 0,15 | 0,12 | 0,19 | 0,10 | 0,11 | 0,20 | 0,19 | 0,20 | 0,23 | 0,24 | 0,21 | 0,20 | + 0,5 п.п |
| Итого финансирование отрасли, в % к ВВП | 0,94 | 0,86 | 0,98 | 0,87 | 0,87 | 0,95 | 0,94 | 0,93 | 0,99 | 0,93 | 0,87 | 0,75 | - 0,19 п.п. |

**Источник**: рассчитано авторами по данным Главного геологического управления при Правительстве РТ, Стат. сборник Агентства по статистике при Президенте РТ, 25 лет независимости РТ, 2019 г.

Выполненные работы хозяйственным способом превысили почти вдвое бюджетное финансирование отрасли, и пошли на проведение различных работ и услуг, не связанный с ГРР - негеологическое бурения, строительство дорог, мостов и т.п. Это обусловило к срыву выполнения ряда параметров, реализуемых государственных отраслевых программ развития, включая Государственную программу развития геологической отрасли Республики Таджикистан на 2012-2020 годы, Программу геологической разведки, добычи и переработки урана на 2009-2020 гг., Государственную программу изучения и оценки запасов редких металлов на 2016-2026 годы и план работ геологических экспедиций и др.

Анализ финансирование геологоразведочных работ в РТ по источникам их финансирование за 2012-2018 годы (табл. 2) показывает, что иностранные инвестиции за эти годы доминировали по объему выполненных ГРР, составляя от 84,7% до 96,2% совокупных инвестиций ежегодно, за исключением 2017 и 2018 г., когда их объемы в несколько раз уменьшились, и составили соответственно 19,2% и 50,4%.

Пиковое значение объема иностранных инвестиций наблюдалось в 2014 году в сумме 106 722 тыс. долл. США. Однако, в 2015 и 2016 годах иностранные инвестиции на ГРР уменьшились в разы, откатившись до уровня 2012 г. Крайне низкое привлечение иностранных инвестиций на ГРР произошло в 2017 году составив в сумме 718 тыс. долл. США или на 148,6 раз меньше уровня 2014 г. В 2018 году привлечение иностранных инвестиций на ГРР составило 3015,0 тыс. долл. США или 35,4 раз меньше уровня 2014 года.

Необходимо отметить, что иностранные инвестиции на ГРР в 2014 году 58,5 раз превысили объемы бюджетного финансирование, и за 2017 год уменьшились до 0,5 раз.

По нашей оценке, причиной этого послужили введения крайнее высоких минимальных размеров бонуса коммерческого обнаружения и подписного бонуса на геологические запасы отдельно для каждого заключаемого контракта 2012-2019 годы.

**Таблица №2**

**Финансирование геологоразведочных работ в РТ по источникам их финансирования, за 2011-2018 годы (в тыс. сомони и тыс. долл. США)**

| Источники финансирования | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Государственный бюджет (сомони) | 3 200 | 7 300 | 7 900 | 9 000 | 11 000 | 13 000 | 13 000 | 13500 |
| Курс сомони к долл. США | 4,6096 | 4,7627 | 4,7642 | 4,9349 | 6,1645 | 7,8762 | 8,8211 | 9,15 |
| Гос. бюджет в долл. США | 694 | 1 532 | 1 658 | 1 824 | 1 784 | 1 650 | 1473 | 1475 |
| За счет договорных работ (сомони) | 9 871 | 9 876 | 11 131 | 12 176 | 12 881 | 12 352 | 13628 | 13562 |
| За счет договорных работ в долл. США | 2 141 | 2 073 | 2 336 | 2 467 | 2089 | 1 568 | 1544 | 1482 |
| Иностранные инвестиции на деятельность по проведению ГРР и изысканий (без научных исследований и разработок) в долл. США | 19 576 | 26 987 | 23029 | 106 722 | 62 932 | 17 854 | 718 | 3015 |
| Всего в долл. США | 22411 | 30592 | 27023 | 111013 | 66805 | 21072 | 3735 | 5972 |
| Из них в % к всему: госбюджет | 3,1 | 5,0 | 6,1 | 1,6 | 2,7 | 7,8 | 39,4 | 24,7 |
| -договорные работы | 9,6 | 6,8 | 8,4 | 2,2 | 3,1 | 7,4 | 41,4 | 24,8 |
| -иностранные инвестиции | 87,3 | 88,2 | 85,5 | 96,2 | 94,1 | 84,7 | 19,2 | 50,4 |
| Соотношение иностранных инвестиций к бюджетному финансированию | 28,2 раз | 17,6 раз | 13,9 раз | 58,5 раз | 37,4 раз | 10,8 раз | 0,5 раз | 2,0 раз |

**Источник:** рассчитано авторами по данным Главного геологического управления при Правительстве РТ; Стат. сборник ВЭД за на недропользование, утвержденный Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 августа 2011 года № 426, а также нормы роялти (налога) на добычу.

Данное решения послужило причиной многократного уменьшение привлечения иностранных инвестиций на развитие и геологическое изучение недр страны направленных на увеличение запасов полезных ископаемых.

Наращивание запасов полезных ископаемых и их дальнейшее использование улучшили бы инвестиционный и инновационный климат республики и способствовали дальнейшему развитию горнорудной и металлургической промышленности.

В Республике за годы независимости, согласно заключённых инвестиционных соглашенный, созданы новые совместные предприятия с иностранными инвесторами-компаниями, для увеличения производства продукции драгоценных и цветных металлов. В результате, созданы новые высокотехнологические и эффективные предприятия, достигнуто многократное увеличение объемов производства драгоценных и цветных металлов, увеличились объемы экспорта этой продукции.

Социально-экономическое развитие Таджикистана тесно связано с уровнем технико-технологического развития промышленности, которая играет определяющую роль в совершенствовании материального и нематериального производства общества, особенно в формировании доходов населения и пополнении государственного бюджета, обеспечении потребностей страны в отечественной промышленной продукции и привлечении трудоспособного населения в производство. За годы независимости, промышленность Таджикистана поэтапно приобретает новый статус, все больше соответствуя всем характерным чертам современной отрасли, где активно осуществляется активно деятельность в рамках организационно-технических и научно- обоснованных мероприятий, обеспечивающих эффективность производства и формирование устойчивой цепочки добавленной стоимости с углубленной степенью переработки продукции от сырья до готовой продукции.

**Список использованной литературы:**

1. *Государственная программа развития геологической отрасли Республики Таджикистан на 2012-2020 годы.*
2. *Программа геологической разведки, добычи и переработки урана на 2009-2020 гг.*
3. *Государственная программа изучения и оценки запасов редких металлов на 2016-2026 годы.*
4. *Стратегия развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 года.*
5. *Программа развития цветной и черной металлургии в Республике Таджикистан на период до 2025 года.*
6. *План мероприятий по оздоровлению финансово-экономического положения государственного унитарного предприятия «Таджикская Алюминиевая Компания» на 2016-2018 годы.*
7. *Данные Главного геологического управления при Правительстве РТ.*
8. *25 лет независимости РТ, Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2019 г.*
9. *Внешнеэкономическая деятельность РТ. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2019 год.*

**Масъалаҳои маблағгузории иктишофи геологӣ дар Тоҷикистон**

Дар мақола таъкид шудааст, ки иқтидори сарватҳои табиию зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди афзалиятноки захираҳои ашей-минералӣ ва дар ин замина азхудкунии иқтидорҳои мавҷуда бунёди корхонаҳои нави саноати кӯҳӣ-металлургияро тақозо менамояд. Рушди минбаъдаи саноатии иқтисодиёти Тоҷикистон бештар аз зиёд шудани захираҳои маъданию табиӣ ва истифодаи самараноки онҳо ва рушди маҳсулоти саноатии онҳо то маҳсулоти ниҳоӣ вобаста аст. Барои ин як қатор барномаҳои давлатии рушди соҳа қабул карда шуданд. Бо мақсади татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда самтҳои зерини рушд муайян карда шуданд: афзоиши доимии захираҳои маъданҳои фоиданок, тавассути ташкил ва рушди корҳои иктишофии геологӣ аз ҳисоби маблағгузории буҷавӣ ҳангоми иктишофи пешакӣ ва маблағгузории берунӣ ҳангоми иктишофи муфассали конҳо; барқарорсозии корхонаҳои корношоям, рушд ва тавсеаи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда, инчунин ташкили корхонаҳои нави дорои технологияи хуби коркарди маъданҳои фоиданок бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ; қонеъ кардани эҳтиёҷоти корхонаҳои коркарди металл ва мошинсозӣ ба металлҳои сиёҳ, ранга ва олиҷаноб ва нодир бо мақсади афзоиши намудҳои маҳсулот барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони дохилӣ; таъмини ҷойивазкунии воридот ва содироти маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши баланди иловашуда ва ғайра. Барои зиёд кардани захираҳои маъданҳои фоиданок манбаъҳои зерини маблағгузорӣ муайян карда шуданд: буҷаи давлатӣ; маблағҳои худи корхонаҳо тибқи шартнома бо ташкилотҳои махсусгардонидашудаи геологӣ; маблағгузории корҳои иктишофи геологӣ аз ҳисоби маблағҳои худи корхонаҳо бо истифодаи захираҳои худӣ; сармоягузории мустақими хориҷӣ, сипас гузаронидани таҳлил.

**Калидвожаҳо:** иқтидори захираҳои табии, захираҳои маъданӣ, саноати кӯҳӣ-металлургӣ, рушди саноат, барномаҳои давлатии рушди соҳа, ҷойивазкунии воридот ва содирот.

**Financing issues for geological exploration works in Tajikistan**

The article emphasizes that the natural resource potential of the subsoil of the Republic of Tajikistan necessitates the priority development and development of the mineral resource base and, on this basis, the development of existing capacities and the creation of new large enterprises of the mining and metallurgical industry. Further industrial development of the economy of Tajikistan largely depends on the increase in reserves of mineral and natural resources and their effective use, and the development of their industrial production to final products. For this, a number of state programs for the development of the industry have been adopted. In order to implement the planned activities, the main directions of development have been determined as: - a constant increase in reserves of mineral resources, through the organization and development of geological exploration work through budgetary financing of preliminary exploration and external financing of detailed exploration of deposits; restoration of non-operating enterprises, development and expansion of production activities of existing enterprises, as well as the organization of new high-tech enterprises for the development of mineral resources in order to obtain final products; meeting the needs of metalworking and mechanical engineering enterprises in ferrous, non-ferrous and noble and rare metals in order to increase the range of products to meet the needs of domestic consumers; ensuring import substitution and export of final products with high added value, etc. To increase the reserves of mineral resources, the following sources of financing have been

identified: - the state budget; own funds of enterprises under contracts with specialized geological exploration organizations; financing geological exploration works at the expense of enterprises' own funds using their own resources; foreign direct investment, followed by an analysis.

**Key words**: natural resource potential, mineral resource base, mining and metallurgical industry, industrial development, state programs for the development of the industry, import substitution and export.

**Холиқов Муртазо Ғафурович**
*омӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти*
*филиали Донишгоҳи технологии*
*Тоҷикистон дар шаҳри Исфара*

## ДУРНАМО ВА РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ СИФАТИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ КОНСЕРВАБАРОРӢ ДАР БОЗОРҲОИ ДОХИЛ ВА БЕРУН АЗ КИШВАР

Дар шароити имрӯза талабот ба маҳсулотҳои консерва дар сатҳи ҷаҳонӣ якбора афзоиш ёфта, ягон давлати дунё наметавонад талаботи ин бозорро қонеъ гардонад. Саноати истеҳсоли маҳсулоти консерва маблағи камро талаб наменамояд, дар навбати худ яке аз маҳсулотҳои сердаромад баҳисоб меравад. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи калони бозори дохилии маҳсулотҳои консерваро дар баъзе давлатҳои дунё аз он ҷумла Ҷумҳурии Федератсияи Русия, мамалакатҳои ИДМ гузоштааст, ки ин барои рушди иқтисдиёти кишвар манфиати худро мегузорад. Рушди ояндаи ин соҳа аз рақобатпазирии маҳсулотҳои гуногун вобастагӣ дорад. Маҳсулотҳои консервавии Ҷумҳурии Тоҷикистсон бо вуҷуди дар бозорҳои дохил ва хориҷи кишвар мавқеъи худро ишғол карданаш, лекин боз муаммоҳои зиёде ҷой дорад, ки ҳалли он оиди баланд бардоштани сифати маҳсулот ва инчунин сатҳи рақобатпазирии он, мусоидат менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеа дар марҳалаи кунунии рушд ин аст, ки истеъмолкунандагон бо маҳсулоти босифат ва аз ҷиҳати экологӣ хушсифат ба миқдор, сифат ва навъҳои гуногун, ки кафолати ҳифзи саломатии онҳост, таъмин карда шаванд. Ин вазифа бе самаранокии фаъолияти бозори озуқаворӣ ҳал карда намешавад, аз он ҷумла бахшҳои муҳимтарини он ҳамчун истеҳсол ва савдои маҳсулоти консервагӣ мебошад.

Бо мақсади фароҳам овардани бозори истеъмолӣ бо молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ, истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии кишвар, рушди соҳаҳои истеҳсолкунандаи муосир, таъмини ҳамкории зичи талабот, таъминот ва нарх, инчунин беҳбудии татбиқ ва ташаккули муҳити рақобатбардор зарур аст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус ба ташаккул ва инкишофи чунин қисмати бозори истеъмолӣ, ҳамчун истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти консервагӣ нигаронида шудааст. Тоҷикистон иқтидори ҳамаҷонибаи истеҳсол, коркард ва ба бозори ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ баровардани маҳсулоти консервагиро дорад, ки дар навбати худ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, корхонаҳои дахлдорро зарур аст, низоми ҷадидро ҷорӣ намоянд:

- Ташкил намудани системаи менеҷмент сифат дар корхонаҳо;

- Истеҳсоли маҳсулотҳои босифат мувофиқ ба талаботҳои мамлакатҳои истеъмолкунанда;
- Қабул намудани системаи HACCP (Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрока)
- Вобастагии сифати менеҷмент ва рақобатпазирии маҳсулотҳои истеҳсолшаванда;
- Бартарӣ пайдо кардани маҳсулотҳои истеҳсолшаванда нисбат ба маҳсулотҳои монанди рақибон;
- Ба инобат гирифтани имкониятҳои иқтисодии истеъмолкунанда;

Барои фаъолияти бомуваффақияти истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти консервагӣ асбобу ашё, афзоиш додани савдои онҳо, таъмини сифати баланд, инчунин кам кардани хароҷоти умумӣ зарур аст ва дар ин замина пешниҳод намудани лоиҳаи мушаххаси рушди соҳаи мазкур вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин шароит, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ, беҳтар намудани усулҳои ҷамъоварии маҳсулоти хом ва усулҳои технологияи коркарди он талаб менамояд, ки рушди савдои маҳсулоти консервагӣ дар кишвар беҳбуд бахшида шавад, ба хизматрасониҳои нақлиётию кишоварзӣ ва боғу токпарварӣ барои хоҷагиҳои ёрирасон, тренингҳо, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии мутахассисони соҳа бояд ба роҳ монда, амалӣ карда шавад.

Дар ин асос, таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни ташаккули бозори истеъмолӣ, рушди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти консервагӣ афзалият пайдо мешавад. Ҳамчунин, зарурати пайдо кардани механизмҳои муносиби муносибатҳои иқтисодӣ байни ҳамаи субъектҳои бозори истеъмолӣ ва бахши он дар бозори маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин ташаккули робитаҳои байни истеҳсолкунандагон ва шабакаи тиҷоратӣ мустаҳкам карда мешавад. Азбаски коркарди лоиҳаи беҳдошти истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ асосан бо ҷалби хоҷагиҳои боғу токпарварӣ ва заминҳои ба киштукори сабзавот нигаронида шуда, барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ва пешбурди самарабахши маҳсулоти ниҳоии истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда мусоидат мекунанд, муҳим аст.

Аз ин лиҳоз, ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда ва аҳамияти баландтарини рушди истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти консервагӣ дар бозори истеъмолӣ дар шароити муосири Тоҷикистон омӯзиши махсусро талаб менамояд.

Ҳамзамон дар ин корҳо мушкилоти фарогирии бозор ва фурӯши маҳсулоти консервагӣ ба таври кофӣ тафтиш карда намешаванд ва рушди минбаъдаи ин мавзӯъро талаб мекунанд. Ин ҳам ба механизми муносибати байни фаъолони бозор ва ҷой ва нақши муассисаҳои давлатӣ дар рушди он дахл дорад. Мушкилот ва гуногунрангии мушкилоте, ки барои рушди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти консерва дар бозори истеъмолӣ ҳоло бо назардошти хусусияти соҳа оварда шудаанд, ба инобат гирифта шудаанд.

Масъалаҳои гузошташуда ҳалли вазифаҳои зеринро дар бар мегирад**:**

- таҳқиқи омилҳои назариявӣ ва методологӣ-консептуалӣ ва асосҳо барои ташаккули маҳсулоти консерва дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хусусиятҳои ташаккули бозори рақобатпазирии маҳсулотҳои консервагӣ;

- таҳлили ҳолати кунунии истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ дар шароити бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳлили рушди истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ дар Тоҷикистон;

- таҳлили рушди истеҳсол ва савдои маҳсулоти консерва дар Тоҷикистон; таҳлили таъсири механизмҳои бозорӣ дар рушди савдои маҳсулоти консерва дар бозорҳои Тоҷикистон;
- таҳияи самтҳои муваффақ дар бозори рақобатпазири маҳсулоти консерва дар Тоҷикистон;
- таҳияи самтҳо оид ба беҳтар намудани механизмҳои бозорӣ барои савдои маҳсулоти консерва;
- муайян намудани механизмҳои таъмини воридивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи маҳулоти ватании консервагӣ.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Бобоев О., Умаров Ҳ. Нақшаи соҳибкорӣ (бизнес-план). Васоити таълимӣ. Душанбе, 1999. -130 с.*
2. *Холиков М.Г., Киёмидинов Х.К., Хабибов А.Х. Государственное регулирование качества продукции в агропромышленном комплексе (АПК). // Теоритический и научно-практический журнал Таджикского аграрного университета «Кишоварз». - 2015.- № 3. – С. 80-84.*
3. *Рауфи А. Конкурентная экономика: под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. – Душанбе: «Дониш», 2014. – С. 22.*



**Ҳасанов М.М.**
*– мутахассиси шуъбаи корҳои тарбияи ДДҲБСТ,*

**Сайфиддинов А.Б**
*– докторанти курси 1-уми ихтисоси иқтисоди минтақаи ДДҲБСТ*


## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар ҷаҳони имрӯзаи пуртазод, аҳамияти таъмини рушди бомароми иқтисодӣ ва таҳкими пояҳои истеҳсолоти саноатию кишоварзии ватанӣ баҳри боло бурдани рақобатпазирии онҳо дар бозори ҷаҳонӣ ба маротиб афзуда истодааст. Тавре ки дар маросими савгандёдкунӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Дар ҳафт соли оянда дар бахши иқтисодӣ ба се вазифаи асосӣ – бо роҳи баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ таъмин намудани рушди устувор, афзоиш додани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва расидан ба сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои даромадашон миёна афзалият дода мешавад».

Ба тараққиёти тамоми ҷабҳаҳои иқтисодиёт рушди иқтисоди рақамӣ таъсир мерасонад. Рақамигардонии иқтисодиёт танҳо бо тиҷорати электронӣ маҳдуд набуда, балки ба ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонад, аз ҷумла:

- Молия;
- Тандурустӣ;
- Маориф ва ғайра.

Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ чор самти ташаккулёбии онро номбар кардан мумкин аст:

1. Рушди технологӣ;
2. Тағйирдиҳии моделҳои ташкилӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ;
3. Хизматрасонии фазоӣ;
4. Хизматрасонии соҳавӣ.

Рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пиёдагардонии ҳамаи чор самти дар боло овардашуда амалӣ гашта истодааст. Самти технологии рушди иқтисоди рақамӣ, ки ҷорикунонии технологияҳои навинро дар бар мегирад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи босуръат афзудани ҳаҷми воридоти воситаҳои асосии истеҳсолоти босифат зоҳир мегардад.

Фондҳои асосии ба кор даровардашуда, техника ва технологияи муосир буда, ба технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтааст ва имконият фароҳам меоварад, ки истеҳсолот бо истифода аз системаҳои чандирии истеҳсолӣ амал кунад. Ҷорикунонии васеи системаҳои чандирии истеҳсолӣ, имконият дод, ки қарорҳои истеҳсолӣ, идоравӣ, технологӣ ва илмие, ки қабул мешаванд дар шакли автоматикунонидашуда то ба истеҳсолот расонида шавад. Ин самти рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ имконият дод, ки арзиши транзаксионии маҳсулоти истеҳсолшаванда то ба дараҷаи нишондиҳандаҳои бозори ҷаҳонӣ наздик карда шавад.

Самти хизматрасонии фазоӣ дар ҷараёни рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ ин на танҳо коммуникатсияҳои электронӣ ва тиҷоратӣ – электронӣ, балки ҷорӣ шудани дастгоҳҳои рақамии барномарезишаванда, унсурҳои иқтисоди рақамиро дар сатҳи истеҳсолот дар бар мегирад ва он босуръат таҳия ва татбиқ шуда истодааст. Дар давраи сипаришуда самтҳои номбаршудаи иқтисоди рақамӣ ба ҷараёни идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ васеъ ҷорӣ шуда истодаанд.

Консепсияи хизматрасонии фазои иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ босуръат рушд карда истодааст ва он бештар дар бахши савдо ва логистика амалӣ мегардад. Моҳияти он пешниҳоди хидмати мушаххас ба соҳаи тиҷорат ва аҳолӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти бахшҳои мухталифи бозор мебошад. Бо истифода аз хизматрасонии фазоӣ иштирокчиёни ҷараёни такрористеҳсолкунӣ метавонанд ба дигар иштирокчиён бидуни ягон маҳдудияти ҷуғрофӣ алоқаманд шаванд ва хизмат расонанд.

Хизматрасонии соҳавии иқтисоди рақамӣ, сикли муосири истеҳсолот аз истеҳсоли маҳсулот то фурӯш ва хизматрасонии баъд аз фурӯш моделиронида мешавад. Дар ин хизматрасонӣ ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот ва фурӯш бо комплексҳои нави технологӣ иваз карда мешаванд. Аз ҷумла, маркази рақамӣ (маркази ҳисоб), рақамигардонии фаъолияти корхона, анбори рақамӣ ва нақлиёти рақамӣ (муайян кардани мавқеи нақлиёт, нақлиёти дар сафарбуда), тиҷорати электронӣ ва хизматрасонии рақамӣ.

Таҳлили рушди самтҳои алоҳидаи иқтисоди рақамӣ дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар кишварамон заминаҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ, молиявӣ-андозӣ ва ташкили методии рушди иқтисодиёти рақамӣ фароҳам оварда шуда, он ба рушди иқтисодии кишварамон таъсири мусбӣ мерасонад. Ин имконият медиҳад, ки самтҳои алоҳидаи он дар ҳамалоқамандӣ рушду нумӯъ карда, дар таъмини рушди устувори иқтисодиёт замина фароҳам оварад.

Макроиқтисодиёт вазъи умумии иқтисодии кишварро тавсиф мекунад ва аз ҷониби муассисаҳои махсуси давлатӣ ё мустақил таъмин мегардад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Асри XXI замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар як кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад».

Дар ин маврид бидуни иттилоот иқтисодиёти ҷаҳони муосирро тасаввур кардан ғайри имкон аст. Вобаста ба ин мо бояд пеш аз ҳама мафҳуми иттилоотро дуруст дарк намоем. Дар ҳама маврид иттилоот бояд саҳеҳ, мукаммал, муҳим, рӯзмарра, дастрас ва кутоҳ бошад, ки ин тавсифҳоро хосиятҳои иттилоот мегӯянд.

Мафҳуми иттилоот пеш аз ҳама бо амалҳои дарёфт, қабул, ғункунӣ, нигаҳдорӣ, захирасозӣ, табдил, сабт, ирсол ва истифода алоқаманд аст. Маҷмӯи ин амалҳоро равандҳои иттилоотӣ мегӯянд. Равандҳои иттилоотиро ҳам дар олами зинда, ҳам ҷомеа ва ҳам техника татбиқ кардан мумкин аст.

Мо баъзе намудҳои иттилоотро аз китобҳои дарсӣ, маҷаллаҳо, намоишҳои телевизионӣ ва умуман муҳити атрофи худ пайдо мекунем. Ин гуна иттилоотро бо тарзҳои шифоҳӣ, хаттӣ, имову ишора, бо ёрии аломатҳо ва ё компютер аз нав кор карда баромадан ва интиқол додан мумкин аст. Дар замони мо бо ёрии компютер бештар намудҳои ададӣ, матнӣ, графикӣ, савту садоӣ, видеоӣ, аниматсионӣ ва чандрасонаии иттилоотро қабул, коркард ва паҳн менамоянд.

Тарзи коркарди иттилоотро имрӯз бештар «технология» мегӯянд. Калимаи «технология» ба воситаи ду калимаи юнонӣ «techne» ва «logos» сохта шудааст. Калимаи якум «techne» дар забони тоҷикӣ маънои «маҳорат» ва калимаи дуюм «logos» илм (дониш гирифтан)-ро дорад.

Дар маҷмӯъ технологияро ҳамчун раванди табдилдиҳии як ашё ба ашёи дигар ё аз як ҳолат ба ҳолати дигар овардани ашё фаҳмидан мумкин аст.

Дар замони муосир рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар аз ҷараёни ҳамгироии илму истеҳсолот, татбиқи дастовардҳои илмию тадқиқотӣ дар истеҳсолот вобастагии калон дорад. Дар ин замина мо бояд намудҳои зерини иттилоотро дониста бошем:

- Иттилооти молиявӣ – вазъи ҷорӣ ва ояндаи молиявии ширкатҳо, вазъи кунунии бозори сармоя, сармоягузорӣ, барориши коғазҳои қиматнок ва ғайраро тавсиф мекунад, ки аз ҷониби хадамоти махсуси иттилоотии молиявӣ, ширкатҳои брокерӣ, бонкҳо ва дигар ширкатҳо пешниҳод карда мешаванд.
- Иттилооти мубодилавӣ (биржевая) – маълумотро дар бораи нархномаҳои коғазҳои қиматнок, қурби асъор, тахфиф ва фоизҳо, индекси саҳмияҳо, бонкҳо, биржаҳои фондӣ ва агентиҳои махсус ё хидматҳо пешниҳод мекунад.
- Иттилооти тиҷоратӣ – маълумот дар бораи корхонаҳо (бонкҳо, ширкатҳо, корпоратсияҳо), муносибатҳои истеҳсолии онҳо, маҳсулоти истеҳсолшуда, муомилоти асосӣ, нархҳо, технологияҳо, менеҷерон, саҳмдорон ва ғайра иборат аст, ки дар шакли пойгоҳи додаҳои электронӣ давра ба давра пешниҳод карда мешаванд. Васоити ахбори чопӣ нав карда мешаванд.
- Иттилооти оморӣ – маълумоти иқтисодӣ, молиявӣ, саҳҳомӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ки дар шакли силсилаи вақтҳо ва ҳисобҳои пешгӯӣ пешниҳод карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари умумӣ манбаи иттилоотиро ҳамчун маҷмӯи иттилооти ҷамъшуда муайян кардан мумкин аст, ки дар шакли моддӣ дар ҳама чиз ҷойгир карда шудааст, ки интиқоли онро дар вақту фазо ва барои ҳалли вазифаҳои илмӣ, истеҳсолӣ, идоракунӣ ва ғайра таъмин мекунад.

**Адабиёт:**

1. *Титоренко Г.А. Информационные системы в экономике. – М.: Юнити, 2008. - 463с.*
2. *Ламзин А. В. Совершенствование системы управления процессом информатизации экономики региона // дисс. на соиск. уч. канд. экон. наук 2005.*
3. *Алиҷонов Ҷ.А., Алиҷонов С.А., Раҳмонов Ш.А. Макроиқтисодиёт: мафҳумҳои асосӣ, тестҳо ва масъалаҳо. – Душанбе:"Сухани Қудрат", 2011. - 280с.*
4. *Қодиров А. Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ.- Хуҷанд: "Хуросон", 2002. - 220с.*
5. *Исломов Т., Исмоилов С. Назарияи иқтисодӣ. Нукоти муҳим. – Душанбе: "Ирфон", 2013.*

**Валиева Назирахон Мухторхоновна**
*(ассистенти кафедраи кори бонкии ДДҲБСТ, ш. Хуҷанд)*

## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҷаҳони муосир барои фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ ва рушди иқтисодӣ аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва Амрикои Шимолӣ мушоҳида мешавад, ки ин кишварҳо чун мисол барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ мусоидат карда метавонанд. Дастгирӣ ва рушди ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ, ки муаммои умумӣ барои ҳамаи кишварҳо норасоии маблағҳо ба шумор меравад. Ҳамкориҳои байни давлат ва бахши хусусӣ, ки он ҳалли мушкилоти асосӣ ва муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар заминаи захираҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ ба ҳисоб меравад.[2] Дар замони муосир, ҳангоми ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, зарурияти захираҳои иловагии молиявӣ барои ҳалли мушкилоти муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин тағйироти назарраси сохторӣ дар асоси ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд доранд. Коҳиши афзудани иқтисоди кишвар ба пайдоиши рушд ва инкишофи чунин шоха ҳамчун шарикии давлат ва бахши хусусӣ мусоидат менамояд.

Мақсади асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин татбиқи самарабахши лоиҳа бо ҷалби захираҳо ва таҷрибаи соҳибкорӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва сектори хусусӣ, ки ҳар ду ҷониб ба татбиқи муваффақонаи лоиҳа манфиат доранд. Давлат манфиатҳои худро дар соҳаи беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ равона месозад ва сохторҳои тиҷоратӣ барои баланд бардоштани даромаднокии худ кӯшиш мекунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағи хизматрасонии пулакӣ дар бахши давлатӣ дар соли 2011 1947, 3 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 1396,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба солҳои гузашта 821,7 млн. сомонӣ ё ин, ки 28,3% кам гардид. Дар бахши ғайридавлатӣ бошад ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар соли 2011 4825,9 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 - 8637,3 млн. сомонӣ, ё ин, ки 79,7% афзудааст. Ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар давраи таҳлилшуда аз 71,2% то 86,0% афзуд. Ҳамин тариқ, дар бахши хизматрасонӣ нақши калонро корхонаҳои ғайридавлатӣ мебозанд, ки он аз ҳисоби бахши хусусӣ зиёдтар ворид гардидааст.

Таҳлили сохтори ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ аз рӯи намудҳо дар шаклҳои моликият нишон медиҳад, ки соҳаҳои бахши ғайридавлатӣ бештар рушд карда истодаанд. Ҳамин тавр, дар сохтори хизматҳои хонавода дар соли 2016 ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ 99,3%, нақлиёти мусофирбарӣ - 82,7%, алоқа - 99,6%, маориф - 46,0% ва ғ. ташкил дод. Дар соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ бошад, ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ танҳо 25%, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - 46,8%-ро ташкил додааст. Бояд қайд кард, ки дар рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва бахши хизматрасонӣ, корхонаҳои хурд ва тиҷорати хурд асосан сармоягузориҳои хусусӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ҷумҳурӣ дар соли 2016 4,919 корхонаҳои хурди амалкунанда (дар соли 2015 дар маҷмӯъ 5,176 адад) фаъолият доранд. Ҳаҷми умумии маблағҳои онҳо аз фурӯши мол ва хизматрасонӣ дар соли 2016 ба маблағи 3,7 миллиард сомонӣ (дар соли 2015 6,1 миллиард сомонӣ) -ро ташкил дод.[3]

Барои ташкил ва рушди бозори лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст, ки сармоягузорони рақобатпазирро барои амалисозии он ҷалб намоем. Ин дар навбати худ дастгирии сиёсии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро дар сатҳи олии ҳукумати кишвар нишон медиҳад ва иттилоотро дар бораи нақшаҳои мақомоти давлатӣ дар бораи иншоотҳои инфрасохторӣ ва хидматҳои ба бозор воридшаванда фароҳам месозад.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани механизми ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодии кишвар тавассути ҳамбастагии сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, кам кардани сарбории буҷети давлатӣ ва азнавсозии маблағҳои буҷетӣ барои манфиати давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.

Шумораи корхонаҳои хурд дар соли 2016 коҳиш ёфтааст, ки дар муқоиса бо соли 2015 зиёдтар ба чашм мерасад, ки ин боиси баланд шудани даромад дар бахши бонкҳои ҷумҳурӣ, инчунин коҳиши маблағи пулии муҳоҷирон аз Федератсияи Россия мебошад.

Аз шумораи умумии корхонаҳои хурд, 263 адад (5,3%) дар соҳаҳои хизматрасонии коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ, 184 адад (3.7%) дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, 306 адад (6,2%) дар соҳаҳаи нақлиёти интиқол ва коммуникатсия, ба назар мерасад, диққати махсус ба соҳаҳои электро газ ва об танҳо 2 адад (0,04%) корхонаҳои хурд вуҷуд доштанд. Ин рақамҳо дар бораи зарурати рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар ин соҳаҳои тиҷорати хурд амал мекунанд.

Умуман, рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ фазои соҳибкорӣ дар кишварро беҳтар мекунад. Ҷалби инвеститсияҳои хусусӣ ба инфраструктура ва соҳаи иҷтимоӣ, инчунин афзоиши шумораи корхонаҳои хусусӣ ба иқтисодиёти кишвар ва шароити зиндагии мардум таъсири манфӣ мерасонад.[4]

**Ҷадвали 1**

**Ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ аз рӯи шаклҳои моликият барои солҳои 2011-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | **2011** | | **2015** | | **2016** | | **соли 2016 бо фоиз** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **маблағ** | **вазъи қиёсӣ** | **маблағ** | **вазъи қиёсӣ** | **маблағ** | **вазъи қиёсӣ** | **2011** | **2016** |
| Хизматрасониҳои | 6773,2 | 100,00 | 9615,80 | 100,00 | 10033,70 | 100,00 | 148,14 | 104,35 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| пулакӣ, умумӣ | 0 | | | | | | | |
| Давлатӣ | 1947,30 | 28,75 | 1125,60 | 11,71 | 1396,40 | 13,92 | 71,71 | 124,06 |
| Ғайридавлатӣ | 4825,90 | 71,25 | 8490,20 | 88,29 | 8637,30 | 86,08 | 178,98 | 101,73 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Дохилӣ | 2587,20 | 38,20 | 3758,60 | 39,09 | 3694,10 | 36,82 | 142,78 | 98,28 |
| Давлатӣ | 14,80 | 0,57 | 27,60 | 0,73 | 25,20 | 0,68 | 170,27 | 91,30 |
| Ғайридавлатӣ | 2572,40 | 99,43 | 3731,00 | 99,27 | 3668,90 | 99,32 | 142,63 | 98,34 |
| МусофирНақлиёт | 1620,20 | 23,92 | 1741,00 | 18,11 | 2024,30 | 20,18 | 124,94 | 116,27 |
| Давлатӣ | 726,30 | 44,83 | 248,90 | 14,30 | 350,90 | 17,33 | 48,31 | 140,98 |
| Ғайридавлатӣ | 893,90 | 55,17 | 1492,10 | 85,70 | 1673,40 | 82,67 | 187,20 | 112,15 |
| Алоқа | 1166,90 | 17,23 | 1331,30 | 13,84 | 1552,00 | 15,47 | 133,00 | 116,58 |
| Давлатӣ | 803,90 | 68,89 | 4,80 | 0,36 | 4,90 | 0,32 | 0,61 | 102,08 |
| Ғайридавлатӣ | 363,00 | 31,11 | 1326,50 | 99,64 | 1547,10 | 99,68 | 426,20 | 116,63 |
| хиз. Коммуналӣ | 31,90 | 0,47 | 72,60 | 0,76 | 79,30 | 0,79 | 248,59 | 109,23 |
| Давлатӣ | 26,40 | 82,76 | 55,10 | 75,90 | 59,50 | 75,03 | 225,38 | 107,99 |
| Ғайридавлатӣ | 5,50 | 17,24 | 17,50 | 24,10 | 19,80 | 24,97 | 360,00 | 113,14 |
| Маориф | 602,60 | 8,90 | 990,20 | 10,30 | 1173,80 | 11,70 | 194,79 | 118,54 |
| Давлатӣ | 261,40 | 43,38 | 481,80 | 48,66 | 633,40 | 53,96 | 242,31 | 131,47 |
| Ғайридавлатӣ | 341,20 | 56,62 | 508,40 | 51,34 | 540,40 | 46,04 | 158,38 | 106,29 |
| Фарҳднг | 18,90 | 0,28 | 59,40 | 0,62 | 64,50 | 0,64 | 341,27 | 108,59 |
| Давлатӣ | 1,40 | 7,41 | 11,60 | 19,53 | 11,50 | 17,83 | 821,43 | 99,14 |
| Ғайридавлатӣ | 17,50 | 92,59 | 47,80 | 80,47 | 53,00 | 82,17 | 302,86 | 110,88 |
| экскурсияҳои туристӣ. | 1,30 | 0,02 | 2,80 | 0,03 | 2,10 | 0,02 | 161,54 | 75,00 |
| Давлатӣ | 0,30 | 23,08 | 0,40 | 14,29 | 0,10 | 4,76 | 33,33 | 25,00 |
| Ғайридавлатӣ | 1,00 | 76,92 | 2,40 | 85,71 | 2,00 | 95,24 | 200,00 | 83,33 |
| фарҳанг ва варзиш | 1,10 | 0,02 | 1,40 | 0,01 | 2,20 | 0,02 | 200,00 | 157,14 |
| Давлатӣ | 0,01 | 0,91 | 0,80 | 57,14 | 1,17 | 53,18 | 11700,00 | 146,25 |
| Ғайридавлатӣ | 1,10 | 91,90 | 0,60 | 42,86 | 1,03 | 46,82 | 93,64 | 171,67 |
| Тиббӣ | 193,70 | 2,86 | 403,90 | 4,20 | 447,10 | 4,46 | 230,82 | 110,70 |
| Давлатӣ | 32,80 | 16,93 | 137,10 | 33,94 | 152,20 | 34,04 | 464,02 | 111,01 |
| Ғайридавлатӣ | 160,90 | 83,07 | 266,80 | 66,06 | 294,90 | 65,96 | 183,28 | 110,53 |
| санитарию - табобати | 19,10 | 0,28 | 38,80 | 0,40 | 43,40 | 0,43 | 227,23 | 111,86 |
| Давлатӣ | 16,70 | 87,43 | 21,10 | 54,38 | 21,60 | 49,77 | 129,34 | 102,37 |
| Ғайридавлатӣ | 2,40 | 12,57 | 17,70 | 45,62 | 21,80 | 50,23 | 908,33 | 123,16 |
| ҳуқуқӣ ва бонкӣ | 318,60 | 4,70 | 658,50 | 6,85 | 399,20 | 3,98 | 125,30 | 60,62 |
| Давлатӣ | 34,30 | 10,77 | 84,30 | 12,80 | 85,00 | 21,29 | 247,81 | 100,83 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғайридавлатӣ | 284,30 | 89,23 | 574,20 | 87,20 | 314,20 | 78,71 | 110,52 | 54,72 |
| дигар хизматрасониҳо | 211,70 | 3,13 | 557,30 | 5,80 | 551,70 | 5,50 | 260,60 | 99,00 |
| Давлатӣ | 28,80 | 13,60 | 52,10 | 9,35 | 51,00 | 9,24 | 177,08 | 97,89 |
| Ғайридавлатӣ | 182,90 | 86,40 | 505,20 | 90,65 | 500,70 | 90,76 | 273,76 | 99,11 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017 - саҳ. 414-416.

Натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои дар боло овардашуда имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои зеринро пешниҳод намоянд. Лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳои кишвар нақши муҳим мебозад. Дар солҳои охир, нақши он дар ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба тарзи назаррас афзоиш ёфта истодааст. Дар баробари ин, аҳамияти соҳаи хизматрасонӣ афзоиш меёбад. Далели ин гуфтаҳо афзоиш дар тақсимоти соҳаҳои хизматрасонӣ дар арзиши умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад.[4] Тақвият додани хизматрасониҳои пулакӣ аз шаклҳои моликият нишон доданд, ки дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ, динамикаи афзоиши хизматрасониҳои пулакӣ асосан дар бахши хусусӣ мушоҳида мешавад. Аз натиҷаҳои таҳлил метавон гуфт, ки пешниҳоди лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар инфрасохтор ва хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Татбиқи самараноки механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик вазъи иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар беҳтар мегардонад. Зарур аст, ки таҳияи структураи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами муосири бахши давлатӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо хароҷоти кам ва хатарҳо бо пешниҳоди расонидани хизматҳои беҳтар ба сохторҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ ба роҳ монда мешавад. Вазифаҳои зиёде барои ҳалли мушкилот вуҷуд дорад. Таҳкими институтсионалӣ яке аз омилҳои муҳим аст, дар баробари ин зарурати баланд бардоштани самаранокии мақомоти идоракунии давлатӣ, фаъолияти судӣ бо мақсади таъмини волоияти қонун, ҳифзи моликият ва ҳуқуқи инсон, паст кардани шиддатнокии бюрократизм ва мубориза бо коррупсия зарур аст.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон аз 26 январи соли 2021.*
2. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017 - саҳ. 414-416.*
3. *Раҳмон Э. Суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 июни соли 2016 [Сарчашмаи электронӣ] / сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2017).*
4. *Варнавский В. Г. Концессионные формы управления государственной собственностью // Проблемы теории и практики управления. 2002. № 4. С. 40-46.*

**Ҳафизова Парвина Абдувоситовна**
*- муаллими калони кафедраи
кори бонкии ДДҲБСТ*

# ПОЙГОҲИ АХБОРОТИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ предмети таваҷҷӯҳи як қатор корхонаҳо ва шахсон мегардад, ки ба натиҷаҳои амалкунии онҳо ҳавасманд мебошанд.

Дар чунин шароитҳо барои иштирокчии асосии бозор - корхонаҳо (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ғ.): интихоби дурусти стратегияи хоҷагидорӣ, таъмини рушди иқтисодии ба таври оқилона тартибдодашудаи сиёсати ҳисобдорӣ, системаи идоракунӣ ва сатҳи иқтисодӣ, ки дар маҷмӯъ устувории молиявиро таъмин менамоянд, муҳим аст. Устувории молиявӣ натиҷаи фаъолияти ҳамҷояи тамоми ҷузъҳои системаи муносибатҳои молиявӣ буда, онро маҷмӯи омилҳои истеҳсоливу хоҷагидорӣ ва молиявӣ муайян мекунад.

Дар тамоми суханрониҳои худ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодии мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамоянд, ки он бе рушди корхонаву ташкилотҳо имконнопазир аст. Чунончи дар паёми навбатии худ қайд намуданд: "Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем.

Ҳоло мо дар давраи анҷомёбии марҳалаи аввали “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва оғози марҳалаи дуюми он қарор дорем.

Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки то охири соли 2020 барномаи миёнамуҳлати рушдро барои солҳои 2021-2025 қабул намояд.

Ҳукумати мамлакат, инчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад.

Мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд."[1].

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ вақте, ки зарурияти ҷустуҷӯ сарчашмаҳои дохили барои баландбардории иқтисодиёти корхона пайдо мешавад, нақши асосиро таҳлили самараноки фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона мебозад. Бинобар он ки таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад ифодаи мухтасари

худро маҳфуми самаранокии фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории корхона то ҳол наёфтааст. Бештар дар адабиётҳои иқтисодӣ самаранокии фаъоляти молиявӣ - иқтисодии корхонаро ҳамчун муносибат ба самара ё ки, натиҷаҳои ноилгардида, ба хароҷот ва захираҳои ҳосилшуда, ки боиси бадастории ҳолати молиявӣ мегарданд, маънидод мекунанд.

Ба унсурҳои асосии методҳои ҳисобкунии самаронокӣ аз он ҷумла самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона дохил мешаванд, нишондиҳандаҳои натиҷа ё ки самараи баҳодиҳии фаъолияит (нишондиҳандаи нисбатӣ), инчунин нишондиҳандаҳое, ки ба онҳо натиҷаҳои матлуб дахл доранд (базаи муқоисавӣ).

Асосан ду намуди муносибат нисбати баҳодиҳии самараи фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории корхона мавҷуд аст, инҳо муносибати потенсиалӣ(захиравӣ)ва хароҷотӣ. Муносибатҳои потенсиалӣ (захиравӣ) ва муносибатҳои хароҷотӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбатӣ якхелаанд, чункӣ дар ҳар ду ҳолат ҳам ин муносибатҳо, даромад аз намудҳои оддии фаъолият ё ки маҷмӯи даромадҳо аз фаъоляитро ба назар мегиранд. Фарқияти байни онҳо танҳо дар базаи муқоисавӣ дида мешавад. Ҳангоми муносибати потенсиалӣ (захиравӣ) ба базаи муқоисавии захираҳои ғайри истеъмолӣ ба муносибатҳои хароҷотӣ бошад захираҳои истеъмолӣ қабул мешавад.

Барои баҳодиҳии ҷории. самаранокии фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории кохрона, муносибатҳои хароҷотиро истифода бурдан зарур аст, зеро ба сифати базаи муқоисавӣ танҳо он хароҷотҳо ба назар гирифта мешаванд, ки ба захираҳои истеъмолӣ дохиланд. Онҳо метавонанд хусусияти воқеии миқдори захираҳои истеъмолиро, ки ба хароҷотҳо мансубанд нишон диҳанд ва дар ин ҳолат оид ба самараи воқеии фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории корхона баён кунанд.

Нишондиҳандаҳое, ки ба базаи муқоисавӣ захираҳои ғайри истеъмолӣ дохил мешаванд, бо натиҷаи воқеии фаъолияти молиявӣ- хоҷагидории корхона қариб ки муносибат надоранд. Онҳо метавонанд дар ҳисобкунии самаранокии оянда штирок кунанд, яъне барои диққатҷалбии инвеститсионии корхона натиҷаи афзалиятнокии онҳоро муайян кунанд.

Вобаста ба таснифоти сифатии нишондиҳандаҳо, ки барои таҳлили самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории кохрона истифода мешаванд, муносибатҳои ҳам потенсиалӣ (захиравӣ) ва ҳам хароҷотиро шартан ҳамчун элементи асосии муносибатҳои иқтисодӣ муайян намудан мумкин аст.

Ба нишондиҳандаи муносибати ҳароҷотӣ пеш аз ҳама дахл доранд: масолеҳғунҷоӣ, истеҳлокӣ, зарфият, талаботи барқӣ ва ғайраҳо. Ба нишондиҳандаи муносибати потенсиалӣ (захиравӣ) бошад дохил мешаванд – фондирӯйпӯшкуни, истеҳсолнокии меҳнат, боздеҳи моддӣ, боздеҳи истеҳлокӣ ва ғайра.

Чунин усул барои ҳама намуди корхонаҳо истифодабурда мешавад. Аммо аниқӣ ва воқъеии он бештар аз сифати базаи ахборотӣ-аналитикӣ вобастааст, ки он дар шакли асосии ҳисоботи молиявии корхона оварда мешавад, аниқтараш дар тавозуни муҳосиботӣ (ҳисобот оиди фоида ва зарар) [2. с. 23].

Маълум аст, ки ягон шакли амалкунандаи ҳисоботи молиявӣ қисми махсус ё ин ки, шакли ҷудогонаи ҳисоботро оид ба смаранокии фаъоляти молиявӣ хоҷагидории корхона надорад. Бо вуҷуди ин маҷудияти чунии қисм на танҳо барои истифодабарандагони беруна: сармоягузорон, қарздиҳандагон, муасисаҳои

қарзӣ ва молиявӣ муҳим аст, инчунин барои истифодабарандагони дохили низ баҳри қабули қарорҳои идоракуни бештар заруранд.

Новобаста аз он, ки ҳисоботи молиявии муосир аз рӯи актҳои қонунгузории ватанӣ батартибандози шавад ҳам, онҳо аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд, вале базеъ норасогиҳои худро доранд ва онҳо ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявӣ хоҷагидорӣ, инчунин ба нишондиҳандаҳое, ки баҳодиҳии комплексии самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхонаро таъмин месозад мушкили меоранд Ҳамин тавр шаклҳои ҳисоботи молиявии амалкунанда маҷмӯи моддаҳои зарурииро дорост. Барои онҳо базеъ норасогии ахборотҳои батафсил, ки имконияти фаврӣ ва дақиқ ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои ҷамъшударо медиҳад, хос мебошад.

Бо вуҷуди ин имконият барои тасҳеҳи фоидаи соф аз рӯи чунин маълумотҳои ҳисобгирӣ танҳо дар истифодабарандагони дохилӣ ҳаст, ки онҳо барои қабули қарори идоракунӣ истифода бурда метавонанд. [3.с.41]

Ба пойгоҳи ахборотии таҳлили самаранокии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона, дар шаклҳои асосии ҳисоботи молиявии ватанӣ, даровардани нишондиҳандаҳо барои андозбандӣ истифода мешуда, таъсири манфӣ мерасонад. Ин нишондиҳандаҳоест,ки ӯҳдадориҳои андозӣ ва активҳои андозии мавқуф гузоштаро иникос мекунад. Даровордани онҳо пеш аз ҳама ба дурустии нишондиҳандаҳо, ҳам барои муносибатҳои иқтисодӣ(аз рӯи даромаднокии соф) ва ҳам барои муносибатҳои молиявӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ба онҳо, нишондиҳандаҳое дохил мешаванд ки хусусиятҳои иқтисодии сармояи қарзии дароз мӯҳлат ва активҳои ғайри гардонро муайян месозанд [4.с.32].

Ҳамин тариқ тавсияҳои ташаккулёбии пойгоҳи ахборотии таҳлили самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона имконият медиҳад:

1. Баланд бардоштани сифати базаи ахборотӣ, ки барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона зарур аст;
2. Қонеъгардонии дархости истифодабарандагони гуногуни ахборот бо сатҳи гуногуни муфассалии он;
3. Ба назар гирифтани стандартҳои ҳуқуқию методологии баҳисобгирӣ, таҷрибаҳои ҷамъшудаи дар нишондиҳандаҳо иникосёфта, ки барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона зарур аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳар як субъектони хоҷагидорӣ кӯшиш менамоянд, ки дар бозор мавқеи устувор пайдо намояд. Барои ин зарур аст, ки таҳлили фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхона бештар гузаронида шавад ва дар асосӣ норасогиҳои ошкор шуда, роҳҳои беҳтар гаргардонии он коркард шавад.

Роҳҳои асосии баландбардории гирдгардиши воситаҳои гардон чунинанд:

1. муайяннамудани шаклҳои прогрессивии хароҷот;
2. ивази захираҳои гаронбаҳо;
3. кам кардани захираҳои аз меъёр зиёди ҚММ (қимматҳои молию моддӣ);
4. ритмии истеҳсолот;
5. кам кардани маҳилаҳои дурударози истеҳсолот;
6. тезонидани фурӯши маҳсулот;
7. тадқиқоти маркетингӣ;
8. Кам кардани қарзи дебиторӣ ва кредиторӣ. [4. с.32]

Марҳилаҳои истеҳсолот – ин фосилаи давраи тақвимӣ аз оғози ҷараёни тайёр ё таъмир намудани маҳсулот, то ба анҷом расонидани он мебошад. Кам кардани

марҳилаи истеҳсолот аз ҳисоби кам намудани бе мақсад истифодабарии вақти корӣ амалӣ мегардад. Рақобатпазирӣ бо роҳи паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва беҳтар нмудани сифати он ба даст меояд.

Вазни қиёсии сармояи худӣ дар ҳаҷми умумӣ аз устувории молиявии ташкилот гувоҳи медиҳад. Зиёдшавии нишондиҳандаи мазкур вобастагии корхонаро аз воситаҳои қарзӣ кам мегардонад. Инро бо роҳи эмиссияи иловагии қоғазҳои қимматнок ба даст овардан мумкин аст.

Даромаднокӣ – ин таносуби байни фоида ва хароҷот аст. Барои баландбардории даромаднокӣ, кам кардани хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот зарур аст. Хариди ашёи хом, қувваи барқ, сӯзишворӣ – моддаҳои асосии хароҷот дар ҳаҷми умумии хароҷот. Паст кардани арзиши аслии маҳсулот аз ҳисоби ворид намудани технологияи захирасарфакунанда ва гузариш аз ашёҳои хоми гаронбаҳо ба нисбатан арзон, ки ба сифати маҳсулот таъсири манфӣ намерасонад, имконпазир аст.

Дар шароити тараққиёти муносибатҳои бозорӣ ҳалли муаммоҳои молиявӣ бе восита бо масъалаҳои хусусияти маркетингӣ дошта алоқаманд аст, ки бо таҳлили амалиёти зич вобастанд.

Таҳлили амалиётиро пай дар пай аз рӯи чунин зинаҳо иҷро намуд:

1. Қувваи сарчашмаҳои амалиётро аз рӯи ҳар як омилҳои таҳлилшаванда муайян намуд;
2. Гузаронидани таҳлили ҳасосияти даромад ба омилҳои таҳлилшаванда;
3. Таҳлили безарарӣ.

Таҳлили амалёти имкон медиҳад, ки ҳолати даромадро ҳангоми таъсири гуногуни омилҳои нарх, даромад аз фурӯш ва хароҷотҳои доимию тағйирёбандаро пешгӯи намояд, фаъолияти корхонаро банақша гирад инчунин натиҷаи гуногуни қарорҳои идоракуниро таъсирбахш гардонад.

Идоракунии безарарии истеҳсолот, тағйирёбии муносибатро нисбати банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхона ба назар мегирад, ки бо зиёдшавии қабули қарорҳои фаврӣ алоқаманд аст. Яке аз чунин усулҳо ин ҳисоби нақшаи қолибӣ мебошад, ки дар асосӣ таҳлили ҳасосиятӣ рафтори андозаи самарабахш ҳангоми вариатсияи (тағйирёбии ҷузъӣ) нишондиҳандаҳои омилӣ амалӣ мегардад.

Бо кӯмаки чунин нақшаҳои қолибӣ корхона метавонад қарорҳои идоракунии комилан мувофиқро ҳангоми тағйирёбии шароитҳои дохили ва берунии муҳити корхона қабул намояд, ҳисобҳои серпаҳлӯи пешбинишавандаро бе зиёд намудани меҳнатталабӣ амалӣ гардонад.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда:


Эта концепция широко применяется к компаниям, предлагающим электронные или цифровые продукты в Интернете. Включая покупку, обработку и доставку этих товаров и услуг, посредством загрузки или предоставления доступа к услугам, размещенным на удаленном сервере. Идея о цифровой экономике начала появляться в конце 20-го века во всем мире. Причиной этому послужило развитие технологий, позволивших осуществлять все больше и больше коммерческих операций в онлайн режиме. Одним из основных направлений цифровой экономики является быстрое и легкое предоставление услуг через Интернет.

Безусловным преимуществом цифровой экономики является то, что потребитель может получать продукты по более низким ценам.

Для организации перехода экономики на цифровую разработана «Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан», которая была утверждена постановлением Правительства от 30 декабря 2019 года за №642. Она предусматривает укрепление нецифрового фундамента необходимого для цифровых преобразований, например нормативно-правовой базы. Следующий этап реализации Концепции – укрепление цифровых основ, то есть обеспечение повсеместного широкополосного доступа, развитие систем связи и цифровых платформ. Заключительный этап трансформации – это цифровизация ключевых областей экономики, а затем уже социальной сферы, энергетики, добывающей промышленности, сельского хозяйства, переход к цифровому правительству и создание новых секторов, таких как финансовые технологии.

Цифровая трансформация в Таджикистане будет осуществляться в три этапа: первый этап до 2025 года, второй – до 2030 года и третий до 2040 года.

Эта концепция носит стратегический характер, определят направления развития цифровой экономики и основные подходы к её реализации, а также является основой при разработке соответствующих документов отраслевого стратегического планирования.

Цифровизация экономики Таджикистана пока только начинается, и для того, чтобы ускорить этот процесс, и добиться в нем высокого успеха, необходим комплексный подход – от активного участия и поддержки Правительства, до полного погружения в процессы формирования новой инфраструктуры всех участников и государственных институтов. Добиться успеха можно только благодаря сотрудничеству и к открытому изменению и инновациям, только так можно конкурировать на международном рынке.

Некоторые организации и частные лица используют технологии для простого выполнения существующих рутинных задач на компьютере. Цифровая экономика более продвинута, чем выполнение простой задачи. Важностью перехода на цифровою экономику является то, что это не просто использование компьютера для выполнения задач, традиционно выполняемых вручную или на аналоговых устройствах, а подчеркивает возможность и необходимость для организаций и частных лиц использовать технологии для выполнения этих задач лучше, быстрее и часто по новому. Более того, этот термин отражает способность использовать технологии для выполнения задач и участия в действиях, которые были невозможны в прошлом. Такие возможности для существующих организаций делать лучше, делать больше, делать что-то по-другому и делать, что-то новое включены в соответствующую концепцию цифровизации.

Известно, что за годы независимости, при активном внедрении современных информационно-коммуникационных технологий была создана широкая возможность реализации цифровой технологии в современной экономической деятельности предприятий, что повышает экономическую эффективность, содействует ускорению экономической структуры, становится важной движущей силой для роста производства продукции, роста объема услуг.

Так же все крупнейшие технологические достижения одновременно открывают новые возможности. Развитие цифровой экономики — это прекрасная перспектива для Республики Таджикистан. Молодое государство с высоким уровнем образования населения, которое борется за благосостояние всех слоев народа, может извлечь из цифровой экономики серьезную выгоду. В республике Таджикистан проводится работа в этом направлении: свободные и активные люди не ждут каких-то внешних импульсов, а просто начинают использовать то, что находится под рукой. Поэтому переход Таджикистана на цифровую экономику в ближайшее будущее приведет к сокращению бедности, трудовой занятости населения, появления рабочих мест, увеличению доходности населения, увеличению внутренних доходов и к развитию быстрого темпа экономики.

Можно отметить, что цифровая экономика представляет собой развивающуюся форму ведения хозяйственной деятельности информационного общества. Она повсеместно проникает и занимает уверенные позиции в реальном секторе экономики. Цифровая экономика стремительно меняет привычные формы и методы ведения хозяйственной жизни как в республике Таджикистан, так и по всему миру.

**Использованная литература:**


1. *Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан: [Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года №642]. 2019. -33с.*
2. *Хамидова С. Х., Курбанова Ф. А., Зокиров А. Д и Рахматова Н.М. Роль современных информационных и коммуникационных технологий в развитии экономики Республики Таджикистан [Электронный ресурс]/ С. Х. Хамидова, Ф. А. Курбанова, А. Д. Зокиров и Н.М. Рахматова //-режим доступа: https://www.hgu.tj/news/media/item/251.html.*



**Аннотатсия**. Ин мақола таъсири рушди иқтисодиёти рақамӣ ба ҷаҳонбинӣ, дарк ба азхудкунии малакаҳои нав ва соҳаи фаъолияти инсонро баррасӣ мекунад. Ҷорӣ намудани иқтисодёти рақамӣ дар Тоҷикистон фишори рушди сохтори иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ муҳити зистро ифода мекунад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, иқтисодиёт ва идоракунӣ, молҳо ва хизмтрасониҳои электронӣ.

**Abstract**. This article examines the influence of the development of the digital economy on the worldview, perception on the getting of new skills and on the sphere of human activity. The introduction of the digital economy in Tajikistan is a lever for the development of the economic structure and the environment as a whole.

**Key words**: digital economy, innovation projects, economics and management, electronic goods and services.

**Ҷӯраева Зулолахон,**
*магистранти курси 2-юм ихтисоси 25010700*

**Роҳбари илмӣ**
*н.и.и., дотсент Ишонова У.У.*

## РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИРИ БӮҲРОНИ ШАДИДИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ

Рушди соҳибкорӣ дар марҳилаи муосири бӯҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ ҳамчун омили муҳими ба даст овардани суръати баланди тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, боло бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодиёт, соҳаҳои таркибии он ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ маҳсуб мегардад.

Дар тамоми дунё маълум аст, ки соҳибкорӣ таъминкунандаи асосии ҷорӣ намудани технологияҳои нав, иноватсияҳо ва ноу-хау дар таҷрибаи истеҳсолот мебошад, яъне онҳо қисми муҳими пешбарандаи тараққиёти илмию техникӣ ва илмию иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд. Лозим ба тазаккур аст, ки шароити кунунии пешбарии фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба мавҷудияти мушкилиҳои амиқи марбут ба дастёбии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба бозор ифода ёфтааст, ба монанди қобилияти пасти пардохти аҳолӣ, болоравии хароҷоти нақлиётӣ ва дигар пардохтҳо, душвории дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хом, технологияҳои нав, сармояи қарзӣ ва ғайра.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дар ҷараёни истеҳсолот як қисми фаъолияти иқтисодӣ ба соҳибкории хурд рост меоянд, ки дар худ иқтисоди муосирро нишон медиҳанд. Корхонаҳои хурд бо истеҳсоли як намуди мол ба бозор ворид шуда, рақобатро пайдо менамоянд ва бо баровардани ҳаҷми ночизи мол ба муомилот қобилияти таъсир кардан ба нархҳои бозорӣ надоранд. Ташкил ва тараққиёти фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хурд боиси ҷоннокшавии иқтисодиёти миллӣ, инкишофи муҳити рақобат, сектори истеъмолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ гашта, инчунин дар зиёдшавии ҳаҷми молҳои содиротӣ ва ғани гардонидани бозори молу хизмат нақши муҳим доранд. Иқтидори корхона аз таснифоти соҳаҳо, хусусияти технологӣ ва андозаи фаъолияти самаранокашон вобастагии калон дорад.

Ба соҳибкории хурд мансуб будан ё набудан аз рӯи муқаррароти ҳуқуқии амалкунанда ба воситаи меъёрҳои муайян – шумораи миёнаи кормандон, ҳаҷми умумии маҳсулот ва андозаи фоида муайян карда мешавад.

Мувофиқи муқаррарот шумораи кормандон дар соҳаҳои саноат, сохтмон - то 50-нафар, дар соҳами илмӣ ва хизматрасониҳои илмӣ- то 50-нафар, дар дигар

соҳаҳои истеҳсолот -то 25-нафар ва дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ- то 15-нафар бошад.

Дар шароити ҳозира барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (бизнеси хурд), соҳибкор бояд пеш аз ҳама дорои чунин хосиятҳо бошад:

- яке аз накшаҳои муфид барои субъектҳои бизнеси хурд, ин хоҳиши мақсадгузорӣ мебошад. Яке аз мутахассисони соҳаи идоракунии соҳибкории Иёлоти Муттаҳида қайд менамояд, ки қисми зиёди соҳибкорон ба мақсадашон ноил намегарданд, зеро онҳо фақат ба пул рағбат доранд. Аксарияти ширкатҳои дар ҳақиқат комёб аз тарафи шахсони дорои орзу ва идеяи наҷиб созмон дода шудаанд. Ҳар қадар боигарӣ ва пул ҷамъ накарда бошанд ҳам, ҳамаи ин натиҷаи ҷидду ҷаҳди шабонарӯзӣ ба мақсади амалӣ намудани ин орзу мебошад. Аммо маҳз ташкил кардани кор орзуро ба бизнеси ҳақиқӣ табдил медиҳад;
- соҳибкорӣ ин фаъолияти иқтисодии мустақилона мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ на ба амру фармонҳои мақомоти болоӣ, балки бар хоҳишу майли соҳибкорон асос ёфтааст. Корхона ё ширкат худаш мустақилона роҳ ва усулҳои фурӯши маҳсулоти хеш, таъминкунандагону истеъмолкунандагонро интихоб менамояд ва инчунин нархгузории озод дорад;
- усули ҳавасмандии шахсии иқтисодӣ, ки ба мустақилияти фардӣ марбут аст.
- қобилияти қабул кардани қарор ва муайян намудани баробарии ин ё он масъала;
- соҳибкорӣ фаъолияти навоварона буда, ба эҷодкорӣ ниёз дорад. Дар шароити муосир ба рақобат ҳамон корхона тоб оварда метавонад, ки пайваста навъҳои нави маҳсулотро истеҳсол карда, усулҳои тозаи хизматрасониро ба кор андохта самаранокии фаъолияташро баланд бардорад;
- қобилияти ҳамкорӣ намудан ба одамони гуногун ба мисли харидорон, кормандон, таъмингарон, саҳмгузорони имконпазир ва қарздиҳандаҳо;
- соҳибкори ба хавфу хатари хоҷагидорӣ вобаста буда, ба сабаби ин хатар аз рӯи тахмину таввакал рафтор намудан аст, ки ҳамеша ҳамроҳи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тараққӣ кардани соҳибкории хурд ва миёнаро воситаи басо зарури ташкили кор ва истеҳсолот мешуморем, ки нақши онҳо дар истеҳсоли маҳсулот (дар шароити имрӯза) ҷолиби диққат аст. Бартарии соҳибкории хурд дар он ифода мегардад, ки онҳо натанҳо ба тағъирёбии талаботи аҳолӣ нисбат ба моли сермасраф ва хизматрасонӣ, қобилияти тез ва чиро ҷавоб гуфтан доранд, балки ба истифодаи нисбатан пурраи ашёи хом, ҳатто ба коркарди такрории партов ва пасмондаҳо, ки барои корхонаҳои бузург аз назари иқтисодӣ фоиданок нестанд, қудрат ва тавоноӣ доранд.[1]

Таҷрибаи ватаниро таҳлил намуда, якчанд омилҳои асосиро оиди сохтани корхонаҳои хурд ҷудо намудан мумкин аст:

- ташабусси шахсӣ;
- таъғироти таркиби сектори давлатӣ (реструктуризация);
- ғайри инҳисорӣ кардан (демонополизация);
- хусусигардонӣ;
- қувваи коргари озодшуда.

---

[1] Х.Ғафуров, Ҳ.Сафаров. «Тоҷикистон дар асри XXI» - Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов ва иқтисодиёти миллӣ; - Москва соли 2000 саҳ. 230.

Нақши муҳимро дар инкишофи соҳибкорӣ тайёр ва омода намудан, баланд бардоштани дараҷаи таххасусии соҳибкорон, ташкил ва омӯхтани усулҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ, рақобати озод ва танзими он, омӯзиш ва бозомӯзишии кормандон, гузаронидани таҷрибаомӯзи дар давлатҳои тараққикарда, сиёсати пулӣ, молӣ ва қарзии давлат, тайёр ва аз нав тайёр намудани муаллимон барои омӯзиши соҳибкорӣ, ташкили марказҳои машваратӣ (консултативӣ) ва амсоли инҳо иҷро менамоянд.

Таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон зарурати инкишоф додани соҳибкории хурдро тасдиқ менамоянд, чунки бунёди корхонаҳои хурд имкон медиҳанд, ки корхонаҳои бузург хурд карда шаванд ва аз таркиби онҳо баъзе воҳидҳо ҷудо карда, минбаъд ҳамчун моликияти коллективӣ харида шаванд. Соҳибкории хурд дар иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон мавқеи махсусро ишғол менамоянд, ки қариб 50-55%-и ММД-ии онҳоро истеҳсол менамояд. Дар ИМА аз 19 млн. ширкатҳои мустақили гуногун, ки ба корхонаҳои миёна ва хурд мансубанд, 90%-и онҳо ба бахши соҳибкории хурд таалуқ доранд ва ин нишондиҳанда дар Ҷопон бошад, аз 10 млн. ширкатҳои мустақил 99% ба бахши соҳибкории хурд мансуб мебошанд.[2]

Дар шароити имрӯза дар давлатҳои тараққикарда соҳибкории хурд бо тарзҳои гуногуни замонавӣ тараққӣ карда истодааст, ки ин аз дараҷаи саводнокӣ ва сиёсати пешгирифтаи ҳар як давлат, аз мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, маданият ва сиёсати пулӣ, молӣ ва қарзии ҳамон давлат воситагӣ дорад. Соҳибкории хурд дар Руссия солҳои охир ба суръати баланди рушд ноил шуда истодааст, ки ҳиссаи он дар ММД 13-15%-ро ташкил менамояд. Инкишофи соҳибкории хурдро дар давлатҳои тараққикарда дар ҷадвали зерин дида мебароем.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1.1. чунин бар меояд, ки соҳибкории хурд рӯз то рӯз тараққӣ карда, қариб 50-55%-и ММД-ро истеҳсол менамояд. Баъди пош хурдани ИҶСШ дар давлатҳои аъзои ИДМ монеъаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, аз он ҷумла:

- ✓ норасогии мутаххасисони баландихтисос;
- ✓ набудани имкониятҳои фаровони истифода аз захираҳои моддӣ, молиявӣ ва таҷҳизотҳои навтарин;
- ✓ номукаммалии базаи меъёрию ҳуқуқии дастгирӣ ва ҳифзи соҳибкории хурду миёна;
- ✓ дахолати беасоси мақомоти ҳокимият дар маҳалҳо ба фаъолияти молиявию хоҷагидории онҳо.

**Ҷадвали 1.1**

**Инкишофи соҳибкории хурдро дар давлатҳои тараққикарда**

| Давлатҳо | Миқдори корхонаҳои хурд ва миёна | | Шумораи банд будагон млн. нафар | Ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна % | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор адад | аз ҳазор як нафар | | ҳаҷми умумии кормандон | дар ММД |
| Британияи Кабир | 2930 | 46 | 13,6 | 49 | 50-53 |
| Олмон | 2290 | 37 | 18,5 | 46 | 50-54 |
| Итолиё | 3920 | 68 | 16,8 | 73 | 57-60 |
| Франция | 1980 | 35 | 15,2 | 54 | 55-62 |

[2] В.Я.Гофинкеля, В.А.Швандара «Малый бизнес» - ЮНИТИ – Москва соли 2003 саҳ. 10.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аврупои Ғарбӣ | 15777 | 45 | 687 | 72 | 63-67 |
| ИМА | 19300 | 74,2 | 70,2 | 54 | 50-52 |
| Ҷопон | 6450 | 49,6 | 39,5 | 78 | 52-55 |
| Руссия | 836,6 | 5,65 | 8,1 | 9,6 | 13-15 |

Таҷрибаи бисёр мамлакатҳои Шарқу Ғарб дар муддати кӯтоҳе ба тараққиёти устувор ва эътирофи ҷаҳонӣ ноил гардида, барои Ҷумҳурии мо бешубҳа судманд ва муфид мебошад. Валекин тафовути муайян дар анъана, тарзи зиндагонӣ, психологияи мардум, хусусиятҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, боигарӣ, ҳамчунин вазъияти сиёсӣ вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва тараққиёти соҳибкории хурд ва миёна дар шароити ҳозира ва оянда ҷумҳурӣ тамоми шароитҳои молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва моддиро ташкил намуда, барномаҳои нави иқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ дар солҳои минбаъда, аз тарафи мақомотҳои дахлдор таҳия ва баррасӣ шуда истодааст.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ айни ҳол дар мадди назари тамоми идораҳои иҷтимовию иқтисодӣ ва минҷумла дар дастгирии бевоситаи ҳукумат қарор дорад. Бо мақсади ташаккул додани рушду фаолияти сармоягузори ҲҶТ якчанд функсияҳои молиявиро, ки дар нақша мебошад, ки шумораи онҳо бо даҳ ададанд дар кишвар бо лоиҳа гирифта аст. Соли 2018 барои ташаккул додани соҳибкории хурду миёна аз буҷаи молиявии захиравии фонди Ҷумҳурии Тоҷикистон 8,2 миллиард сомони, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2019 - 17% болоравиро инъикос мегардонад.

Мавриди зикр аст ки дар 5 соли охир дар ҶТ вазъи даромаднокии молиявии иҷтимовию иқтисоди аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳисоботҳое, ки ба мақомотҳои дахлдор фиристода шудаанд баҳои қаноатбахшро сазовор дониста аст. Айни ҳол имтиёз ва арзи иҷтимоӣ, иқтисодии ҶТ на камтар аз 720 милон сомониро нишон медиҳад.

Дар ин навбат соҳибкорон барои такомул додани рушди соҳибкори аз ҳисоби бонк 31 миллиард сомониро барои вусад додани рушду такомули соҳибкории хурду миёна дар зинаи аввал бо мақсад танҳо 16 миллиард сомониро гардиш кардаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, ки сари ин муаммо нақши чораҷӯиҳои бо мақсадро дуруст ба роҳ гузорад, аз самтҳое, ки имруз ташаккули соҳибкорииро дуруст ба роҳ гузорад ин системаи андоз ва андозбандиро дуруст ба роҳ гузошта барои беҳдошти он шароити мусоид фароҳам орад.

Дар 7 соли охир даромаднокии пулии аҳоли 1,7 маротиба дар шароити имрӯза ба тези боло рафтааст, иқтисодиёти ҷаҳониро мебояд пурра таъмин намуда, ҳам замон мавриди зикр аст, ки барои ташакули вази иқтисодии кишвар ин нишондиҳандаҳо наметавонад қаноатбахш баҳогузори шавад. Зикр кардан лозим аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ имконият дорад барои таъсиси нави корхона ва дарёфти нави инвесторон вусъат ёбад, ки барои маҳсулотҳои худ бозорҳои нав пайдо кунанд ва ин барои тараққиёти иқтисодиёти Тоҷикистон заминаи мустаҳкам гузорад. Моро зарур аст, ки диққати худро мунтазам барои ташаккул ва рушди иқтисодиёти соҳибкорӣ равона созем.

**Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда:**

1. *Х.Ғафуров, Ҳ.Сафаров. «Тоҷикистон дар асри XXI» - Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов ва иқтисодиёти миллӣ; - Москва соли 2000 саҳ. 230.*
2. *В.Я.Гофинкеля, В.А.Швандара «Малый бизнес» - ЮНИТИ – Москва соли 2003 саҳ. 10.*
3. *Бусыгин А.В. Предпринимательство. Основной курс: Учебник для вузов. – М: ИНФРА – М, 1997. – 608 с.*
4. *Толибов Қ.Қ., Зиёев Д., Бизнеси хурд: асосҳои молиявӣ-қарзӣ// ДДТТ – Душанбе: Хумо –2003.*
5. *Толибов К.К., Социально – экономическая эффективность развития малого предпринимательства в Республики Таджикистан //Известия АН. Республики Таджикистан. Серия экономика, ш. Душанбе–2004 №1.*
6. *Рахмонов Э.Ш. «Рушди соҳибкорӣ - рушди иқтисодиёт, истиқлолият неъмати бебаҳост» Душанбе, шарҳи озод. 2001с.*
7. *Блинов А., Малое предпринимательство. М.: ОСЬ-89 – 1998.*

**Аннотация**: статья посвящена развитию бизнеса на современном этапе финансового кризиса. Развитие предпринимательства и привлечение инвестиций в экономику государства является одной из основных целей Правительства Республики Таджикистан, и ее реализация посредством использования механизмов рыночной экономики будет способствовать улучшению социального положения населения. Усиление экономических и бизнес-реформ является приоритетом, и его всестороннее развитие будет способствовать устойчивому экономическому развитию в стране, пополнению рынка потребительских товаров разнообразными высококачественными товарами и услугами, относительно низкими ценами и удовлетворению меняющихся потребностей потребителей.

**Ключевые слова**: развитие бизнеса, бизнес, рыночная экономика, малый бизнес, привлечение инвестиций, тяжелый финансовый кризис.

**Annotation**: The article is devoted to the development of business at the modern stage of the financial crisis. The development of entrepreneurship and attracting investments in the state economy is one of the main objectives of the Government of the Republic of Tajikistan, and its implementation through the use of the mechanisms of a market economy will help to improve the social status of the population. Strengthening economic and business reforms is a priority, and its comprehensive development will contribute to sustainable economic development in the country, replenish the consumer goods market with a variety of high-quality goods and services, relatively low prices and the satisfaction of the changing needs of consumer goods.

**Keywords:** business development, business, market economy, small business, attraction of investments, severe financial crisis.

**Тошматова Мунира Далиловна**
*н.и.и, дотсент,*
**Тӯразода Ҷамшед Аскар**
*н.и.и, дотсент*
**Аминов Дадохон Ғайбуллоевич**
*н.и.и, дотсент (ДДҲБСТ)*

# САМТҲОИ РУШДИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз мушкилоте, ки дар Стратегияи миллии рушд-2030 қайд карда мешавад, ин вобастагии Тоҷикистон аз воридоти намудҳои алоҳидаи хӯрокворӣ мебошад, ки ба амнияти озуқаворӣи кишвар хатари муайян мегузорад. Ин зарурати воридотивазкуниро дар бахши кишоварзӣ мубрам мегардонад. Агар мо дар бораи воридотивазкунӣ дар доираи қоидаҳои СУС сухан ронем, пас афзалияти рушди истеҳсоли ватании Тоҷикистон бояд ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дода шавад: гӯшт (гӯшти гов, гӯшти гӯсфанд, барра, парранда), тухм, маҳсулоти ширӣ (панир, равғани майда, кефир, биогурт), орд (нони баландсифат), қаннодӣ, шакар, шоколад, макарон, равғани ошӣ (пахта, зағир, офтобпараст).

Тибқи анъана, Тоҷикистон воридкунандаи ғалла ва маҳсулоти коркарди ғалла мебошад. Ба даст овардани худтаъминкунии пурраи истеҳсоли гандум ғайриимкон аст, зеро шароити агро-иқлимии кишвар ба истеҳсоли он мувофиқат намекунад. Ба ғайр аз ин, ин мақсадҳо заминҳои обёришаванда истифода бурда мешаванд, ки арзиши истеҳсолот нисбат ба маҳсулоти шабеҳи аз Қазоқистон воридшаванда баланд аст, ки дорои сифати баланд, арзон, миқдори баланди глютен ва навъҳои сахт мебошанд.

Ба истеҳсоли ҷуворимакка, юнучқа, картошка, биринҷ, лӯбиё, моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ таваҷҷӯҳ бояд дод. Тавсия дода мешавад, ки асосноккунии техникию иқтисодии парвариши лаблабуи қанд ва аз он - истеҳсоли шакар, ки ба таври анъанавӣ аз ҷониби Тоҷикистон ворид карда мешавад.

Аз маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ, имконияти истеҳсоли маҳсулоти бофандагии давраи пурра, то дӯзандагии 100% маҳсулоти пахтагӣ барои бозори дохилӣ ва содироти он ба Иттиҳоди Аврупо ва Федератсияи Русия, дар мисоли корхонаҳои муштарак бо Италия ва ИМА, бояд ба назар гирифт. Маҳсулоти чарм барои синфи миёна (пойафзол, сумкаҳо, либосҳо) ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои содирот (ба бозорҳои Федератсияи Роусия ва Иттиҳоди Аврупо) ояндадор мебошанд.

Дурнамои хуби истеҳсоли маҳсулоти металлӣ аз алюминий (барои мақсадҳои сохтмонӣ ва барқӣ, инчунин барои истифодаи маишӣ), конструксияҳои металлӣ аз металлҳои сиёҳ (барои сохтмон), семент ва маҳсулоти аз он (омехтагӣ, кафк, бетон ва гил) ва маҳсулоти чӯбӣ (чӯб, тиреза) , дарҳо, ашёҳои ороишӣ, мебел), рангҳои сохтмонӣ, тирезаҳои ду шишагин, гармкунакҳо, молҳо барои биноҳои хона ва ҷамъиятӣ ( шиша ва сафолӣ, мебел - чӯб, алюминий ва пластикӣ), маводҳои боми (боми металлӣ), маҳсулоти хоҷагии манзилию коммуналӣ (қубурҳои пластикӣ барои об, гармидиҳӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия).

Варианти аз ҷиҳати стратегӣ муфид барои иқтисоди миллӣ ин рушди истеҳсолот аз захираҳои маҳаллӣ, захираи асосии воридотивазкунӣ ва афзоиши амиқи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мебошад. Аммо, бояд на танҳо имконияти

истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкуниро, балки харочоти иқтисодии ташкили истеҳсоли онро, инчунин дурнамои рушди технологияҳои нави истеҳсолӣ ба назар гирифта шавад.

Амалисозии барнома имкон медиҳад, ки ивазкунии босамари воридот таъмин карда шуда, аз рӯи намудҳои алоҳида ба содирот равона карда шавад. Масалан, истеҳсоли семент дар корхонаҳои ватанӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки аз воридкунанда ба кишвари содиркунандаи семент бо роҳи ба кор даровардани корхонаҳои нав дар ноҳияҳои Ёвон, Бобочон Ғафуров ва Ваҳдат бо иқтидори 3 миллион тонна гузарад.

Ин самтҳо нишон медиҳанд, ки дар мамлакати мо ҳамаи заминаҳои зарурӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бисёр бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, ки воридотивазкуниро ва рушди содиротро таъмин мекунанд, мавҷуданд. Локин, то ба ҳол, проблемаи сохторӣ барои саноати миллӣ ҳалношуда боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки бахши саноатии иқтисодиёт соҳаи бузургтарини иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

**Ҷадвали 1 - Дурнамои ташаккули "Топ-20 Тоҷикистон: Воридотивазкунӣ"**

| *Дараҷа* | *Маҳсулот* | *Истеҳсол* | | | | *Маҳсулот* | **Дараҷа** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *дар соли 2014* | | *дар соли 2025* | | | |
| | | *млн. долл.* | *%* | *млн. долл.* | *%* | | |
| **1** | Ҷӯб ва маҳсулоти чӯбӣ | 290,6 | 27,0 | 654,5 | 26,6 | Семент | **1** |
| **2** | Матоъ ва маҳсулоти бофандагӣ | 235,6 | 21,9 | 467,4 6 | 19,0 | Матоъ ва маҳсулоти бофандагӣ | **2** |
| **3** | Орд (аз гандуми воридотӣ) | 185,2 | 17,2 | 335,2 | 13,6 | Ҷӯб ва маҳсулоти чӯбӣ | **3** |
| **4** | Семент | 128,8 | 12,0 | 262,0 | 10,7 | Орд (аз гандуми воридотӣ) | **4** |
| **5** | Равгани растанӣ | 59,4 | 5,5 | 231,3 | 9,4 | Маҳсулоти нафтӣ (аз нафти воридотӣ) | **5** |
| **6** | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 57,5 | 5,4 | 112,1 | 4,6 | Равгани растанӣ | **6** |
| **7** | Картон ва коғаз | 36,7 | 3,4 | 91,0 | 3,7 | Гилзамин | **7** |
| **8** | Тухм | 31,2 | 2,9 | 50,4 | 2,0 | Қолинҳо ва дигар рӯйпӯшҳо | **8** |
| **9** | Қолинҳо ва дигар рӯйпӯшҳо | 25,8 | 2,4 | 47,5 | 1,9 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | **9** |
| **10** | Маҳсулоти ширӣ | 19,7 | 1,8 | 44,9 | 1,8 | Обувь и кожаные изделия | **10** |
| **11** | Пойафзол, кулоҳҳо (ҳамагӣ), аз ҷумла чарм | 1,5 | 0,1 | 42,3 | 1,7 | Картон ва коғаз | **11** |
| **12** | Маҳсулоти алюминий | 1,3 | 0,1 | 42,2 | 1,7 | Тухм | **12** |
| **13** | Ҷавоҳирот | 0,523 | 0,0 | 29,9 | 1,2 | Шакар | **13** |
| **14** | Трикотаж | 0,45 | 0,0 | 26,5 | 1,1 | Маҳсулоти | **14** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | алюминий | |
| **15** | Маҳсулоти нассоҷӣ | 0,255 | 0,0 | 16,3 | 0,7 | Маҳсулоти ширӣ | **15** |
| **16** | Шакар | 0,0001 | 0,0 | 2,56 | 0,1 | Маҳсулоти нассоҷӣ | **16** |
| **17** | Гилзамин | 0 | 0,0 | 2,2 | 0,1 | Трикотаж | **17** |
| **18** | Маҳсулоти нафтӣ (аз нафти воридотӣ) | 0 | 0,0 | 1,49 | 0,1 | Ҷавоҳирот | **18** |
| **19** | Криолит | 0 | 0,0 | | | | **19** |
| **20** | Консентратҳои маъдан | 0 | 0,0 | | | | **20** |
| **Ҳамагӣ** | | **1074.5** | **100** | **2459.9** | **100** | **Ҳамагӣ** | |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллифон бо истифодаи маълумотҳои омории Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии воридотивазкунӣ вобастагии Тоҷикистонро аз воридоти маҳсулоти зарурӣ коҳиш медишад. Тибқи омори имкониятҳои захираҳои Тоҷикистон ва тамоюлҳои афзояндаи воридот, самтҳои рушди воридотивазкунӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт (аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ) муайян карда шудаанд (ниг. расми 1).

Дар Тоҷикистон дарояндаи наздик таъсис додани корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли техникаи кишоварзӣ бо роҳи ба низом овардани имтиёзҳои истеҳсолӣ, инчунин оптимизатсияи истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсоли таҷҳизоти тракторӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар чунин шароит, ҳукумат ба нақша гирифтааст, ки мошинсозони ватании кишоварзиро аз хариди мустақими давлатӣ ва қарзҳои арзон ба ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо барои маҳсулоти истифодашудаи воридотӣ дастгирӣ кунад. Ҳамзамон, он ҳавасмандгардонии воридоти технологияҳои нав ва инчунин аз ҷониби истеҳсолкунандагони хориҷӣ истеҳсол намудани маҳсулоти худ ба Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.




Бояд қайд намуд, ки истифодаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ то андозае метавонад ба рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда мусоидат кунад. Ҳукумат ният дорад, ки ин имкониятҳоро дар сиёсати минтақавӣ барои ҳамоҳангсозии минтақаҳо, инчунин дар сиёсати саноатӣ, бахусус дар заминаи модернизатсияи сохторӣ ва технологии истеҳсолот, тамаркузи воридотивазкунӣ ва бастани занҷирҳои технологиро дар қаламравҳои зикршуда истифода барад.

Ҳамин тариқ, аз рӯи гуфтаҳои дар боло зикр шуда, ба хулоса овардан мумкин аст, ки иқтидори воридотивазкунӣ дар дараҷаҳои гуногуни тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон вуҷуд дорад. Дар дурнамои миёнамӯҳлат, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар соҳаҳои озуқаворӣ, саноати сабук, кимиё ва кишоварзӣ тавсия дода мешавад. Дар дурнамои дарозмӯҳлат тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои баландтехнологии воридотӣ, алахусус маҳсулоти мошинсозӣ, ки ба рушди шаклҳои муосири ҳамкориҳои байналмилалӣ (иттифоқҳои стратегӣ, шабакаҳои фаромиллӣ) асос ёфтаанд, имконпазир аст. Қисман иваз кардани воридоти муҳим (энергия) тавассути истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия, диверсификатсияи

таъминоти онҳо ва тавсеаи истифодаи захираҳои сӯзишвории худ имконпазир аст. Рушди барномаҳои воридотивазкунӣ дар сатҳи минтақавӣ ва соҳавӣ бояд густариш дода шавад. Гузашта аз ин, рушди воридотивазкунӣ бояд ба асоснокии иқтисодие асос ёбад, ки имконоти захиравӣ ва истеҳсолии кишвар ва манфиатҳои миллиро ба назар гирад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. *Андреев К. Импортозамещение - альтернативы нет ... [Электронный ресурс] / К. Андреев // УНИАН «Экономика». - 2011. - Режим доступа: http:// economics. unian. Net /ukr/detail/103212.*
2. *Комилов С. Д. Внешняя экономическая деятельность и Возможные направления импортозамещения в Республике Табжикистан / А. Ф. Комилов // Вестник Российско-Таджикский университета. - 2010. - № 4 (39). - С. 110-117.*
3. *Мазараки А. Современные тенденции и факторы развития внешней торговли / А. Мазараки, Т. Мельник // Вестник КНТЭУ. - 2011. - № 2. - С. 5-16.*
4. *Рауфи А. Государство и экономика в условиях рынка. // Известия, АН'РТ. Серия: Экономика. 2004, №1-2. -С.35-42.*



В статье обосновывается, что в среднесрочной перспективе импортозамещение в пищевой, легкой, химической и сельскохозяйственной отраслях должно основываться на расширении и эффективном использовании сырья. Уменьшение зависимости от импорта товаров возможна за счет реорганизации, создания новых инновационных предприятий, завершивших технологический цикл, а также посредством изменения направления предприятий на выпуск новой продукции.



***Ключевые слова:*** импортозамещение, направления развития импортозамещения, товарная группа, структура экономики, промышленность, сельское хозяйство.



The article substantiates that in the medium term, import substitution in the food, light, chemical and agricultural industries should be based on the expansion and efficient use of raw materials. Reducing dependence on imports of goods is possible through reorganization, the creation of new innovative enterprises that have completed the technological cycle, as well as through a change in the direction of enterprises to produce new products.



Key words: import substitution, directions of import substitution development, commodity group, economic structure, industry, agriculture.



**Бобоева Г., Рахимова С.**

*- омӯзгорони калони кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара*


## САҲМИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ҒАНИ ГАРДОНИДАНИ БУҶЕТИ МАҲАЛӢ

Дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиходи Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд. Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2308 адад

мерасид. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425 ададаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 ададашон корхонаҳои саноати сабук буданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ (1992 -1997) ба фаъолияти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши манфӣ гузошт. Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб аксар зараровар ҳисоб мешаванд. Зеро, аз ин сол сар карда ба ҷумҳурӣ дохил гардидани молҳои саноатии хориҷӣ хело афзуд. Дар натиҷа аз як тараф аксарияти корхонаҳои саноатӣ фаъолият намекарданд, аз тарафи дигар, он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд, маҳсулоташон бо молҳои ба ҷумҳурӣ дохил шуда, рақобат карда наметавонистанд.

Дар солҳои охир Ҳукумати кишвар барои сохтани корхонаҳои азим саҳми калон гузошта истодааст. Мувофиқи ахбороти Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ чунин соҳаҳои асосии саноат арзи вуҷуд доранд:

Коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои нодир;

Истеҳсоли ангишт (дар кони ангишти Шӯроб, Фон-Яғноб ва Назарайлоқ);

Истеҳсоли газ ва нафт (дар водии Вахш, Ҳисор, Хоҷа Сартез дар Кулоб ва вилояти Суғд);

Истеҳсоли металҳои ранга (арзиз, тилло, нуқра, сурб, синк, висмут, ртут, волфрам, молибден);

Саноати сабук (асосан коркарди пахта ва хӯрокворӣ);

Саноати кимиё (Комбинати кимиёи Ёвон, Заводи азотбарории Вахш);

Саноати масолеҳи сохтумонӣ;

Саноати мошинасозӣ;

Саноати пилла.

Ин аст, ки ҳамасола ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар. Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол афзоиш ёфта, саҳми онҳо дар ғани гардидани Буҷети давлатӣ назаррас мегардад.

**Таҳлили вазъӣ ҷорӣ ва рушди он**

Таърих гувоҳ аст, ки шаҳри Исфара яке аз шаҳрҳои саноатии вилояти Суғд ба шумор меравад. Маҳз ҳамин минтақаи хуби саноатӣ доштанаш корхонаҳои бузурги саноатӣ дар ин шаҳр таъсис дода шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои беҳтарини ҷойгир шудани корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар он аст, ки шаҳри Исфара макони ашёи хуби хом барои тайёр ва коркарди он мебошад. Ҳамасола диққати Ҳокимияти Ҷумҳурии Тоқикистон низ ба он равона карда мешавад, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд карда шуда саҳми саҳмгузорон боло бардошта шавад, чунки ин ба баланд бардоштани некӯаҳволии халқ ва сатҳи баланди зиндагӣ оварда мерасонад.

Сабаби баланд шудани некӯаҳволии халқ дар он аст, ки шумораи ҷойҳо корӣ зиёд карда шуда, дар ин навбат ғанигардонии буҷаи маҳалӣ аз эҳтимол дур нест.

Бо воситаи мақолаи мазкур таҳиякунандагони он кӯшиш ба харҷ додаанд, ки саҳми корхонаҳои саноатиро дар ғани гардонидани буҷаи маҳалӣ каме бошад ҳам, таҳлил намоянд.

Агар нимназаре ба таърихи 5 соли охири рушди иқтисодии кишвар назар афканем, пас бешубҳа дарк менамоем, ки иқтисодиёти мамлакат 3-4 маротиба рӯ ба самти рушд овардааст.

Агар дар солхои 2010-2012 дар шаҳри Исфара зиёда аз 38 номгӯи корхонаҳои саноатӣ вуҷуд доштаву аз инҳо танҳо 10-15 шуморааш фаъолият бурда бошад,

имрӯзҳо ин шумора ба наздикии 60 номгуй расидаасту зиёда аз 20 номгӯи он бо иқтидори пурааш кору фаъолият бурда истодааст.

Агар ба маълумотҳои нақшавии буҷет дар солҳои 2015 ва 2019 нигоҳ кунем, пас маълум мешавад, ки ҳарчанд дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 нақшаи буҷет зиёд тартиб дода шуда бошад ҳам, лекин бо баъзе аз сабабҳо воридоти андозҳо ба буҷет кам гаштааст.

**Нақшаи тақсимоти андозу даромадҳо барои соли 2019-2015 дар шаҳри Исфара**

| | | | | | | Тагйирёби | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| р/т | **Номгӯи андозҳо** | **Нақшаи тасдиқшу даи соли 2015** | **Маҳаллӣ** | **Нақшаи тасдиқшу даи соли 2019** | **Маҳаллӣ** | **Мутлақ (2019-2015)** | **Нисбӣ** |
| 1 | **Андоз аз даромад** | **10216121** | **7656117** | **11712803** | **10565441** | **1496682** | **1,146502** |
| | __андоз аз даромади шахсони вокеи | 8555506 | 6410657 | 9753277 | 8846707 | 1197771 | **1,14** |
| | __ичозатнома барои фаъо.ва касби | 1660615 | 1245460 | 1959526 | 1718735 | 298911 | **1,18** |
| 2 | **Андози фоида аз шахсони хукуки** | **2470720** | **2223648** | **3014278** | **3068634** | **543558** | **1,22** |
| 3 | **Андоз аз арзиши иловашуда** | **10742584** | **9883177** | **14180211** | **13638784** | **3437627** | **1,32** |
| 4 | Андози аксиз | 340000 | 340000 | 442000 | 469200 | **102000** | **1,3** |
| 5 | Андози замин | 671568 | 671568 | 973774 | 926764 | **302206** | **1,45** |
| | аз шахсони вокеи | 402941 | 402941 | 495617 | 556059 | **92676** | **1,23** |
| | аз шахсони хукуки | 268627 | 268627 | 282058 | 370705 | **13431** | **1,05** |
| 6 | Андоз аз истиф. каъри замин: | 309938 | 309938 | 311178 | 427714 | **1240** | **1,004** |
| 7 | Адоз аз истиф.роххои автомобил. | 4253487 | 4253487 | 6167556 | 5869812 | **1914069** | **1,45** |
| 8 | **Андоз тибки низоми соддакард.** | **1909688** | **1721923** | **2902726** | **2376254** | **993038** | **1,52** |
| 9 | Андози ягона | 2408607 | 2408607 | 2601296 | 3323878 | **192689** | **1,08** |
| 10 | Бочи давлати | 1449000 | 1449000 | 2144520 | 1999620 | **695520** | **1,48** |
| 11 | **Андози хадди аккал аз даромади корхонахо** | **2707523** | **2436771** | **3411479** | **3362744** | **703956** | **1,26** |
| 12 | Андоз аз амволи гайриманкул | 2244994 | 2244994 | 2671543 | 3098092 | **426549** | **1,19** |
| | аз шахсони вокеи | 1414346 | 1414346 | 1767933 | 1951797 | **353587** | **1,25** |
| | аз шахсони хукуки | 830648 | 830648 | 1221053 | 1146294 | **390405** | **1,47** |
| 13 | Андоз аз сохибони воситахои наклиет | 2743301 | 2743301 | 3648590 | 3785755 | **905289** | **1,33** |
| 14 | Андоз аз фуруши чакана | 2873714 | 2873714 | 3390983 | 3965725 | **517269** | **1,18** |
| 15 | Боч ва даромадхои | 1198755 | 1198755 | 1402543 | 1654282 | **203788** | **1,17** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | гайриандозии маҳалли | | | | | | |
| | ***Ҳамаги даромадхо*** | ***46540000*** | ***42415000*** | ***58975479*** | ***58532700*** | ***12435479*** | ***19,1005*** |




Сарчашма: Маълумотҳои шӯъбаи молияи шаҳри Исфара.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки давоми 12 моҳи сипаришудаи соли 2019 ичроиши нақшаҳои нақшаи пешбинишуда мебоист ба буҷет 96532000 сомонӣ ворид гардад, амалан дар ин давра ба буҷет 85464799 сомонӣ ворид гашт, ки ин нисбат ба нақшаи пешбинишуда 11067201 сомонӣ кам аз нақша мебошад.

Умуман, воридоти буҷет нисбати соли гузашта 108,3 %, воридоти буҷети маҳаллӣ бошад 103,5 % - ро ташкил мекунад. Яъне давоми соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба буҷет ба андозаи 6604573 сомонӣ (85464799-78860226) зиёд андозу пардохтҳо ворид гаштанд. Ба буҷети маҳалли бошад ба андозаи 2587892 сомонӣ (74522021-71935385) зиёд андозу пардохтҳо ворид гардиданд.

Нақшаи пешбинишудаи даромад ба буҷети маҳалли бошад ба андозаи 87,2 % ичро гардид. Давоми соли сипаришуда мебоист ба буҷети маҳалли 85464000 сомонӣ ворид гардад, амалан дар ин давра 74522021 сомонӣ ворид гашт, ки он аз нақшаи пешбинишуда 10941979 сомонӣ кам мебошад.

Нақшаи пешбинишудаи буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи 98,6 % ичро гардид. Мувофиқи нақшаи пешбинишуда мебоист ба буҷети ҷумҳуриявӣ 11068000 сомонӣ ворид гардад, амалан 10942778 сомонӣ ворид гашт, ки ин аз нақшаи пешбинишуда 125222 сомонӣ кам мебошад.

Ҳарчанд ҳамаи чораву тадбирҳо бахри ичроиши нақшаи андозу пардохтҳо андешида шуда бошанд ҳам, дар ин давра аз 11 намуди сарчашмаҳои ба нақша гирифташудаи даромади буҷет 4 намуди сарчашмаи даромад ичро нагардид, ки ин ҳам бошад:

- андоз аз фоида 73,8 % ё 2360011 сомонӣ кам аз нақша;
- андоз аз арзиши иловашуда 63,8 % ё 9765409 сомонӧ кам аз нақша;
- андоз барои захирахои табии 52,5 % ё 1597106 сомонӣ кам аз нақша;
- андоз аз низоми махсуси андозбанди 96,5 % ё 552731 сомонӣ кам аз нақша.

Сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷети давлатии шаҳри Исфара ин таъсири манфии бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти кишвар бошад, аз тарафи дигар ин бо омилҳои дохилаю беруна, яъне дигаргуншавии системаи фаъолияти баъзе аз субъектҳои хоҷагидорӣ ва ба бозорҳои хориҷи кишвар роҳ наёфтани истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии шаҳр иҷро нагардида истода аст.

Ин ҳолат боиси он гардид, ки баъзе аз нишондиҳандаҳо давоми соли 2019 нисбат ба соли 2018 коҳиш ёфтааст. Аз он ҷумла:

1. Аз ҳисоби ҶСШК «Нони Исфара», ҶСК Комбинати консервабарории шаҳр ва КДФ Шираи Гандум суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 211,1 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

2. Ба кор наандохтани иқтидорҳои пурраи корхонаҳои саноатӣ;

3. Интиқоли маҳсулот аз ҳисоби 10 адад корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 5,2 млн. сомонӣ кам гардидааст, яъне: (ҶСК Филиз 11,8 ҳ.с., ҶСК КМБИ 1405 ҳ.с., ҶСК Тамохуш 1535,8 ҳ.с., КДФ Шираи гандум 66 ҳ.с., ҶСП «Комбинати консервабарории З.Ҳасанов» 1019,5 ҳ.с., КТИ «Нобиноён» 13 ҳ.с., ҶДММ «Заводи сементбарорӣ» 947,2 ҳ.с., ҶСК «Нони Исфара» 39,9 ҳ.с. ҶСК «Нилуфар» 26,9 ҳ.с. ва ҶСК «Заводи спиртбарорӣ» 146,3 ҳ.с. мебошанд);

4. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ (меваи хушк) ба маблағи 409 ҳазору 276 доллари ИМА (3188035-2778759) бар ивази қурби асъори миллӣ (409,2 ҳ.д.*889 с.)= 3 638 464 сомонӣ коҳиш ёфтааст;

5. Воридоти маблағҳо аз ҳисоби БДА ҶТ Амонатбонк (86,8 – 63,8 = 22,9 млн. сомонӣ), филиали ҶСК Ориёнбонк (73,04 –51,4= 21,6 млн. сомонӣ) ва ФҶСП Аввалин Бонки молиявии хурд (1,1-0,811,6=0,308,3 сомонӣ), дар маҷмӯъ ба маблағи 44,8 млн. сомонӣ кам ва маблағҳои карзҳои бонкӣ низ аз ҳисоби якчанд ташкилотҳои бонкӣ ба маблағи 5,4 млн. сомонӣ ва пасандозҳои аҳолӣ бошад ба маблағи 3,7 млн. сомонӣ кам гардидааст.

6. Корҳои пудратӣ аз ҳисоби 9 адад ташкилотҳои сохтмонӣ ва дигар соҳибкорони хусусӣ низ, маҷмӯан ба маблағи 20,1 млн. сомонӣ кам гардидааст;

7. Зиёд гаштан ё ба фаъолияти намояндагӣ (филиал) гузаштани баъзе аз субъектҳои хоҷагидорӣ, аз қабили КДФОК дар шаҳри Исфара, дорухонаҳо, тоҷиксуғурта ва ширкатҳои мобилию алоқа;

8. Мувофики маълумоти нозироти андоз дар шаҳр бояд 1159 адад соҳибкорон бо МНХ дорои хотираи фискалӣ таъмин гарданд, дар асл бошад 1128 адад соҳибкорон таъмин гардидаанд, ки 97,3 %-и талаботро таъмин кардаанд. Гарчанде, ки 1128 адад соҳибкорон ба МНХ таъмин карда шуда бошанд ҳам, лекин аксарияти онҳо ҳангоми кору хизматрасониашон бо пуррагӣ онро истифода намебаранд;

9. Қатъ гардидан ё аз фаъолият боз мондани баъзе аз корхонаҳои соҳаи банду басти меваи хушк ва содиротчиён, аз қабили ҶДММ Сан Фуд, ҶДММ Таҷфрукт, ҶДММ Кадр, ҶДММ Дурахши Шӯроб, ҶДММ Шириниҳои Афсонавӣ, ҶДММ Ҳаракат Исфара, ҶДММ Сарв Исфара, ҶДММ Шарқ Экспресс, ҶДММ Пайвандгар, ҶДММ Улмасов Амир, ҶДММ Ибрагимов Ином, ҶДММ Импорт Экспорт, ҶДММ Абдубосит, ҶДММ Дастаи Баракот, ҶДММ Назрхоҳ ва СИ Қурбонов Луқмон;

10. Нисбат ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол, интиқол ва кору хизматрасонӣ кам ҳисоб ва пардохт гардидани андозҳо аз ҳисоби якчанд корхонаҳои калону миёна.

Масалан: ҶДММ Петролеум Суғд – истеҳсоли маҳсулот 103,6 % ё ба 789,9 ҳазор сомонӣ зиёд, интиқоли маҳсулот 111,6 % ё ба маблағи 2838,8 ҳазор сомонӣ зиёд, аммо пардохтҳои андоз бошад бе назардошти андози иҷтимоӣ 96,2 % ё ба маблағи 384,3 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Ин нишондиҳанда аз он далолат медиҳад, ки пардохти андоз нисбат ба фурӯш нихоятан кам мебошад. Яъне, мебоист пардохти андозҳо мутаносибан ба 111,6 %-и интиқоли маҳсулот баробар меомад, лекин ба маблағи 384,3 ҳазор сомонӣ андозҳо кам пардохт гардидааст;

- ҶДММ Баракат Исфара – истеҳсоли маҳсулот 142,4 % ё 1465,2 ҳазор сомонӣ зиёд, интиколи махсулот 142,5 % ё 1463,7 ҳазор сомонӣ зиёд, пардохти андозхо бе назардошти андози ичтимои 76,8 % ё 89,4 ҳазор сомонӣ нисбат ба хамин давраи соли гузашта кам пардохт гардида аст;

- ҶДММ Заводи равган – истеҳсоли маҳсулот 104,9 % ё 25,8 ҳазор сомонӣ зиёд, интиколи махсулот 104,9 % ё 25,8 ҳазор сомонӣ зиёд, пардохти андозхо бе назардошти андози ичтимои 80,1 % ё 20,6 ҳазор сомонӣ нисбат ба хамин давраи соли гузашта кам пардохт гардида аст;

- ҶДММ МОБ – истеҳсоли маҳсулот 101,9 % ё 16,4 ҳазор сомонӣ зиёд, интиколи махсулот 125,1 % ё 147,6 хазор сомонӣ зиёд, пардохти андозхо бе назардошти андози ичтимои 94,9 % ё 8,7 ҳазор сомонӣ нисбат ба хамин давраи соли гузашта кам пардохт гардида аст ва ба монанди инхо;

- Хачми истеҳсоли маҳсулоти корхонахои хурди саноати 205,1 % ё 5931,9 хазор сомонӣ зиёд гашта, мутаассифона аз хисоби 17 адад корхонахои хурди саноати ба андозаи 56,1 % -и соли гузашта ё ба маблағи 334,9 ҳазор сомонӣ воридоти андоз кам мебошад.

11. Кохиш ёфтани воридоти андозхо баъди таҷдид гардидани хочагихои кишоварзи ва бо ин сабаб то хол аз кайди нозироти андоз нагузаштани зиёда аз 2000 нафар шахрвандоне, ки сохиби шаходатномаи хуқуқи истифодабарии заминро дар даст доранд (дар рӯйхати кумитаи замин 13 500 нафар хочагӣ, нозироти андоз 11 500 нафар хочагӣ меистанд);

12. Аз хисоби 124 адад субъектхои хочагидорӣ ба маблағи 4,4 млн. сомонӣ воридоти андозу пардохтҳо кам гардидаанд.

Хулоса : Тахлилхо нишон дод, ки новобоста аз он ки шумораи корхонахо саноатӣ ва шароити хуби истехсоли доштани шахри Исфара, барои руйпуш намудани касри буҷети сабабхои дохиливу хориҷи таъсири бевоситаи худро расонида истодааст. Агар барои халли маъсалаи мазкур дикатти худи истехсолкунандагонро низ чалб намоем, то солхои минбаъда ба нишондиҳандаҳои хуб ноил хоҳем гашт.

Вобаста аз таҳлилҳо пешниҳод карда мешавад, ки чиҳати дарёфти манбаъҳои иловаги барои ғани гардонидани даромади буҷет ва бо ин васила бобати чамъоварии андозхои мукарраргардида якҷоя бо нозироти андоз барои таъмини нақшаи даромади андоз аз даромади молу мулки ғайриманқул ва андоз аз замин аз тарафи кормандони шӯъбаи сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Раёсати молия дар шахри Исфарaро лозим аст, ки доир ба дуруст ва объективи хисоб намудани масоҳати молу мулки ғайриманкули шахсони хуқуқи ва вокеиро аз нав бақайд гирифта шавад.

2. Корхонаҳои истеҳсоли ва содиркунандаи мевахои хушкро зарур аст, ки махсулоти худро на бо рохи қалбаки балки бо рохи гумруки содир намоянд, чунки бо ин рохи ба бучаи маҳали 3-4 маротиба андозҳо ворид мегарданд.

3. Ба корхонахои саноатие, ки аз сабаби бухрони иктисоди таъсири манфи диданд, шароити иктисоди фароҳам оварда истехсолоташонро ҷоннок намудан мебошад.


**Руйхати адабиётхо:**

1. *Маълумотхои омории шахри Исфара дар солхои 2019-2015.*
2. *Маълумотхои молияи шахри Исфара.*



**Аннотатсия:** Дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми корхонаҳои саноатӣ дар ғани гардидани буҷет, махсусан буҷетҳои маҳаллӣ бояд назаррас бошад. Аксарияти буҷетҳои маҳаллӣ бо каср қабул карда мешавад ва дар ин замина манбаъҳои пӯшонидани касри онҳо асосан аз ҳисоби барзиёдии қисми даромад ва маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ муқарар карда мешавад.

Бинобар ин, гузаронидани таҳлил дар ин самт, мувофиқи мақсад буда, омилҳои ба ғани гардидани буҷет таъсиркунанда, роҳҳои рушд ва дастгирии корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ, механизмҳои ғанӣ гардидани буҷетҳои маҳаллӣ хело афзалиятнок ба шумор мераванд.



**Калимаҳои калидӣ:** саноат, истесолот, андоз, корхонахои истехсоли, андозхо, корхонахои содироткунанда, камчини, даромади буҷет, бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ.



**Аннотатция:** В экономики Республики Таджикистан вклад промышленных предприятий в обогащение бюджета, особенно местных, должен быть значительным. Состояние большинства местных бюджетов являются дефицитом. Исходя из этого источники покрытия дефицита определяются в основном за счет профицита доходов и целевых средств из республиканского бюджета.

Поэтому целесообразно провести анализ в этой сфере, и очень важны факторы, влияющие на обогащение бюджета, пути развития и поддержки промышленных предприятий государственными органами, механизмы обогащения местных бюджетов.



**Ключевые слова:** промышленность, производства, налоги, промышленные предприятия, бюджет, дефицит, доход бюджета, финансовый мировой кризис.



**Джабаров Гани Набиджанович,**
*к.э.н., ст.преподователь кафедры*
*«Банковское дело*
*Таджикского государствнного*
*университета права, бизнеса и политики.*


## СУЩНОСТЬ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЦИФРОВИЗАЦИИ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Глобализация всех процессов, который порождает появление новых бизнес-моделей и изменение основных сфер жизнедеятельности, таких как экономика и менеджмент является современной тенденцией экономического развития. Дальнейшее проникновение цифровых технологий– одна из характерных особенностей современного глобального мира, которое обусловлено прогрессом в областях микроэлектроники, информационных технологий и телекоммуникаций.

Цифровизация  это процесс объективный, неизбежный, и остановить его невозможно. Неотъемлемой частью процесса становления цифровой экономики в современных условиях цифровой трансформации является банковский сектор. Оптимальная цифровая стратегия, разработка и реализация, которой требует учета специфики конкретной организации, является основой цифровой трансформации финансово-кредитных организаций.

Развитие цифровых технологий связано с новыми реалиями современного банковского дела, связанное с активным внедрением современных форм и технологий к организации деятельности организаций. Цифровая трансформация бросает вызов банковскому сектору России, цифровые технологии в корне меняют логику банковских услуг и сервисов, поэтому необходимо выработать консолидированную позицию сообщества в отношении современных вызовов. Вначале необходимо определить, что означает термин «цифровая экономика». Впервые он был использован в 1995 г. американским специалистом по информатике Николасом Негропонте из Массачусетского института технологий (MIT). Правда, содержание этого понятия не было расшифровано. В Википедии дано следующее определение: «Цифровая экономика – экономическая деятельность, основанная на цифровых технологиях (электронные товары и сервисы). Таким образом, цифровая экономика – это экономическая деятельность, основанная на применении компьютерных и телекоммуникационных технологий и суть его заключается в том, что без использования вычислительной техники и сети Интернет предоставление услуг или производство продукции невозможно ли крайне нецелесообразно [4]. Остановить переход на «цифру» невозможно, потому что это облегчает жизнь людей, становится выгодным для бизнеса. Цифровизация является базой для развития страны и оказывает существенное влияние на ее экономику [1].

Совершенствование бизнес-моделей и концепций развития банковского сектора: от появления интернет- банкинга до трансформации традиционных денежных операций происходит за  счет цифровой трансформации. В условиях конкурентной борьбы в ближайшие десятилетия цифровое развитие финансового сектора будет ускоряться, и рациональное управление цифровой трансформацией в банковском секторе станет неотъемлемым преимуществом [2]. В первую очередь цифровая трансформация банков направлена на лучшее понимание потребностей клиентов: население и организации желают взаимодействовать с банками проще и дешевле, поэтому в условиях функционирования цифровой экономики банковский сектор должен быть готов предложить наиболее современные услуги.

Проникая информационные технологии во все хозяйственные процессы оказывает сильное влияние на экономику, в результате чего происходит трансформация привычных способов ведения бизнеса, что позволяет оптимизировать хозяйственную деятельность. Использование информационных методов и технологий приводит к переходу на новый уровень экономики и актуальность цифровой трансформации как на уровне бизнеса, так и на уровне страны в целом формирует интерес к проблемам и возможностям, рискам и выгодам [3].

Банковская система страны нуждается в оздоровлении, а именно решении вопросов с просроченной задолженностью населения и возвращением дополнительных инвестиций в виде вкладов граждан. В частности, решение данных вопросов зависит от общего экономического состояния страны, так как оно оказывает влияние на доходность предприятий и организаций. Банковская

отрасль должна не бояться внедрять новые идеи и технологии с целью активного развития и улучшения качества предоставляемых услуг2.

• осебпазирии технологии инфрасохтори эҷодшудаи рақамӣ. Ба унвони мисол, мо метавонем ба коҳиши дар боло зикршудаи моҳи марти соли гузашта дар Венесуэла ё мутаассифона барои шаҳрҳои бузурги баъзе давлатҳо ҳолатҳои эвакуатсияи оммавии мошинҳоро бинобар хадамоти корношоямии таваққуфгоҳ нишон диҳем, дар ҳолати носозӣ дар навбат ба «зинда» баргардем системаҳои навбатдории электронӣ дар мақомоти давлатӣ ва ғайра;

• фарсудашавии босуръати таҷҳизот ва дар натиҷа мавҷудияти мушкилоти нобудсозии он. Агар мушкилоти партовҳои хастаӣ дар маркази таваҷҷуҳи аҳолӣ ва танзими ҷиддии қонунгузорӣ қарор дошта бошад, пас мушкилоти кор бо «партовҳои электронӣ» хеле кам ба миён гузошта мешавад [6]. Дар ҳамин ҳол, тибқи маълумоти СММ, ҳамасола дар ҷаҳон то 100 миллион тонна «партовҳои электронӣ» истеҳсол карда мешавад, ки на бештар аз 20% ин ҳаҷм мутобиқи талаботи экологӣ коркард карда мешавад. Бо рушди иқтисодиёти рақамӣ, таъсири хатарноки экологии он меафзояд;

• афзоиши вобастагии технологӣ аз таъминкунандагони хориҷӣ ва дар натиҷа, суст шудани амнияти технологӣ ва иқтисодӣ дар сатҳи кишвар, дар сатҳи соҳаҳо ва корхонаҳои алоҳида.

Ҷузъҳои асосии иқтисоди рақамӣ барои Тоҷикистон имрӯз истеъмоли тиҷорати электронӣ, сармоягузорӣ ба рушд, идоракунии давлатӣ, фаъолиятҳои содиротӣ-воридотӣ мебошанд. Ҳиссаи бештар дар ҳаҷми умумии иқтисоди рақамӣ истеъмол ҳамчун як шакли тиҷоратию маҷозӣ мебошад. Дар солҳои охир ҳиссаи тиҷорати электронӣ 35-40% афзуда, дар маҷмӯъ дар савдои чакана тақрибан 5% -ро ташкил медиҳад, аммо дар муқоиса бо баъзе кишварҳо ҳанӯз ҳам хеле кам аст.[2]

Истифодаи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ аз ҳисоби мавҷудияти хидматҳои давлатӣ оид ба бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, сертификатсия ва аккредитатсия, гирифтани иҷозатномаҳо, эъломия ва пардохти андозҳо, дастгирии гумрукӣ, рушди тамоми экосистемаи хизматрасонии соҳибкорӣ (хидматҳои логистикӣ, бонкдории мобилӣ), баланд

бардоштани шаффофияти тиҷорат (платформаҳои электронӣ барои лоиҳаҳо ва харидҳо, порталҳои алоқа). Иштироки давлат дар лоиҳаҳои умедбахши соҳибкорӣ метавонад таъсири назаррас расонад. Он ё тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак, ё дар шакли фармоиши давлатӣ барои соҳаҳои маъмултарини рушди рақамӣ амалӣ карда мешавад. Иштироки давлат дар маблағгузории лоиҳаҳои умедбахши рақамӣ, алалхусус дар марҳилаҳои васеъ, татбиқ дар истеҳсолот ва гузариш ба истифодаи таҳия дар миқёси саноатӣ кумак хоҳад кард. Корхонаҳо бояд пайваста ҳалли Рушди маҳсулот бояд чандиртар бошад. Шумо бояд бо моделҳои нави тиҷорӣ, маҳсулот, ғояҳо ва технологияҳо таҷриба гузаронед. Мавқеи ғайрифаъол метавонад боиси аз даст додани рақобат гардад. Азхудкунии технологияҳои Industry 4.0, ба монанди Интернети ашё, чопи 3D, воқеияти виртуалӣ, интерфейсҳои сенсорӣ ва роботикунонии пешрафта, имкон медиҳад, ки сохторҳои соҳибкорӣ аз рушди ин соҳаҳо истифода аран два дар ин гурӯҳи технологияҳо пешсаф бошанд, инноватсионии рақамӣ ва моделҳои тиҷориро ҷӯянд.

Омили ҷиддии маҳдудкунандаи рушди иқтисоди рақамӣ маҳдудияти кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Фонди Рушди Ташаббусҳои Интернет, то соли 2027 иқтисодиёти Тоҷикистон ба норасоии тақрибан 2 миллион мутахассисон дучор хоҳад шуд. Ҳамзамон, дар охири соли 2016, дар мамлакат тақрибан 1,2 ҳазор мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ буданд (2,4% фоизи аҳолии қобили меҳнат; ҳамин нишондиҳанда барои ИМА, Олмон ва Британияи Кабир – 4,3%). Ҳоло дар мамлакати мо ҳамасола тақрибан 5 ҳазор мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотиро хатм мекунад ва барои рафъи норасоии кадрҳо ҳар сол тақрибан 40 ҳазор нафарро барои омӯзиш ҷалб кардан лозим аст. Аммо ин кор «ба таври механикӣ» иҷро карда намешавад, рушди инфрасохтори маориф, тайёр кардани муаллимони нав ва ғайра зарур аст. Хавфҳои дар боло ва дигар хатарҳо, таҳдидҳо ва мушкилоти рушди иқтисоди рақамӣ андешидани чораҳоро барои безарар гардонидани онҳо талаб мекунанд. Мутаассифона, ин кор зуд ва танҳо аз ҳисоби захираҳои давлатӣ иҷро карда намешавад (зеро вазифаи рушди иқтисоди рақамӣ дорои аҳамияти умумимиллӣ аст).

Бо истифода аз захираҳои давлатӣ ва хусусӣ саъйи ҳамаҷониба лозим аст. Дар байни қудрат ва иқтисодиёт, вазифаҳои афзалиятнокро аниқ намуд, ки самтҳои фаъолиятро, ба андешаи мо, муайян менамояд:

1) ҳавасмандгардонӣ ба таъсис ва рушди тиҷоратӣ ба иқтисоди рақамӣ нигаронидашуда. Дар мамлакат аллакай як қатор ширкатҳое амал мекунанд, ки онҳоро ҳамчун пешвоёни ҷаҳон дар бахшҳои иқтисоди рақамӣ эътироф кардан мумкин аст (Лабораторияи Касперский, ABBYY, Parallels, Luxoft, Yandex ва ғайра).

Давлат метавонад онҳоро бо дастгирии мақсаднок таъмин намояд: кафолати қарзҳои бонкӣ, аз ҷумла қарзҳои содиротӣ, ҷуброни як қисми хароҷоти патентнокӣ, ташкили фондҳои мақсадноки сармоягузорӣ, дастгирӣ тавассути механизми хариди давлатӣ ва ғайра;

2) дастгирии иловагӣ барои тиҷорати хурд ва миёна дар эҷоди технологияҳои рақамӣ, платформаҳо ва пешниҳоди хадамоти рақамӣ. Инро, масалан, тавассути имтиёзҳои муайян ба ширкатҳои марбута (масалан, дар робита бо пардохтҳои суғурта ё саҳмҳои андоз), ки технологияҳои рақамиро таҳия мекунанд, ба вуҷуд овардани рақобати солим дар байни чунин ширкатҳо, фармоишҳо ва стандартҳое,

ки маҳсулоти ниҳоӣ ба онҳо фароҳам оварда мешавад, ба даст овардан мумкин аст, бояд мулоқот кунад;

3) ташаккул ва миқёси платформаҳои рақамӣ барои соҳаҳои асосии иқтисодиёт. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ва бисёр кишварҳои дигар порталҳои пешниҳоди хадамоти давлатӣ ва коммуналӣ мавҷуданд, платформаҳо барои пардохтҳо, мақомоти андоз ба қабули ҳисоботи электронӣ мегузаранд, истифодаи кортҳои пластикӣ барои пардохтҳои иҷтимоӣ ҷорӣ карда шудааст ва ғайра. Бояд қайд кард, ки дар мамлакат мушкилоти назаррас бо татбиқи ТИ дар мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вуҷуд доранд. Худи корхонаҳо бо назардошти субсидияи аксарияти худ, ин мушкилотро ҳал карда наметавонанд, ба дастгирии махсуси рақамисозии онҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ниёз доранд;

4) афзоиши ҳаҷми таълими мутахассисон;

5) ташаккули системаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва умумиҷумҳуриявӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ. Аз ҷумла, зарур аст, ки қонунгузорӣ дар бораи мубориза бо киберҷинояткорӣ ба охир расонида шуда, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ воҳидҳои муҳофизатӣ таъсис дода шаванд, ҳалли амнияти технологӣ таҳия карда шавад ва ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ таъмин карда шавад. Аммо бояд дар хотир дошт, ки таъмини амният набояд ба афзоиш ва рушди технология монеъ шавад. Мубодилаи иттилоот дар байни кишварҳо бояд тақвият дода шавад минтақаи амнияти киберӣ. [2]

Хулоса. Иқтисоди рақамӣ як намуди нави муносибатҳои иқтисодист, ки аллакай дар тамоми соҳаҳои бозори ҷаҳонӣ мавҷуд аст ва фаъолона рушд карда истодааст. Иқтисоди рақамӣ метавонад ба зудӣ ба як сегменти пешбар, рушди системаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ табдил ёбад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки иқтисоди рақамӣ нисбат ба мубодилаи модии пулӣ баъзе бартариҳои зиёд дорад, ба монанди суръати расонидани молҳо ё тақрибан фавран расонидани хидматҳо.

Бартарии дигари иқтисоди рақамӣ ин арзон шудани арзиши истеҳсол ва иҷрои амалиётҳо мебошад. Яке аз бартариҳои калидии иқтисоди рақамӣ нисбат ба анъанавӣ дар он аст, ки молҳои электронӣ амалан бепоёнанд ва дар шакли виртуалӣ мавҷуданд, дар ҳоле ки молҳои моддӣ тақрибан микдорашон маҳдуданд ва дастрасӣ ба онҳо мушкилтар аст.

Имрӯз, иқтисоди электронӣ аллакай аз доираи равандҳои тозаи иқтисодӣ гузашта истодааст. Рақамикунонӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ҷорӣ карда мешавад, зиндагии муваффақонаи одамон бештар аз он вобаста аст, илова бар ин, ба кор даровардани миқёси васеъи технологияҳои рақамӣ ба кори ташкилотҳо ва сохторҳои давлатӣ. Талошҳо барои рақамӣ кардани мамлакат дар асоси Стратегияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва муқаррароти барномаи давлатии «Иқтисоди рақамӣ» сурат мегирад.

Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳадафҳо амалӣ карда шуданд ва механизмҳои асосии татбиқи тағйирёбии рақамии иқтисоди ҷумҳурӣ муқаррар карда шуданд, инчунин манбаъҳо ва ҳаҷми маблағгузории чорабиниҳои барои татбиқ пешбинишуда муайян карда шуданд. Агар вазъро дар маҷмӯъ баррасӣ кунем, пас аз ҷиҳати сатҳи рушди иқтисоди рақамӣ мамлакат мавқеи пешсафро ишғол намекунад, аммо бо итминон худро дар гурӯҳи кишварҳои пайрави пешвоён нигоҳ медорад ва мавқеи худро сол аз сол беҳтар менамояд.

Дар баробари ин, рақобат дар соҳаи баррасишаванда хеле сахт боқӣ мемонад, бинобар ин, бо он чизе, ки аллакай ба даст оварда шудааст, наметавон истод, кори муштараки давлат ва соҳибкорӣ барои рушди минбаъдаи иқтисоди

рақамӣ зарур аст. Дар ин фаъолият як қатор мушкилот, хавфҳо ва таҳдидҳои дар мақола зикршударо ба назар гирифтан лозим аст, то захираҳо ва кӯшишҳо барои безараргардонии онҳо равона карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, мо қайд менамоем, ки технологияҳои рақамӣ он қадар гуногунанд ва зуд рушд меёбанд, ки на ҳама мустақилона аз худ кардани онҳоро муваффақ мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. *Асаул В.В., Михайлова А. О. Обеспечение информационной безопасности в условиях формирования цифровой экономики // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. 2018. № 4 (38). С. 5–9.*
2. *Беляков К. С. Цифровая экономика России: проблемы и перспективы // Информационное общество: состояние, проблемы, перспективы: Материалы V ежегодной Всероссийской научно-практической интернет-конференции. М. : Изд-во РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2018. С. 61–67.*
3. *Бодрунов С. Д., Демиденко Д. С., Плотников В. А. Реиндустриализация и становление «цифровой экономики»: гармонизация тенденций через процесс инновационного развития // Управленческое консультирование. 2018. № 2 (110). С. 43–54.*
4. *Вертакова Ю.В., Положенцева Ю. С. Повышение устойчивости регионального развития на основе сглаживания территориального неравенства: монография. Старый Оскол : Издво ТНТ, 2009. 5. Вертакова Ю.В., Толстых Т. О., Шкарупета Е.В., Дмитриева В.В. Трансформация управленческих систем под воздействием цифровизации экономики: монография. Курск : Изд-во ЮЗГУ, 2017.*
6. *Дащенко Ю.Ю. Цифровая экономика как экономика будущего // Тенденции развития науки и образования. 2018. № 35–1. С. 18–19.*
7. *Кислый С.А. Цифровая экономика и ее роль в экономике России // Актуальные проблемы и перспективы развития экономики: Труды XVI Международной научно-практической конференции. Симферополь, 2017. С. 249–250.*
8. *Кулик А. М., Коряков Д. П. Цифровая экономика: особенности и тенденции развития // Прорывные экономические реформы в условиях риска и неопределенности: Сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции. Тюмень, 2018. С. 189–192.*
9. *Курбанов А. Х., Курбанов Т. Х. Применение современных цифровых технологий в логистике // Развитие региональной экономики в условиях цифровизации: Сборник материалов Международной научно-практической конференции, посвященной 80-летию ФГБОУ ВО «Чеченский государственный университет». Грозный, 2018. С. 683–688.*
10. *Минаков В. Ф., Шуваев А.В., Лобанов О. С. Эффект цифровой конвергенции в экономике // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. 2018. № 2 (110). С. 12–18.*
11. *Петриченко О.В., Рукинов М.В. Анализ экономической безопасности страны с учетом функционирования «электронного правительства» // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. 2018. № 4 (38). С. 10–13.*



**Аннотация:** В данной статье отражена проблема обеспечения экономической , безопасности страны в условиях перехода к цифровой экономике. Цифровая экономика – понятие, которое находится на слуху у многих деятелей науки и

государственных органов, так как при реализации политики в данной сфере это даст положительный эффект дальнейшего развития экономики страны. Однако, при ее реализации появляются проблемы, решение которых не требует отлагательств. Таким образом, в статье определены наиболее начимые из них и методы их решения.

**Ключевые** слова: экономика, цифровизация, проблемы, безопасность, методы.

**Annotation:** This article reflects the problem of ensuring the economic security of the country in the transition to a digital economy. The digital economy is a concept that is widely heard by many scientists and government bodies, since when implementing policies in this area this will give a positive effect on the further development of the country's economy. However, when it is implemented, problems arise whose solution does not require urgency. Thus, the article identifies the most significant of them and methods for solving them.

**Key words:** economics, digitalization, problems, security, methods.

**Раупов Комилджон Самиевич,**
*н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарз*
*ДПДТТ дар ш. Хуҷанд ба номи ак. М.Осимӣ*

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲИИ ТОҶИКИСТОН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои мубрами рушди сайёҳӣ ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Пешвои миллат қайд намуданд, ки соли ҷорӣ “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030[3]” қабул гардид ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд[4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм[5]", "Дар бораи сайёҳии дохилӣ[6]", Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ва дигар барномаҳои соҳавии рушд ба роҳ монда шудааст[7].

---

[3] Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 372

[4] Основы туризма / Е.Л. Писаревский, Е.Н. Трофимов, Мошняга Е.В. и др.]. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -384 с.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ризм” аз 3 сентябри соли 1999 №825

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” аз 18 июли соли 2017, № 1450

[7] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23.

Бо қабули Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии кишвар муайян гардида, вазифаву нақшаҳои амал дар оянда дақиқ карда шуд.

Дар солҳои охир бо ташаккули инфрасохтори зарурии сайёҳӣ шумораи сайёҳони хориҷӣ аз 431 ҳазор дар соли 2017 то зиёда аз 1,1 миллион дар соли 2019 расид. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки захираҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ва мувофиқ ба меъёрҳои муосиру байналмилалии сайёҳӣ истифода нагардида, шароити мусоид барои сайёҳон ба таври кофӣ муҳайё карда нашудааст. Аз ин рӯ, мақсад аз он иборат аст, ки ислоҳот дар ин соҳа, махсусан дар самти ташаккули инфрасохтор, идома дода шавад.

Эҷоди заминаҳои мувофиқ, тавсеаи инфрасохтор ва ташаккули бастаи маҷмӯии хизматрасонии сайёҳӣ шарти ҳатмии рушди сайёҳӣ буда, ин соҳа чун яке аз бахшҳои муҳимми ташаккулдиҳандаи қисми даромади буҷети давлатӣ шуда метавонад[8].

Рушди соҳаи сайёҳӣ бевосита бо мавҷудияти инфрасохтори тараққикарда алоқаманд аст. Барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ сармоягузории зиёд лозим буда, иншооти соҳа ба талаботи истеъмолкунанда, яъне сайёҳ бояд мувофиқ бошад. Қисми зиёди мутахассисони соҳа ва муҳаққиқон инфрасохторро ба яке аз омилҳои муҳим мансуб медонанд[9][10].

Бинобар ин, дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар баробари ташаккули асосҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ ва тақвияти иқтидорҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ бо роҳи ҳавасманд намудани сармоягузорӣ ба он диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Иқтисодчиён сармоягузориро ба инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун "сармояи иловагии ҷамъиятӣ" меҳисобанд, чунки қисми онҳо фоидаовар набуда, сармоягузории ҷамъиятӣ (давлатӣ)-ро тақозо менамоянд. Бинобар ин, аз нуқтаи назари сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ иншоот ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: иншооти фоидаовар, ки сармояи хусусӣ ба он равона карда мешавад ва иншооти ҷамъиятӣ, ки таъсири он ба соҳа нисбӣ буда, сармоягузории давлатӣ ба он равона карда мешавад.

Ба гурӯҳи якум бинои меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осоишгоҳҳо, иншооти истироҳативу дилхушӣ ва амсоли он дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм роҳҳои оҳану автомобилгард, фурудгоҳҳо, пулҳо, паркҳои миллӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, мамнуъгоҳҳо ва дигар объектҳо, ки ба рушди сайёҳӣ саҳмгузоранд, дохил мешаванд.

Дар як қатор кишварҳои мутараққӣ гурӯҳи дуюми иншоот бо роҳи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ё бо сармояи хусусӣ низ бунёд карда мешаванд. Ин ҳолат аз мавҷудияти ширкатҳои калони сайёҳӣ ё кластерҳои сайёҳӣ вобастагӣ дорад.

Ин ду гурӯҳи инфрасохтори сайёҳӣ наметавонанд аз ҳам ҷудо инкишоф ёбанд, чунки онҳо пуркунандаи ҳамдигаранд. Ҷ. Кларк хароҷоти изофаро дар

---

[8] Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Душанбе, 2019.

[9] Мостов М.Ю. Роль государства в формировании механизмов развития региональной инфраструктуры: зарубежный опыт и российская практика: автореф. дисс канд. эконом. наук / М.Ю. Мостов. -М.: МГУ им. М.В. Ломоносова, 2012. [мабаъи электронӣ]. URL: http://www.dslib.net/economika-mira/rol-gosudarstva-v-formirovanii-mehanizmov-razvitija-regionalnoj-infrastruktury.html (санаи истифодабарӣ: 22.12.2020с.)

[10] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23.

сатҳи микро ва макро муайян карда, ба гурӯҳи микро бевосита ширкатҳои сайёҳӣ, ки инфрасохтори хосси худро ташкил медиҳанд, ворид намуд ва ба гурӯҳи дуюм, ки ба сармояи хусусӣ ёрирасон буда, ба инкишофи иқтисоди миллӣ низ мусоидаткунанда мебошанд, инфрасохтори умумии бозориро дохил намудааст.

Дар солҳои 1960-ум иқтисодчиён А. Люис, Р. Нурксе, А. Хиршман ва А. Янгсон зарурати сармоягузорӣ намудан ба инфрасохтори ҷамъиятиро асоснок намуда, онҳоро қувваи пешбарандаи иқтисоди бозорӣ қайд карданд[11]. Яъне давлат бояд ба ин гуна иншоот сармоягузорӣ намояд, то сармояи хусусӣ ба мавзеҳои сайёҳӣ равона карда шаванд.

Вобаста ба гурӯҳбандии олимони ватанӣ оид ба инфрасохтори сайёҳӣ бояд қайд намуд, ки он аз рӯи равияи субъектӣ арзёбӣ карда шуда, дар Стратегияи рушди сайёҳӣ ба қатори инфорасохтор ва иншооти сайёҳӣ тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Тоҷикистон 12 гурӯҳи объектҳо ворид карда шудаанд (ҷадвали 1)[12][13].

Бояд дар назар дошт, ки чунин гурӯҳбандӣ бо мақсади дақиқ муайян намудани иншооти ба имтиёз бархӯрдор таҳия карда шудааст[14].

**Ҷадвали 1. Номгӯйи иншооти сайёҳӣ, ки ба инфрасохтори сайёҳӣ дохил шудааст**

| № | Номгӯйи иншоот |
|---|---|
| 1. | Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел) |
| 2. | Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо |
| 3. | Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ) |
| 4. | Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сарироҳӣ (мотел) |
| 5. | Боғҳои фарҳангию фароғатӣ |
| 6. | Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ) |
| 7. | Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ |
| 8. | Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ |
| 9. | Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ |
| 10. | Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон |
| 11. | Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ |
| 12. | Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ |

Дар ҷадвал он иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, дохил шудааст.

Дар натиҷа Ҳукумати кишвар механизми пурра ва мушаххаси амалисозии имтиёзҳои андозию гумрукиро барои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ муайян намуд ва бо ин роҳ барои ҳавасманд гардонидани ҷалби сармоягузории хусусӣ ба инфрасохтори соҳа фишанги дахлдор интихоб карда шуд. Бояд дар назар дошт, гурӯҳи инфрасохтори дуюм, яъне ҷамъиятӣ низ бо роҳи сармоягузорӣ ҳавасманд

---

[11] Менеджмент туризма / А.Д. Чудновский, Н.В. Королев, Е.А. Гаврилова и др.]. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -576 с.

[12] Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 372

[13] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23.

[14] Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад” аз 12 апрели соли 2018. -№189.

карда шудааст. Аз ҷадвали 1 маълум мегардад, ки гурӯҳи 5,6, 10 ва 12-уми инфрасохтор бе ҳавасмандкунӣ танҳо аз ҳисоби сармояи ҷамъиятӣ бунёд шуданаш имконпазир аст. Аммо бо ин роҳ давлат сармояи хусусиро ба ин соҳа низ ҷалб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи нишондиҳандаҳои омор бо мақсади тақвият додани имкониятҳои инфрасохтори нақлиётӣ дар давоми солҳои охир қариб 1000 километр роҳи автомобилгард, 40,7 километр роҳи оҳан таҷдиду азнавсозӣ шуда, 121 пул ва 6 нақб бунёд карда шуд. Имрӯз дар соҳаи нақлиёт боз 11 лоиҳа ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст, ки барои пайваст намудани минтақаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя аз шарқу ғарб ва ҷанубу шимол равона карда шудаанд[15].

Дар баробари бунёди роҳҳо дар кишвар қад-қади роҳҳо ва дар маҳалҳо иншооти гуногуни сайёҳӣ бунёд гардида истодаанд, ки шумораи он дар омори сайёҳӣ ҳоло дақиқ карда нашудааст. Сабаб дар он аст, ки дар кишвар методологияи омори сайёҳӣ, махсусан инфрасохтори сайёҳӣ, мукаммал набуда, таҳқиқи иловагиро металабад.

Инчунин, манблағҳои ба инфрасохтори сайёҳӣ сармоягузоришаванда низ дар омор алоҳида қайд намешаванд, ки ин бояд мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ дар омори солона нишон дода шавад.

Аз ин рӯ, дар Стратегия рушди сайёҳӣ дар ҳар минтақаи алоҳида маълумоти оморӣ дар бораи ин ё он иншооти сайёҳӣ ба таври дақиқ бо як услуб нишон дода нашудааст. Агардар вилояти Суғд миқдори мавзеи табиию истироҳатӣ 33 адад ва шикор 7 адад нишон дода шуда бошад, пас, дар дигар минтақаҳо чунин омор мавҷуд нест[16].

Бинобар ин, зарур аст, ки барои рушди соҳа ва муайян намудани нақшаи комплексӣ барӯйхатгирии пурраи мавзеҳои сайёҳии кишвар аз рӯи як методология ба роҳ монда шавад[17].

Дар сурати дақиқ набудани омор, ҳамзамон барои сармоягузор низ мушкилот ба миён меояд, ки ба кадом намуди сайёҳӣ маблағгузорӣ намояд.

Вобаста ба сабади маҳсулоти сайёҳии Тоҷикистон бояд инфрасохтори хосси он ташаккул дода шавад. Аз ин рӯ, барои муташаккилона инкишоф додани ин ё он намуди сайёҳӣ вобаста ба ин сабад сармоягузорӣ низ дар асоси зарурати бунёди инфрасохтори махсус сурат гирад.

---

[15] Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019.

[16] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23.

[17] Концепции, определения и классификации для статистики туризма // Организация Объединенных Наций. Всемирная туристская организация. -М., 1994. -№83. -126 с.

**Ҷадвали 2. Инфрасохтори махсуси сайёҳӣ вобаста ба сабади маҳсулоти сайёҳӣ**

| Сабади маҳсулоти сайёҳӣ | Инфрасохтори махсус |
|---|---|
| Сайёҳии экологӣ | Инфрасохтори "сабз", табиати боғҳои миллӣ, паркҳо ва мамнӯъгоҳҳо, набототу ҳайвонот, эко-хонаҳо ва истироҳатгоҳҳо |
| Сайёҳии табобатию солимгардонӣ | Биноҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ва ҷой барои табобат, боғҳо, мавҷудияти захираҳои табобатии табиӣ |
| Сайёҳии таърихию фарҳангӣ | Ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ёдгориҳои меъморӣ, осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо |
| Кӯҳнавардӣ ва шикор | Пойгоҳҳои махсус, майдони шикор, паваришгоҳи ҳайвонот, наклиёти махсус |
| Иштирок дар вохӯриҳо, маросим, кофронсҳо ва рӯйдодҳо | Меҳмонхонаҳо, Марказҳои бизнес ва тиҷоратӣ, Маҷмаан намоишӣ ва коххо, инфрасохтори инноватсионӣ |

Чи тавре аз ҷадвали 2 бармеояд, ба ғайр аз инфрасохтори умумӣ, ки барои ҳама намуди сайёҳӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зарур аст, ки дар инкишофи намудҳои алоҳидаи он инфрасохтори махсус  ташкил шавад, чунки донистани ҳолату мавҷудияти он барои сармоягузор муҳим мебошад.

Бинобар ин, дар баробари татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст, ки ҷиҳати ташкили инфрасохтори махсуси сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳида нақшаҳои стратегӣ тарҳрезӣ карда шаванд. Бо ташаккули нақшаи рушди сайёҳӣ дар ин ё он минтақа ва пешниҳоди иттилооти дақиқ оид ба имкониятҳои рушди намудҳои алоҳидаи сайёҳӣ дар онҳо барои сармоягузорон муҳим арзёбӣ мегардад. Омили муҳимми рушди инфрасохтори сайёҳӣ муташаккилии амал ва сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**


1. *Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 372*
2. *Основы туризма / Е.Л. Писаревский, Е.Н. Трофимов, Мошняга Е.В. и др.]. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -384 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" аз 3 сентябри соли 1999 №825*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳии дохилӣ" аз 18 июли соли 2017, № 1450*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23.*
6. *Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Душанбе, 2019.*
7. *Мостов М.Ю. Роль государства в формировании механизмов развития региональной инфраструктуры: зарубежный опыт и российская практика: автореф. дисс канд. эконом. наук / М.Ю. Мостов. -М.: МГУ им. М.В. Ломоносова, 2012. [мабаъи электронӣ]. URL: http://www.dslib.net/economika-mira/rol-gosudarstva-v-formirovanii-mehanizmov-razvitija-regionalnoj-infrastruktury.html (санаи истифодабарӣ: 22.12.2020с.)*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. -Душанбе, 2018. -С.23*

9. *Менеджмент туризма / А.Д. Чудновский, Н.В. Королев, Е.А. Гаврилова и др.]. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -576 с.*
10. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад" аз 12 апрели соли 2018. -№189.*
11. *Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Душанбе, 2019.*
12. *Концепции, определения и классификации для статистики туризма // Организация Объединенных Наций. Всемирная туристская организация. -М., 1994. -№83. -126 с.*

**Анататция.** Туризм-сложное социально-культурное и экономическое явление современности, различные аспекты которого находятся под контролем различных наук. Вопросы теории и практики туризма привлекли внимание экономистов, социологов, педагогов, психологов, историков, культурологов, искусствоведов и юристов, и каждый из этих специалистов рассматривает вопросы туризма в своей области. В этой статье основное внимание уделяется изучению, анализу и необходимости развития сектора, а также инфраструктуре основанной на инвестициях.

***Ключевые слова:*** туризм, инвестиции, инфраструктура, анализ, регулирование, стратегия.

**Anatation.** Tourism is a complex socio-cultural and economic phenomenon of our time, various aspects of which are under the control of various sciences. The theory and practice of tourism attracted the attention of economists, sociologists, educators, psychologists, historians, culturologists, art historians and lawyers, and each of these specialists considers tourism issues in their field. This article focuses on the study, analysis and development needs of the sector and investment-based infrastructure.

***Key words*:** tourism, investment, infrastructure, analysis, regulation, strategy.

# БАХШИ IV
# НАҚШИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ҚОЧОҚ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Муллоҷонова Нигора Абдуманноновна**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ*

Саҳми муайянро ба таҳлили таркиби ҷинояти контрабанда, олимони зерин ба монанди, М.П.Карапушин, С.В.Дякова, А.Н.Игнатов, И.В.Шмаров, С.И.Никулин, П.С.Яни, В.А.Владимиров, Н.А.Лопошенко, Б.В.Воложенко ва ғайра гузоштаанд.

Аз 1 сентябри 1998 дар Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии нав ба қувваи қонунӣ даромад. Матни таркиби ҷинояти қочоқ (моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) низ мувофиқи Қонуни ҷиноятии нав ба тағйироту иловаҳои ҷиддӣ дигар шуд.Дар ҳолати имрӯза бошад, дар баробари як қатор тағйироту иловаҳои нав дар таркиби ҷинояти қочоқ дигаргуниҳо дида мешаванд.

Дар замони ҳозира ҷинояти қочоқ, зуҳуроти манфие ҳисоб мешавад, ки ба манфиатҳои муҳими иқтисодии давлат таҳдиди воқеӣ намуда, ҳарчӣ бештар шакли устувор, муттаҳидӣ ва муташаккилиро пайдо мекунад. Вобаста ба ин шаклҳои бештар хавфноки он бо хариду фурӯши моддаҳои нашъадор, аз давлат баровардани ашёҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, осори бадеӣ, таърихӣ ё арзишҳои дигари фарҳангӣ алоқаманд мебошанд, ки ин фаъолияти ҷиноятиро бо мақсади ҳар чӣ бештар ба даст овардани фоида пӯрзӯр менамояд.

Қочоқ мувофиқи муқаррароти бевоситаи қонунгузории ҷиноятӣ ба қатори ҷиноятҳои иқтисодӣ дохил мешавад. Ин ҷиноят бевосита ба фаъолияти берунаи иқтисодии давлат, шахсони дигари ҳуқуқӣ ва воқеӣ таҷовуз оварда, системаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ки тавассути Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст, дағалона вайрон менамояд.

Ба ақидаи олимон ба сифати объекти хелии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ки ба он контрабанда низ дохил мебошад, муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодие баромад мекунанд, ки аз рӯи принсипи «ба амалбарории фаъолияти иқтисодӣ» сохта шудаанд[1].

Ин принсипҳои қонуният, фаъолияти озодонаи иқтисодӣ, рақобати бовиҷдонаи фаъолияти чунин субъектон мебошад.

Мо низ ба чунин ақида розӣ буда, чунин мешуморем, ки ба сифати объекти хелии ҷинояти контрабанда муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунанд, чунки дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бобҳо вобаста ба объекти хелии ҷиноятҳо муайян шудаанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ объекти намудии қочоқ ба таври гуногун муайян мешавад. Масалан, В.А. Владимиров ба сифати объекти намудии он манфиатҳои берунаи савдои давлатро муайян мекард[2].

Ба ақидаи Ю.И. Сучков бошад, объекти контрабанда инҳисори (монополияи) савдои берунаи давлат ва қоидаҳои муқарраршудаи аз сарҳади давлатӣ гузаронидани мол ва арзишҳои дигар мебошад.

Аз сарҳад тавассути контрабанда гузаронидани мол ва арзишҳоро амалӣ намуда, гунаҳгор аз як тараф ба ҳуқуқи истисноии давлат дар шахсияти мақомотҳои ваколатдори он оиди амалинамоии амалиётҳои савдои беруна ва бастани аҳдҳои воридоту содирот таҷовуз меоварад, аз тарафи дигар бошад, тартиб ва қоидаҳои баровардани мол ва арзишҳоро аз сарҳад ва воридоти онро ба мамлакати мо вайрон месозад[3].

Ба сифати объекти намудии қочоқ муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки мазмуни онҳоро фаъолияти озодонаи фаъолияти иқтисодии савдои берунаи субъектони он, ташкил медиҳад, инчунин сиёсати савдои беруна ва амнияти иқтисодии давлат.

Иқтисодчиён амнияти иқтисодиро ҳамчун мувофиқат намудани натиҷаҳои инкишофи робитаи иқтисодии берунаи давлат ба манфиатҳои он муайян мекунанд, ҳар чӣ бештар чунин мувофиқат бошад, ҳамон қадар амнияти иқтисодӣ боло аст[4].

Ҷинояти мушаххас пеш аз ҳама ба объекти бевосита таҷовуз меоварад, ки зери мафҳуми он муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Қонун ҳама маҷмӯи муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро ҳифз намуда, табиист, ки ҳар як муносибати алоҳидаро ҳамчун қисми таркибии ин муносибатҳои умумӣ ҳифз менамояд. Қочоқ ба инҳисори (монополияи) савдои берунаи давлат таҷовуз мекунад.

Предмети ин ҷиноят нишонаи ҳатмӣ аст, яъне, қочоқ – ҷинояти дорои предмет мебошад, ки мол ва (ё) ашёи дигар ба ҳисоб меравand.

Мол ин ҳама гуна амволи манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайри тиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин, воситаҳои нақлиёти марбут ба амволи ғайриманқул, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, фаҳмида мешавад.

Ба мафҳуми «дигар ашёҳо» он ашёҳое дохил мешаванд, ки ба категорияи «мол» мансуб нестанд. Мисол, воситаҳои нақлиёт, асьорҳои ватанӣ ва хориҷӣ, қоғазҳои қимматнок ва қувваи барқу газ, инчунин, киштиҳои ҳавоӣ ва обӣ, ки ба категорияи молҳои ғайриманқул дохил карда шудаанд.

Бояд қайд намоем, ки дар қисми 3-юми таркиби ҷинояти мазкур ба сифати предмети ҷиноят ашёҳои алоҳида баромад мекунанд.

Тарафи объективии ҷиноят ин тарафи берунаи кирдори шахс мебошад, ки дар олами объективӣ зоҳир мегардад.

Мувофиқи Қонуни ҷиноятӣ тарафи объективии таркиби ҷинояти қочоқ аз чунин аломатҳо иборат мебошад:

Қочоқ – интиқоли мол ва (ё) ашёи дигар аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо чунин роҳу воситаҳо содир шудаанд:

1. бидуни назорати гумрукӣ;
2. пинҳонӣ аз назорати гумрукӣ;
3. ба воситаи фиребгарона истифода кардани ҳуҷҷатҳо ё воситаҳои ҳаммонандкунии (идентификатсионии) гумрукӣ;
4. ба воситаи декларатсия накардан;
5. ба воситаи декларатсикунонии сохта.

Мувофиқи диспозитсияи моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли предметҳои дар боло зикршуда тарафи объективии таркиби

ҷинояти мазкурро танҳо дар ҳолатҳое ташкил медиҳанд, ки агар бо яке аз усулҳои номбаршуда содир шуда бошанд.

Одатан чунин ҳисобида мешавад, ки «аҳамияти бештари ҳуқуқиро дар байни аломатҳои иловагии тарафи объективӣ усули содир намудани ҷиноят мебозад»[5].

Тарафи объективии таркиби контрабандаро муайян намуда истода, «равшан намудани мафҳуми «сарҳади гумрукӣ» низ зарур аст.

Сарҳади гумрукӣ доираи қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин доираи қаламрави дар қисми 2 моддаи 2 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо дар бар мегирад. Ба сарҳади гумрукӣ инчунин минтақаи озоди гумрукӣ низ дохил мешавад. Мувофиқи моддаи 264 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон «минтақаи озоди гумрукӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли хориҷӣ дар қаламрави сарҳади дахлдор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бо роҳи пурра ё қисман озод намудан аз пардохтҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бе истифодаи мамнуият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир ва истифода бурда мешаванд.

Гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни назорати гумрукӣ аз гузаронидани мол ё предметҳо иборат аст: берун аз ҷойҳои ҷойгиршавии мақомоти гумрук (нуқтаҳои гумрукӣ) ё аз нуқтаҳои гумрукӣ бидуни назорати гумрукӣ, яъне умуман ба назорат қарор надодани бори гузаронидашаванда ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳкунандаи он.

Пинҳонӣ аз назорати гумрукӣ гузаронидани мол ё дигар предметҳо маънои бо ҳар роҳу восита ниҳон (руст) кардани онҳоро дорад, яъне бо роҳи махфӣ гузаронидани мол, чунин тарз барои муайян намудани молу предметҳо мушкилиро ба миён меоварад. Масалан, бо роҳи истифода бурдани махфигоҳҳои гуногун (қароргоҳҳои пинҳонӣ), маҳзанҳои махсус, ба ин ё он мол бахшидани намуди дигар мол (маскировкаи мол) ва ғ.

Аз ин ҷо, аломати мазкури таркиби ҷинояти қочоқдар фиребгарона истифода бурдани бо ин ё он усул сохтакоришудаи пломб, муҳр, штампҳо, маркировкаҳои рақамӣ, ҳарфӣ, нақшаҳо, суратҳо, фотосуратҳо ва дигар воситаҳои ҳаммонандсозии гумрукӣ зоҳир мегардад.

Аломати баррасишавандаи тарафи объективии контрабанда ба кормандони гумрук, ки назорати гумрукиро амалӣ менамоянд, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ки дорои маълумоти бардурӯғ мебошанд, ифода мегардад. Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки бояд ба мақомоти гумрукӣ барои назорати гумрукӣ пешкаш карда шаванд, аз тарафи Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд. Ҳуҷҷат қалбакӣ ҳисобида мешавад, агар он сохтакорӣ карда шуда бошад, ҳақиқӣ набошад (беэътибор бошад), ё ин ки ҳуҷҷате бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шавад. Ҳуҷҷатҳои бо роҳи ғайриқонунӣ гирифташуда, чунин маъно дорад, ки онҳо бе асосҳои қонунӣ гирифта ё тартиб ва ё тасдиқ шудаанд ва онҳо бо мақсади ба таҳлука даровардани мақомоти гумрукӣ равона карда шудаанд.

Воситаҳои ҳаммонандкунӣ танҳо аз ҷониби мақомоти гумрук ё бо ризоияти онҳо тағйир ё нобуд карда шуданашон мумкин аст.

Амалияи судӣ ҳолатҳоеро медонад, ки предметҳои контрабанда дар зеҳдӯзиҳои дохилии самолётҳо, вертолётҳо, техникаи ҳарбӣ, дар гилзаҳои снарядҳои артиллерӣ, дар холигиҳои ба таври сунъӣ сохташуда тойҳои пахта ва ғ. гузаронида шудаанд. Ба ин тарз, инчунин, пинҳон кардани предметҳои контрабанда дар узвҳои дохилии табии одам дохил мешавад. Гузаронидани

предметҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фиребгарона истифода бурдани ҳуҷҷатҳо.

Ҳама предметҳои аз сарҳади гумрукӣ гузаронидашаванда декларатсия карда мешаванд. Моҳияти декларатсия дар ба мақомоти гумрук арз доштани маълумот оиди мол ва воситаҳои нақлиёт, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ифода мeёбад. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намудҳои декларатсияи гумрукиро фарқ мекунад: декларатсияи пурра (м.131), нопурра (м.135), декларатсияи гумрукии даврӣ (м.136), муваққатӣ (м.138), инчунин тартиби содагардонидашудаи декларатсия (м.137).

Декларатсия кардан бо роҳи арз ба таври ҳатмӣ, шифоҳӣ, конклюдентӣ ва электронӣ оиди маълумоти боэътимод дар бораи мол, низоми гумрукии он ва маълумотҳои дигари барои мақсадҳои гумрук зарурӣ гузаронида мешавад.

Шакл ва тартиби декларатсия кардани мол аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад.

Аз лаҳзаи аз ҷониби мақомоти гумрук расман қабул шудани декларатсия он ҳуҷҷате мегардад, ки оиди далелҳо маълумот дошта, аҳамияти ҳуқуқӣ дорад. Аз ҳамин давра дохил намудани ягон хел тағйирот ё иловахо ба декларатсияи гумрукӣ мумкин нест. Намуди баррасишавандаи контрабанда дар он ифода мегардад, ки ҳангоми ғайриқонунӣ гузаронидан аз сарҳади гумрукӣ предметҳо умуман декларатсия карда намешаванд, яъне оиди мавҷудияти онҳо дар шакли муқарраршуда арз намешавад, декларант оиди ҷой доштани онҳо хомӯш меистад.

Қочоқе, ки бо декларатсиякунонии сохта содир мешавад. Декларатсиякунонии сохта дар пешниҳод намудани (хабар додани) маълумоти бардурӯғ оид ба молу предметҳо ва низоми онҳо, ки барои мақсадҳои гумрукӣ заруранд, ифода мегардад. Мисол, шахс дар декларатсияи гумрукӣ оид ба арзиши гумрукии молҳо маълумоти нодуруст медиҳад, ки он барои озод шудан аз пардохтҳои гумрукӣ асос мешавад.

Қочоқ танҳо он вақт ҷавобгарии ҷиноятро ба вуҷуд меоварад, ки агар аломатҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда ҷой дошта бошанд.

Мувофиқи эзоҳи моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори пешбининамудаи қисми дуюми моддаи мазкур ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, агар арзиши мол ё воситаи нақлиёти интиқолшуда аз дуюним ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Бо ба ҳисоб гирифтани дараҷаи баланди хавфнокии қочоқ ба проблемаҳои ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят бояд дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳар чӣ бештар диққати махсус дода шавад ва амалияи татбиқи меъёриҳуқуқӣ - ҷиноятии мазкур дуруст ба роҳ монда шавад.

**Адабиёти тавсиявӣ:**


1. *Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания. Саратов. 1997. - 218с.*
2. *В.А.Владимиров В.А. Уголовно-правовая борьба с контрабандой. - М.: Наука. 1959. - 362с.*
3. *Сучков Ю. Контрабанда и ответственность. Калининград. 1978. - 318с.*
4. *Казмахмедов Г.М. Экономика: государственное регулирование и безопасность. - М.: Норма, 1996. -559с.*
5. *Уголовное право. Общая часть. Под ред. И.Я.Козаченко и З.А.Незнамовой. - М.: Бек, 1997. – 487с.*

***Аннотация:*** Целью работы является изучение объективных признаков(объекта и объективной стороны) контрабанды, анализ нормативной базы Республики Таджикистан, относящееся к данному составу преступления. Дана характеристика различных способв перемещения товаров и (или) иных предметов через таможенную границу Республики Таджикистан. Предложены рекомендации, которые необходимо учитывать при применениинорм уголовного законодательства.
***Ключевые слова:*** уголовный закон, уголовное законодательство, преступление, состав преступления, экономическая деятельность, контрабанда, товары и (или) иных предметы, таможенная территория, таможенная граница.

**Abstract**: The purpose of the work is to study the objective signs (object and objective side) of smuggling, an analysis of the regulatory framework of the Republic of Tajikistan related to this corpus delicti. A description of various methods of moving goods and (or) other items across the customs border of the Republic of Tajikistan is given. Recommendations are proposed that should be taken into account when applying criminal law.
**Keywords**:criminal law, criminal legislation, crime, corpus delicti, economic activity, smuggling, goods and (or) other objects, customs territory, customs border.

**Авезова З.Б.**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи*
*судӣ ва назорати прокурории*
*факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ*

## ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ ДАР НИЗОМИ АДОЛАТИ СУДӢ

Дар низоми чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ, ҳабси молу мулк мавқеи махсус дорад. Чунки дигар намуди чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятидошта бо мақсади риоя ва таъмини тартиби тафтиши пешакӣ, мурофиаи судӣ, пешгирии содир кардани дигар ҳуқуқвайронкунӣ ва риоя кардани уҳдадориҳои мурофиавӣ мебошад. Ҳабси молу мулк бошад, нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда, ки мувофиқи қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, яъне барои барқарор кардани зарари моддие, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба вуҷуд омадааст таъин карда мешавад [1, с. 73]. Чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ ҳабси молу мулк дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор бо розигии прокурор ва иҷозати суд татбиқ карда мешавад.

Чораи маҷбурии мурофиавӣ ҳабси молу мулк, яке воситаҳои таъмини даъвои гражданӣ, доир ба барқарор кардани зарари моддие, ки аз ҷиноят ба ҷабрдида расидааст, ба ҳисоб меравад.

Ба хусусият ва таъиноти чораҳои маҷбурнамоӣ Ю. Д. Лившиц ҳам диққат дода, қайд кардааст, ки чораҳои маҷбурнамоӣ, пеш аз ҳама «хусусияти *огоҳкунанда»* доранд ва татбиқи онҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани «зарурияти воқеӣ» барои иҷрои вазифаҳои адолати судӣ имконпазир аст [2, с. 29].

Дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои муҳим дониста шуда, мазмун ва моҳияти он диққати ҳуқуқшиносон - мутахассисон ва шаҳрвандонро низ ҷалб кардааст.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Барқарор кардани зарари аз ҷиноят расонидашуда дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, яке аз самтҳои бартариятноки фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ баромад мекунад.

Мубрамият ва мақсади "барқароркунӣ" аз нуқтаи назари олими англис Э. Эшуорт бояд, "вазифаи асосии мақомоти салоҳиятдор ҷазо додани айбдоршаванда набошад, балки барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст" адолат на танҳо аз ҷониби суд дар ҷараёни баровардани ҳукм ба инобат гирифта шавад, балки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ низ дар қабули ҳама гуна санадҳои мурофиавӣ талаботи адолатро ба роҳбари гиранд [3, с. 579].

Нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд бевосита ё бавосита ба ҳолати шахсият дар давлат, алалхусус дар соҳаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъсир мерасонанд. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки дар Тоҷикистон ҷараён гирифтааст, бевосита ташаккул ва тақвияти нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёдро тақозо дорад. Қисми ҷудонашавандаи ислоҳоти ҳуқуқиро «бояд тафтишоти ҷиддӣ, кодификатсия ва систематизатсия (таснифот) - и қонунгузорӣ ташкил диҳад» ва дар асоси онҳо зарур аст, ба ҳимояи ҳуқуқӣ - расмии шахс диққати асосӣ дода шавад. Аз нав дида баромада шудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти маҳдуд кардани маҷмӯи ҳуқуқвайрониҳои ҷиноятиро ба вуҷуд оварда, бештар татбиқ намудани ҷазоҳоеро, ки бо маҳрумӣ аз озодӣ алоқаманд нестанд, ба миён меорад4, с. 171].

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфузи худро дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нигоҳ медоранд. Барои ҳимояи манфиати шаҳрвандон, давлат ва ҷамъият аз сӯиқасди ҷиноят, дар соҳаи пешбурди судии ҷиноятӣ маҳдудиятҳои муайяни мурофиавӣ пешбинӣ шудаанд, ки бо мақсади иҷрои вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шартҳои муайян, балки асос ва тартиби муайяни маҳдуднамоиро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқи онҳо баъзе аз кафолатҳои конститусионии шахс ва ҳуқуқҳои вай муваққатан маҳдуд мегарданд. Ба ғайр аз ин, қонун на танҳо тартиби мурофиавии кофтуков, ёфта гирифтан, ба ҳабс гирифтан, тартиби дароз кардани мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан инчунин, ҳабси молу мулк ё дигар кафолатҳои иловагии риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандро низ пешбинӣ кардааст.

Татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавидошта, пеш аз ҳама, дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ иҷозат дода мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конституситонӣ ва ягонагии арзи ҷумҳурӣ раво диниста мешавад. Дар ин бора Иванов Д. А. қайд мекунад, ки қарорҳои мурофиавӣ бояд танҳо хусусияти мурофиавӣ дошта бошанд, аз он ҷумла ҳабси молу мулк [5, с.33,34]. Чунки меъёрҳои мурофиавӣ хусусияти ҷазодиҳиро надорад, онҳо танҳо барои таъмини адолати судӣ мусоидат мекунанд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад, ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ – ҳолатҳои муайянкардаи қонун ва дар асоси қарори суд [6].Ҳабси молумулк бо розигии прокурор ва бо иҷозати суд дар асоси қарори ваҷҳноки муфаттиш гузаронида мешавад.

Умуман, чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ гуфта, маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқиро меноманд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ танҳо дар

ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати рафтори зиддиҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ё бо мақсади пешгирӣ кардани ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳои иштирокчиён бо тартиби муқарраркардаи қонун татбиқ мешаванд [7, с. 173]. Чораҳои номбурда бо мақсади пешгирӣ кардани ҷиноят, ҳуқуқвайронкунӣ, бартараф кардани ҳар гуна монеаҳо, таъмини даъвои граждании дар мурофиаи ҷиноятӣ инчунин бо мақсади таъмин кардани ҷараёни муътадили мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои дахлдори ҳукм интихоб ва татбиқ мешаванд.

Хусусиятҳои чораҳои маҷбурӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар чунин қоидаҳо ифода меёбанд:

- чораҳои маҷбурӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ моҳияти ҳуқуқӣ доранд, чунки мазмун, қоидаҳо, асос ва тартиби интихоб ва татбиқи онҳоро қонун муайян мекунад;
- чораҳои маҷбурӣ новобаста аз хоҳиш ва иродаи шахс татбиқ мешаванд;
- чораҳои маҷбурӣ маънои татбиқи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ҷазо, паст задани шаъну шараф, қадру қиммати инсониро надоранд;
- чораҳои маҷбурӣ танҳо дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ, танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ ва бо тартиби муқарраркардаи қонун интихоб, татбиқ ва тағйир дода мешаванд;
- чораҳои маҷбурӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади муайянкардаи қонун татбиқ мешаванд;
- қонун на танҳо тартиби интихоб, балки имконияти тағйир додан ва ё умуман бекор кардани чораи маҷбуркуниро низ пешбинӣ мекунад;
- чораҳои маҷбурӣ муваққатан дар ҷараёни мухлати пешбинигардида татбиқ мешаванд;
- чораҳои маҷбурӣ ҷараёни муътадил пешбурди парвандаи ҷиноятиро таъмин мекунанд;
- интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ аз хулосаи муфаттиш, прокурор, макомоти таҳқиқ ва суд вобаста аст, ки бо ҳолатҳои муайян ва бо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда асоснок карда мешаванд.

Умуман чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ – ҷинояти доштаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст;

А) Чораҳои пешгирӣ – забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат; кафолати шахсӣ; таҳти назорати фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ супоридани хизматчии ҳарбӣ; таҳти назорат супоридани ноболиғ; гарав; ҳабси хонагӣ; ҳабс:

Б) Дигар чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавидошта - ба монанди уҳдадории хаттӣ, дастгир кардан; маҷбуран овардан; аз мансаб дур кардан; ҳабси молу мулк, мукотибот ва пасандоз; гирифтани намунаҳо барои ташхиси муқоисавӣ; аз маҷлисгоҳи суди дур кардан; ҷарима; ҷойгир кардани гумонбаршаванда ва ё айбдоршаванда ба муассисаи суди тиббии равоншиносӣ.

Дар таҳти мафҳуми барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс ба ақидаи мо дар навбати аввал бояд, барқарор кардани зарари аз ҷиноят расонидашуда, инчунин қабул кардани маҷмӯи қарорҳои мурофиавӣдар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷониби мақомоти ваколатдор, ба ғайр аз ин, чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯие, ки барои қабул кардани қарор, мусоидат кардаанд, қабул шудааст, фаҳмида мешавад [8, с. 79].

**Чораҳои пешгирӣ танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати гумонбаршаванда ё айбдоршаванда дар асоси қарори мақомоте, ки дар пешбурди вай парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, интихоб ва татбиқ мегарданд.** Дар вақти ҳалли масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ муфаттиш, прокурор, мақомоти таҳқиқ ва суд

чунин ҳолатҳоро ба назар мегиранд: ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, оқибати аз ҷиноят ба вуҷуд омада, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, синну сол, аҳволи саломатӣ ва иҷтимоӣ, оилавии гумонбаршаванда ё айбдоршаванда, касбу кори вай, ҷойи истиқомат, имконияти саркашӣ кардан ё монеа барпо кардани онҳо.

Мувофиқи моддаи 2 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ) мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона мешавад [9].

Мувофиқи моддаи 54 КМҶ ҶТ ҷабрдида шахси воқеист, ки аз ҷиноят ба вай зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои он дар зери таҳдиди бевосита ё сӯиқасди ҷиноят қарор дорад. Ҳамин тавр, шахс дар мавридҳои зерин ҷабрдида ҳисоб меёбад: 1) агар аз ҷиноят ба вай зарари ҷисмонӣ, моддӣ ва маънавӣ расонида шуда бошад; 2) ҳуқуқу манфиатҳои он дар зери таҳдиди сӯиқасд ба ҷиноят қарор дошта бошад.

Мавқеи мурофиавии ҷабрдидаро шахс дар сурати аз ҷониби таҳқиқбаранда, муффатиш, прокурор ва ё судя баровардани қарори махсус дар бораи ба сифати ҷабрдида эътироф гардиданаш ба даст меорад. Ҷабрдида дорои як қатор ҳуқуқҳои мурофиавие мебошад, ки бо иштирок дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва дар мурофиаи судӣ алоқаманд мебошад. Вай ҳуқуқ дорад бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос гардад, далел ва дархост пешниҳод кунад, ҳангоми дида баромадани далелҳо дар мурофиаи судӣ иштирок намояд, раддия арз кунад, аз болои ҳаракат ва қарорҳои шахси барандаи таҳқиқи ибтидоӣ, муфаттиш, прокурор ва суд шикоят орад ва ғайра (қисми 2 моддаи 54 КМҶ).

Давлат ҳуқуқи ҷабрдидаро ба адолати судӣ ва ҷуброни зарар таъмин намуда, механизмҳои заруриро баҳри ошкор намудани тафтишоти ҷинояти содиргардида ба вуҷуд меорад. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадоранд, аризаро дар хусуси ҷиноят қабул намуда, баҳри ҷустуҷӯ ё худ кофтукови амволи арзишноки ба ҷабрдида тааллуқдошта ва таъмини даъвои граждании тадбирҳо андешанд [10, с. 258]. Бояд тазаккур дод, ки тамоми низоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ барои таъмини кушодани ҷиноят, ошкор ва муайян кардани гунаҳгорон нигаронида шудааст, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷабрдида аз таҷовузи ҷиноят, ҳамчун заминаи устувори ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Ба ақидаи Коврига З.Ф. татбиқи чораҳои пешгирӣ ин воситаи таъмини ***амнияти*** ҷомеа ва иҷроиши вазифаҳои ба амалбарории адолати судӣ аст, яъне чораҳои маҷбурӣ чун оқибати ҷавобгарии мурофиавӣ баромад мекунад [11, с. 66]. Ба андешаи мо санксияи мурофиавӣ (баробари гипотеза ва диспозитсия) ҷузъи таркибии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро ифода карда, танҳо дар сурати тасдиқ шудани робитаи сабабии кирдори манъшудае, ки меъёри моддиро вайрон мекунад бо оқибати фарорасида татбиқ мешавад. Чораҳои пешгирӣ бошанд, то фаро расидани чунин оқибат ва бо мақсади пешгирии содир шудани чунин кирдор интихоб ва татбиқ мешаванд. Барои ҳамин ҳам, онҳо на танҳо хусусияти маҷбурӣ, балки бештар хусусияти пешгирикунандаро доранд.

Давлат ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ, қадру қимат ва озодии он, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба ҳама гуна сӯиқасдеро, ки ба инсон зарар ва азоби рӯҳӣ мерасонад, кафолат медиҳад. Ба ҷабрдида ҳуқуқ дода шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои хеш тадбирҳо андешад.

Ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хусуси он ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он арзиши олӣ дошта, аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд, асос меёбад.

Доираи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гуногунҷабҳа буда, бевосита амалӣ мешаванд. Он маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳоро, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ сабт шудааст, дар бар мегирад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад ва мазмуни фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллиро муайян мекунад ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд (моддаи 14 Конститутсияи ҶТ). Аз ин муқаррарот бармеояд, ки кафолати муҳими давлатие, ки таввасути он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин мегарданд, ин ҳифзи судӣ мебошад.

Ҳуқуқ ба ҳимоя мазмуни онро дорад, ки дар сурати поймол гаштани ҳуқуқҳои хеш ҳар шахс сарфи назар аз шаҳрвандӣ метавонад аз он бархӯрдор гардад. Ҳуқуқи ҳифзи судӣ ҳуқуқи шахсӣ қисми ҷудоинопазири ҳар як инсон мебошад. Ҳар кас метавонад, ба суд бо аризаи дахлдор мурофиат намояд, суд дар навбати худ уҳдадор аст ин аризаро баррасӣ намуда, аз рӯи он қарори асоснок қабул намояд.

Бартарии тартиби судии шикоят кардан дар он аст, ки суд ҳокимияти ба он мутааллиқро мустақилона амалӣ намуда, танҳо ба қонун тобеъ аст ва фаъолияти он ба принсипҳои роҳбарикунандаи пешбурди судӣ ошкоро будан, (мубоҳисавӣ), баробарҳуқуқии тарафҳо ва ғайра асос меёбад.

Ҳуқуқи ҳифзи судӣ дар ягон маврид, ҳатто дар давраи вазъияти фавқулодда маҳдуд карда намешавад (моддаи 47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамин тариқ аз меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 4, 14, 17 ва 19) бармеояд, ки ба ҷабрдида (аз ҷиноят зарардида) давлат ҳифзи ҳуқуқ ва озодиро бо роҳи пешгирӣ ва роҳ надодани сӯиқасд, ки зарари ҷисмонӣ, моддӣ ва маънавӣ мерасонад, кафолат медиҳад, ки ҷавобгӯи моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аст, ки мувофиқи он «Ҳар як инсон барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳуқуқ дорад»[12].

Дар радифи ин, ҷуброни зарар низ ҳуқуқи ҷудонопазири ҷабрдида ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо расонида шудааст. Ҳолати конститутсионии ҷуброни зарар бевосита дар Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Якум мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабрдидае, ки аз ҷиноят ба вай зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ва ё моддӣ расонида шудааст ва барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ дорад оид ба ҷуброни зарар даъвои граждани пешниҳод намояд.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин шахс бо таъиноти суд ё қарори судя, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ҳамчун даъвогари гражданӣ эътироф мешавад. Ҳангоми баровардани қарор суд даъворо пурра ё қисман қонеъ мегардонад ва ё умуман даъворо рад менамояд.

Агар даъво бе баррасӣ монда шавад, он гоҳ даъвогари гражданӣ ҳуқуқи бо чунин даъво ба суд ба тариқи пешбурди судии гражданӣ мурофиат карданро пайдо мекунад.

Зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, тибқи тартибе, ки дар боби 55 Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҷуброн карда мешавад. Мувофиқи қисми 1 моддаи 1079, зараре, ки ба шахс ё амволи шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад[13].

Ҳаҷми зарари моддие, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии гражданӣ) расонида шудааст, аз хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст, ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи

вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани амволи ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст оварад, муайян карда мешавад. (сархати 1 қ. 2 м. 15 КГ ҶТ).

Ҳаёт ва саломатӣ барои инсон арзиши олӣ дорад, аз ин рӯ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии ҳифзи давлатии онҳоро эълон менамояд.

Ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида дар мавриди аз даст додани музди меҳнат ва дигар даромадҳо, ки дар пурра ё қисман гум кардан, ё паст шудани қобилияти меҳнатӣ ва инчунин хароҷотҳое, ки бинобар расонидани зарар ба саломатӣ ба вуҷуд омадааст (барои табобат, хӯроки (ғизои) иловагӣ, харидани доруворӣ, протез кардан, нигоҳубини табобати санитарию курортӣ, ба даст даровардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба дигар касб ва ғайра) ва ба он ҷабрдида дар натиҷаи расидани зарар эҳтиёҷ дорад, рӯёнида мешавад.

Дар радифи зарари молумулкӣ ба ҷабрдида зарари маънавӣ (азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ), ки дар натиҷаи вайрон кардани неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун расонида шудааст, ҷуброн карда мешавад, инчунин неъматҳои моддӣ, ки ҳаҷми онро суд бо дарназардошти дараҷаи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда, ҳолатҳои мушаххас, ҳамчунин дараҷаи зарари ҷисмонӣ ва маънавӣ, бо хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида муайян менамояд.

Муаллифон чораҳои маҷбурнамоиро ҳамчун ибтидо ва ниҳоят як намуди масъулияти ҳуқуқии мурофиавӣ ва намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ баҳо додаанд[14, с. 24]. Бо ин нуқтаи назар розӣ шуда наметавонем. Чунки татбиқи чораи пешгирӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё ҷазоро пешбинӣ намекунад. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, амали мурофиавист, лекин чораи маҷбурӣ нест, ҷазои ҷиноятиро бошад, суд нисбати шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешаванд, таъин мекунад.

Тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ инчунин инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд.

Қонунҳои амалкунандаи гражданӣ ҳолатҳои махсусеро пешбинӣ менамоянд, ки мувофиқи он ҷавобгарӣ сарфи назар аз гуноҳ муқаррар шудааст. Бо чунин тартиб зиёни маънавӣ дар сурате ҷуброн мегардад, ки он ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон дар натиҷаи сарчашмаи хатари зиёд, дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгиркунанда ғайриқонунӣ татбиқ кардани ҳабс, ҷазои ғайриқонунии маъмурӣ дар намуди ҳабс ё худ корҳои ислоҳӣ, ҳангоми расонидани зарар бо роҳи паҳн кардани маълумоте, ки шаъну шараф ва эътибори кориро паст мезанад ва дигар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун бо тарзҳои ҳифзи судии гражданӣ баррасӣ карда мешаванд.

Фарқиятҳои дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар айни замон давлат тамоми механизмҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққуниеро, ки баҳри таъмини ҳуқуқҳои поймолгардидаи ҷабрдида ва барқарор кардани ҳолати моддӣ ва маънавӣ заруранд, муҳайё намудааст.

**Адабиёт:**


1. *Хасаншина Р. Г. Сущность и значение возмещения вреда потерпевшему при принятии процессуальных решений по уголовным делам: дис. … канд. юрид. наук. - М., 2013. - С. 73.*

2. *Лившиц Ю.Д. Меры пресечения в советском уголовном процессе. - М.: Гос.юр.издат., 1964. – С. 29.*
3. *Эшуорт Э. Обязанности, права и восстановительное правосудие // Британский журнал криминологии. 2002. № 42. - С. 579.*
4. *Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – С. 171.*
5. *Иванов Д. А. Роль участников уголовного судопроизводства в реализации механизма возмещения вреда, причиненного преступлением в досудебном производстве по уголовным делам // Вестник Моск. ун-та имени С. Ю. Витте. Серия 2, Юридические науки. 2015. №1 (6). -С. 33–34.*
6. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6 - уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои солҳо 1999, 2003 ва 2016). - Душанбе: Ганҷ, 2016.*
7. *РаҳматуллоевА.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. - Хуҷанд: Хуросон, 2017. –С.173.*
8. *Булдакова В. К. Роль следователя (дознавателя) в обеспечении возмещения вреда, причиненного преступлением // Вестник Тюмен. ин-та повышения квалификации сотрудников МВД России. 2015. № 4. –С.*
9. *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 –юми декабри соли 2009 № 564, (бо тағйиру иловаҳои то соли 2020). - Сомонаи расмии mmk. tj. (санаи муроҷиат: 24 .12. 2020.)*
10. *Алехина С. Р. Наложение ареста на имущество как мера возмещения вреда, причиненного налоговыми и иными преступлениями в сфере экономики// Проблемы борьбы с преступно-стью на современном этапе: сборник материалов Всероссийской науч.-практ. конф. (16 ноября 2012 г.). – Хабаровск: 2013. - С. 258*
11. *Коврига З.Ф. Уголовно-процессуальное принуждение. – Воронеж: 1984. - С. 66.*
12. *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. 10.12. 1948. (м.8).*
13. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми II. 11–уми декабри соли 1999 № 885, (бо тағйиру иловаҳои то соли 2018). - Сомонаи расмии mmk. tj. (санаи муроҷиат: 24.12. 2019.)*
14. *А.Д. Бойкова и И.И. Карпеца. Курс советского уголовного процесса. Общая часть.- М.: Юр.лит., 1989.- С. 24.*

**Рауфов Мубин Мӯҳсинович**
*ассистенти кафедраи назария ва*
*таърихи давлат ва ҳуқуқ*
*(ДДҲБСТ, ш.Хуҷанд)*

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки “... вакилон вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти татбиққунандаи қонунҳо ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ намудани онҳо саҳм гузоранд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои ба талаботи рушду пешрафти ҷомеа мувофиқро омода ва пешниҳод намоянд” [1]. Аз ҳамин лиҳоз инқилоби илмию техникии асри 21 дар соҳаи технологияҳои рақамӣ шаклҳои нав гирифта тақозо менамояд, ки

қонунгузории мамлакат ба фазои инкишофёфтаистодаи мақозӣ мутобиқ гардад. Дар яке аз дастовардҳои рушди соҳаи барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва робототехника мебошад. Бо иқтидори ҷиддии истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ суст омӯхта мешаванд. Бе муболиға метавон гуфт, ки системаҳои ҳуқуқӣ дар ҳоли ҳозир аз рушди технологияи зеҳни сунъӣ қафо мондаанд. Ғайр аз ин, истифодаи воқеии зеҳни сунъӣ амалан бо заминаи меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ таъмин карда нашудааст [2, с.37].

Дар байни ҷанбаҳои ҳуқуқии зеҳни сунъӣ чунин ҷанбаҳоро ишора кардан мумкин аст:

Якум, таърифи возеҳи ҳуқуқии зеҳни сунъӣ вуҷуд надорад, ки ба ҳалли дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ монеа эҷод мекунад: шахсияти ҳуқуқии зеҳни сунъӣ, масъулият барои зарари дар натиҷаи истифодаи зеҳни сунъӣ, қоидаҳои техникӣ барои фаъолияти зеҳни сунъӣ. Барои таърифи дуруст метавон ба фаҳмиши зеҳни сунъӣ дар илмҳои махсус такя кард.

Дуввум, савол дар бораи имконияти шинохтани сифатҳои субъекти ҳуқуқ барои зеҳни сунъӣ ба миён меояд. Дар ин ҷо ду ҳолат мавҷуд аст. Дар ҳолати аввал, зеҳни сунъӣ танҳо ҳамчун воситаи техникӣ бо режими ҳуқуқии ашё фаҳмида мешавад. Дар ҳолати дуюм, он ҳамчун шахси электронӣ аз рӯи қиёс бо шахси ҳуқуқӣ тавассути истифодаи усули фиксияи ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Ҳарду ҳолат пурра мувофиқ нестанд. Таснифи зеҳни сунъӣ ҳамчун объекти ҳуқуқ мавҷудияти субъективии муайян - қобилияти фикр кардан ва тасмимгирии мустақилро ба назар намегирад.

Мувофиқан, сеюм ҷанбаи муаммои ҷавобгарӣ барои зиёни расонидашуда аз ҷониби чунин зеҳн мебошад.

Имрӯз масъала оид ба механизми қабули қарор аз ҷониби интеллекти сунъӣ муаммои асосии ҷомеаи ҷаҳонии муосир гашта истодааст. Ин механизм аз ҷониби М.Т. Джонс коркард гардида, ба ақидаи ӯ ки барои ҷустуҷӯи қарори муносиб интеллекти сунъӣ дар ибтидо қарори тасодуфӣ қабул карда шуда, самаранокии он арзёбӣ намегардад, ба аз он тадқиқоти қарори аввал барои муайян намудани самаранокии он ва ҳалли масъалаи гузошташуда гузаронида мешавад. Дар натиҷа қарори нав, ки аз камбудиҳои қарори аввал маҳрум аст қабул мешавад [5, с.242].

Раванди қабули қарор аз ҷониби падидаи мазкур бо роҳҳои гуногун дар адабиёт тавсиф карда мешавад. Масалан, Э.М. Пройдаков нишон медиҳад, ки зеҳни сунъӣ дорои якчанд қабати нейронҳои сунъӣ мебошад, ки дар онҳо маълумот таҳия карда мешавад ва натиҷа ташкил мешавад [6, с.153].

Тавсифи каме фарқкунанда, ки дар кори М.Т. Ҷонс нишон дода мешавад, ба раванди қабули қарорҳо тавсиф мекунанд, ки ба усули тақвияти зеҳни сунъӣ асос ёфтааст. Муҳаққиқон алгоритми қабули қарорҳоро барои панҷ марҳила тақсим мекунад ва дар асоси самаранокии ҳар яки онҳо хулосаи зеҳнии мавҷудаи қарори ниҳоиро таҳия мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифта шавад, ки адабиёти техникӣ оид ба иштироки инсон дар фаъолияти интеллекти сунъӣ дастурҳои мушаххасро надорад [9].

Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «интеллекти сунъӣ» вуҷуд надорад. Ҳол он ин дар давлатҳои гуногуни дунё аз тарафи парламенти онҳо бо назардошти тақозои пешрафти илмӣ-техникӣ дастуроти ҳуқуқии мушаххас қабул гардида истодааст. Масалан, дар Федератсияи Русия дар Стратегияи миллии инкишофи зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2030 меъёрҳои мушаххас оид ба ин падида қабул

гардида ҳамчун "маҷмӯи қарорҳои технологӣ” муайян карда мешавад, ки ба такрор кардани функсияҳои маърифатии зеҳни шахс аз ҷониби зеҳни сунъӣ ва гирифтани натиҷаи дилхоҳ, ки маҳсули фаъолияти он бо маҳсули фаъолияти инсонӣ баробар мебошад, имконият медиҳад [7].

Бояд қайд кард, ки дар Стратегияи мазкур таъкид карда мешавад, ки "маҷмӯи қарорҳои технологӣ” дар худ инфрасохтори иттилоотӣ, таъминоти барномавиро дарбар мегирад, аз ҷумла дар он усулҳои омӯзиши дастгоҳӣ, коркарди маълумот ва хизматрасонии коркарди маълумотҳо истифода мешаванд [7].

Мафҳуми шабеҳи зеҳни сунъӣ дар адабиёти илмӣ дода мешавад. Ҳамин тариқ, муҳаққиқон тасдиқ менамоянд, ки зеҳни сунъӣ "системаи зеҳнии автономиро ташкил медиҳад, ки имкониятҳои худрафторӣ, худшиносӣ ва худдориро дорад, ки тавассути ҷамъоварӣ ва истифодаи тафсилоти иттилоотӣ ифодаи моддии дастгоҳҳои техникиро инъикос мекунад [2, с.80].

Дар стратегияи миллии интеллекти сунъии Федератсияи Русия дуруст қайд гардидааст, ки интеллекти сунъӣ дар инфрасохтори информатсионӣ яъне аз рӯи моҳияти физикии худ ҷои гузаронидани маълумоти рақамии интеллекти сунъӣ бошад.

Ба ҳамин тарз, имрӯз якчанд тарзи муносибат ба маънидодкунии мафҳуми интеллекти сунъӣ коркард шудааст. Ба ғайр аз ин як қатор ҷанбаҳоро якҷоя намуда, қайд кардан мумкин аст, ки марбут ба онҳо тадқиқоти олимони мамолики гуногуни хориҷӣ дида шудааст.

Субъекти ҳуқуқ будани зеҳни сунъӣ, дурнамоҳои ҳуқуқии омӯзиши масъалаи мазкур инъикоси худро дар корҳои Ястребов Г.А., Галджиев А.В., Нестеров Ф.В., Ужов В.Н., Черкасов Д.С., Гришин Н.С., Еманов С.Б, Полич ва дигарон ёфтаанд. Ба ин масъала муаллифони дигар низ аҳамияти худро додаанд: М. Дельво, Н. Невеньяс, Л. Соумул, П. Черка, В. Курки, Д. Робертсон, Д. Винсент ва дигарон ёфтааст [3, с.51].

Муаммоҳои фаҳмиши ҳуқуқӣ ва танзими мафҳуми «зеҳни сунъӣ» дар ҷодаи ҳуқуқи моликияти хусусӣ аз ҷониби чунин муаллифон ба монанди А.А. Карцихия, В.Н. Синельникова, О.В. Ревинский, Г.А. Ахмедов, М. Ильменский, М.М. Поповский ва дигарон тадқиқ гардидаанд.

Бино ба гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки ба муомилоти илмӣ мафҳуми нави “зеҳни сунъӣ”-ро ҳамчун категорияи ҳуқуқии зеҳни сунъӣ, ки дар зери он мо низоми маърифатӣ-интеллектуалӣ ва адаптивӣ-автономиро фаҳмида метавонем. Он имкониятҳоро ба рафтори бошууронаи иродавӣ, ки метавонад фаъолияти нейронҳои майнаи инсонро ба воситаи коркарди маълумоти зеҳни сунъии аз фазои беруна меомада такрор кунад, пешниҳод мекунад.

Кӯшишҳо барои муайян кардани истилоҳи "зеҳни сунъӣ" дар қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шуданд. Ҳамин тавр, дар қарори Парлумони Аврупо "меъёрҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ оид ба робототехника" аз 17 феврали соли 2017 зарурати таҳияи консепсияҳои умумии чунин истилоҳҳо, ба монанди "системаҳои киберфизикӣ", "роботҳои бошуури худкор" хусусиятҳои зерин қайд карда шудааст.:

1) қобилияти мустақил будан ва мубодилаи маълумот;
2) қобилияти омӯхтани таҷрибаи андӯхта;
3) мавҷудияти дастгирии ҳадди ақали ҷисмонӣ;
4) қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити беруна;

Дар Кореяи Ҷанубӣ, ҳанӯз дар соли 2008 қонун "Дар бораи мусоидат ба рушд ва тақсимоти роботҳои оқилона" қабул шуда буд. Қонун таърифи зерини роботи интеллектуалиро пешниҳод мекунад: дастгоҳи механикӣ, ки қобилияти дарк кардани муҳити атроф, эътирофи ҳолатҳои корбарии он ва ҳадафмандона мустақилона ҳаракат карданро дорад.

Таҳлили равишҳои мавҷуда ба мафҳуми "зеҳни сунъӣ" имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зеринро қайд намоем:

• мавҷудияти дастгоҳи техникӣ (системаи киберфизикӣ), ки қобилияти гирифтани иттилоот ва интиқоли онро дорад;

• дараҷаи муайяни кори мустақил бидуни иштироки инсон (субъективӣ) дар ҳолати мавҷуд набудани чунин система;

• қобилияти таҳлил, ҷамъбасти иттилоот, таҳияи қарорҳои оқилона дар асоси маълумоти омӯхташуда (тафаккур), худогоҳӣ;

• қобилияти омӯзиш, мустақилона ҷустуҷӯ кардани иттилоот ва дар асоси ин маълумот қарор қабул кардан .

Ҳамин тавр, дар пайравӣ аз таълимоти ҳуқуқии Г.Келсен, як воҳиди электрониро метавон ҳамчун ягонагии инфиродии меъёрҳои ҳуқуқие, ки зеҳни сунъиро (шахси электронӣ) бо меъёрҳои "оқилона" вазифадор ва ваколатдор мекунанд, тафсир кардан мумкин аст.

Омӯзиши мушкилоти шахсияти ҳуқуқии шахсони электронӣ зарурати ташкили як асбоби принсипан нави танзими ҳуқуқиро тасдиқ мекунад, ки бо хусусиятҳои шахсони электронӣ алоқаманд аст, ки пеш аз ҳама бо мушкилоти локалигардонии рафтори дорои аҳамияти қонунии онҳо тавсиф карда мешавад.

**Пайнавишт:**


1. *Паёми Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш. Душанбе, 26 январи соли 2021 // Садои мардум №10, 26 январи 2021 с.*
2. *Бегишев И.Р., Латыпова Э.Ю., Кирпичников Д.В. «Искусственный интеллект» как правовая категория: доктринальный подход к разработке дефиниции // Актуальные проблемы экономики и права. 2020. Т. 14. № 1. С. 79-91.*
3. *Архипов В.В., Наумов В.Б. Искусственный интеллект и автономномные устройства в контексте права: о разработке первого в России закона о робототехнике. Proceedings of SPIIRAN. 2017. № 6. С.46-56.*
4. *А. А. Васильев, Д. Шпоппер, М.Х. Матаева. Термин «искусственный интеллект» в российском праве: доктринальный анализ // // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Юриспруденция. 2020. №1. С. 35-45*
5. *Джонс М.Т. Программирование искусственного интеллекта в приложениях. М.: ДМК Пресс, 2011. 312 с.*
6. *Пройдаков Э.М. Современное состояние искусственного интеллекта // Науковедческие исследования. 2018. С. 129-153.*
7. *О развитии искусственного интеллекта в Российской Федерации: Указ Президента Российской Федерации от 10 октября 2019 г. № 490 // Собрание законодательства РФ. 2019. № 41. Ст. 5700.*

**Дадобоева Муҳиба Азизовна**
*- ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ МАҶБУРСОЗИИ ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ

Мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, устувории ҷомеа дар ҳама давраҳои инкишофи таърихӣ вазифаи мубрами давлат маҳсуб меёбанд. Оромию тартибот дар ҷамъият, рушди устувори он аз фаъолияти самараноки давлат дар соҳаи ҳалли вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд. Фаъолияти давлат дар самти мазкур, ки дар доираи функсияҳои ҳифзи ҳуқуқӣ амалӣ мешавад, ҳамеша зарур буда, имрӯз низ мубрамияти худро аз даст надодааст. Таърих гувоҳ аст, ки маҳз бо сабаби иҷрои бесамари вазифаи мазкур, дар ҷамъият болоравии сатҳи ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар, дар маҷмӯъ, ноустувории сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Дар замони муосир дар давроне, ки ҳар як давлат кӯшиш дорад, ҳуқуқбунёд шавад, аксар вақт саволе пайдо мешавад, ки тавассути чӣ гуна воситаҳо ва чораҳо ба ин мақсад ноил шудан мумкин аст? Барои он ки инкишофи муътадили ҷамъият таъмин карда шавад, тартибот лозим аст. Чунин тартибот танҳо дар ҳолати мавҷудияти чораҳои муайяни давлатӣ, ки ба рафтори одамон таъсир мерасонад, ҷорӣ шуданаш мумкин аст.

Дар ҷаҳони муосир таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ (ҷинояткории фаромиллӣ, савдои одамон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм ва ғ.) функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлатро мубрам мегардонанд. Таҳдидҳо ва хатарҳои мазкур дар сатҳи миллӣ низ мушоҳида мегарданд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми январи соли 2016 дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон вазифаи ҷоннок намудани фаъолияти онҳо дар шароити афзудани таҳдидҳо ва хатарҳои муосир, ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккилона ва фаромиллӣ гузошта шуд [1]. Дар партави мубрамияти вазифаи мазкур аз ҷониби Пешвои миллат ба Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати таҳияи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, таъсиси Маркази муқовимат бо ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд ва кибертерроризм, такмили Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, пурзӯр намудани мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир супориш дода шуд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2016 таъкид гардид, ки «таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошад» [2].

Маҷбуркунии давлатӣ бештар ҳангоми вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, граждании, ҷиноятӣ ва дигар қонунгузорӣ аён мешавад. Таъсиррасонии

давлатӣ на танҳо меъёрӣ, балки психологӣ, идеологӣ шуда метавонад, ки ба ҳиссиёт, шуур ва ҳаракати одамон муассир мебошад. Дар ин ҳолат маҷбуркунии давлатӣ дар намудҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода ёфта, ба сифати механизми амалигардонии назорати иҷтимоӣ ва инкишофёбии тамоми муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Маҷбуркунии ҳуқуқӣ бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ вобаста аст, ки он гарчанде барои ҳифзи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ равона шуда бошанд ҳам, аз тарафи дигар то як андоза ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мекунанд.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир аксар вақт истилоҳи «маҷбурсозии давлатӣ – ҳуқуқӣ» истифода мешавад [7, с. 186-196; 9, с. 30-36]. Баъзе муҳаққиқон мафҳумҳои «маҷбурсозии давлатӣ» ё «маҷбуркунии ҳуқуқӣ» -ро истифода мебаранд. Муайянкунии мафҳумҳои «маҷбурсозии давлатӣ» ва «маҷбуркунии ҳуқуқӣ», ба фикри мо, комилан қобили қабул нестанд.

Истифодаи мафҳуми «маҷбурсозии давлатӣ – ҳуқуқӣ», дар навбати аввал, заминаи ҳуқуқии маҷбурсозии давлатро таъкид мекунад ва ба таври дақиқ андешидани чораҳои маҷбурӣ, асосҳо ва тартиби татбиқи онҳоро равона мекунад.

Дувум, он ба вазъи ҳуқуқии шахсе, ки ҳуқуқу озодиҳои онҳо дар ҷараёни маҷбурӣ маҳдуданд, ҳам ба «истфода» - и ин маҷбуркунӣ, ки ба манфиати ҷомеа заруранд ва ҳам ба кафолати ҳадди манфиатҳо ва ҳуқуқи муҳофизатии шахсе, ки чораҳои маҷбуриро гирифтааст, нигаронида шудааст.

Сеюм, танҳо тавассути ин мафҳум мазмуни як қатор чораҳои маҷбурӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва давлатӣ фаҳмида мешаванд.

Чорум, маҷбурсозии давлатию ҳуқуқӣ натанҳо нақши ҷазоиро мебозад, балки воситаи барпо кардани озодии шахсият дар ҷомеа, муайян кардани доираи рафтор ва ҳамзистии муқаррарии онҳо мебошад.

Панҷум, маҷбурсозии давлатию ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи воқеияти объективӣ набояд ба таври манфӣ муносибат карда шавад, зеро он ҳамчун инъикоси арзишҳои инсонӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи мост.

Дар ҷаҳони муосир маҷбурсозӣ бояд давлатро ба манфиати, пеш аз ҳама, шахс барои таъмини рушди озодии ӯ истифода барад. Маҷбурсозии давлатӣ бояд натанҳо ба қонунҳо асос ёбад, балки инчунин ба ғояҳои озодӣ ва адолати инсонӣ мувофиқ бошад.

Гузашта аз ин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахс ҳудуди рафтори имконпазири ӯро муайян мекунанд ва ба ин васила ба ӯ имкон медиҳанд, ки аз баҳодиҳии манфии рафтор ва маҷбурсозӣ аз ҷониби давлат ва ҷомеа худдорӣ кунад.

«Бо маҳдудиятҳои озодиҳои ҳар як шахс, қонун ба ӯ истифодаи бе мамоният ва оромонаи ҳуқуқҳои худро фароҳам меорад, яъне ба ӯ озодии ин маҳдудиятҳоро кафолат медиҳад. Озодии ҳар як шахс танҳо он ҷое маҳдуд мешавад, ки озодии одамони дигар аз он сар мешавад. Дар талош барои муқаррар кардани ин сарҳад, қонун ба он мусоидат мекунад, ки дар ҳаёти умумии мардум тартибот дар асоси ҳукмронии озодӣ ҳукмрон шавад» [ 10, с. 30-36].

Муҳаққиқон дар назарияи ҳуқуқ озодиро бо тарзҳои гуногун муайян мекунанд, аммо қариб ҳамеша ба маҳдудиятҳои он диққат медиҳанд [3, с. 96]. Истифода аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон берун аз ҳадди муқаррааргардида метавонад боиси поймол шудани ҳуқуқҳои одамони дигар гардад.

Қонун ҳамчун танзимгари давлатии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба рафтори шахс бевосита таъсир расонида, рафтори ӯро ислоҳ мекунад. Ҳуқуқ амалҳои дилхоҳи

шахсро ҳавасманд мекунад, номаҳдудият - маҳдудиятҳо, аз ҷумла истифодаи маҷбуркунӣ. Ҳуқуқшиноси олмонӣ Рудолффон Ҷеринг чунин мешуморад, ки қонун ҳамчун «таъмини шароити зиндагии ҷомеа дар шакли маҷбуркунӣ», «низоми робитаҳои иҷтимоӣ бо кафолати маҷбурӣ» амал мекунад.

Бояд розӣ шуд, ки маҷбурсозӣ ҳамеша вуҷуд дошт, аммо дар давраҳои гуногуни рушди сиёсии ҷомеа мувофиқи меъёрҳои гуногуни асоснокӣ ва зарурӣ истифода мешуд. Дар ҷомеаи демократӣ маҷбурсозии давлатӣ табиати қонунист ва ҳамчун омили мусбати рушди иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Албатта мавҷудияти дигар ҳавасмандкуниро, ки барафтори инсон таъсир мерасонанд, рад кардан ғайри имкон аст: моддӣ, маънавӣ, ахлоқӣ. Аммо мавҷудияти онҳо тамоман маҷбуркуниро дар қонун бартараф намекунад. Метавон гуфт, ки маҷбурсозӣ ҳамеша механизми боэътимоди нигоҳдоштани озодӣ, адолат ва тавозун дар ҷаҳони муосир хоҳад буд.

Маҷбуркунии давлатӣ –ҳуқуқӣ дар ҷаҳони муосир маҷбуркуние мебошад, ки намуд ва андозаҳои он бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба принсипҳо ва моҳияти қонун мувофиқат мекунанд, муайян карда мешаванд. Маҷбуркунӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад. Аз болои ҳамагуна чораҳои маҷбуркунӣ ба суди мустақил шикоят кардан мумкин аст.

Чораҳои маҷбурӣ бояд танҳо нисбати ҳуқуқ вайронкунандагон татбиқ карда шаванд. Механизми вокуниши давлатӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳо ҳама гуна зуҳуроти қонунӣ ва худсарона нисбати шаҳрвандро истисно мекунад.

Мо бояд иқрор шавем, ки қонунгузории Тоҷикистон дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ хеле зуд тағйир меёбад. Дар ин робита ихтилофоти зиёд ба вуҷуд меоянд: матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бе тайёрии зарурии ҳуқуқӣ бароварда шудаанд, нодуруст навишта шудаанд, «онҳо дар амал кор намекунанд».

Бо вуҷуди ин, чораҳои фаврӣ на бояд ба ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандонро халалдор кунанд. Гузашта аз ин, онҳо табиати маҳдуд доранд ва танҳо дар асоси қонун татбиқ карда мешаванд. Вақтҳои охир доираи муносибатҳои амволӣ, молиявӣ ва андозӣ, манзилӣ, оилавӣ, экологӣ, ки бо таъсири танзимкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ фарогирифта шудаанд, зиёд шуда истодаанд. Аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ маҳдудшавии доираи истифодаи маҷбурсозии давлатию ҳуқуқиро дар қонун ва дар маҷмӯъ кам кардани миқёси танзими ҳуқуқиро нишон намедиҳад.

Ба ақидаи мо, дар айни замон ва дар оянда, давлатро зарур аст, ки барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни самарабахшии танзими ҳуқуқӣ истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ – ҳуқуқиро идома диҳад. Бо баробари ин бояд бо фикри Н.В. Макарейко [8, с. 104-111] розӣ шудан лозим аст, ки фарзияҳо оид ба кам намудани ҳаҷми маҷбурсозии давлатӣ – ҳуқуқӣ асоснок нестанд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ш. Душанбе, 20-уми январи соли 2016. – Душанбе: «Шарқи озод», 2016. – С. 30-35.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ш. Душанбе, 22-юми декабри соли 2016. - Душанбе: «Шарқи озод», 2016. – С. 35.*

3. *Васильев А. М. Правовые категории: методологи-ческие аспекты разработки системы категорий теории права / А. М. Васильев. – М.: Юридическая литература, 1976. – 264 с.*
4. *Гоббс Т. Избранные произведения: в 2 т. / Т. Гоббс. – М.: Мысль, 1964. – Т. 1. – 583 с.*
5. *Ильин И. А. Общее учение о праве и государстве (фрагменты) / И. А. Ильин // Правоведение. – 1992. – № 3. – С. 96–98.*
6. *Коркунов Н. М. Лекции по общей теории права / Н. М. Коркунов. – 9-е изд. – М.: Н. К. Мартынов, 1909. – 364 с.*
7. *Латушкин М. А. К вопросу о понятиях государственного, правового и государственно-правового принуждения / М. А. Латушкин // Ленинградский юридический журнал. – 2010. – № 2. – С. 186–196.*
8. *Макарейко Н. В. Государственный контроль как средство обеспечения законности применения мер государственного принуждения / Н. В. Макарейко // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Право. – 2015. – № 3 (22). – С. 104–111.*
9. *Маклаков В. В. Современные зарубежные конституции: сб. документов / В. В. Маклаков. – М.: Международный юридический институт, 1992. – 290 с.*
10. *Маликов Б. З. Мера государственного принуждения – правовое свойство наказания / Б. З. Маликов, А. М. Салимова // Вестник Кузбасского института. – 2016. – № 1. – С. 30–36.*

**Ключевые слова:** правонарушение, законность, правопорядок, государственное принуждение, правовое принуждение, законодательство Республики Таджикистан.

В статье рассматривается понятие государственно-правового принуждения. В современном мире новые глобальные угрозы и вызовы делают актуальной функцию правоохранительных органов государства. Государственное принуждение наиболее ярко проявляется в нарушениях административного, гражданского, уголовного и иного законодательства. Использование термина «государственно-правовое принуждение» подчеркивает правовую основу государственного принуждения и акцентирует внимание на точном применении принудительных мер, основаниях и процедурах их применения. В этой научной статье также приводится ряд оснований для применения государственно-правового принуждения.

**Keywords:** offense, legality, law and order, state coercion, legal coercion, legislation of the Republic of Tajikistan.

This article discusses the concept of state-legal coercion. In the modern world, new global threats and challenges make the function of the state's law enforcement urgent. State coercion is most evident in violations of administrative, civil, criminal, and other laws. The use of the term "state-legal coercion" emphasizes the legal basis of state-coercion and focuses on the precise application of coercive measures, the grounds and procedures for their application. This scientific article also provides a number of grounds for the application of state-legal coercion.

**Зиёбоева Мавзунахон Нарзуллохоновна**
- *старший преподаватель кафедры уголовное право, криминалистики и предупреждение коррупции юридического факультета Таджикского государственного у ниверситета права, бизнеса и политики*

# ИСПЫТАТЕЛЬНЫЙ СРОК ПРИ ОТСРОЧКЕ ОТБЫВАНИЯ НАКАЗАНИЯ БЕРЕМЕННЫМ ЖЕНЩИНАМ И ЖЕНЩИНАМ, ИМЕЮЩИМ ДЕТЕЙ В ВОЗРАСТЕ ДО ВОСЬМИ ЛЕТ

Отсрочка означает, что суд в этих случаях откладывает отбывание наказания до достижения ребенком восьмилетнего возраста.[1] В этот период женщина, в отношении которой отсрочено наказание, проходит испытание. Что представляет собой испытательный срок? Испытание заключается в том, что в период действия отсрочки осужденной установлены некоторые ограничения, предусмотренные законом, и возможно выполнение определенных обязанностей. Испытательный срок является неотъемлемым элементом рассматриваемой уголовно-правовой нормы, придающим ей характер условности, без чего данная норма лишена всякого смысла. Исходя из характера условности отсрочки, начало такого срока в отношении указанных категорий женщин при вынесении приговора или определения исчисляется с момента вступления приговора или определении в законную силу, [2,С.94] а его окончанием считается день достижения ребенком восьмилетнего возраста.

По своей юридической природе отсрочка отбывания наказания беременным женщинам и женщинам, имеющим малолетних детей, является условным видом освобождения от наказания. Следовательно, в зависимости от соблюдения осужденной предъявляемых к ней требований она может либо благополучно закончиться, либо быть отмененной.

В случае, если осужденная во время течения отсрочки своим поведением не дала основания для ее отмены, суд обязательно возвращается к обсуждению вопроса о превращении освобождения от наказания из условного в безусловное. В соответствии с ч. 3 ст. 78 УК после достижения ребенком восьмилетнего возраста или в случае его смерти суд обязан принять одно из трех возможных решений:

а) освободить ее от отбывания наказания;

б)заменить его более мягким наказанием;

в) направить осужденную для отбывания наказания, назначенного приговором. [3]

Продолжительность отсрочки отбывания наказания не находится в зависимости от тяжести совершенного преступления, от вида и размера назначенного наказания. Она жестко привязана к возрасту ребенка и составляет весь срок беременности плюс восемь лет. Осужденная обязана строго выполнять свои материнские обязанности вплоть до достижения младшим ребенком восьмилетнего возраста.

Условный характер данного вида освобождения от наказания проявляется в том, что предоставленная женщине отсрочка отбывания наказания может быть отменена в силу несоблюдения осужденной требований, предъявляемых по закону к ее поведению.

Безусловным основанием, влекущим обязательную отмену предоставленной отсрочки, является совершение осужденной нового преступления в период

отсрочки отбывания наказания. В законе не установлено никаких ограничений для отмены отсрочки в зависимости от характера нового преступления. Поэтому в юридической литературе по данному вопросу высказываются различные мнения. Так В.Ф. Караулова, утверждает, что отсрочка отбывания наказания отменяется при совершении в период отсрочки только умышленного преступления[4,С.457].И.А.Юрченко наоборот указывает, что если осужденная в период отсрочки отбывания наказания совершает новое преступление как умышленное, так и по неосторожности, суд обязан отменить отсрочку и назначить наказание по совокупности приговоров[5,С.495]. И.А. Петрова сравнивая аналогичные основы отмены условного осуждения и условно- досрочного освобождения (ч.4 ст. 74, ч.7. ст.79 УК РФ) с отсрочкой отбывание наказания справедливо отмечает, что законодатель беременную женщину или женщину, имеющую малолетних детей, во время отсрочки отбывания наказания ставит в более жесткие условие, чем условно-осужденных лиц и лиц условно-досрочно освобожденных от отбывания наказания[6,С.168-169], потому что в отличие от отсрочки отбывания наказания возможность отмены условного осуждения и условно-досрочного освобождения в случаях совершения преступления в период испытательного срока законодатель ставить в зависимость от формы вины и категории совершенного преступления. Несмотря на то что такое несоответствие не наблюдается в УК РТ мы тоже считаем, что было бы более верным в случае совершения осужденным в период отсрочки преступления по неосторожности вопрос об отмене отсрочки оставлять на усмотрение суда.

В практике могут возникнуть и такие ситуации, когда в отношении осужденной женщины, к которой применена отсрочка отбывания наказания, будет установлено, что она виновна еще и в другом преступлении, совершенном до вынесения приговора (с отсрочкой) по первому делу. На наш взгляд, в этом случае, правило ст. 67 УК РТ (назначение наказания по совокупности преступлений) применены быть не могут, поскольку в ст. 78 УК РТ дан исчерпывающий перечень обстоятельств, на основании которых возможна отмена отсрочки отбывания наказания. В таких случаях, может возникнуть ситуация, при которой приговоры по первому и второму делу будут исполняться самостоятельно[7,С.8-9].

Например, суд, рассматривая уголовное дело по обвинению женщины в совершении преступления, которое состоялось до вынесения приговора по первому делу (с отсрочкой) назначает ей наказание в виде лишения свободы с реальным его отбыванием. В этом случае получается, что приговоры должны исполняться самостоятельно. Таким образом, будучи осужденной, к которой применена отсрочка отбывания наказания по первому приговору, женщина отбывает лишение свободы в колонии по второму приговору.

В целях разрешения данной ситуации В. Золотаревым предлагается внести изменения в ч. 5 ст. 69 УК РФ, дополнив ее положением следующего содержания: «Если после вынесения приговора по делу будет установлено, что осужденный виновен еще в другом преступлении, совершенном им до вынесения приговора суда по первому делу, и лицу было назначено или назначается наказание более мягкое, чем реальное лишение свободы, по одному из приговоров, суд, назначая наказание по совокупности преступлений, окончательное наказание назначает путем поглощения менее строгого наказания более строгим» [8,С.38].

По нашему мнению, возникшую коллизию можно устранить путем дополнения ст. 78 УК РТ новой частью следующего содержания: «Если после вынесения судом приговора по делу с применением отсрочки отбывания наказания будет установлено, что осужденная женщина виновна еще и в другом

преступлении, совершенном ею до вынесения приговора суда по первому делу, суд отменяет отсрочку отбывания наказания и назначает ей наказание по правилам ч. 5 ст. 67 УК РТ». Однако, по нашему мнению, суд может предоставить отсрочку по второму приговору, если будут присутствовать условия для ее применения.

Наряду с единственным обязательным основанием закон предусматривает и два факультативных основания отмены отсрочки отбывания наказания, и оба эти основания относятся к исполнению осужденной своих материнских обязанностей.

Первое из этих оснований заключается в злостном уклонении от воспитания-ребенка. Закон не использует термина злостное уклонение однако злостный его характер вытекает из смысла понятия «уклонение», вложенного в него законодателем. В соответствии с ч. 11 ст. 209КИУН РТосужденная считается уклоняющейся от воспитания ребёнка, если она, официально не отказавшись от ребёнка, оставила его в родильном доме или передала в детский дом, либо ведёт антиобщественный образ жизни и не занимается воспитанием ребёнка и уходом за ним, либо оставила ребёнка родственникам или иным лицам, либо скрылась, либо совершает иные действия, свидетельствующие об уклонении от воспитания ребёнка. Осужденной, допустившей нарушение общественного порядка или трудовой дисциплины, либо если она уклонялась от воспитания ребёнка и ухода за ним, инспекция исправительных работ объявляет предупреждение (ч. 3 ст. 78 УК, ч.9 ст. 209 КИУН РТ). [9]И только уклонение от воспитания ребенка, продолжающееся после такого предупреждения, влечет уголовно-правовые последствия в виде отмены отсрочки отбывания наказания. Решение об отмене отсрочки судья принимает в тех случаях, когда иные средства воздействия на осужденную не могут обеспечить изменения поведения осужденной и выполнения ею материнских обязанностей.

Закон (ч. 9ст. 209 КИУН РТ) предусматривает право инспекцию исправительных работ объявить осужденной предупреждение не только в связи с уклонением от воспитания ребенка, но и в связи с нарушением общественного порядка, повлекшим применение административного наказания, или нарушением трудовой дисциплины, повлекшим применение дисциплинарного взыскания. Видимо, с учетом этого некоторые ученые высказывают мнение, что повторное нарушение осужденной общественного порядка после объявления ей предупреждения также может служить основанием для отмены отсрочки[10,С.132]. Однако с этим мнением нельзя согласиться, поскольку ни ст. 78 УК, ни ст. 209 КИУН не предусматривают возможности отмены отсрочки отбывания наказания по такому основанию.

Второе факультативное основание отмены отсрочки отбывания наказания беременной женщиной или женщиной, имеющей малолетнего ребенка, состоит в отказе матери от своего ребенка. Как вытекает из смысла ч. 11 ст. 209 КИУН, закон подразумевает официально оформленный отказ матери от своих материнских прав и обязанностей. Как справедливо отмечается в литературе, «отказ матери от ребенка и передача его в детское учреждение по закону является достаточным основанием отмены предоставленной отсрочки. На основании этого факта уголовно-исполнительная инспекция без каких-либо предварительных мер воспитательного характера вносит в суд представление об отмене отсрочки отбывания наказания, которое по общему правилу должно судом удовлетворяться»[11,С.516].

Действительно, официальный отказ матери от ребенка означает полное и окончательное прекращение отношений «мать-ребенок», а значит и утрату основания для отсрочки отбывания наказания осужденной, поэтому всякие меры

воспитательного воздействия на нее бессмысленны. В этом случае отмена отсрочки должна быть обязательной, на что следовало бы прямо указать ивч.3 ст. 78 УК, ив ч. 11ст. 209 КИУН.

При этом должны учитываться характер и степень общественной опасности совершенного преступления, поведение осужденной, ее отношение к воспитанию ребенка, величина отбытого и неотбытого срока наказания. Такое решение является неудовлетворительным, поскольку оно не учитывает, во-первых, возможного факта прерывания беременности после предоставления отсрочки, и во-вторых, причин наступления смерти ребенка. Между тем, в специальной литературе обращалось внимание на необходимость отмены отсрочки в связи с отпадением оснований ее предоставления. Так, И.П. Портнов достаточно категорично утверждал, что «отсрочка отменяется безусловно, если отпали основания, по которым она была предоставлена, в частности прерывание беременности или рождение мёртвого ребенка, смерть ребенка, отказ матери от ребенка и передача его в детское учреждение или посторонним лицам и т.д.»[12, С.202]. Приведенное высказывание при всей его категоричности заслуживает серьезного внимания. Совершенно очевидно, что искусственное прерывание беременности с целью уклониться от выполнения материнских обязанностей, а также смерть ребенка, наступившая в результате ненадлежащего отношения осужденной к уходу за ним, должны рассматриваться как отпадение основания для предоставления отсрочки отбывания наказания и влечь ее отмену с направление осужденной для отбывания наказания в соответствии с приговором. Ни для освобождения от наказания, ни для его замены более мягким видом в этих случаях нет никаких оснований. Поэтому представляется целесообразным дополнить ст. 78 УК и ст. 209 КИУНновой частью следующего содержания:

«В случаях искусственного прерывания беременности осужденной с целью уклониться от выполнения материнских обязанностей или наступления смерти ребенка в результате невыполнения осужденной обязанностей по уходу за ним суд по представлению инспекции исправительных работ отменяет отсрочку и направляет осужденную для отбывания наказания в соответствии с приговором».

Важной практической проблемой применения отсрочки отбывания наказания является вопрос о соотношении периода отсрочки со сроками давности обвинительного приговора. По мнению Ю.М. Ткачевского, коллизия между установлением четырнадцатилетнего периода отсрочки и предусмотренными ст. 83 УК сроками давности обвинительного приговора должна разрешаться в пользу ст. 82 УК как более узкой нормой. Думается, указанные нормы не соотносятся как общая и специальная, поскольку они регламентируют самостоятельные виды освобождения от наказания, имеющие разные основания, цели, условия и порядок применения. Поэтому более обоснованной представляется позиция Л.В. Кладкова: «При установлении основания, в соответствии с которым течение срока давности исполнения обвинительного приговора приостанавливается, отсрочка его исполнения не названа (ч. 2 ст. 83 УК). Исходя из этого можно сделать вывод, что отсрочка исполнения приговора не приостанавливает течения этого срока. Следовательно, и длиться сама отсрочка может только в пределах этого срока. А истечение давности срока обвинительного приговора погашает и судимость (см. ч. 2 ст. 86 УК)»[13,С.252]. Такого же мнения придерживается и Л.И. Рарог. «Следует подчеркнуть, - пишет он, - что отмена отсрочки, а также исполнение наказания возможны лишь в пределах сроков давности обвинительного приговора, установленных ст. 83 УК. Следовательно, после истечения отсрочки отбывания наказания, назначенного за преступления небольшой и средней тяжести либо за

тяжкоепреступление, освобождение от наказания в соответствии в с п. «а», «б» и «в» ч. 1 ст. 83 УК является обязательным в силу давности обвинительного приговора, которая истекает раньше окончания срока отсрочки. Таким образом, ч. 3 ст. 82 УК имеет практическое значение только применительно к женщинам, осужденным за особо тяжкие преступления»[14,С.455].

В вопросе о соотношении отсрочки отбывания наказания беременным женщинам и женщинам, имеющим малолетних детей, можно полностью согласиться с мнением Ю.М. Ткачевского, Л.В. Кладкова и Л.И. Рарога. Исходя из абсолютного значения установленных законом сроков давности обвинительного приговора, следует признать, что и отмена отсрочки отбывания наказания по основаниям, предусмотренным в ч. 2 ст. 78 УК возможна только в пределах сроков давности обвинительного приговора, т.е. двух лет после вступления в законную силу приговора, постановленного за преступление небольшой тяжести, шести лет - за преступление средней тяжести, десяти лет - за тяжкое преступление, пятнадцати лет - за особо тяжкое преступление. Но утверждение А.В. Кладкова о том, что истечение срока давности обвинительного приговора погашает и судимость, вызывает возражения.

Во-первых, институт давности «привязан» к моменту вступления приговора в законную силу, тогда как институт судимости за начальную точку отсчета принимает момент освобождения от отбывания наказания.

Во-вторых, законом установлены не совпадающие сроки давности обвинительного приговора и сроки погашения судимости. В большинстве случаев сроки давности длиннее сроков погашения судимости, но применительно к преступлениям небольшой тяжести (при осуждении за них к лишению свободы) срок давности короче срока погашения судимости.

**Список литературы:**


1. *Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года, №574 с изменением и дополнением на состоянии 17 декабря 2020 года //АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 года, №9, ст.68, ст.69.*
2. *Базаров Р.А., Михайлов К.В. Освобождение от уголовной ответственности и наказания: Учебное пособие. - Челябинск, 2001 - С.94.*
3. *Комментарий к Уголовному кодексу Республики Таджикистан / Отв. ред. Х.Х. Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. – С. 186-189.*
4. *Уголовное право РФ. Общая часть /Под ред. Б.В. Здравомыслова. - М., 1996. - С.457.*
5. *Уголовное право РФ. Общая часть: Учебник / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, А.И.Рарога, А.И.Чучаева. - М., 2004. - С.495.*
6. *Петрова И.А. Отсрочка отбывания наказания беременным женщинам и женщинам, имеющим малолетних детей: Дис. … канд. юрид. наук. - М., 2005 - С.168-169.*
7. *Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 11 июня 1999 г. // Бюллетень Верховного Суда РФ, 1999. № 8. - С.8-9.*
8. *Золотарев В. Условное осуждение с отбыванием в колонии // Рос.юстиция, 1999. № 3. - С.38.*
9. *Кодекс исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан от 6 августа 2001 года, № 32 с изменением и дополнением на состоянии 18 июля 2017 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2001 года, № 7, ст. 505.*

10. *Комментарий к УК РФ. - М.,1996. / Отв. ред. И.И. Радченко. - С.132.*
11. *Российское уголовное право в двух томах. Том I. Общая часть. Под ред. А.И. Рарога. - М., 2003. - С.516*
12. *Практический комментарий к Уголовному кодексу РФ / Под ред. Х.Д. Аликпероваи Э.Ф. Побегайло. – М., 2006. - С.202*
13. *Курс уголовного права. Том 2. Общая часть. Учение о наказании. - М., 2002. - С.252.*
14. *Уголовное право РФ. Общая часть / Под ред. А.И. Рарога. - М., 2002. – С.455.*

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллиф атрофи муҳлати санҷишӣ бароимавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва занони кӯдакони то синни ҳаштсола дошта, мавҳум ва моҳияти муҳлати санҷишӣ, асосҳо ва шартҳои татбиқи он, оқибати ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ, ки аз ҷониби суд гирифтаанд, инчунин мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ андешаронӣнамудааст.

**Annotation:**In the article, the author expresses his opinion on the probationary period, the postponement of the execution of punishment for pregnant women with children under the age of eight years, the essence and concept of the probationary period, the basis and conditions for its application, the legal consequences for failure to fulfill the obligations that they received from the court, as well as the improvement of the criminal legislation.

**Вожаҳои калидӣ:** Мавқуф гузоштан, суд, ҷазо,муҳлати санҷишӣ санадҳои судӣ, кодекси ҷиноятӣ, мурофиа, доғи судӣ, ҳукм.

**Keyresponsibilities:** Postponement, trial, punishment, probation, judicial act, criminal code, process, conviction, sentence.

**Сайдуллоев Аҳадхон Абдуллоевич**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия ДДҲБСТ*

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ БАНДУ БАСТИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТӢ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ)

Масъалаи терроризм ва экстремизм - яке за масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб рафта, ягон давлати дунёро дар канор гузошта наметавонад.

Дар сатҳи олӣ доир сохтани иҷлосияи имрӯза дар масъалаи муборизаи байналмилалӣ бо терроризм бори дигар собит мекунад, ки ҷомеаи ҷаҳон ва кишварҳои дар ин ҳамоиш ширкаткунанда дар иртибот ба таъсири хатарноки терроризм ба муносибатҳои байналхалқӣ, суботу амният ва рушди устувори кишварҳо торафт бештар изҳори нигаронӣ мекунанд. Имрӯз терроризм беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ касб мекунад. Он дар минтақаҳои том ва умуман ҷаҳон доман паҳн карда, хатари бузурги иҷтимоӣ дорад ва барои амнияти давлатҳои алоҳида ва минтақаҳо воқеан таҳдид эҷод менамояд.

Тоҷикистон, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сари худ гузаронидааст, ва бо зуҳуроти зишти ин падидаи ғайриинсонӣ аз наздик ошно мебошад, ҷонибдори усулӣ ва пойдору устувори муборизаи қотеъ ва ҳамоҳанг шудани ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди он аст. Алъон вазъи марбут ба аъмоли террористӣ дар ҷаҳон

муташаннич боқӣ мемонад. Сарфи назар аз тадбирҳои солҳои охир андешидашуда дар бахши мубориза бо терроризм, таҳдиди амалҳои нави террористӣ нафақат аз байн нарафтааст, балки афзоиш ёфтааст. Дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолшавии созмонҳои террористӣ ва ниҳодҳои маблағгузори онҳо ба мушоҳида мерасад. Тибқи маълумоти коршиносони боэътимод имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 500 созмонҳои террористии пинҳонкор амал мекунанд. Ҳамасола дар арсаи терроризм дар маҷмӯъ аз 5 то 20 миллиард доллари амрикоӣ сарф карда мешавад. Солҳои охир дар Аврупо, Амрико, Ховари Миёна, Африқо, кишварҳои Балкан, Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо амалҳои даҳшатноки террористӣ ба вуқӯъ пайвастаанд. Ҳоҷат ба баён нест, ки ҷуғрофияи амалҳои бераҳмонаи террористӣ торафт васеъ мешавад. Дар ин хусус иқдомҳои террористӣ дар Балӣ, Филиппин, соҳилҳои Яман ва манотиқи мухталифи дигар гувоҳӣ медиҳанд. Вақтҳои охир раванди устувори ба ҳам пайвастани терроризм бо шаклҳои мухталифи ҷиноятҳои фаромиллӣ – гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи аслиҳа, хариду фурӯши одамон, зархаридӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба назар мерасад.[1]

Ҳодисаҳои охир, ки санаи 15 марти соли 2019 дар Зеландияи Нав бо содир намудани ду амали террористӣ, дар масҷидҳои шаҳри Крайстчерн Линвуд ва Динс-авеню аз тарафи шаҳрванди 28 - солаи австралиягӣ Брентон Таррант содир гашт тамоми ҷомеъаи солими дунёро ба ғазаб овард.[2]

Ин масъала аз тарафи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои кории Маҷмааи умумии СММ ва Паёмҳои навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардида буданд.

Санаи 20 январи соли 2016 Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ тавре, ки дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуда буданд, «Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байни давлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амнияти миллӣ ва сохторҳои низомиро водор месозад, ки фаъолияти худро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, барои иҷрои вазифаҳое, ки имрӯз дар назди онҳо қарор доранд, ҳамеша омода бошанд.

Доманаи фаъолияти созмонҳои террористӣ торафт васеъ шуда, фаъолшавии онҳо, аз ҷумла дар ҳамсоякишвари мо - Афғонистон вазъиятро боз ҳам мураккабтар гардонидааст.

Хулоса, имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари накамтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Пешвои муаззами миллат чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ки дуруст аст.

Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шудааст. Аз

ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд.

Ислоҳи ин вазъ таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизм, аз ҷумла дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар намудани муҷозоти кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда, роҳандозӣ намудани тафтиши байналмилалии зуҳуроти терроризм ва мавриди муҳокимаи Суди байналмилалӣ қарор додани роҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ, фондҳои ба ном хайрия, соҳибкорон ва дигар ашхоси ба терроризм мусоидаткунандаро тақозо менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиқол, ки ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат ба экстремизм ва терроризмро аз саргузаронида, дар ин роҳ даҳҳо ҳазор талафоти ҷонӣ дода буд, ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад.

Вазъи ба миён омада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкиливу ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи барномаи стратегии давлат тақозо дорад.

Аз ин лиҳоз, ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳарчи зудтар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 таҳия ва пешниҳод намояд.

Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содирнамудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзӯр карда шавад.

Бинобар ин, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ вазифадор карда мешаванд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумат хулосаҳои мушаххас пешниҳод намоянд.[3]

Кодекси ҷиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) – ин сеюмин кодекси ватанӣ ба ҳисоб меравад. Кодексҳои ҷиноятии аввалаи Тоҷикистон солҳои 1935 ва 1961 қабул шуда буданд, ки муносибатҳои ҷиноятӣ - ҳуқуқиро дар ҳамон сохти идоракунии давлатӣ ба танзим медароварданд.

Дар он кодексҳо афзалият ва бартарии арзишҳои умумиинсонӣ ҷой надоштанд, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бартарии уҳдадориҳои байналмилалӣ эътироф нашуда буданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон то бадаст овардани соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатӣ, амалияи ҳуқуқ тадбиқкунӣ ҳамеша ноустувории қонуни ҷиноятиро эҳсос мекард.

Ба Кодекси ҷиноятии соли 1961 зиёда аз 800 тағйироту иловагиҳои ҷиддӣ ворид карда шуда буданд. Баъзе меъёрҳои он то даҳ маротиба дигаргун шуда буданд.

Кодекси ҷиноятии соли 1961 ба он дигаргуниҳое, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба вуқӯъ омаданд, ба таври самаранок ҷавобгӯ шуда натавонист. Инчунин, кодекс гузариши мамлакатро ба муносибатҳои нави бозоргонӣ, ки ҷамъият ба он чун зарурати ҳастӣ ворид шуд, таъмин карда натавонист.

Ҳамин тавр, сабаби асосии қабулгардидани Кодекси ҷиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне, зарурияти ислоҳоти ҳаматарафаи қонуни ҷиноятӣ) он буд, ки бисёр мавқеъҳои қонунгузории пешина ба талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷамъияти ҳозираи мо ҷавобгӯ набуд, пеш аз ҳама, ба меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғ.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурни Тоҷикистон, ин ислоҳоти пурраи (аслии) қонунгузории ҷиноятӣ шуд, ки он бо роҳи қабули Кодекси ҷиноятии нав тадбиқ карда шуд.

Дар Кодекси ҷиноятӣ, тавассути мустаҳкамкунии қонунгузорӣ, волотарин ақидаҳои умуми иҷтимоии адолатпарварӣ, баробарӣ ва инсондӯстӣ таҷассум гардидаанд.

Ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи ҳам принсипҳое, ки Консти-тутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда аст ва, ҳам меъёрҳое, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дарҷ гардидаанд, меравад. Эътироф кардан ва пайравию риоя намудани чунин принсипҳо мутобиқати қонуни ҷиноятии ватаниро бастан дар сатои байналмилалии муосир дохил шудани мамлакати моро ба фазои ҳуқуқии умумиҷаҳонӣ таъмин мекунад.

Бартарии вазифаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузҳои ҷиноятӣ аз муқаррароти моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] бармеояд. Ин ғояи консептуалӣ дар меъёрҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ифодаи худро ёфтааст ва сохтори Қисми махсуси КҶҶТ ба он пурра мувофиқ гардонида шудааст.

Кодекси ҷиноятии нав пайдарҳам принсипи демократӣ ва башардӯстиро пеша кардааст. Бори нахуст, дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон принсипҳои қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд, ки мувофиқи талаботи қонун татбиқи амалии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикитстон бояд ҳатман ба онҳо мутобиқ карда шаванд.

Ба Кодекси нави (1998) ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикитстон тафриқакунии (дифференсиатсияи) ҷавобгарии ҷиноятӣ хос аст.[5]

Ин чунин маъно дорад, ки нисбат ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ретсидиви ҷиноят, ҷиноятҳои муташаккил ҷавобгарии қатъӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, дар баробари ин, барои ҷиноятҳои начандон вазнин, ки нисбат ба содиркунандагони онҳо чунин муносибати қатъӣ талаб карда намешавад, тадбиқи чораҳои сабуки таъсиррасонӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ҳақиқат татбиқи пайдарҳами арзишҳои инсондӯстӣ, махсусан нисбати ашхосе, ки маротибаи аввал ҷиноятеро содир кардаанд, ки ба ҷамъият на он қадар хавфнок аст, ё ки дар ҳолатҳое содир карда шудааст, ки ҷавобгариро сабук мекунад, зарурати васеътар татбиқ намудани чораҳоеро, ки бо ҷудо кардани инсон аз ҷомеа алоқаманд нестанд, тақозо менамояд.

Ғайр аз он, чунин тафриқакунӣ маънои бартарафкунии ҷазоҳои ҷиноятии барзиёдро дорад, яъне, ин чунин маъно дорад, ки барои ҷиноятҳои ба ҷамъият на он қадар хавфнок раванди декриминализатсия ва депенализатсия татбиқ карда шудааст, ки он аз татбиқи ғояҳои инсондӯстӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷинояти ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) дар моддаи $307^3$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти № 35 аз 17.04.2005. ворид када шуд.

Тарафи объективии ҷинояти қисми 1 моддаи 307$^3$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳаракатҳои фаъолона содир карда мешавад, яъне ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст.

Дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 7 аз 31 августи соли 2007 "Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ" [6] ҳаракатҳои шахс бо моддаи 307$^3$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон вакт банду баст карда мешавад, ки агар вай барои ташкили фаъолияти ҳизбу иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки фаъолияти онҳо аз тарафи суд манъ карда шудааст, кӯшиш карда бошад, ё ин ки дар фаъолияти чунин ҳизбу иттиҳодияҳо ё ташкилотҳо иштирок карда бошад.

Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) дар муҳайё кардани шароит барои давом додани фаъолияти ташкилоти барҳамдодашуда ва гузаштани ташкилот ба ҳолати пинҳонӣ, ташкил кардани махфигоҳҳову биноҳо барои гузаронидани маҷлисҳо, ҷой кардани аъзои ташкилот, нигоҳ доштани мавод, адабиётҳо ва дигар ашёҳо, кор карда баромадани нақшаҳои нави фаъолияти ташкилот, аз нав ба қайд гирифтани аъзои ташкилот ва ғайра ифода меёбад.

Таркиби ҷинояти мазкур расмӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) ҷиноят хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Тарафи субъективии ин ҷиноятро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад.

Субъекти ҷиноят умумӣ буда, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 16 - солагӣ пешбинӣ шудааст.

Қисми 2 моддаи 307$^3$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шуда буд ва ин ҷавобгариро то қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № 1359 аз 14.11.2016 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинӣ менамуд ва бо қабул гардидани қонуни мазкур ба диспозитсияи қисми мазкур тағйиру иловаҳои бо мазмуни "инчунин мусоидат кардан ба фаъолияти онҳо бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет ва ё ба тарзи дигар, ворид карда шуда санксияи моддаи мазкур пурзӯр карда шуд.

Дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 7 аз 31 августи соли 2007 "Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ" таҳти мафҳуми иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоти барҳамдодашуда ё манъкардашуда - иштирок кардан дар маҷлисҳо, ҷамъомадҳои аъзои ин ҳизбу иттиҳод ё ташкилот, иҷро намудани супоришҳои роҳбарияти он, гузаштан ба ҳолати пинҳонӣ ва ғайра, фаҳмида мешавад.

Дар эзоҳи моддаи 307$^3$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан пешбинӣ гардидааст, яъне шахсе, ки ихтиёран аз иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ва ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани

фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, даст мекашад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар дар кирдори ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад.

Эзоҳи моддаи мазкур бинобар риояшавии принсипи башардӯстӣ, эҳтироми инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, ифода менамояд.

**Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда:**


1. *Иқтибос аз Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлоси байналмилалии мубориза бо терроризм (Ҷумҳурии Исломии Эрон, 25.06.2011.) сомонаи расмии интернетии www.president.tj*
2. *Сомонаи интернетӣ:https://russian.rt.com.Теракт в прямом эфире: не менее 49 человек погибли при нападениях на две мечети Новой Зеландии.*
3. *Иқтибос аз Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20.01.2016. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарамЭмомалӣРаҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Нашриёти Шарқи Озод, 2016 С.39*
4. *Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе. Нашриёти - «Ганҷ», аз 06.11.1994.(бо тағйироту иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016).*
5. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, № 7-9, мод. 586; Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1472; аз 02.01.2018 с., №1473) Сомонаи интернетӣ.www. ММК.tj*
6. *Ниг.:Маҷмӯаи карорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011) –Душанбе:-Нашриёти-Хелветас, 2011, С.394*



**Аннотация.** Последние годы в Уголовный кодекс Республики Таджикистан были введены изменения и дополнения. Эти изменения и дополнения внесено в связи с проявлением опасности объектам, охраняемым, Конституции Республики Таджикистан.

Исходя из этого,ряд существуют проблем, которые требуют уголовно-правового анализа, а также квалификации этих преступлений.



**Ключевые слова.** Безопасность, конституционный строй, транс национальность, терроризм, экстремизм, незаконный оборот наркотических средств, контрабанда оружия, торговля людьми, наёмничество, незаконная миграция.



**Annotation.** In recent years, amendments and additions have been introduced to the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. These changes and additions were made in connection with the manifestation of danger to objects protected by the Constitution of the Republic of Tajikistan.

Based on this, there are a number of problems that require criminal law analysis, as well as the qualification of these crimes.



**Keywords.** Security, constitutional order, trans nationality, terrorism, extremism, drug trafficking, arms smuggling, human trafficking, mercenary activities, illegal migration.

**Каримов Равшан Абдукаримович,**
*н.и.и., дотсент, мудири кафедраи*
*хадамоти гумруки ДДҲБСТ*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҒАЙРИТАРИФИИ САВДОИ ХОРИҶӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Воридотивазкунӣ ва дастгирии содирот барои собиқ мамлакатҳои шӯравӣ варианти маъмули сиёсати иқтисодӣ муайян шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ самти воридотивазкуниро интихоб намуда, онро дар ҳуҷҷати асосии стратегӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мустаҳкам кардааст.

Асосҳои назариявӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки баробари дигар воситаҳои таъмини сиёсати воридотивазкунӣ, нақши воситаҳои танзими гумрукию тарифии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста бо шиддатнокшавии савдои ҷаҳонӣ назаррас ва аввалиндараҷа мебошад.

Олими ватанӣ Ҷ.А. Алиҷонов [1, 343-344] модели рушди иқтисодиро дар асоси воридотивазкунӣ таҳқиқ намуда, дар асоси рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои комплексии онро пешниҳод кардаанд, ки дар қатори онҳо такмили воситаҳои гумрукӣ низ зикр шудаанд. Вобаста ба ин истифодаи квотаи воридотӣ ва такмили ҷадвали тарифиро баҳри таъмини рушди модели воридотивазкунанда муҳим арзёбӣ кардаанд. Бояд қайд намуд, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои мазкур, пеш аз ҳама воситаҳои тарифӣ вобаста ба уҳдадорѢҳои мамлакат дар назди Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар шартномаҳои байнидавлатӣ такмил дода шудаанд, вале дар ин самт вобаста ба сиёсати воридотивазкунӣ иқтидори имконпазир пурра истифода нашудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди гуфтушунид бо СУС ҳамчун масъалаи муҳим маҳдудиятҳои миқдориро нагузоштааст [4, 8]. Инчунин то ҳол санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз он ҷумла қарорҳои ҳукумат нисбати истифодаи умуман воситаҳои ғайритарифӣ аз дидгоҳи таъмини мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ мукаммал коркард нашудааст. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз самти такмили сиёсати гумрукӣ дар қаринаи рушди содирот ва воридотивазкунӣ ин самаранок истифода кардани воситаҳои ғайритарифии танзими савдои хориҷӣ мебошад.

Бисёрии олимон ва кормандони соҳаи танзими савдои хориҷӣ дар он ақида ҳастанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои СУС мебошад ва истифодаи воситаҳои ғайритарифӣ мумкин нест. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дода истодааст, ки истифодаи маҳдудиятҳои ғайритарифӣ дар танзими савдои хориҷии ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон зиёд шуда, хусусан дар ҳолати буҳрон бо мақсади нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ, шуғли аҳолӣ ва дигар оқибатҳои он аҳамияти онҳо зиёд гаштааст.

Дар чорчӯбаи СУС мувофиқи талаботи Созишномаи кулл оид ба тариф ва савдо [2], банди 2 (с) моддаи XI – истиснои бекор кардани умумии маҳдудиятҳои миқдорӣ, моддаи XII – маҳдудият бо мақсади таъмини тавозуни пардохт ва моддаи XX – истиснои умумӣ истифодаи маҳдуиятҳои миқдорӣ иҷозат дода шудааст.

Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дода истодааст, ки мамлакатҳои аъзои СУС аз ин воситаҳои танзим дар солҳои охир васеъ истифода карда истодаанд. Масалан,

чораҳои ғайритарифӣ, ки аз ҷониби мамлакатҳои аъзои СУС истифода мешаванд дар соли 2000 дар ҳиссаи умумии онҳо 38,9% квотаи тарифӣ, 26,6% чораҳои зиддиденпингӣ, 13,2 % субсидияҳои содиротӣ, 9,2% маҳдудиятҳои миқдорӣ ва 9,1% чораҳои ҳимоявии махсус ташкил карда бошад, дар соли 2017 ин таносуб назаррас тағйир ёфта, ба ҳиссаи чораҳои санитарӣ ва фитеосанитарӣ (меъёрҳои техникӣ) 29,0%, монеаҳои техникӣ дар савдо (меъёрҳои техникӣ) 22,5%, чораҳои зиддиденпингӣ 13,9%, маҳдудиятҳои миқдорӣ 13,6%, квотаи тарифӣ 10,6%, чораҳои махсуси ҳимоявӣ 5,3% ва субсидияҳои содиротӣ 3,6% рост омад [3, 90].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол маҳдудиятҳои ғайритарифӣ бо мақсади таъмини сиёсати воридотивазкунӣ татбиқ нашудаанд. Бо ин мақсад танҳо маҳдудияти тарифӣ (арзиши гумрукӣ) татбиқ шудааст, ки ин воситаи танзими гумрукӣ арзиши ҳадди ақали арзиши гумрукии молҳоро муайян мекунад, ки бо ин роҳ танзими нархии молҳои воридотӣ таъмин карда мешавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати молҳои асосии воридотӣ, ки имконияти воридотивазкунӣ мавҷуд аст ва ҳоло истесолоти онҳо ба роҳ монда шудааст, арзиши татбиқшаванда аз 10.09.2019 сол барои 25 номгӯ ва аз 01.02.2020 сол барои 40 номгӯи молҳо аз рӯи номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян шудаанд, ки тағйирёбии онро аз ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст. Бояд зикр намуд, ки арзиши татбиқшавандаи ҳамаи номгӯи молҳо маротибаи дуюм назар ба якум баланд карда шудаанд (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

**Арзишҳо барои муайян кардани арзиши гумрукии мол** (доллари ИМА)

| | **Рамзи мол** | **Номгӯи мол** | **Воҳиди ченак** | **Арзиши татбиқ-шуда аз 10.09. 2019** | **Арзиши татбиқ -шуда аз 01.02. 2020** | **Фарқият , %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 0207 | Гӯшт ва каллапочаи ғизоии мурғи хонагӣ, ки дар мавқеи молии 0105 нишон дода шудааст, тару тоза, хунуккардашуда ё яхкунонидашуда | тн | 1850 | 2000 | 108,1 |
| 2. | 1806 | Шоколад ва дигар маводи тайёри хӯрокии какаодор | тн | 2550 | 2600 | 101,9 |
| 3. | 0701 | Картошкаи тару тоза ё хунуккардашуда | тн | - | 220 | |
| 4. | 0702 | Помидори тару тоза ё хунуккардашуда | тн | - | 1100 | |
| 5. | 2202 | Обҳо, аз ҷумла, маъданӣ ва газноккардашуда, дорои иловагиҳои шакар ё дигар маводи ширинкунандаҳо ё хуштаъм-хушбӯӣ ва дигар шарбатҳои беалкогол, ғайр аз шарбатҳои мева ё сабзавоти мавқеи молии 2009 | тн | 798 | 998 | 125,1 |
| 6. | 2203 | Оби ҷави суманакдор | литр | 1,23 | 1,43 | 116,3 |

Бо мақсади таҳлил намудани самаранокии татбиқи маҳдудияти тарифӣ динамикаи воридоти молҳое, ки нисбаташон маҳдудиятҳои арзишӣ муқарар шудаанд, оварда шуда, тағйирёбии онҳо муайян шудаанд.

Ҷадвали 2

**Динамикаи воридоти молҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (ҳазор доллари ИМА)

| № б/т | Рамз и мол | Номгӯи мол | Марҳилаи солҳои | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 / 2016, % | 2020 / 2019, % |
| 1. | 0207 | Гӯшт ва каллапочаи ғизоии мурғи хонагӣ, ки дар мавқеи молии 0105 нишон дода шудааст, тару тоза, хунуккардашуда ё яхкунонидашуда | 30862 | 38661 | 4263 1 | 42952 | 3181 2 | 103,1 | 74,1 |
| 2. | 1806 | Шоколад ва дигар маводи тайёри хӯрокии какаодор | 27032 | 28827 | 2973 8 | 32670 | 3033 0 | 112,2 | 92,8 |
| 3. | 0701 | Картошкаи тару тоза ё хунуккардашуда | 671 | 2095 | 3911 | 462 | 4057 | 0,6 | 0,9 |
| 4. | 0702 | Помидори тару тоза ё хунуккардашуда | 776 | 247 | 201 | 119 | 327 | 42,1 | 274,8 |
| 5. | 0703 | Бехпиёз, пиёзи сабзи береша, сирпиёз, пиёзи сабзи решадор ва дигарҳо сабзавоти пиёзбех, тару тоза ё хунуккардашуда | 162 | 743 | 64 | 51 | 348 | 214,8 | 682,4 |
| 6. | 2009 | Шарбати мева ... | 1159 | 870 | 1127 | 1050 | 1731 | 149,5 | 164,9 |
| 7. | 2202 | Обҳо... | 7708 | 8665 | 9943 | 14699 | 1996 6 | 259,0 | 135,8 |
| 8. | 2203 | Оби ҷави суманакдор | 1569 | 2653 | 3552 | 2787 | 3760 | 239,6 | 134,9 |
| 9. | 7305 | Лӯлаҳо ва найчаҳои дигар (масалан, кафшершудаҳо, парчиншудаҳо ё бо усули монанд пайвасткардашудаҳо), бо буриши доирашакл, бо қутри берунии зиёда аз 406,4 мм, аз филизоти сиёҳ | 1547 | 842 | 1619 | 2136 | 1764 | 114,0 | 82,6 |

**Сарчашма:** Маркази савдои байналмилалӣ [электронный ресурс]. URL: https://www.intracen.org/itc/market-info-tools/statistics (санаи истифодабарӣ: 20.03.2021)

Дар солҳои татбиқи чораи мазкур аксарияти воридоти молҳо зиёд шудаанд. Масалан воридоти шоколад ва дигар маводи тайёри хӯрокии какаодор дар соли 2020 ба маблағи 30,3 млн доллари ИМА бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2016 27 млн доллари ИМА буд, ки дар ин давраи ба андозаи 12,2% зиёд шудааст.

Инчунин, обҳо новобаста аз татбиқи чораи мазкур тамоюли зиёдшавӣ доранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки татбиқи чораи мазкур бо мақсади ҳимояи мол истеҳсолкунандагони ватанӣ мувофиқи мақсад намебошад.

Имрӯзҳо дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати маъалаи рӯз манъ кардани истифодаи маҳдудиятҳои ғайритарифӣ наистода, балки меъёркунӣ ва мувофиқакунии истифодабарӣ ва қоидаҳои шарҳи онҳо гузошта шудааст [6, 74]. Ҳамин тариқ, истифодаи усули ғайритарифии танзими савдои хориҷӣ бо мақсади такмили сиёсати гумрукӣ дар каринаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда аҳамият пайдо карда, коркарди чораҳои мувофиқи он вобаста ба стратегияи рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ мувофиқи мақсад аст.

Ҳангоми такмили таъмини сиёсати воридотивазкунӣ бо истифода аз воситаи маҳдудиятҳои микдорӣ ба инобат гирифтани талаботҳои ин созишнома муҳим мебошад. Инчунин ба ҳукумати мамлакат муҳим аст, ки бо мақсади самаранок истифода кардани чораҳои дигари воситаҳои ғайритарифии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ба монанди: меъёрҳои техникӣ, литсензиякунонии воридоту содироти намудҳои алоҳидаи мол ва истифодаи боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддиденпингӣ ва ҷубронӣ) дар асоси таҳлили тағйирёбии сохтори савдои хориҷӣ чораҳои иловагиро андешад.

Яке аз маъалаҳои муҳими методологии истифодаи квотаи миқдории воридотӣ ин муайян намудани ҳаҷми талаботи дохилӣ ва ҳиссаи истеҳсолоти ватанӣ дар истеъмоли он мебошад, ки аниқ муайян накардани он ба ғайри самаранокии чораи мазкур сабаб мегардад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. *Алиджанов Д.А. Модель импортозамещающего экономического роста переходной экономики / Д.А. Алиджанов // Вестник БУКЭП. – С.340-347.*
2. *Генеральное соглашение по тарифам и торговле (ГАТТ 1947). [электронный ресурс]. URL:https://www.hse.ru/data/2011/11/15/1272897051/%D0%93%D0%90%D0%A2%D0%A2-47%20%28rus%29.pdf(дата обращения: 08.12.2019 г.)*
3. *Кадочников П.А. Динамика и структура нетарифных мер, применяемых в международной торговле / П.А. Кадочников, Т.А. Флегонтова, Т.М. Алиев // Экономическая политика. – 2018. – Т. 13. – ¹ 6. – С. 82-101.*
4. *Количественные ограничения в торговле (КО). Справочный документ для заседания ККТП ЦАРЭС в сентябре 2007 года. – 15 с. [электронный ресурс]. URL:https://www.carecprogram.org/uploads/Quantitative-Restrictions-Trade-ru.pdf(дата обращения: 08.12.2019 г.)*
5. *Маркази савдои байналмилалӣ [маводи электронӣ]. URL:https://www.intracen.org/itc/market-info-tools/statistics (санаи истифодабарӣ: 20.03.2021)*
6. *Михайловская П. Рекомендации Всемирной Торговой Организациипо использованию нетарифных мер для регулирования внешней торговли в условиях глобального кризиса. – С. 64-75. [электронный ресурс]. URL: https://elib.bsu.by/bitstream/123456789/89401/1/mihaylovskaya_Customs_SNIL_V1.pdf(дата обращения: 08.12.2019 г.)*

**Арабеков У.Ҷ.,**
*номзади илмҳои таърих, дотсент,*

**Пӯлодов И.,**
*мушовири директори ФДТТИ*

# 30-СОЛИ ФАЛАСАФАИ ИСТИҚЛОЛГАРОИИ ПЕШВО

Истиқлолияти давлатӣ бузургтарин дастоварди сиёсии миллати куҳанбунёди ориёитабори тоҷик мебошад.

30 сол муқаддам дар арафаи пошхӯрии яке аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶСШ) Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои ин иттиҳод истиқлолияти сиёсии худро ба даст овард ва ин истиқлолият аз имтиҳони ҷиддии таърих бомуваффақият гузашт.

Ба имтиҳони аввалини таърих Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ рӯ ба рӯ гардида буд. Ин имтиҳони мудҳиши таърих ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-1997 буд, ки барқарории истиқлолиятро зери хатари ҷиддӣ мегузошт. Дар натиҷаи ин ҷанги шаҳрвандӣ 150 ҳазор нафар нобуд ва 1 миллион нафар ба кишварҳои ҳамсоя гуреза гардиданд. Дар натиҷаи ин ҷанги бародаркуш иқтисоди кишвар 7 млрд доллар зарари молиявӣ дида, бисёре аз шаҳру деҳот, роҳу пулҳо ва дигар иншоотҳои муҳимми ҳаётии кишвар несту нобуд карда шуда буданд.

Дар чунин лаҳзаҳои ҳалокатбори сиёсӣ ва иқтисодӣ таърих ва Худованд абармардро ба саҳнаи сиёсат овард, ки ӯ наҷотбахш ва эҳёгари давлатдории навини тоҷикон гардид. Ин абармарди сиёсат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Эмомалӣ Раҳмон аз сиёсатмадорони дурандешу зирак ва оқиле буданд, ки на фақат миллатро аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ наҷот бахшиданд, ҳамчунин дар давоми 30 соли баъдина барои миллат ва рушди он ҳамчун Пешвову раҳнамо ва сипари боэътимод хизмат намуда истодаанд.

30 соли истиқлолият аз нигоҳи фалсафаи истиқлолгароии Пешвои муаззами миллат чунин натиҷаҳои беҳтарини рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба бор оварданд:

Аввало, Тоҷикистон ба истиқлолияти энергетикӣ соҳиб гардид.

Дувум, Тоҷикистон аз бумбасти коммуникатсионӣ берун гардид.

Сеюм, Тоҷикистон имрӯзҳо баҳри расидан ба амнияти озуқаворӣ талошҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодааст.

Чаҳорум, кишвар таҳти ҳимояти Пешво саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кард.

Чунонки Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26-уми январи соли 2021 ироа гардид, натиҷаи 30 соли фалсафаи истиқлолгароии худро баҳри рушди кишвар чунин пурҳикматона иброз намуданд: “Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд. Танҳо соли 2020-ум 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба ситифода дода шуданд” [1].

Ё худ ки Пешвои миллат фалсафаи рушди истиқлолгароии худро дар бахши рушди илму маорифи кишвар чунин иброз намуданд: “Умуман, аз соли 1991 то ба

имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шудааст.

Мо барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд таомоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем.

Дар ин ҷода муассисаҳои типи нави замони истиқлол - мактабҳои президентӣ ва литсею гимназияҳо пешсаф буда, ҳар сол беш аз 95%-и хатмкунандагони ин муассисаҳо сазовори номи донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва хориҷ аз он мегарданд.

Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ташаббусу таҷрибаи ин мактабҳоро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи муассисаҳои кишвар васеъ татбиқ намояд".

Бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани сифати таълим дар Паёми соли гузаштаи Президент ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 – 2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд ва ҷиҳати татбиқи ин ташаббус аз ҷониби Ҳукумати мамлакат нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020 – 2025 қабул карда шуд" [2].

Аз ҳадафҳои Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки асосан бахри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, табдил ёфтани Тоҷикистон ба кишвари саноатию аграрӣ ва содиркунандаи молу коло нигаронида шуда буд, бармеояд, ки ин ҳама зина ба зина дар ҳаёт татбиқи худро ёфта истодаанд. Маҳз фасласафи истиқлолгароии Пешво буд, ки Тоҷикистонор ҳамчун давлати соҳибистиқлоли воҳид зиёда аз 170 кишвари ҷаҳон шинохтааст ва бо онҳо аллакай робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ дорад.

Ҳамин тавр, фаслсафаи истиқлолгароии Пешвои миллат обрӯи миллати тоҷикро дар асрсаи байналхалқӣ баланд бадошта, пояҳои давлатдории онро зери парчами фалсафаи истиқлолгароии Пешвои муаззами он боз ҳам устувортар намуд.

Калидвожаҳо: паём, фалсафаи истиқлогароӣ, сиёсат, абармард.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ – ш.Душанбе, 26-уми январи соли 2021, саҳ. 14*
2. *Ҳамон ҷо, саҳ 23-24.*

**Каримов Аслам Азамҷонович**
*н.и.филол.,дотсенти кафедраи*
*фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ*

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ИБНИ СИНО

Баъзе ҷанбаҳои фалсафаи машшоияи Ибни Сино

Фалсафаи Юнони Қадим, бавижа мактаби машшоияи Арасту барои рушду такомули фалсафаи асримиёнагии тоҷик заминаи хубе фароҳам овард. Асрҳои Х-ХII, ки давраи «тиллоӣ»-и рушду нумӯи илму адаб ва фарҳангу санъати тоҷикон аст, махсусан, дар риштаи шинохти фалсафаи машшоия ва тарвиҷу равнақи он табаддулоти маънавие пешорӯ сохт. Муаррихон, олимону адибон, мутафаккирону мутакаллимони давр баргузидатарин асарҳоро таълиф намуда, ба мерос гузоштаанд, ки чун «офтоби раҳнамою ҳидоят» барои мардуми Шарқу Ғарб, дар ҷодаи тараққиёти минбаъдаи кишварҳои гуногун ва тамаддуни волои онҳо хизматҳои арзишманде кардааст. Пайдоиши фалсафаи машшоия дар асрҳои миёна бозёфте буд, ки мақоми олимону донишмандони илм ва намояндагони дини исломро муайян намуд. Фалсафаи машшоия, аз як тараф, ҳамчун ҳикмати файласуфони юнонзамин баҳрамандӣ дода бошад, аз ҷониби дигар, сабаби пайдоиши ҷараёнҳои гуногуни динию фалсафӣ (аз ҷумла, калом, машшоия, тасаввуф, исмоилия ва ғ.) ва баҳсҳои тӯлонии идроку ҳушёрии намояндагони илм ва дин гардид.

Ин мактаби фалсафии машшоия, пас аз ба забони арабӣ тарҷума шудани осори пурғановати мутафаккирони барҷастаи Юнони Қадим – Суқрот, Афлотун, Арасту ва чанде дигарон, ба ҷаҳони ислом ворид гардида, тавассути мутафаккирон ва файласуфони бузурги мусулмон, монанди Ибни Рушд, Ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва бархе дигарон такомул ёфт, аммо дар байни файласуфони мактаби машшоия мақоми Ибни Сино баланд арзёбӣ мегардад.

Таълифоти арзишманди Арасту барои ҷаҳонбинии фалсафии оламиён, бавижа олимони тоҷики Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои Х-ХII нақши муайяне бозидааст. Дар сохтори фалсафии ӯ масъалаи онтология ҷойгоҳи хоса дорад, ки баҳрамандӣ аз он дар осори файласуфони асримиёнагии ислом, бавижа Ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ ва Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Мир Домод, Ибни Рушди Андалусӣ, Ибн Боҷаи Андалусӣ ба назар мерасад. Ҳастӣ (вуҷудшиносӣ) чун оғози ҳама чиз, мафҳумест, ки аз рӯи ақидаи файласуфони машшоия, дарки он берун аз мавҷуд муяссар мешавад.

Онтологияи машшоияи шарқӣ ба назарияи эманатсияи навафлотуния такя мекунад. Намояндагони машшоия ин назарияро такрор намуда, бо бархе аз бозёфтҳо ва навгониҳо дар таълимоти хеш ҷой додаанд. Ҳарчанд сайри таърихии мактаби машшоия аз Испания то ба Осиёи Миёна доман паҳн кардааст, вале дар ин мақола бештар ба афкори яке аз намояндагони тоҷикзабони он таваҷҷӯҳ намудем.

Идомадиҳандаи анъанаи мактаби машшоияи ал-Киндӣ ва Форобӣ олими энсиклопедист, файласуфи бузурги тоҷик Ибни Сино (980-1037, аз деҳаи Афшанаи Бухоро) буд, ки ба омӯзиши мустақили табииёт, метафизика ва тиб шурӯъ намуда, аз устодони худ дар илм бартарият ёфт ва ба асарҳои Суқрот, Афлотун ва Арасту рӯ овард. Оид ба ин масъала Ибни Туфайли Андалусӣ дар китоби «Асрор-ул-ҳикмат-ул-машриқия» ва рисолаи «Ҳай бинни Яқзон» чунин менависад: «Шайх

Абӯалӣ ба таъбири он чи ки дар китоби Арасту омада, пардохта... дар китоби «Шифо», дар тариқи фалсафаи ӯ солик гардидааст...» [6,3]

Ибни Сино якчанд соли ҳаёти хешро дар академияи Маъмун, дар Хоразм сарфа кардааст. Ҳарчанд Ибни Сино бархе аз нуқтаи назари Арасту ва дигар файласуфони қадимро инкор менамояд, вале таълимоти ӯро бештар ҷонибдорӣ кардааст. Масалан, фарзияҳое, ки Шайхурраис пазируфтааст, аз инҳо иборатанд:

- Арасту дар фалсафаи худ, ҳақиқати ҳар чизро, ки асл (ҷавҳар) аст, бо сифоти он ки зоҳир (араз) аст, таъриф мекунад. Вуҷуди ҷавҳар қоим ба зот аст, вуҷуди араз қоим ба ғайр. Араз низ бар нӯҳ қисм• тақсим мегардад, ки бо лиҳози ҷавҳар маҷмӯоти онҳоро маъқулоти даҳгона меноманд.

-Масъалаи дигари муҳим, дар ҳикмати Арасту, баҳси қувва ва феъл аст. Дар ин асос, ҷаҳон дарбаргирандаи қувваҳо ва феълият ва мадори гардиши олам бар асос ва ба феълият расидани қувваҳо мебошад. Вуҷуди билқувва ба модда аст ва феълияти он ба сурат аст.

-Мавзӯи дигари муҳим, дар фалсафаи машшоияи арастуӣ масъалаи модда ва сурат аст. Бар асоси таълимоти Арасту ва пайравони мактаби ӯ ҷавҳари ҷисмонӣ мураккаб аз модда ва сурат аст. Модда ҳайсияти қувваи ҷисм аст ва сурат ҳайсияти феълияти онҳост. Фалсафаи ин вуҷуде, ки моддаи ҳама мавҷудот ва ҳастии он ибдоӣ аст, аз моддаи қаблӣ падид наёмада, моддатулмаъво ё «ҳаюлои аввалӣ» шинохта шудааст. Ҳаюлои аввалӣ ҷавҳари феълиятдоре мебошад, ки метавонад навъе ҷавҳари ҷисмонӣ бошад.

-Яке аз таълимоти дигари мактаби машшоияи асрастуӣ масъалаи баҳси сабабияти чаҳоргона аст, ки айнан дар таълифоти Ибни Сино такрор гардидаанд. Ин иллатҳо(сабабҳо) иборатанд аз:

1.Иллати унсурӣ (модӣ), яъне моддаи ташкилдиҳандаи як ҷисм аст.

2.Иллати суратӣ, ташаккул ва созмонёфтагии он ҷисм мебошад. «Сурат(гуфта) гоҳ моҳиятеро мегӯянд, ки чун дар модда ҳосил шавад, онро навъ месозад ва худи навъро ҳам сурат мегӯянд. Ва шаклро ҳам, билхусус сурат мехонанд ва ҳайати иҷтимоияро ҳам сурат меноманд…Сурат, ки яке аз мабодии ҷисм аст, он ҷузъе аз муракккаб аст, ки ӯро феълият медиҳад, зеро ки модда ҷисмро феълият намедиҳад ва вуҷудаш ба танҳоӣ кофӣ нест, барои ин ки чизе билфеъл мавҷуд бошад ва фақат билқувва хоҳад буд ва билфеъл буданаш ба сабаби вуҷуди сурат аст.» [1,55]

3.Иллати фоилӣ, яъне сонеъ ва созандаи он мавҷуд аст. «Фоил онро гӯянд, ки дар чизи дигаре ғайр аз худ аз ҷиҳати ин ки ғайри худи ӯст, мабдаи ҳаракат шавад. Ва мақсуд аз ҳаракат дар ин ҷо ҳар қисм феълият ёфтани қувва аст дар модда.» [1,52]

4.Иллати ғоӣ, яъне амре, ки ангезаи таҳқиқи он мавҷуд аст. «…ғоят амрест, ки сурат ба ҷиҳати ӯ дар модда ҳосил мешавад ва он хайри ҳақиқӣ аст ё хайри гумонӣ, зеро ҳар ҳаракате, ки аз он фоили биззот на билараз сар бизанад, аз ӯ хайрро манзур дорад нисбат ба худ ва онгоҳ ба ҳақиқат аст, гоҳ ба гумон, яъне хайр хаст, ё гумон меравад, ки хайр аст». [1,56]

Масъалаи дигари муҳим, дар машшоия, мавзӯи ошкор сохтани сурати мутлақ [зоти борӣ, ақли кулл ё иллатулилал] аст, ки як навъ гароиш ба теосентризми динӣ мебошад. Модда, ҳамвора дар сайр ба сӯи камол ва фаъолият ва ғояти хеш аст. Ин ҳаракат то ба камоли мутлақ расиданаш, ҳамчунон идома меёбад. Камоли мутлақ ҳамон аст, ки фаъолияти маҳз аст ва ҳеҷ амри билқуввае дар вуҷуди ӯ нест. Ин камоли мутлақ иллатулилал аст, ки мояи ҳаракату такомули ҳама олам ва мӯҷиби гардиши ҳама аъзои ҷаҳон мебошад. Бинобар ин, ҳама олам ба сӯи ин ҳақиқату камоли мутлақ дар ҳаракат аст.

Бар мабнои низоми фикрӣ ва фалсафии Сино ҷанбаи идеалистӣ таъсир расонида, мегӯяд, ки офариниши олам бар асоси қиёс будан ва таҷаллии Ҳақ аст. Ин нуктаро академик А.Баҳоваддинов чунин таъкид карда буд: «Вай Худоро эътироф намуда, сиришти ҳастиро на як, балки ду субстансияи гуногун, яъне моддӣ ва маънавӣ мегӯяд. Олам ба ақидаи ӯ, на мутлақ, балки нисбатан зарур буда, ба ҷумлаи имконият тааллуқ дорад. Чӣ хеле ки вақт аввалу охир надорад, олам ҳам аз Худое вобаста мебошад, ки берун аз фазову вақт вуҷуд дорад.»[3,29]

Аз воҷибулвуҷуд, ки қоим ба зот аст, як ҳақиқати мутаол ба номи Ақли аввал содир мешавад, зеро аз вуҷуди воҳид ва мутлақи басит, танҳо як вуҷуд содир мегардад. Амри авввал мумкинулвуҷудест, аз воҷибулвуҷуди биззот фаъолият ёфта ва ба иборати дигар воҷибулғайр шудааст. Аз ақли аввал ҳақоиқи дигаре, яъне ақли дуввум ба маҳзи таваҷҷӯҳ ба мабдаи худ ва «нафси муҳаррики осмонии аввал» ба лиҳози таваҷҷӯҳ ба ҷанбадонии худ, ки иборат аст аз имкон, падид омадаанд. Ин ҷараёни судур, аз ақле ба ақли дигар то таҳққиқи силсилаи уқули даҳгона ва нуфуси самовии нӯҳгона идома меёбад.» [7,12]

«Сино дар «Мабдаъу маъод» оид ба ҳодису қадимии олам, ҳаракату замон, ки масъалаҳои асосии фалсафаи машшоияро ташкил медиҳанд, афкори нодире баён кардааст. Ӯ бар хилофи Арасту мавҷудияти ҳаракатро дар мавзӯъ мумкин медонад. Дар хусуси пайдоиши табиати зиндаю ғайризинда ӯ изҳори ақида карда, ғояи инкишофро ба миён гузоштааст. [9,83]

Саҳми бузурги Сино ин буд, ки илова бар шарҳу тафсири мактаби Арасту як назари мустақили фалсафиро худ бунёдгузорӣ кард. Маҳз Форобӣ, Ибни Сино, Нсируддини Тӯсӣ ва дигарон принсипҳои асосии фалсафаи машшоияро такмил доданд. Намояндагони машшоияи тоҷику форс системаи фалсафии Арастуро рушд доданд, вале намояндагони ҷараёни калом, ба вижа Муҳаммад Ғазолӣ зидди онҳо қаламронӣ мекунанд. Имом Ғазолӣ, ки аз пешвоён ва симоҳои намоёни калом ва тасаввуф буд, «муҳокимаҳои соф фалсафиро маҳкум намуда, таълимоти пайравони машшоия, аз ҷумла Форобӣ ва Ибни Синоро, ки инкишофдиҳандаи ғояҳои Арасту ҳисоб меёфтанд, мухолифи дин эълон кард ва ба маъниҳои тасаввуф либоси зӯҳду тақво пӯшонида, бо ҳамин дар афкори ҷамъиятии аксари халқҳои Шарқи Наздик нақши иртиҷоӣ бахшид» [4,147]

Осори барҷастаи олимони асримиёнагии тоҷик дар ҷодаи такомули маънавии асрҳои минбаъда таъсироти амиқе гузоштаанд ва омили асосии офарида шудани осори ҳадафманди олимону файласуфони давраҳои мухталиф чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб гардидаанд. Ибни Сино дар Осиёи Миёна ва берун аз хоки он шӯҳрати калон пайдо кард. Бисёр асарҳои ӯ ҳанӯз аз асри XI-XII ба забонҳои аврупоӣ тарҷума шуданд. Масалан, «Оид ба баҳрамандии Насириддини Тӯсӣ аз фалсафаи асримиёнагии Шарқ, -мегӯяд А.Рзаев, - месазад, нахуст номи олимон Форобӣ, Ибни Сино ва Беруниро қайд намуд». [8,10]

Насируддини Тӯсӣ аз осори Ибни Сино бавижа аз «Ишорот» таъсироти хубе бардоштааст. Дар ҳимояи таълимоти Сино аз афкори мунтақидонаи мутафаккирони давр, оид ба сохтори тан бо Фахриддини Розӣ баҳсе созмон медиҳад, ки саршори ғояҳои пешқадам будааст. Бавижа рисолаи ӯ, «Шарҳ-ул-ишорот» ном дорад, шарҳест бар «Ишорот»-и Ибни Сино, ки баргузидатарин ташреҳот маҳсуб меёфт. [5,36].

Дар қисмати ғарбии олами араб фалсафаи машшоия бо номи барҷастатарин файласуфон – Ибни Боҷа (с. 1082–1138), Ибни Туфайл (1110- 1185) ва Ибни Рушд (1126-1198) машҳур гардидааст.

Фарҳангу фалсафаи юнониҳо аз Суқрот ва тавассути Афлотун то Арасту ба ташаккул ва рушди илм ва фалсафаи донишмандони тоҷики асрҳои X-XII такони ҷиддӣ бахшид. Вале бояд таъкид намуд, ки дар асрҳои миёна Аврупои Ғарбӣ бо Арасту аз рӯи асарҳои Ибни Сино ва Ибни Рушд шинос гардидааст. «Хизмати мутафаккирони форсу тоҷик ва араб аз он иборат аст, ки симои Арастуи таърихӣ маҳз бо кӯшиши беғаразонаи онҳо равшан гаштааст.» [2,220]

Дар интиҳои сухан, ҷойи тазаккур аст, ки таълимоти машшоияи арастуӣ дар тафаккури файласуфони тоҷики асрҳои X-XII-и Мовароуннаҳру Хуросон табаддулоти фитрӣ ба вуҷуд овард:

- Файласуфони машшоияи тоҷик дар мубоҳисоти фалсафии худ таълимоти исломро низ пеши назар дошта, як навъ синтез ворид кардаанд;
- Дар таълифоти файласуфон ва муаррихони фалсафаи ҳамон давр метафизика ҳамчун илм дар бораи ҳастӣ ироа гардида, файласуфони машшоияро чун файласуфони метафизик қабул карданд;
-Ҳастӣ (вуҷудшиносӣ) чун оғози ҳама чиз, мафҳуми дарки он берун аз мавҷуд дониста шуд;
-Ибни Сино Худоро эътироф намуда, сиришти ҳастиро на як, балки ду субстансияи гуногун, яъне моддӣ ва маънавӣ мегӯяд.
-Олам ба ақидаи Сино, на мутлақ, балки нисбатан зарур буда, ба ҷумлаи имконият тааллуқ дорад. Чӣ хеле ки вақт аввалу охир надорад, олам ҳам аз Худое вобаста мебошад, ки берун аз фазову вақт вуҷуд дорад;
- Ибни Сино ғайримоддӣ будани рӯҳи инсонро исботи ғайримоддии ақл ва идроки ӯ медонист;
-Ибни Сино нафси нотиқаро «пурракунандаи ҳамаи вуҷуд ва оғозкунандаи онҳо пиндоштааст;

Ибни Сино на танҳо эмпиризми зоҳирӣ, балки эмпиризми ботиниро тавзеҳ додааст;

- Шайхурраис сабаби рушд ва инкишоф ақли инсонро аз Ақли фаъол дониста, Ақли фаъол пас аз омоддагии ақли инсонӣ ба маърифат баҳра медиҳад. Вай ақли инсонро низ асли ғайримоддӣ (ҷавҳари муҷаррад) ва мустақил медонад, ки ҳамвора боқӣ хоҳад монд.

Ҳамин тариқ, асрҳои X-XII дар таърихи тамаддуни тоҷик аз даврони Эҳё, замони рушду нумӯи илму фарҳанг буда, афкори фалсафӣ низ ба зинаи баланди тараққиёт расидааст. Дар ин садаҳо бисёр мактабу равияҳои фалсафӣ ташаккулу такомул ёфтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо таълимоти машшоия, исмоилия, калом, тасаввуф, ишроқия мебошанд. Аз байни онҳо машшоия ҷараёни муқтадири афкори ҷамъиятиву фалсафии он давру замонҳоро ташкил медод. Зеро, машшоия бо фарогирии мавзӯъҳои гуногуни муҳим ва бунёди фалсафа, ҳамчунин бо хусусияти ратсионалистӣ, ақлгароӣ аз дигар таълимотҳо фарқ менамуд.

Машшоияи тоҷику форс дар заминаи илму фарҳанги Юнони Қадим, осори безаволи муаллими аввал, Арасту ташаккул ёфтааст. Ҳакимони тоҷику форс баробари шарҳу маънидоди фалсафаи Арасту, онро инкишоф додаанд. Илму фарҳанги асрҳои X-XII, таълимоти машшоияи тоҷику араб на танҳо ба тараққиёти фалсафаи миллӣ, тамаддуни Осиёи Марказӣ дар асрҳои минбаъда, ҳамчунин ба фалсафаи даврони Эҳё ва замони Нави Аврупо таъсири пурфайз расонидааст.

Таълимоти машшоия бо вижаи ратсионалистӣ ва илмияти хоса дар асрҳои миёнаи кишварҳои исломӣ боиси ихтилофу зиддиятҳои ақидатӣ дар олами фалсафа ва ҷаҳонбинӣ гардид. Хоса мактаби фалсафаи калом, аз ҷумла, намояндаи барҷастаи он Муҳаммад Ғазолӣ, аз мавқеи принсипҳои бунёдии

фалсафаи дини ислом, таълимоти машшоияро мавриди танқиди сахт қарор дод. Вале таълимоти машшоия сарфи назар аз ихтилофу зиддиятҳои шадиди ақидатӣ ва ҳуҷумҳои рақибони ғоявӣ таъсиру нуфузи пешини худро ба андозае гум карда бошад ҳам, чун мактаби фалсафаи мустақилу муқтадир побарҷо мондааст. Ба ин осори безаволи пайравони Форобӣ ва Ибни Сино, ҳакимони асрҳои минбаъда, ба монанди Насируддини Тӯсӣ (асри XIII), Қутбиддини Тахтонӣ (асри XIV) Ҷалолиддини Давонӣ (XV) ва дигар машшоиён гувоҳӣ медиҳанд.

**Пайнавишт:**


1. *Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб.Ҷилди 3, Душанбе:Ирфон, 1985 , 448с.*
2. *Ашуров Ғ. ЭСТ. Ҷ.1 Душанбе: Сарредаксияи энсиклопедияи советии тоҷик.-1978*
3. *Баҳоваддинов А. Марҳилаҳои асосии таърихи тараққиёти философия.Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1959*
4. *Ғафуров Б.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Қ.2.*
5. *Муминов И. М. Философские взгляды Бедиля. — Избр. произведения в 4-х томах. Т. 1. Ташкент, 1976.*
6. *Муҳаммадшо Ҳ. Фалсафаи Ибни Сино [форсӣ]. Аз интишороти комиссиюни мубодилоти фарҳангӣ.Урдибиҳишт.1333 ҳ.,дар 4 қисм.Қ.1 с.16*
7. *Оятуллоҳ Аъзами Сайид Ризо Ҳусайнӣ. Фалсафаи машоъ.[ба форсӣ, аз сомона]*
8. *Рзаев А.К. Туси. Д.Ташкулов. Дониш. Москва: Юридическая литература. 1990.-Стр.160*
9. *Рашиод М. Фалсафа аз огози таърих. Душанбе:Ирфон.-1990.с.477*



**Аннотация**. Произведения Аристотеля, считающиеся наиболее ценными произведениями Древней Греции, охватывают почти все аспекты духовной, философской, политической, нравственной и социальной жизни человечества. В частности, его философия перипатетизма оказала огромное влияние на мышление средневековых таджикских ученых. Эти влияния и стремление к новым идеям и открытиям создали почву для творения беспрецедентных произведений. Конечно, ислам, как доминирующая религия этого периода, твердо стоял в оппозиции к философским доктринам. По этой причине мусульманские философы искали пути толерантности, иногда уступали теологию и замаскировали свои учения религиозными идеями. Философия перипатетизма стала главной и прогрессивной чертой философского мышления того периода.



**Ключевые слова:** философия перипатетизма, аристотель, Аль-Кинди, Ибн Рушд, Ибн, Туфайл, Ибн Сина, Фараби, Газали, ислам,теология, Бог, калам, мир, материя,дух, причина, следствие, рационализм.



**Annotation.** The works of Aristotle, considered the most valuable works of Ancient Greece, cover almost all aspects of the spiritual, philosophical, political, moral and social life of mankind. In particular, his philosophy of peripateticism had a huge impact on the thinking of medieval Tajik scholars. These influences and the desire for new ideas and discoveries have created the basis for the creation of unprecedented works. Of course, Islam, as the dominant religion of this period, stood firmly in opposition to philosophical doctrines. For this reason, Muslim philosophers sought ways of tolerance, sometimes yielded to theology and disguised their teachings with religious ideas. The philosophy of Peripateticism became the main and progressive feature of the philosophical thinking of that period.

**Keywords**: philosophy of peripatetism, Aristotle, Al-Kindi, Ibn Rushd, Ibn, Tufail, Ibn Sina, Farabi, Ghazali, Islam, theology, God, Kalam, peace, matter, spirit, cause, effect, rationalism.

**Солиев З.М.**
*к.с/х.н., и.о.доцент,*
**Салимов Ф.** *ст. преподаватель,*
**Нумонов И.** *ст. преподаватель,*
**Ибрагимова Н.,** *преподаватель,*
*Филиал Технологического университета*
*Таджикистана в г. Исфаре*

## ВКЛАД АБУРАЙХОНА БЕРУНИ В СОХРАНЕНИИ НАУЧНОГО НАСЛЕДИЯ СВОЕЙ ЭПОХИ НА ПРИМЕРЕ ЕГО ТРАКТАТА «ИНДИЯ»

Вклад Абурайхона Беруни в сохранении научного наследия своей эпохи на примере его трактата «Индия»

В науке есть замечательное правило: прежде чем начать обсуждение какого-либо факта приводится история его обсуждений предшественниками, ведётся анализ допустимых источников; и уже потом при наличии новых сведений и фактов вносятся поправки, которые сначала считаются гипотетическими – научную значимость они принимают только по принятии большинством научного общества и подтверждения проведением соответствующих экспериментов со стороны экспертных сообществ и авторитетов той или иной научной области. С этой точки зрения изучение трудов учёных, завершающих ту или иную эпоху в естествознании, могут привести к познанию открытий их предшественников, по тем или иным причинам не сохранившихся в дальнейшем.

Поучительным примером может служить изучение деятельности великого таджикского гения, оставившего след во всех точных науках, - Абурайхона Беруни. Во времена, когда точные науки находили опору в алхимии, астрологии, медицине, финансовых вопросах и в военном деле, а сами считались ненужными излишествами, в лучшем случае вспомогательными инструментами для использования в вышеуказанных областях, научные манускрипты и трактаты хранились, если не небрежно, то вовсе без цели оставить их далёким потомкам. И если бы не вмешательство самоотверженных представителей науки, таких как Беруни, возможно, мы бы никогда не узнали о многих учёных, живших с ним и до него.

В своём фундаментальном труде «Индия» ("Китаб фи тахкик ма ли-л-хинд мин макула макбула фи-л-акл ау марзула" – «Разъяснение принадлежащих индийцам учений, приемлемых рассудком или отвергаемых») [1, стр. 541] приводит несколько сотен имён деятелей науки, о многих из которых возможно никто бы никогда не узнал, если бы не была опубликована «Индия» [1, стр. 686-694].



**Рис.1. Рисунок из книги Абурайхана Беруни «Индия» [1, стр. 280].**

Условия, при которых создавалась недостаточно назвать сложными. Нужно было иметь железные нервы и большое личное мужество прятать и переписывать труды индийских учёных, в то время алчные и кровожадные воины Махмуда Газнави организовывали огромные костры из книг «идолопоклонников» [2, стр. 16]. И это в эпоху, когда всё переписывалось без мало-мальски технических приспособлений для чтения и записи, под свет лучин и коптящихся ламп.

Примечательно, что столь замечательный труд, каковым несомненно является «Индия» Абурайхана Беруни, практически не цитировался на средневековом Востоке [1, стр. 50]. Современников отпугивало свободомыслие великого учёного и множество спорных вопросов поднимаемых им в своём труде. Удивительно, как вообще этот огромный манускрипт сохранился до наших времён. И это можно считать большой удачей для исследователей многих отраслей науки. Ведь в этом фундаментальном труде было использовано около 205 источников научной литературы [1, стр. 50].




**Рис.2. Марка, выпущенная СССР в канун тысячелетия великого учёного.**

Известно, ещё не менее 22 трудов великого Беруни, посвящённых изучению индийской науки [1, стр. 21-23]. Эти работы в значительной степени расширили наши знания об этой замечательной стране. Вклад замечательного учёного до сих

пор по достоинству не оценён нашими современниками, а ведь он мог стать своего рода Леонардо да Винчи для нашего народа. Публикация его трудов на таджикском языке было поистине хорошим подарком подрастающему поколению.

**Источники**


1. *АбуРейхан Бируни Индия. Издание подготовили А.Б. Халидов, Ю.Н. Завадовский, В.Г. Эрман. М.: Научно-издательский центр "Ладомир", 1995, 732 стр.*
2. *Розенфельд Б. А., Рожанская М. М., Соколовская З. К. Абу-р-Райхан ал-Бируни (973—1048). М.: Изд-во "Наука", 1973, 272 стр.*



**Аннотация**. В статье в краткой форме описан вклад выдающегося корифея таджикской науки Абурайхана Беруни в сохранении научного наследия, его самоотверженная деятельность на поприще ознакомления современников с достижениями индийской цивилизации.



**Ключевые слова**: Абурайхан Беруни, научное наследие, Индия, учёные средневекового Востока, спасение научных трудов.



**Сайдуллоев Аҳадхон Абдуллоевич**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,*
*криминалистика ва пешгирии коррупсия,*
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,*
*бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*


## ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ДАР НАМУДИ ҶАРИМА МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷарима - яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки мумкин аст, нисбати шахсони маҳкумшудагон татбиқ карда шавад.

Тавсифи ҷиноятӣ - ҳуқуқии ҷазо дар намуди ҷарима дар моддаи 49 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: Ҷарима-ин ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи ҳамин кодекс таъин шудааст. Ҷарима ба маблағи аз сад то бисту як ҳазору нуҳсад андозаи муқарраршудаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал мекард, таъин карда мешавад[1].

Вобаста ба андозаи ҳадди аққале, ки дар вақти содир намудани ҷиноят амал мекард, иваз карда мешавад, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Ҷарима мумкин аст вобаста ба маоши ҳадди аққал ё фоидаи дигари шахсони маҳкумшуда муқаррар карда шавад. Ҷарима мумкин аст ба сифати ҷазои асосӣ ва ё иловагӣ аз ҷониби суд татбиқ карда шавад. Ҷаримаро ба сифати намуди ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ таъин кардан мумкин аст.

Ҷарима мумкин аст ба маблағи аз 100 то 21900 андозаи муқарраршудаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал мекард таъин карда мешавад. Агар маҷмӯи ҷиноят ва маҷмӯи ҳукмҳо бошад, андозаи ҷарима аз панҷҳазор сомонӣ зиёд буда наметавонад (қисми 3 моддаи 67 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамчун ҷазои асосӣ ҷарима ба сифати ҷазои алтернативӣ ба дигар намудҳои ҷазо таъин карда мешавад.

Ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ мумкин таъин карда шавад боз дар вақте таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (м.63) ва дар тартиби ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо (м.77).

Ҳамчун ҷазои иловагӣ ҷарима таъин карда шавад фақат дар ҳамон ҳолате, ки вай дар худи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2 моддаи 259).

Ҷарима ба маблағи аз сад то ду ҳазор андозаи муқаррашудаи маоши ҳадди ақал таъин карда мешавад.

Андозаи ҷарима бо назардошти вазнини ҷинояти содиркарда ва вазъи амволии маҳкумшуда мувофиқи Кодекси ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Дар ҳолати қасдона саркашӣ кардани маҳкумшуда аз додани ҷарима ё имконпазирии ситонидани ҷарима, суд метавонад онро бо корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ иваз кунад. Дар ин сурат корҳои ислоҳӣ на зиёдтар аз ду сол, маҳдуд кардани озодӣ на зиёдтар аз панҷ соли иваз карда мешавад [2].

Андозаи ҷарима аз ҷониби суд вобаста ба характер ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати муқаррар кардани андозаи ҷарима вазъияти молияви шахси маҳкумшуда ба назар гирифта мешавад.

Нисбати шахси ноболиғ ҷарима мумкин аст танҳо дар ҳолате татбиқ карда шавад, ки агар ӯ маоши мустақилона дошта бошад ё амволи шахси дошта бошад, ки нисбати ӯ ситонидани маблағ мумкин бошад татбиқ карда шавад. Ҷарима нисбати ноболиғон то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо таин карда мешавад.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 88 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Андозаи ниҳоии ҷарима ба нобилоғон барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо доир ба ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 ҳамин Кодекс пешбинишуда аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд буда наметавонад.

Вобаста ба санксияҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ҳуқуқ дорад андозаи ҷаримаро ба ҳисоб гирифта микдори онро муқаррар намояд ҷарима нисбати ҷазоҳои начандон вазнин, дарааашон миёна, вазнин ва махсусан вазнин мумкин аст татбик карда шавад.

Мувофиқи мафҳуме, ки дар моддаи 49 пешбинӣ карда шудааст беҳтар мешуд, агар ҷарима аз дигар сарчашмаҳои шахсони маҳкумшуда барои иҷрои ҷазо нигоҳ дошта мешуданд, зери мафҳуми дигар даромадҳои шахсони маҳкумшуда фаҳмида мешуданд, ғайр аз маоши кории ӯ дигар воситаҳои моддӣ ба монанди: қоғазҳои қимматнок ва дигар сарчашмаҳое, ки ҳамчун сарчашмаи даромад эътироф карда шудаанд.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 30 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшудае, ки нисбати ӯ ҷазо дар намуди ҷарима татбиқ карда шудааст уҳдадор аст, ки пас аз ба қувваи қонуни даромадани ҳукми судӣ дар муҳлати 30 шабонарӯз маблағи муқарраршудаи ҷаримаро пардозад[3].

Пас аз эълон кардани ҳукми суд ба шахсони маҳкумшуда фаҳмонида дода мешавад, ки ӯ уҳдадор аст ин маблағро пардозад.

Дар ҳолати напардохтани ҷарима мумкин аст ба тариқи ситонидани амволи маҳкумшуда бо роҳи маҷбури, ки тартиби иҷрои он дар моддаи 199-уми ҳамин кодекс пешбинӣ карда шудааст, ба амал бароварда шавад.

Ҷарима ба муассисаҳои бонкӣ, ки дар он ҷо депозити судӣ мавҷудаст, пардохт карда мешавад. Ҳангоми пардохт намудани ҷарима муассисаҳои бонкӣ ба шахсони маҳкумшуда квитансия медиҳанд ва ӯ бояд онро оиди исбот намудани пардохти ҷарима ба шуъбаи коргузори судии суде, ки ҳукми судиро баровардааст, пешниҳод намояд.

Суд метавонад, бо хоҳишномаи маҳкумшуда ва хулосаи иҷрочии суд вақти пардохти ҷаримаро ба муҳлати то 6 моҳ мавқуф гузорад ё дароз кунад, агар пардохти яквактинаи он барои маҳкумшуда имконнопазир бошад.

Мо, фикри олим Зубков А.И.-ро дастгирӣ менамоем, зеро ӯ қайд мекунад, ки ҷарима он гоҳ мавқуф ё дароз карда шуданаш мумкин аст, ки агар шахсони маҳкумшуда ҳуҷҷатҳои асосноки исботкунандаи пардохт карда натавонистани ҷаримаро ба суд пешниҳод намояд [4]. Масалан: маълумотнома дар бораи маоши корӣ ва дигар сарчашмаҳои даромад, маълумот дар бораи вазъи оилавӣ, нигоҳубиншавандаҳо, санади азназаргузаронии вазъи амволии маҳкумшуда ва ғайраҳо.

Новобаста аз он ки суд нисбати шахсони маҳкумшуда ҷаримаро татбиқ менамояд, бояд ҳолати амволии ӯ, инчунин маоши меҳнатӣ ва дигар сарчашмаҳои шахсони маҳкумшударо ба назар гирад. Дар асоси пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима таҳлил намудани вазъи аслии амволи шахсони маҳкумшуда ва бо назардошти илтимосномаи судиҷрочӣ хулоса тартиб дода мешавад ва ба суд пешниҳод карда мешавад, ки иҷрои ҳукмро мавқуф ё боз медорад.

Барои мавқуф гузоштан ё дароз намудани пардохти ҷарима мувофиқи ғайр аз илтимосномаи шахси маҳкумшуда боз хулосаи иҷрочии суд лозим аст. Дар ҳолатҳои истисноӣ вобаста ба сабабҳои узрнок (агар шахсони маҳкумшуда дар беморхона бошанд, вобаста ба бемориҳои вазнин ва ғайра ҳолатҳо) илтимосномаи хешовандони наздики вай, ҳамсари вай намояндагони қонунии вай ё ҳимоячии ӯро ба назар гирифтан мумкин аст.

Илтимоси шахсони маҳкумшуда ва хулосаи иҷрочии суд аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад. Мавқуф гузоштани пардохти ҷарима ин маънои он дорад, ки шахси маҳкумшуда маблағи муқарраршударо каме дертар (лекин на дертар аз муҳлати муқарраркардаи суд) мепардозад. Дароз кардани пардохти ҷарима мумкин аст, вобаста ба қисм-қисми он ба амал бароварда шавад.

Суд метавонад, муҳлати қисмҳои алоҳидаи ҷаримаро муқаррар намояд. Дар як навбат мавқуф гузоштан ва дароз намудани пардохти ҷарима мумкин нест.

Вобаста ба пештара қонунгузории амалкунандаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ивази ҷарима ба намуди сабуктар вобаста ба пардохт карда натавонистани он мумкин набуд. Агар чунин ҳолат вобаста ба сабабҳои объективӣ (масалан: офатҳои табиӣ) инчунин аз ба тариқи ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо вобаста набошад, он гоҳ суд мумкин аст, маҳкумшударо аз адои ҷазо вобаста ба гузаштани муҳлати ҳукми айбдоркунандаи судӣ аз адои ҷазо озод намояд.

Иҷрои ҷарима бо Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо Қонун «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20-уми марти соли 2008, ки иҷрои ҷаримаро ба иҷрочиёни суд вогузор менамояд, танзим мешавад. Тартиби иҷрои санадҳои судӣ, аз ҷумла ҳукмҳо оиди ҷарима, ваколати иҷрочиёни суд аз ҷониби қонуни мазкур ба танзим даромадааст [5].

Баъди эълон доштани ҳукм оид ба таъини ҷарима, суде, ки ҳукм бароварда будааст, ба маҳкумшуда уҳдадории ӯро оид ба дар давоми 30 рӯз ихтиёран пардохт намудани маблағи ҷаримаро ба бонкҳои давлатӣ фаҳмонда дода, ӯро огоҳ месозад, ки дар ҳолати ихтиёран пардохт накардани ҷарима он ба таври маҷбурӣ

ситонида мешавад. Маҳкумшуда метавонад ихтиёран маблағи ҷаримаро то ва ё баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм супорад.

Суд мутобиқи хоҳишномаи маҳкумшуда ва хулосаи иҷрочии суд метавонад, вакти пардохти ҷаримаро ба муҳлати то шаш мох мавкуф гузорад ё дароз кунад, агар пардохти яквактаинаи он барои маҳкумшуда имконпазир бошад. Асоси дароз кардани муҳлати пардохти ҷарима ин имконнопазирии пардохти яквактинаи он ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ин суд вазъи молу мулкии махкумшуда ва оилаи ӯ, инчунин музди меҳнат ва даромадҳои дигари макумшударо ба инобат мегирад.

Дароз кардани муҳлати ҷарима мумкин аст, ҳангоми исбот шудани вазъи мушкили моддии махкумшуда ва оилаи ӯ, ки аз ҷумла аз бемори вазнин, ҳомиладорӣ, доштани кӯдакони хурдсол, сӯхтор ё дигар офатхои табиӣ бар меоянд, иҷозат дода шавад. Имконнопазирии пардохти яквактинаи ҷарима мумкин аст, инчунин бо бемории хешовандони наздик, мавҷуд будани хуранда ва ғайра вобаста бошад. Далелҳои маҳкумшуда бояд аз ҷониби суд санҷида ва баҳогузорӣ шаванд.

Ҳангоми дароз кардани муҳлат иҷозат дода мешавад, ки маблағи ҷарима қисм ба қисм пардохта шавад. Суд аниқ муҳлати пардохти ҳар як қисми ҷаримаро муқарар месозад. Ҳангоми ин қисми охирони ҷарима бояд дар давоми муҳлати дарозкардашуда аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани ҳукм пардохт гардад.

Дароз кардани муҳлат мумкин аст, аз ҷониби мутобиқи хоҳишномаи маҳкумшуда ва хулосаи иҷрочии суд иҷозат дода шавад. Иҷрочии суд мустакилона ҳукуки дароз кардани муҳлатро надорд.

Дар фаркият аз имконпазирии пардохти яквактаинаи ҷарима вазъи моддии маҳкумшуда метавонад, боиси умуман имконпазирии пардохти маблағи ҷарима гардад. Чунин вазъият мумкин аст, дар ҳолатҳои аз даст додани қобилияти меҳнатии шахси молу мулк надошта, ки қонун имконияти ситонидани маблағи ҷаримаро аз ҳисоби он иҷозат додааст, ба вуҷуд ояд.

Маҳкумшуда бояд ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо,инчунин санади аз тарафи иҷрочии суд тартибдодашуда ва бо таъиноти суд тасдикшударо оид ба имконпазирии ситонидани маблағи ҷарима, дар маҳкумшуда мавҷуд набудани молу мулки ба рӯйхат гирифташаванда ва мавҷуд набудани дигар даромадҳоро, ки аз ҳисоби онҳо мумкин аст маблағи ҷарима пардохта шавад, тасдиккунандаро пешниҳод намояд. Дар фарқият аз қонунгузори пештар амалкунанда дар ҳолати имконпазирии пардохти ҷарима аз ҷониби маҳкумшуда он бо ҷазои дигар иваз карда намешавад.

Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда сари вақт напардохтани ҷарима суд ба иҷрочии суд варақаи иҷроро барои ба таври маҷбурӣ иҷро намудани ситонидани маблағи ҷаримаро супорад.

Иҷрочии суд чунин чораҳои маҷбурии ситонидани ҷаримаро анҷом медиҳад:

1. Ситонидани молу мулки маҳкумшуда бо роҳи ба ҳабс гузоштан ва фурӯхтани молу мулк.
2. Ситонидани музди меҳнат, нафақа, стипендия ва дигар даромадҳои маҳкумшуда.
3. Ситонидани маблағи пулӣ ва молу мулки маҳкумшуда, ки дар шахсони дигар қарор дорад.

Бояд дар назар дошт, ки ситонидани молу мулки дилхоҳи маҳкумшуда, аз ҷумла, ҳиссаи ӯ дар моликияти умумӣ, сармоя оинномавии ташкилотҳои тиҷортӣ, пул, қоғазҳои қимматнок, дигар арзишхо, аз ҷумла онҳое, ки дар ҳисобномаҳо, амонатномаҳо ё барои нигоҳдошт дар ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва бонкҳо гузошта шудааст мумкин аст. Тартиби ситонидани молу мулки

махкумшуда, ки дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумхурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Точикистон ва Вазорти адлияи Чумхурии Точикистон мукарар карда мешавад.

Ҷаримаро аз молу мулке, ки дар номгӯи (рӯйхати) молу мулки бо ҳукми суд мусодира кардашаванда зикр нагардидааст, ситонидан мумкин нест.

Барои татбиқи чораҳои заруриӣ оид ба ситонидани ҷарима иҷрочии суд ҳукуҳ дорад ба биноҳои истиқоматии маҳкумшуда дохил шавад ва молу мулки ӯро аз назар гузаронида рӯйхати онро тартиб диҳад. Дар ҳолатҳои бо қонун муқарраршуда шахсони холис даъват карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ иҷрочии суд метавонад, аз ёрии кормандони милитсия истифода барад.

Рӯйхати молу мулк дар доираи барои ситонидани маблағи ҷарима зарур анҷом дода мешавад.

Агар барои ситонидани маблағи ҷарима предметҳои гуногуни ба рӯйхатдохилшаванда ба маҳкумшуда мансуб буда ҷой дошта бошанд, охирон ҳуқуқ дорад, ки ба иҷрочии суд арз намояд, ки ба кадом молу мулк дар навбати аввал ситониш нигаронида шавад. Хоҳиши судшаванда бояд ба инобат гирифта шавад, агар он ба иҷрои ҳукм монеъ нашавад.

Дар ҳолатҳое, ки молу мулки шахсии маҳкумшуда барои ситонидани маблағи ҷарима басанда нестанд, ба рӯйхат молу мулки дар моликияти умумӣ будаи маҳкумшуда дохил карда мешаванд. Иҷрочии суд ба амволи рӯйхатгирифтааш, ки дар моликияти умумӣ карор доран, ба суд бо пешниход оид ба муайян намудани ҳиссаи маҳкумшуда дар ин молу мулк мурочиат менамояд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Матбааи ҶДММ «Сифат-Офсет», 2018,С.32 (ба санаи 02.01.2018)*
2. *Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми Умумӣ).Коллективи муаллифон.-Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 2010, С. 337*
3. *Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Сомонаи интернетии www.MMK.tj. (ба санаи 18.07.2017)*
4. *Зубков А.И.Вопросы исполнения наказания в виде штрафа. -Москва: Изд Юрист.-2003, С.289*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20.03. 2008. www.MMK.tj ба санаи (01.04.2019)*



**Аннотация.** Штраф - является одним из основных видов уголовного наказания, которые применяется со стороны судов Республики Таджикистан в отношение, лиц совершивших преступления.

В судебной практике и исполнительном производстве имеется ряд проблем, которые вызывают решения.



**Ключевые слова.** Банковское учреждение, депозит суда, драгоценные бумаги, наказание, несовершеннолетний, отсрочка, принудительно, размер, рассрочка.



**Annotation.** A fine is one of the main types of criminal punishment that is applied by the courts of the Republic of Tajikistan in relation to persons who have committed crimes.

In judicial practice and enforcement proceedings, there are a number of problems that cause solutions.



**Keywords.** Banking institution, court deposit, precious papers, punishment, minor, deferral, compulsory, size, installment.

**Абдуллоева Гулрухсор Низомидиновна**
*ассистенти кафедраи назария ва таърихи*
*давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*

# ИНКИШОФИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ДАР ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ

Инқилоби Октябри соли 1917 дар ташаккули ҳуқуқии озодии виҷдон марҳилаи нави советиро ба миён овард. Аллакай дар моҳи ноябри соли 1917 давлати навбунёди советӣ ба аҳолии мусалмони Россия бо тасдиқи кафолати дахлнопазирии ақида ва одатҳо, муассисаҳои миллӣ ва фарҳангӣ муроҷиат намуданро зарур шуморид [1, с. 32].

Аввалин санади қонунии мустақилона ва махсуси ба ҳама ҷанбаҳои секуляризатсия муталлиқбуда ин Қарори (Декрети) Совети Комиссарҳои Халқӣ ҶШФСР аз 23 январи соли 1918 “Дар бораи ҷудошавии калисо аз давлат ва мактаб аз калисо” буд. Ин қарор якумин бор дар рӯзномаи “Известия” 21 январи соли 1918 таҳти унвони “Дар бораи озодии виҷдони ҷамъиятҳои калисоӣ ва динӣ” ба табъ расид [2, с. 74].

Аз рӯи Қонуни қабулшуда асосан пояи сиёсӣ - ҳуқуқии иҷроиши ҷаҳонбинии атеистӣ, озодии ба Худо бовар накардан, қонунӣ шудани амалиёти тарғиботии зидди динӣ, муқаррар гардид ва динро бошад, ҳамчун хурофот на зиёда аз он медонистанд. Ба таври мувофиқ, калисо ҳамчун донишкадаи хусуматомез ё зараррасон шуморида мешуд, ки агар бекор кардани он дар Қонун номумкин бошад ҳам, тамоми ҳуқуқҳои он маҳдуд карда шуданд. Бинобар ин, фаҳмиши шуравии озодии виҷдон ба таври кулли аз либерал - демократӣ фарқ мекунад, чунки пеш аз ҳама дар он ҳуқуқи ҷаҳонбинии бединӣ танҳо бо пешниҳод кардани озодиҳои эътиқоди динӣ, ба итмом намерасанд.

Қабул кардани ин Қонун оғози давраест, ки дар он на танҳо ҳуқуқи интихоби дин, балки ҳаққи надоштани эътиқоди динӣ ва ҳуқуқи бедин будан низ дода мешуд. Анъанавӣ ҳисобида мешавад, ки Қонун хусусияти манфӣ дошт, чунки бо қабул шудани он дар Росия ва баъдтар дар тамоми ҳудуди ИҶШС давраи таъқиби ташкилотҳои динӣ, ба таври иҷборӣ ҷорӣ намудани дин таҳти унвони “ҷаҳонбинии бединӣ” ва ҷараёни ташаккулёбии гумроҳии фазои рӯҳии инсон оғоз гардид.

Ин хулосаҳо куллан дуруст нестанд. Аслан чунин буд, ки вазъияти аниқи таърихӣ, зарурати ҷорӣ кардани баъзе маҳдудиятҳоро дар фаъолияти ташкилотҳои динӣ муқаррар кард. Аммо, ҳодисаи минбаъда дар кишвар равиши демократкунонии меъёрҳо ва мавқеи Қонунро мавқуф гузошт. Бо ҳамроҳии ин “Қонун поймолшавии ҳуқуқи шаҳрвандро аз рӯи муносибати ӯ бо дин бекор намуда, дунявӣ будани давлат ва мактабҳоро эълон карда, тақсимшавии ташкилотҳои диниро ба “ҳукмрон”, “таҳамулпазир” ва “пайгиршаванда” бартараф кард” [3, с.10].

Умуман, Қонун ҳуҷҷате мебошад, ки қонунгузории ҷумҳуриро дар ҳудуди озодии виҷлон ва муносибатҳои давлат бо ташкиотҳои динӣ умумӣ мекунад. Қисми зиёди моддаҳои Қонун ба шарҳ додани моҳияти озодии виҷдон ва асосикунии ваколати ҳуқуқии он бахшида шуда буд. Қонун озодии интихоби динро таъсис дода, ҳуқуқҳои диндоронро васеъ намуд ва бо низоми қонунӣ, озодии ақидаҳои атеистиро устувор намуд [4, с. 351].

Бо қабул намудани Қонун, чараёни чудошавии калисо аз давлат, чораҳои чазодиҳӣ аз чониби болшевикон алайҳи калисо оғоз гардид. Дар моҳи январи соли 1918 идораҳои дарбории руҳониён ва муассисаи руҳонии идораи қушунҳо бекор карда шуда, чудокунии маблағҳои давлатӣ ба таъмини калисо ва руҳониён қатъ гардид. Ҳамаи заминҳои дайрӣ (монастир) ва калисо миллӣ гардида, тамоми имтиёзҳову маҳдудиятҳои динӣ - миллӣ бекор карда шуданд. Муассисаҳои таълимӣ, бақайдгири таваллуд, вафот, ақди никоҳ аз зери идораи калисо гирифта шуда, ба идораҳои давлати интиқол гардиданд ва ақди никоҳи динӣ арзиши қонуниро аз даст дод.

Баровардани қонунҳои маҳаллӣ ва қарорҳое, ки озодии вичдонро маҳдуд карда, дар асоси интихоби динии шаҳрванд бартарият ё имтиёз медиҳанд, дар ҳудуди чумҳуриҳо манъ карда шуд. Дар ҳуччатҳои расмӣ дастурҳои мутааллиқияти динӣ аз байн бурда шуданд. Ҳеч кас ба ақидаҳои динии худ такя карда, аз ичрои вазифаҳои шаҳрвандӣ даст кашида наметавонист. Ичрои озодонаи маросими динӣ ҳамон вақт ичозат дода мешуд, ки агар онҳо тартиботи чамъиятиро риоя карда, ҳуқуқҳои шаҳрвандонро поймол насозанд. Барои қонеъ намудани талаботҳои диндорон, биноҳо ва молҳои маданӣ барои истифода ба чамъиятҳои динӣ ройгон дода шуданд.

Тамоми шаклҳои алоқамандии собиқаи калисо ва давлат аз байн бурда шуданд. Чорабиниҳои давлатӣ ва чамъиятӣ бо расму русуми динӣ сафарбар нагардида, қасам ва савганди динӣ барҳам дода шуданд. Чамъиятҳои динӣ хусусӣ эълон шуда, ҳеч бартарият ва ё ёрии моддӣ аз чониби давлат ба онҳо расонида намешуд. Онҳо ҳаққи идораи моликият ва шахси ҳуқуқӣ буданро аз даст доданд. Ҳамаи дороии онҳо ба моликияти чамъиятӣ табдил дода шуд. Кофтукови ичбории чамъовариҳо ва андозҳое, ки ба манфиати чамъиятҳои динӣ, чораҳои мачбуркунӣ ва чазодиҳӣ аз чониби онҳо нисбати диндорон амалӣ мешуд, манъ карда шуданд.

Мутобиқи ин Қонун мактаб аз калисо чудо гардида, ба идораи давлатии таҳсилоти дунявӣ ворид карда шуд. Дар тамоми муассисаҳои таълимие, ки фанҳои умумӣ омӯзонида мешуданд, таълимоти динӣ манъ карда шуданд. Шаҳрвандон танҳо ҳуқуқи инфиродии омӯзонидан ва омӯхтани динро, ки аз чониби шахсони алоҳидаи тайёрии касбӣ ва педагогӣ дошта гузаронида мешуд, ҳақ доштанд [4, с. 351].

Конститутсияҳои солҳои 1918 ва 1925-и ЧШФСР (мувофиқи моддаи 4 ва 13) ҳуқуқҳои демократӣ ва баробариро барои ҳама устувор намуданд. Дар онҳо асосан озодии ташфиқоти динӣ ва зидди динӣ аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон эътироф мешуд. Инчунин, ин масъала дар конститутсияҳои дигар чумҳуриҳои шуравӣ низ ҳал гардида буд. Аммо соли 1929 ҳуқуқи ташфиқоти динӣ аз конститутсияи ЧШС Украина хорич карда шуд. Дар ҳамин сол дар Анчумани XVI шӯроҳо ба моддаи 4 конститутсияи соли 1925 ЧШФСР чунин тағйирот ворид карда шуд: Ба шаҳрвандон на ин ки озодии ташфиқоти динӣ, балки озодии пайравӣ ба дин дода мешавад. Чунин тағйирот дар он замон барои он ворид карда шуда буд, ки озодии ташфиқоти динӣ дар муҳити калисо барои баромадҳои сиёсӣ, ки ба хотири барангехтани диндорон муқобили ҳокимияти шуравӣ равона шуда буд истифода мегардид. Сипас, қоидаҳо оиди ташфиқоти динӣ аз конститсияҳои дигар чумҳуриҳои шуравӣ аз байн бурда шуд [5, с. 30].

Аз рӯи адолат гуфтан чоиз аст, ки аз байн бурдани ҳуқуқи ташфиқоти динӣ аз конститутсия, маънои комилан мамнуъ будани ташфиқоти диниро надошт. Мувофиқи қонунҳои амалкунанда, танҳо ташфиқоти динӣ ичозат дода шуда буд,

ки бе ягон назорати пешакӣ дар маъбад ё биноҳои ибодатӣ дар шакли вазъ гуфтан, ки яке аз қисмҳои асоси ибодат мебошад, гузаронида мешуд. Аз рӯи қонун на танҳо тарғиботи шифоҳӣ, ҳамчунин тарғиботи динии чопӣ, ки ба он китобҳои фиқҳ, дуо, саволу ҷавоб, тақвимҳо ва маҷаллаҳои насронӣ низ иҷозат дода шуда буд. Ҳамин тавр, дар шароитҳои сохти конситутсионии шуравӣ низ паҳншавии мардуми диндор ва ҷаҳонбини динӣ ба назар мерасид.

Бо мақсади пешниҳоди хуқуқҳои баробар ба ҷонибҳо (атеистон ва диндорон), ба доираи қонун мавқеи хело зарурӣ ва одилона ворид шуда буд, ки маблағгузории давлатиро ба ташвиқоти атеистӣ манъ мекард. Ба ғайр аз ин, ҷорӣ шудани маҳдудиятҳо оиди вориди тадқиқотҳои илмие, ки аз тарфи давлат маблағгузорӣ мешуданд, тарғиботи натиҷаҳои тадқиқотҳо ё дохил намудани онҳо ба нақшаҳои таълимӣ аз рӯи мувофиқат ё номувофиқӣ ба қоидаи ин ё он дин ва ё мавқеи атеистӣ, қонун иҷозат намедод [5, с. 31].

Иқдоми навбатии ҳокимияти шуравӣ дар пешрафти ҳуқуқии озодии виҷдон баъд аз Қонун, қонуни хоссе буд, ки “Маҷмӯаи қонунҳо оиди маданияти динӣ ” ном дошта, аз тарафи қарори Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумирусия (КМИУ) ва Шӯрои комиссарони халқи (ШКХ) ҶШФСР “Оиди ташкилотҳои динӣ” аз 8 апрели соли 1929 қабул гардида буд [6, с. 353]. Дар тӯли 61 сол ба ин қонун ба ғайр аз иловаҳое, ки аз тарафи Преизидиуми Совети Олии ҶШФСР аз 21 июни соли 1975 [7, с. 572], ки моҳияти қонунро дигар накарда, танҳо чанде ҳуқуқҳои ташкилотҳои диниро васеъ намуд, дигар тағйироте ворид нагардида буд. Дар баъзе ҷумҳуриҳои советӣ дар охири солҳои 70 маҷмӯаи нави қонунҳо оиди ташкилотҳои динӣ қабул шуданд, ки онҳо аз қонуни ҶШФСР соли 1929 доир ба маданияти динӣ қариб фарқе надоштанд.

Қарори Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумирусия (КМИУ) ва Шӯрои комиссарони халқи (ШКХ) ҶШФСР аз 8 апрели соли 1929 ҳуқуқҳои ташкилотҳои диниро оиди ба даст овардан, истифода бурдан ва идора намудани моликияти онҳо, муфассал тартиб доданд. Профессор М.А. Рейснер дар бораи ин қарор чунин навиштааст: “Маҳрум намудани ташкилотҳои динӣ аз ҳуқуқи шахси юридикӣ, манъи воридшавии калисо ва ташкилотҳои динро ба доду гирифт ва бастани шартнома, ки хусусияти расмӣ доранд, дар бар мегирифт. Аз рӯи ин, ҳокимияти калисо аз рафту омади умумишаҳрвандӣ берун карда шуд ва маҷбур буд, ки аз дахолат ба корҳои дунёӣ даст кашад”[8, с.115].

Зимнан, дар фаъолияти худ ба ташкилотҳои динӣ бо вуҷуди ин зарур буд, ки ба муносибатҳои гуногуни шартномавӣ дохил шаванд. Аз ин лиҳоз, давлат қатъи назар аз хулосаи худ оиди махрум намудани ташкилотҳои динӣ аз ҳуқуқҳои шахси юридикӣ, (қ.3) дар Қарори мазкур (қ.10, 11) ба онҳо имкониятҳои зеринро пешниҳод намуд: ҳуқуқи ба даст овардани воситаҳои нақлиёт, иҷора, сохтмон ва харид барои эҳтиёҷоти калисо, ба даст овардан ва истеҳсоли асбобу анҷоми калисо, ашёҳои маданияти динӣ, ҳамчунин фуруши онҳо ба ҷамъияти диндорон. Инро метавон чунин шарҳ дод, ки дар ҳол баъди ғалабаи инқилоби Октябр, ҳукумат аз истифода намудани моликияти калисо аз тарафи кувваҳои аксулинқилобчиён хавф бурда, маҷбур шуд, ки муваққатан калисоро аз ҳуқуқи соҳибият ва истифода кардани амволе, ки солҳои дароз захира шуда буданд, маҳрум намояд.

Баъдан, маҳрум намудани ташкилотҳои динӣ аз ҳуқуқи шахси юридикӣ, ки танҳо дар муддати мубориза бо аксулинқилобчиён ба нақша гирифта шуда буд, фаромуш шуда, то аз байн рафтани ИҶШС амал намуд, агар чӣ бисёр ходимони

диниву ҷамъиятӣ чанд маротиба масъалаи бекор кардани ин маҳдудиятро ба миён гузошта буданд.

Боз як масъалаи бавуҷудомада оиди қонуни маданияти динӣ, ин шарҳи озодонаи қ.9 қарордоди Ленин дар бораи ҷудокунии калисо аз давлат ва мактаб аз калисо мебошад, ки дар он чунин гуфта шуда буд: омӯзиши дин танҳо "бо роҳи инфиродӣ" иҷозат дода мешавад. Зимнан, шаклҳои иҷозатдодашудаи омӯзиш "бо роҳи инфиродӣ" аз тарафи қонун хуб баррасӣ нагардида, боиси маънидонкуниҳои гуногун гадид, ки яке аз масъалаҳои ихтилофноки он омӯзонидани дин ба ноболиғон буд.

Банди муқарраргардидаи қонун чунин шарҳ дода шуда буд, ки волидони диндор бо розигии тарафайн метавонистанд ба фарзандони ноболиғи худ динро омӯзонанд, ба шарте ки таълим на ба шакли гурӯҳӣ ва даъвати омӯзгорон, балки тибқи таълими инфиродӣ, танҳо бо фарзандони худ сурат гирад. Дар асл волидони боимон ба фарзандони худ аз додани таълиму тарбияи динӣ маҳрум гашта буданд. Онҳо танҳо тавассути дониш, мисолҳо ва тасаввуроти шахсӣ метавонистанд, фарзандони худро таълим диҳанд, зеро омӯзиши тамоми таълимотҳои динӣ ба ғайр аз муассисаҳои махсуси таълимоти динӣ, на дар таълимгоҳҳои ҷамъиятӣ ва на дар инфиродӣ иҷозат дода намешуданд. Ҳамин тавр, ходимони дин, ки соҳиби донишҳои динӣ буданд аз тарси ҷазои ҷиноятӣ ба кӯдакон Қонунҳои Худоро омӯзонида наметавонистанд. Дар кодексҳои ҷиноии тамоми ҷумҳуриҳои советӣ моддаҳое мавҷуд буданд, ки "ташкили таҳсил ва гузаронидани мунтазами дарсро ба кӯдакони ноболиғ бо вайронкунии қоида" ба рӯйхати ҳуқуқвайронкуниҳои Қоидаҳо оиди ҷудошавии калисо аз давлат нисбат медоданд.

Ба ғайр аз ин, дар тӯли даҳсолаҳои зиёд дур будани наслҳо аз омӯзиши Инҷил, Қуръон ва дигар китобҳои муқаддас фарҳанги моро хароб намуд ва ахлоқи ҷамъиятиро ҳеҷ баланд накард.

Аз миёнаҳои солҳои 70 бо сабаби ворид шудани ИҶШС ба Аҳдномаи Хелсинки оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо муносибатҳои давлат бо калисо ба дигаргуншавӣ сар карданд. Дар "Эъломияи принсипҳо", дар қисмати VII зери унвони "Эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, бо шумули озодии андеша, виҷдон, дин ва эътиқод", уҳдадории иштирокчиёни ин аҳднома ба "эҳтиром кардани ҳуқуқи инсон ва озодҳои асосӣ" омада буд. Будан ва фаъолият кардани ҷамъиятҳои динӣ акнун чун шарти зарурии таъмини озодиҳои диндорӣ баррасӣ мешуданд ва он бошад дар навбати худ яке аз бахшҳои асосии маҷмуаи "ҳуқуқи инсон". Бо мақсади якрангкунии қонунгузориҳо оид ба маросимҳои динӣ дар ҷумҳуриҳои шуравӣ солҳои 1975-1977 Қонун "Дар бораи иттиҳодияҳои динӣ" қабул карда мешаванд.

Соли 1977 дар Конститусияи ИҶШС моддаи оид ба озодии виҷдон дар таҳрири нав дода шуда буд (м.52): "Ба шаҳрвандони ИҶШС озодии виҷдон ва зимни он ҳуқуқи пайравӣ аз дини дилхоста ва ё пайравӣ накардан аз кадоме аз динҳо, иҷрои маросимҳои динӣ ва ё бурдани ташвиқоти зиддидинӣ кафолат дода мешавад. Барангехтани кинаву адоват бар асари эътиқоди динӣ манъ карда мешавад. Калисо дар ИҶШС аз давлат ва мактаб аз калисо ҷудо мебошад". Ҳамин тавр, дар Конститутсияи ИҶШС бори нахуст ба озодии виҷдон кафолати конститутсионӣ дода шуда, барангехтани кинаву адоват дар робита ба эътиқодоти динӣ манъ карда шуд.

Солҳои 1985-1987 сиёсати динии давлати шуравӣ асосан, ба таъмини назорати ҳамаҷонибаи ҳаёти динии ҷомеа равона гардида буд. Таҳрири нави

Барномаи ҲКИШ, ки соли 1986 қабул гардида буд, таъкид бар он мекард, ки ташкили ҷаҳонбинии илмӣ ва тарбияи атеистӣ аз вазифаҳои муҳим дар бахши корҳои идеявӣ - тарбиявӣ ба шумор меравад. Аз соли 1988 сар карда, афзалиятҳои сиёсати динӣ дигаргун мешаванд ва давлати шуравӣ ба эътирофи ҳуқуқи динии шаҳрвандон ва муносибати ошкоро бо калисо мегузарад. Дар натиҷа бо қарори Шӯрои вазирони ИҶШС аз 1 октябри соли 1990 Қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" қабул мегардад, ки дар мутобиқат бо меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ҳуқуқи шаҳрвандонро ба муайян ва изҳор намудани муносибати худ ба дин кафолат медиҳад ва маҳдудиятҳои сершумор ва зидду нақиз, ки ба татбиқи амалии озодии виҷдон монеа мешуданд, бартараф мекунад. Қонуни мазкур ба ҷараёни дигаргуниҳои амиқи муносибатҳои давлат бо калисо оғоз бахшид. Бартараф гардидани монеаҳо, ки тӯли солҳои зиёд пеши роҳи фаъолияти ҷамъиятҳои диниро мебастанд, ба фаъол гардидани бахшҳои мухталифи фаъолияти ҷамъиятҳои динии ҳамаи ойинҳои дар қаламрави ИҶШС амалкунанда мусоидат намуд. Месазад гӯем, ки дар ин марҳалаи таърихӣ фаҳмиши яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон- ҳуқуқ инсон ба интихоби дин ва ё аз он даст кашидан, ташаккул ёфт.

Ҳама диндорони ИҶШС ин иқдоми ҳукуматро, ки шоҳиди аз тарафи давлат эътироф гардидани ҳуқуқ ба озодии виҷдон буд, бо қаноатмандӣ истиқбол гирифтанд.

Дар пайи қонуни иттифоқи Шӯроҳои Олии ҷумҳуриҳои шуравӣ қонунҳо дар бораи озодии диндориро, ки ба Қонуни ИҶШС "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" такя мекард, қабул карданд.

Дар марҳилаҳои гуногуни таърихи башарият идеологияҳои аз ҳам фарққунанда ҳукмфармо буданд, ки ба фаҳмиш ва мазмуни озодии виҷдон дар мафкураи ҷамъиятӣ таъсири бевосита доштанд. Бо тараққӣ ёфтани ҷамъият натанҳо муҳтавои идеявии озодии виҷдон дигаргун гардид, балки ҷанбаи ҳуқуқии он низ тағйир ёфт. Ба доираи фаҳмиши "озодии виҷдон" дар аҳдҳои гуногун маъноҳои мухталиф тааллуқ доштанд. Дар оғоз озодии виҷдон маънои таҳаммулгароии диниро дошт, яъне ҳаққи пайравӣ кардан аз дини дигар дар баробари дини ҳоким. Сипас, баъди инқилобҳои буржуазӣ дар натиҷаи демократишавии ҷамъият, озодии виҷдон маънои озодии диндориро ба худ касб кард, яъне ҳаққи озодона интихоб кардани дин [9, с.85]. Дар охир, ба андозаи воқеишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тавсеа ёфтани масоҳати ҳуқуқҳо ва озодиҳои демократӣ дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва Амрико озодии виҷдон на танҳо чун озодии диндорӣ талқин мешуд, балки маънои ҳуқуқи шахсият ба озодии эътиқод ва ба озодона ибрози андеша кардан ба динро ифода мекардагӣ шуд. Зимни фаҳмиши муосири озодии виҷдон дар сатҳи қонунгузорӣ баробари озодии диндорӣ, унсури сифатан нав - озодии бединӣ, низ ворид гардид.

**Руйхати адабиёти истифодашуда:**


1. *В.Коник, Свобода совести и ее лжезащитники.– М: Мысль, 1986. - 176 с.*
2. *Ю.А. Розенбаум, Советское государство и церковь.-М: Наука, 1985. – 173 с.*
3. *М.И. Одинцов, Государство и церковь (История взаимоотношений. 1917-1938). – М:Знание, 1991.- 64 с.*
4. *И.Н. Яблоков, Основы религиоведения. – М: Высшая школа, 1994.- 368 с.*
5. *А.С. Ловинюков, Свобода совести (анализ, практика, выводы) // Государство и право. – М: Наука, 1995. № 1.*

6. *Собрание узаконений РСФСР. 1929. № 35.*
7. *Ведомости Верховного Совета РСФСР. 1975. № 27.*
8. *М.А. Рейснер, Нужна ли вера в бога? – М., 1925.*
9. *Мамедзаде А.А. Свобода совести. Истоки, становление, правовая охрана. – СПб.: Изд-во «Юридический центр-Пресс», 2013.-568 с.*

**Ключевые слова:** Конституция, указ, церковь, религия, Центральный исполнительный комитет, личные права и свободы, право на свободу совести и вероисповедания, толерантность.

**Аннотация.** В статье рассматривается вопрос о праве на свободу совести и вероисповедания в советское время. Статья посвящена современному пониманию свободы совести и религии, появившемуся в советское время, и первым декретам, декларациям и решениям советского правительства, определившим формирование свободы совести и вероисповедания, а также состоянию религиозных организаций в стране. Также в статье анализируется один из системных актов, внесших важный вклад в регулирование свободы совести и вероисповедания, Указ УПК «Об отделении церкви от государства и школы от церкви» от 23 января 1918 года и Конституция СССР в 1918 г., и роль этих важных документов в установлении конституционного характера свободы совести и религии.

**Keywords:** Constitution, decree, church, religion, Central Executive Committee, personal rights and freedoms, the right to freedom of conscience and religion, tolerance.

**Annotation.** The article examines the issue of the right to freedom of conscience and religion in the Soviet era. The article is devoted to the modern understanding of freedom of conscience and religion, which appeared during the Soviet era, and to the first decrees, declarations and decisions of the Soviet government that determined the formation of freedom of conscience and religion, as well as the state of religious organizations in the country.

The article also analyzes one of the systemic acts that made an important contribution to the regulation of freedom of conscience and religion, the Decree of the Criminal Procedure Code "On the separation of church from state and school from church" dated January 23, 1918 and the Constitution of the USSRin 1918, and the role of these important documents in establishing the constitutional nature of freedom of conscience and religion.

**Бобоев Меҳруллоҳ Ҳакимович**
*коромӯз-тадқиқотчии ФДТТИ*

## ИСЛОҲОТИ АДВОКАТУРА ДАР ТОҶИКИСТОНИ ИМРӮЗА

Баъд аз соҳибистиқлол эълон гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 Конститутсия бо таҳрири нав ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки дар сатҳи конститутсионӣ (Боби 8 моддаи 92) тарзи ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти адвокатӣ муқаррар гардид. Ин боиси хушнудист, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол тавонист, дар тӯли начандон зиёд ин гуна фаъолиятро ҳаматарафа дар як чаҳорчӯбаи муайян танзим намояд ва ҳоло бошад моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[18] ҳамчун замина барои ташкил ва

[18] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳои соли 2016

баамалбарории фаъолияти адвокатӣ баромад менамояд. Агар дар моддаи 1 Конститутсия ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон мустаҳкам шуда бошад, пас моддаи 5 он ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад, ки ин яке аз таҳкурсии фаъолияти адвокатҳо ба ҳисоб меравад.[19]Зеро ба одамон дастрас будани ёрии ҳуқуқӣ ва худи ҳуқуқшиносон чун масоили муҳим соли 1990 аз тарафи СММ муҳокима шуда, санаде бо номи "Принсипҳои асосие ,ки ба нақши ҳуқуқшиносон мутааллиқ аст" қабул карда шуд. Дар ин санад таъкид карда мешавад:

"Ҳар як инсон бо мақсади гирифтани кумак барои ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳояш ҳақ дорад, ба ҳуқуқшиносон муроҷиат намояд, то ки ӯро дар ҳар давраи мурофиаи ҷиноятӣ ҳимоя намояд".

Барои дуруст дарк намудани истилоҳи *ҳуқуқи шахс ба истифодаи ёрии адвокат ва кафолати давлатӣ ба ёрии ҳуқуқӣ,* бояд муқаррароти моддаҳои 9 ва 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ, Қоидаҳои умумӣ дар бораи нақши адвокат ва Тавсияҳои умумии Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ оид ба масъалаҳои мазкур назар афканем. Ёрии ҳуқуқӣ чун ҳаққи субъективии ҳар як инсон ва шаҳрванд баромад менамояд. Дар замони муосир, замоне, ки созмон додани давлати ҳуқуқбунёд мақсаду мароми ҷомеа ҳисоб мешавад, кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад ва донистани онҳо барои иштирокчиёни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ мураккаб буда, батанзмидарории ҳуқуқии онҳо низ мураккаб шудаанд, ки инсонҳои одӣ ба зуддӣ онҳоро дарк карда наметавонанд. Аз ин рӯ, аз як тараф ҳар як шахс ҳақ дорад, ки аз ёрии ҳуқуқии касбӣ истифода намояд. Аз тарафи дигар давлат вазифадор аст, ки ба ҳар кас ёрии ҳуқуқиро таъмин намояд. Ин ёрии ҳуқуқӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқи бесалоҳият дар шакли пулакӣ ва ройгон баамал бароварда мешавад.

Моддаи 92-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи ёрии ҳуқуқиро истифода намуда, онро бо марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ алоқаманд намудааст, вале дар қисми 2 ин моддаи қайд карда мешавад, ки тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатураро қонун муайян менамояд. Ин меъёри конститутсионӣ дар моддаҳои 1- 6 и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" инкишоф дода шуда, ёрии ҳуқуқӣ - ёрии тахассусӣ ва касбие, ки аз ҷониби адвокатҳо бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳукуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад, маънидод карда шудааст. Инчунин, дар қонун муқаррар карда шудааст, ки расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар шакли ройгон низ ба роҳ монда шавад. Давлат барои шаҳрвандони камбизоат расонидани ёрии ҳуқуқӣ, пардохти пули ёрие, ки ба муштариён расонида мешавад, кафолат медиҳад. Маҳз, ҳамин кафолати расонидани ёрии ҳуқуқӣ вазифаи адвокатро муайян намудааст. Аз мазмуни моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[20] ва муқаррароти м.1 "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ"[21] бармеояд, ки ёрии ҳуқуқӣ ба ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи адвокатура расонида

[19] Ниг. Искандаров З.Ҳ. Китоби дарсӣ. Адвокатураи судӣ. Душанбе-2016.С.13

[20] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2016. моддаҳои 92

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистоню. "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ". Душанбе-18 марти соли 2015.моддаи 1

мешавад. Аз ин рӯ, таъинот ва вазифаи умумии адвокатураро таъмин намудани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ёрии ҳуқуқӣ бо роҳҳои гуногун расонида мешавад,ба монанди додани маслиҳат, тавзеҳот, маълумоти шифоҳию хаттӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ба ҷо овардани вазифаи намояндагӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандию маъмурӣ ва иҷро намудани функсияи ҳимоячӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ. Вобаста аз фаъолияти адвокатӣ дар самтҳои гуногун, вазифаҳои хусусии адвокатураро низ ҷудо намудан мумкин аст. Мисол, ҳангоми додани маслиҳати шифоҳӣ, хаттӣ ва ё тартиб додани ариза адвокатҳо характери ғайрифаъол дошта, адвокатура вазифаи кумаки ҳуқуқиро иҷро менамояд. Вале, вақте ки адвокатҳо ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ оид ба қатъ намудани кори ҷиноятӣ, бекор намудани ҳабси пешакӣ ё сафед намудани судшаванда дархосту кӯшиш менамоянд, амали онҳо характери фаъол дошта, онҳо вазифаи ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариро иҷро менамоянд.

Дар шароити имрӯза кори расонидани ёрии ҳуқуқиро пеш аз ҳама адвокатура метавонад, ба дараҷаи лозима иҷро кунад, чунки нисбати касби адвокатӣ талаботҳои баланд, ба мисли доштани маълумоти олии ҳуқуқӣ, собиқаи дусолаи корӣ аз рӯи ихтисос, супоридани имтиҳони тахассусӣ ва доштани одоби ҳамидаи касбӣ пешниҳод карда мешавад. Мавҷудияти ин талаботҳо кафолат медиҳанд, ки ёрии адвокатӣ ёрии ихтисоснок бошад.

Адвокатура дар симои адвокатҳо ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳимоя намуда, мақсад дорад, ки дар ҷомеа ғояҳои инсондӯстӣ, адолат ва қонуният доимо тантана намояд.

Азбаски институти адвокатура ба манфиати кори умумидавлатӣ таъсис дода шудааст касеро бе ёрии ҳуқуқӣ мондан мумкин нест, якум давлат ба ҳамаи ашхосе, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, кафолат медиҳад, ки ёрии ҳуқуқӣ барояшон ба таври воқеӣ ва баробар дастрас гардад, дуюм давлат дар қонун ҳолатҳоеро муқаррар менамояд, ки ёрии ҳуқуқӣ барояшон бояд ройгон расонида шавад.

Давлат барои ба шаҳрвандони камбизоат расонидани ёрии ҳуқуқӣ, инчунин барои пардохти пули ёрии ҳуқуқие, ки мувофиқи қонун бепул ва ё бидуни шартномаи бо муштариён озодона басташаванда расонида мешавад, ҷудо намудани маблағи заруриро кафолат медиҳад.

Масъалаи ислоҳоти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай аз соли 2006 инҷониб мавриди баҳсу мунозира қарор дошт ва дорад. Иттифоқи Адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2003 ташкил шудааст, натавонист ҳамаи аъзоёни Коллегияи адвокатҳо ва инчунин дигар адвокатҳои боварибахшро ҳамчун як мақомоти мустақили адвокатҳо сарҷамъ намояд.

Зоҳиран чунин аст, ки ислоҳоти Институти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим мебошад ва пеш аз ҳама ба қонуни амалкунандае, ки фаъолияти адвокатиро ба танзим медарорад, тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Қонуни амалкунандае, ки фаъолияти адвокатураро ба танзим медарорад, бо баробари тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ намебошад.

Ҳамчун як институти ҷомеаи шаҳрвандӣ - адвокатура барои баамалбарории адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нақши хоссаеро доро мебошад, ки дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман зери тобеъи **Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** мебошад ва барои ин гуна

фаъолият, маҳз мақомоти дар болозикршуда иҷозатномаи махсус барои ба амал баровардани фаъолияти адвокатӣ медиҳад.[22]

Ташкили мақомоти мустақили адвокатӣ аз мақомоти давлатӣ ҳамчун вазифаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсоне,ки ба зиммаи ӯ вогузор шудааст, ба ҳисоб меравад. Мутобиқи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ бояд адвокатҳо худашон масъалаи ташкил ва фаъолияти касбиашонро бо дарназардошти мақомоти худидоракунии давлатӣ ҳаллу фасл намоянд. Ин фикрро маърӯзачии махсуси СММ генерал Леонардо Деспуи оид ба масъалаи мустақилияти адвокатҳо ва судҳо дастгирӣ намудааст.[23]Пункти 87 Тавсиянома ба супориши махсус дар Тоҷикистон қайд карда мешавад: "проблемаи асосии кишвар ин мушкилиҳое мебошанд, ки бинобар вазъи ногувори адвокатҳо ба вуҷуд омадааст, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбии худ бо ин гуна мушкилиҳо дучор мешаванд, аз ҷумла мушкилиҳо дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба муштариён. " Мавҷуд набудани мақоми ягонаи касбӣ, ки дар асоси принсипҳои худидоракунӣ ва мустақилият ташкил шудааст ва яке масъалаи мубрами ҳуқуқшиносон ба ҳисоб меравад, махсусан муҳим шуда истодааст.

Қонунгузорӣ 2 намуди фаъолияти адвокатиро муайян мекунад: агар коллегияи адвокатҳо ҳамчун ташкилоти ҷамъятӣ эътироф карда шавад, яъне ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ.[24]

Набудани қоидаҳои этикаи касбӣ, таҷрибаи ягонаи интизомӣ ба талаботҳои нишондодашуда ба баъзе фаъолияти адвокатура ҷавобгӯ намебошанд.

Муқаррароти асосии СММ оиди нақши адвокатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки зарурати қабули меъёри характери касбидоштаро барои адвокатҳо ба миён меорад.

"Кодекси касбии интизоми адвокатҳо бояд дар мувофиқа бо якчанд санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмиллаливу дохилӣ ва инчунин мақомотҳои давлатӣ қабул карда шавад."

Ҳамаи инро ба назар гирифта соли 2006 кӯшиши гузаронидани ислоҳоти адвокатӣ ва ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ба харҷ дода шуда, лоиҳаи он аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи "Консепсияи ислоҳоти адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ " маъмул шуд. Лоиҳа бо дастгирии моддии Институти кушодаи ҷамъят - Фонди ҳамкорӣ таҳия карда шуд. Ба ҳайати корӣ намояндагони коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятиву шаҳрӣ, инчунин муаллимони ДДМТ дохил мешуданд.

Дар баъзе аз кишварҳои пешрафта, адвокат ба як иттиҳод ё коллегия дохил карда шудааст, ба монанди Россия, Нидерландия, ИМА, Фаронса, Олмон ва ғайра. Масалан дар Олмон адвокатҳо аъзои коллегияи адвокатӣ мебошанд, дар ИМА бошад аъзои ассотсиатсияи адвокатҳо, дар Россия аъзои палатаи федеролии адвокатҳои ФР.

Бо назардошти ин дар лоиҳа оиди ислоҳот зарурати ҷорӣ намудани муассисаи ягона барои адвокат илова карда шуда, бояд Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ мешуд. Ҳамчун намуна палатаи адвокатҳои Федератсияи Россия баромад менамуд. Ҳайати корие,ки барои гузаронидани ислоҳот вазифадор гашта буданд, пеш аз оғози коркарди лоиҳаи ислоҳот ба

[22] Усманова.М. Юридическая профессия в таджикистане. Душанбе-2008.С.12
[23] Доклад Специального докладчика по вопросу о независимости судей и адвокатов г-на Леонардо Деспуи, Миссия в Таджикистане 30/12/2005г.
[24] Усманова.М. Юридическая профессия в таджикистане. Душанбе-2008.С.12

Россия ва вилояти Ивановская сафарбар карда шуданд,ки аз наздик бо таҷрибаи чандинсолаи РФ шинос гарданд. Гарчанде ки таҷрибаи Россия барои Тоҷикистон ҷоизи қабул буд, аммо ҳайати корӣ мехостанд, як муассисаи ягонаи миллӣ барои адвокатон ба монанди палатаи адвокатҳои ФР ташкил кунанд.[25]

Дар лоиҳа чунин пешниҳод шудааст, ки муассисае ташкил карда шавад, ки набояд муассисаи тиҷоратӣ, иттиҳоди давлатӣ ва аъзогии ҳатмии ҳамаи адвокатҳо барои таъмини манфиати онҳо бошад.

Муассисаи мазкур бояд манфиатҳои адвокатҳоро дар мақомотҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва худидоракунӣ, иттиҳоди ҷамъятӣ ва дигар ташкилотҳо бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти адвокатӣ ҳифз ва намондагӣ намояд.[26]

Дар доираи ин ташкилот боз дар тамоми шаҳру ноҳияҳо таъсис додани раёсатҳо дар назар дошта шудааст.

Барои бартараф намудани мухолифати қонунҳо ва вазъи ногувори адвокатон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои дар сатҳи баланд расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва босифат гардонидани стандартҳои касбии адвокатӣ зарур аст, ташкилоти ягонаи касбии адвокатон таъсис дода шавад.[27]

Ба назари мо чунин аст, ки бидуни таъсиси чунин ташкилоти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъоляити мустақили адвокатура ғайриимкон аст. Оиди масъала аллакай маърузачии СММ Леонардо Деспуи дар маърузаи худ “Мустақилияти судяҳо ва адвокатон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд карда буд, ки бояд ягона ташкилоти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад ва дар ин соҳа ҳатман ислоҳот гузаронида, ба адвокатҳо ба таври ҳуқуқӣ вазъи муносиб дода шавад. Аммо дар барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ба ин масъала чандон аҳамияти махсус дода нашуд.[28]

18 марти соли 2015 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” бо таҳрири нав аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки минбаъд баъд гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти адвокатон дигаргун шудааст. То ҳол чунин ба назар мерасад, ки адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам ба монанди дигар кишварҳои муосир ҳаматарафа инкишоф ёбад. Маврид ба зикр аст, ки якчанд санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ муносибатҳои мазкур, яъне адвокатура ва фаъолити адвокатиро мавриди танзим қарор додааст,аз ҷумла,[29] моддаи 19 ва 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи адвокат ва адвокатураро мустаҳкам намуда, фаъолияти онҳоро ба дастгиркунӣ ва ҳабси шахс, тафтишоту мурофиаи судии корҳо алоқаманд намудааст. Агар Конститутсия аз як тараф мавҷудияти адвокатураро пеш аз ҳама бо мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд намуда бошад, аз тарафи дигар вай мурофиаи корҳо гуфта, инчунин мурофиаи гражданӣ, маъмурӣ, конститутсионӣ ва хоҷагиро низ дар назар дорад.

---

[25] Усманова.М. Юридическая профессия в таджикистане.Душанбе-2008.С.13

[26] Юридический энциклопедический словарь, 3-е издание, переработанное и дополненное, Москва, Инфра-М, 2001, с.9

[27] Ниг.www.hrt.tj (раздел «Таджикистан в системе ООН")

[28] Усманова.М. Юридическая профессия в таджикистане.Душанбе-2008.С.19

[29] Усманова.М. Юридическая профессия в таджикистане.Душанбе-2008.С.20

**Рӯйхати адабиёт:**

1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе -2016. Тағйиру иловаҳо аз соли 2016.*
2. *Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2009*
3. *Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2008*
4. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” аз 18 марти соли 2015*
6. *Маҳмудов М.А.,Худоёров Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Душанбе-2012.329*

**Ключевые слова:** юридическая помощь, правоохранительная деятельность, независимость, государственные органы, уголовное судопроизводство, ценность, расследование, правовой статус, профессиональная этика.

**Анотатция:** Во времена государственной независимости оказанию юридической помощи уделялось особое внимание, и многие отечественные и зарубежные ученые провели исследования по этому вопросу. В целом, невозможно представить работу адвоката без суда и двух органов. неразрывно связаны.Таким образом, статьи 19 и 92 Конституции увязывают юридическую помощь и защиту с судебной и судебной защитой, устранением уязвимостей при оказании правовой помощи и дальнейшим надлежащим применением и совершенствованием существующего законодательства.

**Key words**: legal assistance, law enforcement, independence, government agencies, criminal proceedings, value, investigation, legal status, professional ethics.

During the time of state independence, special attention was paid to the provision of legal assistance, and many domestic and foreign scientists conducted research on this issue. In general, it is impossible to imagine the work of a lawyer without a court and two bodies. inextricably linked. Thus, Articles 19 and 92 of the Satversme link legal aid and protection with judicial and judicial protection, elimination of vulnerabilities in the provision of legal assistance and further proper application and improvement of existing legislation.

**Кудусова Н.В.**
*омӯзгори калони кафедраи*
*фанҳои гуманитарии ФДТТИ*

## ИСТИФОДАИ САРЧАШМАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ТЕХНИКӢ

Забони англисӣ муҳимтарин забони муошírати байналмилалӣ аст: тақрибан миллиард нафар одамон бо он ҳамчун воситаи алоқа суҳбат мекунанд. Нақши забони англисӣ дар ҷомеаи муосир босуръат меафзояд. Дигар баҳс нест, ки мутахассиси дорои дониши забони хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ, новобаста аз соҳаи фаъолият, маоши хеле баландтар мегирад ва дурнамои рушди мансаб нисбат ба корманде, ки чунин малакаҳоро надорад.

Ҳадафи асосӣ дар таълими забони хориҷӣ ташаккул ва рушди фарҳанги коммуникатсионии донишҷӯён, таълими забони англисӣ дар амал мебошад. Барои донишҷӯёни муҳандисӣ омӯзиши забони хориҷӣ метавонад душвор бошад. Сабабҳо инҳоянд:

- сатҳи нокифояи таълим аз рӯзи таҳсил дар мактаб;
- набудани амалияи иловагӣ дар гӯш кардан ва сухан гуфтан.

Ҳангоми таҳсил донишҷӯён ба омӯхтани забони хориҷӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намекунанд ва ҳатто гумон намекунанд, ки дониш барои онҳо то чӣ андоза зарур аст. Фанҳои таҳсилоти умумие, ки мактаббачагон дар муассисаи таҳсилоти миёна таҳсил мекунанд, барои онҳо бори гарон мешавад ва ба зудӣ аз ҷониби донишҷӯён ҳамчун як намуди таҳсилоти ҳатмӣ қабул карда мешаванд ва пас аз супоридани он, донишҷӯён аз имтиҳони ягонаи давлатӣ мегузаранд ва дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳуҷҷат мегиранд, таҳсил, ки ба онҳо имкони дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фароҳам меорад.

Донишҷӯйе, ки хоҳиши омӯхтани забони хориҷиро низ ҳамчун як курси интихобӣ баён кардааст, бояд вақти иловагӣ ёбад, ки ин, одатан, дар марҳилаи куҳнаи таҳсил кифоя нест. Волидайн низ бояд бодиққат фикр кунанд, ки кадоме аз курсҳои интихобӣ барои сарф кардани захираҳои молиявӣ аз буҷаи оила афзалтар ва оқилтар аст.

Вақте ки хонандаи мактаб ҳуҷҷати дахлдорро дар бораи таҳсилоти миёна ба даст меорад ва донишҷӯи донишгоҳи олӣ мешавад, пас дар баробари фанҳои умумӣ ва махсуси техникӣ ва гуманитарӣ, забони хориҷӣ низ ба як қатор табдил меёбад, ки донистани он танҳо як талаботи ҳатмии замон аст дар бораи компютеризатсия дар ҳама ҷо.

Набудани амалияи иловагӣ дар чунин намудҳои фаъолияти нутқ, ба монанди гӯш кардан ва гуфтугӯ бо донишҷӯ имкон намедиҳад, ки мукаммали забони хориҷиро ба роҳ монад, аммо бо истифода аз имкониятҳои Шабакаи Умумиҷаҳонии Интернет таҷрибаи зарурӣ ба даст овардан мумкин аст.

Мо дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда, дар асри технологияҳои иттилоотӣ зиндагӣ дорем, ки дар он тавассути Интернет дастрасӣ ба шумораи зиёди манбаъҳои кушоди таълимӣ фароҳам оварда шудааст. Онҳо, имрӯз, як хусусияти барҷастаи ҷаҳонӣ мебошанд, ки системаи таҳсилоти ҷаҳонро дастгирӣ мекунанд. Манбаъ метавонад комилан ҳама гуна мавод барои худомӯзӣ бошад. Шарти асосӣ танҳо таваҷҷӯҳи донишҷӯён ба таҳсил ва дастрасии вақти холӣ барои ин мебошад. Барои он, ки донишҷӯ ба омӯзиши забони хориҷӣ ниёз дошта бошад, як навъ қувваи пешбаранда лозим аст.

Ҳавасмандӣ муҳимтарин ҷузъи таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ мебошад. Донишҷӯён, дар муқоиса бо хонандагони мактабҳое, ки барои баҳои хуб ё ягон намуди манфиати шахсӣ таҳсил мекунанд, дар ҷои аввал ҳадафҳои муҳимтареро вобаста ба шуғл ва фаъолияти касбии минбаъда муайян мекунанд. Вобаста ба ин, вақтҳои охир дар донишгоҳҳо ҳавасмандии омӯзиши забони хориҷӣ, алахусус забони англисӣ афзоиш ёфтааст, зеро хатмкардаи оянда муҳим ва қобилияти муошират бо забони хориҷиро барои иштирок дар барномаҳои мубодилаи академӣ, семинарҳо хуб медонад ва конфронсҳо бо забони хориҷӣ, дар сафари корӣ; барои мукотибаи корӣ бо шарикони эҳтимолӣ ва пешрафти касб.

Барои фаъол сохтани раванди маърифатӣ, дар баробари таълими анъанавии синфӣ дар ҳама намудҳои фаъолияти нутқ бо забони хориҷӣ, шумо метавонед аз захираҳои иттилоотии Интернет, ки дорои маводи аудиовизуалӣ ва матнӣ мебошанд, самаранок истифода баред ва инчунин ба шумо имкон медиҳад, ки воқеан муошират кунед.

Маводи аудио

Барои касе пӯшида нест, ки омӯхтани забони англисӣ бо гӯшаи асосии тамоми раванди таълим мебошад. Дар порталҳои Интернет ва шабакахои умумичахонии Web шумо метавонед ҳама гуна мавзӯъҳо пайдо кунед.

Бо ёрии подкастҳои аудиоӣ, донишҷӯ метавонад на танҳо захираи луғавии худро пурра кунад, балки забони англисиро низ дар муддати муайян аз худ кунад ва малакаҳои муошират ба даст орад, ки ба зудӣ ёфтани калиди бисёр мафҳумҳои грамматикӣ ва нутқи гуфтугӯӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз он, омӯзиши аудиоии вожаҳо, ибораҳо ва муколамаҳо бо забони англисӣ бо ҳама сатҳҳои дониш дар ин самт комилан ройгон аст.

Видеоҳо

Видео, дар муқоиса бо маводи аудиоӣ, имкон медиҳад, ки на танҳо сухани мустақимро бишнаванд, балки бубинанд, ки чӣ гуна калимаҳо талаффуз мешаванд, вазъро арзёбӣ мекунанд. Дар Интернет, алахусус дар Ютуб, бисёр видеоҳо ва сериалҳо мавҷуданд, ки шумо метавонед онҳоро бо субтитр тамошо кунед ва англисиро дастӣ омӯзед. Маводи видеоӣ ба донишҷӯён кумак мекунад, ки фазои муоширати воқеии забонро муҳайё кунанд ва камбуди муҳити табиии забонро ҷуброн кунанд.

Дар раванди кор бо маводи видеоӣ, донишҷӯён сатҳи дониши худро аз забони хориҷӣ баланд мебардоранд, зеро хусусиятҳои гуногуни артикуляторӣ, ранги фонетикии нутқ (тембр, суръати овози гӯяндаҳо) донишҷӯёнро ба таври бешуурона маҷбур мекунанд, ки гӯш кунанд ва фаҳманд, ки чӣ дар экран рӯй медиҳад. Омӯзиши забони англисӣ бо истифодаи маводи видеоӣ ин (дарки аудио-визуалӣ) мебошад, ки дар раванди он фаъолшавии фаъолияти иттилоотӣ, ташаккул додани шуур ва тафаккур ба шарофати забони хориҷӣ, инчунин рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва дарки пурмазмуни забони хориҷӣ тавассути гӯш, ташаккули малакаҳои суханронӣ ва гӯш кардан. Аммо, дар баробари ҳама ҷиҳатҳои мусбати тамошои видео бо забони хориҷӣ, мушкилоти муайяне пеш меоянд: дарки гӯш кардан аз ҷониби донишҷӯён аз дарки нутқи хаттӣ душвортар аст. Агар фаҳмидани калима дар матн мушкилот дошта бошад, пас маънои онро дар луғати англисӣ ба осонӣ ёфтан мумкин аст, зеро калима навишта шудааст ва илова бар ин, чӣ гуна навишта шудани он маълум аст (Spelling).

Маводи видеоӣ як ангезандаи хубест барои муошират ва муҳокимаи самарабахш. Маводи видеоӣ фазои гуногунии ҷаҳони атрофро ба вуҷуд меорад, ки дар он одамони миллатҳо, решаҳои этникӣ, ҷинс, синну сол, ва маълумот гуногунанд; ҳар яке аз ин одамон дар ғизо, либос, маҳфилҳои худ афзалиятҳои худро доранд; дар мавзӯъҳои муошират ва хондан, ҳангоми тамошои барномаҳои телевизионӣ, филмҳо, видеоҳо ва видеоҳои гуногун.

Гузашта аз ин, пайдо шудани қаҳрамонҳои дӯстдошта (актёрҳо, роҳбарии ҳама гуна барномаҳои телевизионӣ ё намоишҳои телевизионӣ, овозхонҳо) ё одамони оддии ҷолиб дар мониторҳои компютерӣ эҳсосоти мусбатро дар донишҷӯ бедор мекунанд.

Маводҳои матнӣ

Дар байни манбаъҳои интернетии бахшида ба омӯзиши забони англисӣ ягон маводи назариявии матниро бидуни мушкил пайдо кардан мумкин аст. Имрӯзҳо шумораи бепоёни китобҳои дарсии онлайн, луғатҳо, инчунин китобҳои электронӣ бо забони хориҷӣ мавҷуданд, ки барои донишҷӯён ҳам аз ҷиҳати дониши забон ва ҳам сатҳи мураккабии маълумоти ба онҳо пешниҳодшаванда ба таври мувофиқ тақсим карда мешаванд.

Усули коммуникативӣ

Яке аз роҳҳои муассир такмил додани талаффуз ва васеъ намудани луғат барои омӯзанда муошират бо як сухангӯи дигар аст. Дарёфти як ҳамсӯҳбати ҷолиб дар Интернет аслан душвор нест, зеро шумо метавонед аз сарчашмаҳои махсуси интернетӣ барои табодули дониш ва пайдо кардани дӯстон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода баред. Чунин манбаъҳо хидматҳои ICQ, Skype; шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ. Дар ин ҳолат, ҳамаи ин захираҳо на танҳо вазифаи фароғатиро иҷро мекунанд, балки хусусияти тарбиявӣ низ доранд. Чунин муошират ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки на танҳо дар гӯшаҳои гуногуни кишварамон ва берун аз он дӯстӣ пайдо кунад, балки монеаи забонро дар омӯзиши забони хориҷӣ то ҳадди имкон кам кунад, ки ин, албатта, ба таври беҳтарин ба раванди муошират таъсир намерасонад.

Бо ин усули азхудкунии дониш, раванди таълим хеле содда аст: шумо ба хориҷиён дар омӯхтани забони модариатон кумак мерасонед ва онҳо, мувофиқан, ба шумо барои азхуд кардани воситаҳои муошираташон кумак мерасонанд. Бо истифода аз ин усул донишҷӯ метавонад на танҳо малакаи суханварии худро такмил диҳад, балки пайваста бо забони хориҷӣ машқ кунад. Ҳамин тариқ, манбаҳои Шабакаи Умумиҷаҳонии Интернет дар омӯзиши забони хориҷӣ, алахусус забони англисӣ, мавқеи доимо мустаҳкамтар мегиранд.

**Адабиётхои истифадашуда:**


1. *Ларин А. Ю., Тумакова Н.А. Иностранный язык: проблема или необходимость?*
2. *Муратова Е.Н., Сентсов А.Э. Выражение концепта в английской лингвокультуре. 2011с.*
3. *Тумакова Н. А., Ткаченко Ю.А. К вопросу о роли мотивации в обучении иностранному языку в вузе. 2015с.*
4. *Тумаков Н.А. Активизация иноязычной коммуникативной дятельности студентов посредством видеоматериала. 2015с.*



**Аннотация:** В настоящей статье рассматривается актуальность применения интернет технологий в обучении иностранному языку, а также анализируется важность и эффективность использования веб- технологий в изучение иностранного языка как на уроке, так и в самостоятельной работе учащихся. Автор анализирует различные точки зрение на целесообразность применения информационных технологий в обучении иностранному языку и выражает целостную позицию по данному вопросу, подкрепляя наглядными примерами положительного эффекта в ходе использования интернет технологий.

**Annotation**: This article examines the relevance of using Internet technologies in teaching a foreign language, and also analyzes the importance and effectiveness of using web technologies in learning a foreign language both in the classroom and in the independent work of students. The author analyzes different points of view on the advisability of using information technologies in teaching a foreign language and expresses a holistic position on this issue, supporting with clear examples of a positive effect in the course of using Internet technologies



**Ключевые слова**: иностранный язык, Интернет-ресурсы, образовательный процесс, мотивация, видеоматериалы, коммуникативный метод.

**Key words**: foreign language, Internet resources, educational process, motivation, video materials, communicative method.

**Ниъматов Шахромходжа Комилходжаевич**
*студент 3-го курса Юридического факультета ТГУПБП*

## КРИМИНАЛЬНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ОБМАНА ПОТРЕБИТЕЛЕЙ

Сфера потребления товаров и услуг - один из самых важных структур всей хозяйственной деятельности, потому что абсолютно все граждане выступают в роли потребителя на протяжении всей своей жизни. В Республике Таджикистан давно работает торговля потребительскими товарами. Рынок, который диктует обществу свои требования, важнейшими из которых являются честность и порядочность в ведении торгов и расчетов деятельность хозяйствующих субъектов. Однако в этой области существуют разные виды злоупотреблений, одним из которых является потребительское мошенничество.

Субъект уголовного правонарушения (преступления) находится в положении отношения между потребителями и операторами хозяйственной деятельности, связанной с продажей товаров, исполнение работы и услуги. Обман следует рассматривать как вводящий в заблуждение потребителя по количеству и качеству проданных товаров (рабочая сила, услуг), а также заведомо ложное завышение их стоимости. Методы обмана могут быть разные и не влияют на квалификацию.

«Основные методы обмана покупателей при продаже товаров они есть:

- обмеривание, т.е. отпуск товара нужного качества, но меньшей мерой;
- обвешивание, т.е. отпуск товаров нужного качества, но меньшим весом;
- обсчёт, т.е. получение большей суммы денежных средств, чем необходимо, либо отпуск меньшего количества штучного товара, чем оплачено» [1, с. 70].

Измерение - одна из самых распространенных форм мошенничества -продажа товаров, выполнение работ, оказание услуг. В результате покупатель (заказчик) оплачивает товар на превышающую сумму. В зависимости от предмета мошенничества различают форму исполнение. Измерение в виде аннулирования рисунка должно быть выполнено, когда предметом являются жидкости - молоко, сок, спиртные напитки, масло, бензин и т.д. Обмеривание в виде недомера применяется при продаже непродовольственных товаров, хозяйственных и строительных материалов и т.д.

Эта форма мошенничества, как правило, используется неправильно методы измерения, такие как использование ошибочных средств измерения, использование нестандартных мер, чрезмерное растягивание изделия на линейке и т. д.

Еще одна не менее распространенная форма обмана - взвешивание, т.е. выпуск товаров в меньшем количестве. Взвешивание может быть в явном, неприкрытом снижении веса продаваемых товаров на основе невнимание покупателя.

Кроме того, возможно взвешивание с использованием разных типов неправильная техника взвешивания (предварительное взвешивание необработанные продукты, такие как недостаточная обрезка колбасных изделий Товары; бросание товаров на весы; продажа товара в упаковке без вычета вес и т. д.).

Обман при продаже товаров, выполнении работ, оказании услуг может выполняется расчетом, когда потребитель осведомлен неверный денежный расчет или когда выданная сумма уменьшает товар.

В случае оплаты покупателю наличными во время окончательного расчета от покупателя будет перечислено меньше денег, чем требуется взимается сумма, превышающая установленную цену. Подсчет штук имеет место в случаях, когда покупатель принимает товар в меньшем количестве, как оплаченного.

Обманывая покупателей, заказчиков или других потребителей также есть превышения фиксированных цен на товары и тарифов на услуги, продажа поврежденных товаров, сбор платы за услуги, которые предоставляются или должны предоставляться бесплатно, включая гарантии ремонт, сбор платежей за фактически не выполненные работы или услуги, продажа товаров (работ, услуг) более низкого качества под предлогом более высокое качество и т.д. Если он получает от потребителя крупные денежные средства на оплату товаров (работ или услуг) в виде оплаты труда (по желанию потребителя), то ответственность за введение потребителя в заблуждение будет исключена. Это не значит что ответственность - это также несправедливое отношение человека к выполнению собственных обязательств, повлекшие за собой переплату денежных средств со стороны потребителя за проданный товар (работу, услугу), если эти доли не были связанные с мошенничеством. Если виновник совершил мошенничество непосредственно перед реализацией товаров (работ, услуг), например при предпродажной подготовке товаров, когда составление сметы стоимости труда или услуг и т.д. то такие действия должны быть квалифицированы, чтобы подготовиться к введению потребителей в заблуждение.

Несоответствующая реклама занимает отдельное место в системе способов обмана потребителей (распространяемая в любой форме кем-либо);

«Недобросовестная, недостоверная, неэтичная, заведомо ложная, скрытая и иная реклама, в которой допущены нарушения требований к её содержанию, времени, месту и способу распространения, установленных законодательством Республики Таджикистан»[4,с.2]. Противостоит отказу от противопоказаний в рекламе - несоответствующая реклама, распространяемая для ее устранения последствия.

Реклама, не отражающая действительность, ненадежна в отношениях:

● свойства продукта, такие как состав, метод и дата производство, назначение, потребительские свойства, условия заявление, наличие сертификата соответствия, сертификационные знаки и знаки соответствия условию стандарты, количество и место происхождения;

● наличие товара на рынке, его возможности закупки в указанном объеме, сроке и месте;

● доставка, замена, возврат, ремонт и сервис товара;

● гарантийные обязательства, срок службы и условия срок годности товара;

● право на использование государственной символики (флаг, герб, гимн), а также международная символика организации;

● официальное признание товаров, присвоение им медали, награды, дипломы и другие награды;

● предоставление информации о способах покупки полная серия товаров, если она входит в серию;

● ссылки на любые рекомендации или разрешения юридические или физические лица, в том числе устаревшие;

- сравнение продукта с другими продуктами с правами и статусом других юридических или физических лиц;
- гарантии на заявленный товар;
- информация о самом рекламодателе.

Ненадежная реклама не допускается и означает ее распространение. обязанность. Лица, права и интересы которых нарушаются в результате несоответствующая реклама, имеет право в установленном порядке обратиться в суд с претензии, в том числе требования о материальной и моральной компенсации.

Предметы в сфере общественного питания являются предметом дополнительной требовании к оснащению сантехникой эпидемиологическое благополучие населения. Санитарно-эпидемиологическое благополучие населения - состояние здоровья населения, в котором нет неблагоприятного воздействия факторов на организм человека его среда обитания и созданы для них благоприятные условия человеческие жизни.

В этой области существует ряд законов, например, Закон Республики Таджикистан от 29.11.2010 г. №671 «О продовольственной безопасности». Также в этой области можно выделить другой Закон Республики Таджикистан "О безопасности пищевых продуктов" от 19 июля 2012 года, № 389. «Настоящий Закон регулирует общественные отношения в сфере обеспечения безопасности пищевых продуктов в Республике Таджикистан, с целью защиты жизни и здоровья человека, интересов потребителей, защиты животного и растительного мира и охраны окружающей среды».

Потребительское мошенничество также может иметь место через продвижение ценники - при продаже товаров под предлогом акционной рекламы потребители знакомятся с введение в заблуждение путем предоставления заведомо ложной информации о несуществующие скидки, которые уже будут отражены при оплате, когда в чеке указана та же цена без указания цены, указанной на ценниках продажи. То есть при продаже товаров под предлогом продвижения покупатели были введены в заблуждение, сознательно предоставив ложную информацию о несуществующих скидках.

В современной рыночной экономике побеждает тот, кто способен продавать свою продукцию потребителям. Традиционно считалось, что нужно производить продукцию высокого качества по разумной цене и удовлетворение потребностей клиента. Но в последнее время на рынке производители расширились в несколько раз, все стало лидером труднее. Это привело к использованию новых методов введения потребителей в заблуждение.

Преступление (уголовное преступление) считается прекращенным в настоящее время совершение соответствующих мошеннических действий по крайней мере против одного потребителя. Обычно это связано с окончанием расчета за приобретенные товары, выполненные работы, оказанные услуги. Если, есть намерение обмануть потребителей в значительных или больших количествах намерение не реализовано по независящим от человека обстоятельствам попытка обмануть потребителя.

Таким образом, формы обмана потребителя при продаже товаров, выполнении работ, оказании услуг могут быть весьма разнообразными. Объединяет их одно-большинство из них рассчитаны на невнимательность, отсутствие времени или желания перепроверять достоверность предоставленной информации о товаре.

**Литературы:**

1. *Гладкий, П.А. Квалификация преступлений против порядка осуществления экономической деятельности / П.А.Гладкий. - Минск: НПЦПУЗиП Генер. прокур., 2011. - 270 с.*
2. *Закон Республики Таджикистан "О безопасности пищевых продуктов" от 19 июля 2012 года, № 389*
3. *О продовольственной безопасности [Электронный ресурс]: Закон Республики Таджикистан, 29 декабря 2010 года № 671 в ред. Закона Респ. Таджикистан от 27.11.2014 г., № 1158*
4. *О рекламе [Электронный ресурс]: Закон Республики Таджикистан, 1 августа 2003 года№ 34 в ред. ЗаконаРесп. Таджикистанот****16.04.2012г., №812***



**Аннотация.** Обман потребителей является на сегодняшний день одним из самых распространенных правонарушений и при этом отмечается устойчивая тенденция его роста.Учитывая степень распространенности фактов обмана потребителей, можно констатировать, что право таджикского гражданина на доброкачественную продукцию попирается повсеместно и ежедневно.



**Ключевые слова:** обман, право, потребитель, субъект, сфера, товар, измерения. потребительские мошенничества



**Abstract.** Today, consumer fraud is one of the most widespread offenses, and at the same time, there is a steady growth trend.Considering the prevalence of the facts of consumer fraud, it can be stated that the right of a Tajik citizen to good-quality products is violated everywhere and every day. annotation



**Keywords:** deception, law, consumer, subject, sphere, goods, measurements. consumerfraud.



**Раҳматуллоева Р.Р.**

*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи*
*судӣ ва назорати прокурорӣ*
*факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ*


# ҚОИДАҲОИ МУРОФИАВИИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ ИСТЕҲСОЛОТИ МАХСУС ДОИР БА ФАРЗАНДХОНӢ

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон “Меҳвари қонуният ҷомеаро пойдору устувор мегардонад ва боварию эътимоди халкро баояндаи кишвар меафзояд. Бе пойдории қонуният ва адолати иҷтимоӣ ягон миллату давлати дунё соҳибзафар ва сарбаланд шуда наметавонад. Давлати тоҷикон бояд чунин давлате бошад, ки асоси онро на фишору зӯроварӣ, на тарсу ваҳм, балки волоият ва боэътимодии қонун ташкил диҳад” [8]. Ҳамзамон Ҳукумати мамлакат ба масъалаи ҳифзи саломатӣ ва нигоҳубини ятимону маъюбон ва пиронсолону бепарасторон мунтазам ғамхорӣ зоҳир карда, барои беҳтар сохтани шароити иҷтимоии онҳо тадбирҳои саривақтии судмандро сол то сол амалӣ намуда истодааст. Мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ бояд такягоҳи боэътимод ва сипари мустаҳками ҳар як кишвар бошанд.

Ба ҳар шахс кафолати ҳифзи судӣ дода шудааст [6, с.35]. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Қоидаҳои номбаршударо ба асос гирифта ба қоидаҳои мурофиавии баррасии парвандаи истеҳсолоти махсус оид ба фарзандхонӣ диққат додан зарур аст. Мазмуни баррасии парвандаҳои фарзандхонӣ бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва шароити имрӯза аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намуда аз ин рӯ, нуқтаи назари муҳаққиқонро оиди ин масъала мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аҳамият ва хусусияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки дар риояи санадҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, ки манфиатҳо ва ҳуқуқҳои кӯдаконро пешбинӣ мекунанд, меъёри асосӣ мебошад. Тибқи ин санадҳо вазифаи оила ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак маҳсуб меёбад. Яке аз муҳимтарини ин ҳуқуқҳо, ҳуқуқ ба зиндагӣ ва тарбия дар оила аст. Кӯдаконе, ки ба парастории волидайн ниёз доранд, дар як вақт ниёзманди кумаки иҷтимоӣ ва ҳифз мебошад. Шакли афзалиятноки чунин муҳофизатро фарзандхондӣ меноманд, ки мавзӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи институти фарзандхондӣ қарор дорад. Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш ин муайян, ҷамъбаст ва омӯзиши мунтазами масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ танзими фарзандхонӣ дар асоси муқоисаи таҳлилию - таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъбастӣ амалияи судӣ, таҳқиқоти илмӣ ва заминаи меъёрӣ, омӯзиши хусусиятҳо ва камбудиҳо дар қонунгузорӣ дар ин бора мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо вазифаҳои зеринро иҷро кардан лозим аст:

омӯзиши қонунгузорӣ дар бораи институти фарзандхонӣ;

таҳлили мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фарзандхондӣ; баррасии шароит, тартиб ва оқибатҳои ҳуқуқӣ фарзандхондӣ, бекор кардани он;

омӯхтани хусусиятҳои сирри фарзандхонӣ; муайян кардани баъзе мушкилоти танзими ҳуқуқӣ фарзандхонӣ;

баррасии шартҳо, тартиб ва оқибатҳои татбиқи фарзандхондии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ мебошад.

Дар ин хусус бояд тазаккур дод, ки қоидаҳои мурофиавии баррасии парвандаҳои истеҳсолоти махсус доир ба фарзандхондии кӯдак дар асоси қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нахустин бор тартиби судии писархондии (духтархондии) кӯдаконро муқаррар намуд. Тартиби судии фарзандхонӣ бо мақсади тақвияти кафолатҳои ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки бепарастории падару модар мондаанд, ҷорӣ карда шудааст.

Пас аз қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», миқдори назарраси парвандаҳо чӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ муқаррар намудани фарзандхондии кӯдаконе, ки бепарастории падару модар мондаанд, аз тарафи судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ шуда истодааст. Омӯзиши таҷрибаҳои судии баррасии ин намуд парвандаҳо нишон медиҳад, ки судҳои салоҳияташон умумӣ ин навъҳои парвандаҳоро асосан тибқи талаботи қонунҳои ҷорӣ баррасӣ ва ҳал менамоянд.

Дар баробари ин, дар фаъолияти судҳо оиди баррасии парвандаҳои зикршуда норасогиҳои зиёд мавҷуданд. Аз тарафи судҳо на ҳама вақт ба назар гирифта мешавад, ки фарзандхонӣ танҳо барои манфиатҳои кӯдакони ноболиғ ба роҳ монда шудааст, на ин ки ба манфиати шахсоне, ки онҳоро ба фарзандхонӣ қабул менамоянд. Судҳои алоҳидаи умумӣ ба мазмуни аризаҳое, ки аз тарафи шахсони фарзандхондкунанда ба суд пешниҳод мегарданд ва омодасозии

парванда ба муҳокимаи судӣ диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ҳуҷҷатҳоеро, ки сифатҳои шахсӣ, ахлоқии номзадҳои фарзандхондкунанда, хулосаи тиббиро оиди вазъи саломатии фарзандхондкунанда, ҳамчунин вазъи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ ақлии кӯдаке, ки бояд ба фарзандхонӣ қабул шавад, муайян менамоянд, талаб намекунанд, нисбат ба хулосаҳое, ки аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ оиди имконпазирии фарзандхонӣ ва мувофиқати фарзандхонӣ ба манфиатҳои кӯдак, тартиб дода шудаанд, серталабии лозима зоҳир наменамоянд, далелҳои барои баррасии дурусти парванда зарурӣ, розигии муассисаҳои тарбиявӣ, тиббӣ барои фарзандхондии кӯдаконе, ки дар ин муассисаҳо мебошанд, розигии падару модар барои фарзандхондии кӯдакони онҳо ва ғайраро талаб намекунанд. Барои иштирок дар баррасии парвандаҳо на ҳама вақт мақомоти васояту парасторӣ, прокурорҳо даъват карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда ҳодисаҳои вайрон намудани меъёрҳои ҷудогонаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдакони ба балоғат расида, ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдакон аз ҷониби шахсоне, ки вобаста ба синну сол ва вазъи саломатиашон тарбияи ҳақиқии фарзандхондшавандаро таъмин карда наметавонанд, муайян накардани сабабҳои ҳақиқии фарзандхонӣ ва ғайра роҳ дода мешавад.

Ҳангоми баррасии навъҳои парвандаҳои категорияҳои мазкур инчунин дар назди судҳо саволҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои мурофиавӣ доштае низ пайдо мешаванд, ки баҳсталаб мебошад ва маслиҳатҳои муфидро талаб мекунад. Маводҳои амалияи судии судҳои умумӣ ва омӯзиш ҷамъбасти таҷрибаҳо оиди баррасии парвандаҳои фарзандхондии кӯдакро дида баромада, қайд намуданием, ки дар хусуси баррасии парвандаҳои фарзандхондии кӯдак диққати судҳоро ба зарурати риояи қатъии қонунгузории оила ва мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда, бояд дар назар дошт, ки фарзандхонӣ шакли нисбатан афзалиятноки тарбияи кӯдаконе аст, ки бе парастории падару модар мондаанд. Мақсади он барои кӯдакони бе парастории падару модар монда, таъмин намудани ҳамон гуна шароитест, ки кӯдакон дар оилаи аслии худашон доранд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи ба мурофиаи суд қабул намудани ариза оид ба фарзандхонӣ, судя бояд ба талаботи моддаи 275 КМГ ҶТ мувофиқ будани муҳтавои аризаро санҷида дида бароад [3]. Муайян намояд, ки дар ариза маълумот доир ба худи фарзандхондкунанда ва кӯдаки фарзандхондшаванда, падару модари фарзандхондшаванда, бародару хоҳар доштани ӯ, ҳолатҳои асосноккунии хоҳиши шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда), ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин ҳолатҳо ва дархост оид ба тағйир додани насаб, ном, номи падар ва маҳалли таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда, инчунин санаи таваллуди ӯ, оид ба сабти ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ба сифати падару модар дар санади сабти таваллуди кӯдак мавҷуданд ё не.

Антоколская М.В. қайд мекунад, ки дар мавриди фарзандхонд кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) ва ё шахси дигаре, ки ҳақиқатан бо кӯдаки фарзандхондшаванда ҳамчун аъзои як оила истиқомат доранд, розигии хаттии ҳамсари дигар ва хулосаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ пешниҳод намегардад [1,с.76]. Бо назардошти он, ки аризаи шахси (шахсони) хоҳиши фарзандхондкунии кӯдакро дошта ба тариқи мурофиаи махсус баррасӣ мешавад ва танҳо дар сурати аз ҷониби суд қонеъ гардонидани хоҳиши ӯ ва пас аз ба эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд вай ҳуқуқи намояндаи қонунии кӯдакро пайдо мекунад,

талаботи аризадиҳанда доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои молумулукии кӯдак дар як вақт якҷоя бо ариза оиди фарзандхонӣ баррасӣ карда намешаванд.

Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ оид ба фарзандхонӣ судя мақомоти васоят ва парастории маҳалли истиқомат ё маҳалли будубоши кӯдаки фарзандхондшавандаро вазифадор менамояд, ки ба суд дар хусуси асоснокии фарзандхонӣ ба манфиати кӯдаки фарзандхондшаванда, хулоса пешниҳод намояд [7].

Муҳаққиқи замони муосир Н.И. Беседкина чунин қайд мекунад, ки парвандаҳои марбут ба фарзандхонӣ аз ҷониби судя бо тартиби мурофиаи махсус, дар мурофиаи пӯшидаи судӣ бо иштироки ҳатмии шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон, намояндаи мақомоти васояту парасторӣ, прокурор, [2] кӯдаке, ки ба синни 14 - солагӣ расидааст ва инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ падару модар, дигар шахсони манфиатдор ва худи кӯдаке, ки ба синни аз 10 то 14 сола расидааст, баррасӣ мегардад. Суд парвандаҳоро дар хусуси фарзандхонӣ дар муҳлати як моҳ аз рӯзи қабули ариза баррасӣ ва ҳал менамояд [4]. Ҳангоми баррасии ариза оиди фарзандхонӣ бояд масъалаи ҷой доштани асосҳое, ки барои аризадиҳанда имконияти фарзандхондкунанда буданро истисно менамояд, муҳокима карда шавад. Ба фикри мо бояд дар назар дошт, ки ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдак танҳо аз ҷониби шаҳрвандони бабалоғатрасидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Дар ҳалли масъалаи оё вазъи саломатии аризадиҳандае, ки хоҳиши ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдакро дорад, баъдан барои амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарӣ монеъ намешавад, судҳо бояд номгӯи бемориҳоеро, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будан шахс наметавонад, кӯдакро бо фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят ва парасторӣ бигирад, ба роҳбарӣ мегиранд. Дар сурати ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдак аз ҷониби яке аз ҳамсарон, ки дар акди никоҳ мебошад, судҳо бояд инчунин масъаларо оиди вазъи саломатии ҳамсари дигар ва дар ӯ набудани бемориеро, ки барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои падару модарӣ монеъ мешаванд, бисанҷанд.

Фарқияти синну соли шахси бафарзандхонӣ қабулкунанда, ки оиладор нест ва фарзандхоншаванда аз ҳабдаҳ сол бояд кам набошад, ба истиснои ба фарзандхонӣ  қабул кардани кӯдак аз ҷониби падарандар ва ё модарандар. Барои ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдаке, ки падару модар дорад, розигии онҳо дар аризаашон, ки ба тариқи нотариалӣ боварибахш гардонида шуда ё аз ҷониби роҳбари муассисае, ки кӯдаки бепарастории падару модар монда дар он қарор дорад ё аз ҷониби мақоми васояту парасторӣ тасдиқ карда шудааст, изҳор гардидааст ва ё бевосита дар суд ҳангоми баррасии парванда баён гардидааст, зарур мебошад. Розигие, ки падару модар барои фарзандхонӣ дар суд додаанд, бояд дар протокол дарҷ ёфта, аз ҷониби онҳо шахсан имзо гардида, дар ҳалнома бояд нишон дода шавад. Дар ин ҳолат ба инобат гирифт, ки вобаста ба бартарӣ доштани ҳуқуқи падару модарӣ ҳар кадоме аз онҳо метавонанд, то баровардани ҳалномаи суд розигии додаи худро барои фарзандхонӣ новобаста аз асосҳое, ки ӯро бо ин водор намудааст, бозпас талаб менамоянд. Агар кӯдакони падару модар ё яке аз онҳоро дошта, таҳти васояту парастории муассисаҳои тарбиявӣ, тиббӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигари ба ҳамин монанд қарор дошта бошанд. Дар ин маврид розигии хаттие, ки барои ба фарзандхонӣ қабул намудани онҳо дар асоси қисми 1 моддаи 131 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби васиёну парасторон, роҳбари муассисае, ки кӯдакон дар он қарор доранд, дода шудааст, зарурати гирифтани розигии волидайнро барои

фарзандхонии кӯдак истисно намекунад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар моддаи 130 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

Раддияи васию парастор, роҳбарони муассисаҳои дар боло зикргардида оиди розигӣ додан барои ба фарзандхонӣ қабул кардан, дар тафовути раддияи волидайн, барои аз тарафи суд ба таври мусбӣ ҳал кардани масъалаи фарзандхонӣ мамоният карда наметавонад, агар инро манфиатҳои кӯдак тақозо намоянд. [5,с.439] Бинобар ин, бе розигии падару модари кӯдак ба фарзандхонӣ қабул намудан дар ҳолатҳои дар моддаи 130 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, имконпазир аст. Бояд ба назар гирифт, ки :

– номаълум будани ҷои зист ё бедарак ғоибшуда эътироф шудан, аз ҷониби суд ғайри қобили амал эътироф шудан, аз ҷониби суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум сохтани яке аз падару модар ё ҳардуи онҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор масалан, бо маводҳои ҷустуҷӯӣ, маълумотномаи бюрои суроғавии раёсати манзилҳо оиди ғоибии падару модар дар ҷои истиқоматашон, ҳалномаи суд оиди бедарак ғоибшуда ва ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо ва амсоли инҳо тасдиқ гардида бошанд;

– аз ҷониби суд маҳдуд сохтани қобилияти амали падар ё модар барои бе розигии ин гуна падар ё модар кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул намудан асос шуда наметавонад, зеро мутобиқи моддаи 31 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳуқуқҳои амволии ӯ маҳдуд карда мешаванд;

– сабабҳое, ки бинобар онҳо яке аз падару модар зиёда аз шаш моҳ бо кӯдак якҷоя зиндагӣ накарда, аз тарбия ва таъминоти ӯ саркашӣ карда бошад, аз ҷониби суд ҳангоми баррасии ариза оиди фарзандхонӣ дар асоси санҷишу баҳодиҳӣ бо ҳамаи далелҳои пешниҳодшуда, масалан: ахбори мақомоти корҳои дохила дар бораи ҷои буду боши яке аз падару модар, ки аз пардохти алимент саркашӣ намуда, дар кофтуков мебошад, нишондодҳои шоҳидон, маводҳои тадқиқотӣ ва дигар далелҳои эътимодбахш муқаррар карда мешавад.

Фарзандхонӣ бе розигии падару модар, инчунин дар ҳолатҳое, ки агар кӯдакон партофта шуда бошанд, ё ин ки ҳангоми офатҳои табиӣ ё дар ноҳияҳое, ки амали ҷангӣ гузашта бошанд, инчунин ҳангоми дигар ҳолатҳои фавқулода ёфта шуда бошанду дар ин бора санади дахлдори бо тартиби муқараршуда аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додашуда мавҷуд бошад ва падару модарии кӯдакон номаълум бошанд, сурат гирифта метавонад.

Дар баробари ин мехостем, чанд андешаҳои худро оид ба масъалаи беҳтар гардидани баррасии парвандаҳо доир ба масъалаҳои фарзандхонӣ иброз намоем:

– дар муҳокимаи судӣ оиди фарзандхонӣ таҷрибаи судии ватанӣ бештар истифода карда шавад;

– ҷалби намоянда дар амалияи судӣ оиди фарзандхонӣ ба таври васеъ татбиқ карда шавад;

– шахсе (шахсоне), ки бо ариза оиди фарзандхонии кӯдак ба суди маҳалли истиқомат муроҷиат мекунад аз ухдадории пардохти боҷи давлатӣ ва ҳар гуна хароҷоти судӣ озод карда шавад, чунки фарзандхонии кӯдак ин худ кори хайру савоб аст.

– ба ақидаи мо асоси бақайдгирии давлатии фарзандхонӣ танҳо ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдо намудаи суд баромад карда метавонад. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии фарзандхонӣ воситаи муроҷиат ба мақомоти САҲШ аст, ҳалнома сарфи назар аз ба қайд гирифтани он дар мақомоти САҲШ, эътибор дорад;

– бояд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар се масъала такмил ёбад:

а) тавсияи моддаи 50 дар қисмати аризаро ҳамчун асос донистан дигар карда шавад;

б) бақайдгирии давлатии фарзандхонӣ дар шакли интихобӣ аз байн бурда шавад, чунки ин масъаларо аризадиҳанда дар марҳилаи пешниҳоди ариза ҳал карда, ба суди интихобкардааш муроҷиат мекунад;

в) дар қонун бояд мӯҳлати бақайдгирии ҳатмии фарзандхонӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо монанди қисми 5 моддаи 18 пешбинӣ шавад ва ё муқаррароте ҷой дода шавад, ки дар сурати дар мӯҳлати муқарраршуда муроҷиат накардан бо ариза барои ба қайд гирифтани фарзандхонӣ ин амал аз тарафи мақомоти САҲШ якҷониба ба амал баровarда мешавад, бараъкс ирсол намудани нусхаи ҳалнома ба мақомоти САҲШ аз ҷониби суд амали нолозима боқӣ мемонад.

7. Зарур аст, ки дар мавриди бекор шудани ҳалномаи суд низ мақомоти САҲШ дар ин хусус огоҳ карда шавад. Ҳамчунин, дар мавриди бекор кардани фарзандхонӣ, бояд нусхаи ҳалномаи суд ба мақомоти САҲШ ирсол гардад. Такмили КМГ ҶТ дар ин ҷо ду масъаларо зарур мешуморад: а) масъалаи ба хонаи алоҳида рафтан ва ё дар хонаи алоҳида мондани судя бояд ҳал карда шавад. Ба андешаи мо, хуб мешуд таҷрибаи ҷойдоштани судӣ оиди дар хонаи алоҳида мондани судя ба моҳияти қонунгузории мурофиавии гражданӣ хилоф набуда, дар чунин шароит низ роҳ надодан ба мудохилаи шахсони сеюм ва баамалбарории адолати судӣ имконпазир аст. Бинобар ин, ин таҷрибаро ба КМГ ҶТ бояд ворид намуд.

б) баҳои ба хулосаи коршинос додаи суд бояд пурра дар ҳалнома инъикос карда шавад. Дар ин маврид нишон дода шавад, ки хулосаи коршиноси судӣ ба чӣ асос карда шудааст, оё ҳамаи маводе, ки ба экспертиза пешниҳод шудаанд ба эътибор гирифта шуда, онҳо аз тарафи коршиносони судӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд ё не.

Масъалаҳое, ки дар боло мавриди омӯзиш, таҳлил, муқоиса қарор дода шудаанд, қоидаҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо доир ба масъалаҳои фарзандхониро таҷассум мекунанд.

Боварӣ дорем, ки мавзӯи мазкур барои аз худ кардани шарту қоидаҳои маҷлиси пӯшидаи судӣ оиди парвандаҳои гражданӣ дар доираи масъалаи фарзандхонии кӯдак мусоидат хоҳад кард.

**Пайнавишт:**


1. *Антокольская М.В. Семейное право: учебник. 2-е изд., перераб. и доп. / М.В. Антокольская - М.: Юристъ, 2002. – 470 с.*
2. *Беседкина Н.И. Правовое регулирование порядка усыновления детей (Электронный ресурс) / Н.И. Беседкина // Новый юридический журнал. –2013. - № 1. – ( санаи муроҷиат: 22.02. 2021 с.)*
3. *Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. 05.01.2008. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, с. 2014, №7, с. 2015, №11, с. 2016, №5, Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1474; аз 02.01.2019 с., № 1559; аз 20.06.2019 с., №1612; аз 04.07.2020 № 1697).- Сомонаи расмии www. mmk. tj. ( санаи муроҷиат: 22.02. 2021 с)*
4. *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, с. 2006, № 4, с. 2008, № 3, с. 2010, № 7, с. 2011, № 3,*

*№ 12, с. 2013, № 3, с. 2015, №11, с. 2016, №3, №11, Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1395). ( санаи мурочиат: 22.02. 2021 с.)*

5. *Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан // Под ред. профессора Раҳимова М.З. – М.: Юр.лит., - 730 с.*
6. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои солҳо 1999, 2003 ва 2016). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.*
7. *Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, "№ 30.*
8. *Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021. // Минбари халқ, № 4 (1298).*

**Салимов Ф.**
*ст. преподаватель,*
*филиал Технологического университета*
*Таджикистана в г. Исфаре*

## МЕТОДОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ НАСЛЕДИЯ МУХАММАДА ХОРАЗМИ НА УРОКАХ ПРЕДМЕТА «ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ»

Великий Ньютон говорил, что нет ничего более приятного, чем следовать за мыслями и рассуждениями гения. К сожалению, человеческая история помнит мало настоящих гениев, труды которых создавали бы целые её отрасли, а само их имя становилось бы научным термином. К одним из них можно смело отнести Мухаммада Хорезми, 1240-летие которого будет отмечаться в 2023 году. То наследие, которое оставил этот таджикский гений, не должно остаться только в исторических хрониках математических наук. Многое из того, что оставил Мухаммад Хоразми имеет несомненную педагогическую ценность, в особенности, при изучении в школах точных наук. Только в двух книгах Хоразми «Китаб фи-л-хисаб ал-хинд» и «Китаб аль-джебр валь мукабала» можно выделить свыше 200 задач, которые после приведения к более современному виду, можно использовать на уроках информационных технологий и математики.

Можно определить ряд направлений и моментов на уроках «Информационных технологий», где материалы из богатого наследия Мухаммада Хоразми могут сослужить добрую службу преподавателю. Ведь есть прекрасные переводы из его наследия на русский язык, сделанные замечательными учёными и переводчиками Б.А. Розенфельдом, А. Ахмедовым [1], [2], [4].

При изучении алгоритмов в 10 классе есть, как минимум, два повода упомянуть о деятельности великого учёного. Первое - происхождение термина «алгоритм» от латинской транскрипции имени учёного «Алгоритсми». Второе – использование алгоритмов проведения арифметических операций, приводимых в книге Хоразми «Китаб аль-джебр валь мукабала» [1], [2].

При составлении электронных таблиц в 7 классе можно использовать выкладки из астрономических таблиц и расчёты из математических трудов [3], [4].

В 11 классе есть раздел компьютерного моделирования, в котором можно использовать экономические и алгебраические задачи из «Китаб аль-джебр валь мукабала», астрономические, географические и календарные задачи из «Зиджа» и «Трактата об иудейском календаре» Хоразми.

Многочисленные эскизы и рисунки из трудов Мухаммада Хоразми и из комментариев к ним можно использовать при изучении графических редакторов в 8 классе и создании различного рода графики на кружках информационных технологий.

Обработанный текст и приготовленные таблицы из трактатов великого учёного очень удобны в качестве дидактического материала при изучении текстовых редакторов и процессоров в 8 классе.

Задачи Мухаммада Хоразми можно использовать в качестве заданий для программирования на языках QBasic, Visual Basic, C++ на уроках информационных технологий в 10 классе и на кружках программирования.

Наконец, факты из биографии и трудов великого учёного можно использовать в целях патриотического воспитания современной таджикской молодёжи. Отснятые видеоролики, анализ трудов Мухаммада Хоразми могут отлично украсить уроки информационных технологий.

**Литература**


1. *Мухаммад ибн Муса Ал-Хорезми. Математические трактаты. Отв. редактор академик АН УзССР С.Х. Сиражднинов. Ташкент: Изд-во "Фан" Узбекской ССР, 1983, 306 с.*
2. *Аль Хорезми Мухаммад. Математические трактаты. Перевод Ю.Х. Копелевич и Б.А. Розенфельда, комментарии Б.А. Розенфельда, под ред. Г.П. Матвиевской. Ташкент, 1964*
3. *Сиражднинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Хорезми – выдающийся математик и астроном средневековья: Пособие для учащихся.-М.: Просвещение, 1983.-79 с., ил..-(Люди науки).*
4. *Ал-Хорезми Мухаммад. Астрономические трактаты. Ташкент: Фан, 1983.*



**Аннотация.** В статье рассказывается о методологии использования богатого научного наследия великого таджикского учёного Мухаммада Хоразми (Аль-Хорезми) на занятиях и кружках «Информационных технологий» в средней общеобразовательной школе. Приводятся темы и разделы предмета «Информационные технологии», где можно использовать богатый материал, оставленный этим корифеем науки.



**Ключевые слова**: Мухаммад Хоразми, научное наследие, информационные технологии, учёные средневекового Востока, патриотическое воспитания, методика преподавания информационных технологий.



**Annotation.** The article describes the methodology of using the rich scientific heritage of the great Tajik scientist Muhammad Khorazmi (Al-Khorezmi) in the classes and circles of "Information technology" in a secondary school. The topics and sections of the subject "Information technology" are given, where you can use the rich material left by this luminary of science.



**Key words:** Muhammad Khorazmi, scientific heritage, information technology, scientists of the medieval East, patriotic education, teaching methods of information technology.

**Қаҳоров Н.М.**
*н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ*
*ва назорати прокурории ДДҲБСТ,*
**Мамадкулова Ф.Ф.** *магистрант*

# МУАММОҲОИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР САМТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Дар раванди бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал қарор гирифт, дар ин замина сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ низ баланд гардид. Қонун, ба ҳифзу ҳимояи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона карда шуд, мавқеи шахс дар ҷомеа мустаҳкам гардид, барои истифодаи неруи моддиву маънавии вай, зиндагии осуда ва озоду шоистаи шаҳрвандон дар ҷомеа мусоидат намуд, ба ташкили фазои мӯътадили соҳибкорӣ ва фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо замина гузошт**.**

Лекин, дар ин самт муаммо ва мушкилот пурра бартараф нашудааст.

Мувофиқи қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» назорат аз болои риоя шудани ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз тарафи ҳамаи сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракуни ва шахсони мансабдор яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура аст. Дар вақти муайян кардани самтҳои асосиии назорати прокурорӣ мақсади муайян доир ба пешгирии қонуншиканӣ дар назар дошта мешавад. Ин мақсадҳо аз рӯи мазмуни худ бо худ аниқ кардани вазифаҳои умумии дар назди прокуратура дар пуррагӣ истодаро дар назар дошт. Чунин вазифаҳои аниқ дар назди ҳар як соҳаи назорати прокурорӣ меистад. Онҳо мутлақо бетағйир, шахшуда монда набуда, вобаста аз муҳити иҷтимоие, ки дар он прокуратура фаъолияти худро ба амал мебарорад, аз вазифаҳое, ки давлат бояд дар давраи муайяни фаъолияти худ ба амал барорад, мумкин дигаргун шаванд. Вазифаҳои умумӣ ва анике, ки дар назди прокуратура гузошта мешавад, дар пуррагӣ ҳар як соҳаи назорати прокуратура дар алоҳидагӣ ҳал мекунад. Дар ин ҷо фарқият мумкин дар шакл ва услуби фаъолият бошад. Лекин мазмуни чунин назоратро таъмини амалишавии ҳуқуқи игсон ва шаҳрвандон ташкил медиҳанд. Назорати риоя ва иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – танҳо як самти ягонаи назорати прокурорӣ мебошад, услуб ва шаклҳои соҳавии фаъолияти худро истифода мебарад.

Прокурор ҳангоми ба амал баровардани назорати риоя ва иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ дорад:

- ба муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, бонкҳо ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ бе монеа, ба объектҳои реҷимӣ ҳангоми будани иҷозати махсус ворид гардад ва бо ҳар гуна ҳуҷҷатҳои онҳо шинос шавад;
- иҷрои қонунҳоро дар асоси аризаҳо, шикоятҳо, мурожиатҳо ва дигар маълумот оид ба ҳуқуқвайронкунӣ санҷад;
- барои гузаронидани санҷиш кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷалб намояд;
- барои санҷиши қарорҳо, амру фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, маводҳо, маълумоти оморӣ ва дигар маълумотҳоро (асл ё нусхаи онҳоро) талаб намояд, дар бораи вазъи қонуният ва чораҳои таъмини он маълумот гирад;

- шахсони мансабдор, шаҳрвандонро даъват намояд ва аз онҳо доир ба вайрон кардани қонун баёнот талаб кунад.

Прокурор ҳуқуқ дорад аз роҳбарон ва шахсони мансабдор инҳоро талаб намояд:

- гузаронидани санҷиш ва тафтиши (санҷиши) фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои таҳти назорат ва тобеияти онҳо буда, инчунин дар ҳолати зарурӣ таъин кардани экспертиза;
- барои муайян кардани масъалаҳои бамиёномада ҷудо намудани мутахассисон;
- гузаронидани санҷиши мавод, ахбор, муроҷиатҳое, ки ба прокуратура ворид шудаанд ва хабар дар бораи натиҷаи онҳо.
- Ҳангоми ошкор сохтани қонунвайронкунӣ прокурор ё муовини ӯ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ дорад:
- доир ба санадҳои мақомот ва ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдор, ки хилофи қонун мебошанд, эътироз биёрад;
- бо қарори худ шахсонеро, ки ғайриқонунӣ дучори боздошти маъмурӣ шудаанд, озод кунад;
- дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароити мусоидаткунандаи онҳо таклифҳо пешниҳод намояд;
- дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати шаҳрвандон, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ки қонун муҳофизат мекунад, ба суд муроҷиат кунад;
- мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад, оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё интизомӣ, истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии моддӣ кашидан оғоз кунад, маводҳоро барои баррасии иттиҳодияҳои (ташкилотҳои) ҷамъиятӣ фиристонад;
- дар бораи бартараф кардани вайронкунии ошкорои қонун амрҳо диҳад.

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад.

Танҳо дар давоми даҳ соли охир аз рӯи натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда зиёда аз 243 ҳазор санади эътинооии прокурорӣ татбиқ гардида, барои роҳ додан ба қонуншиканиҳо 234 ҳазор нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва моддӣ кашида шуда, 19440 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст, ки қариб сеюним ҳазори онро ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ташкил медиҳанд.

Бо эътирози прокурорҳо дар солҳои истиқлолият 129 ҳазор санади ғайриқонунӣ бекор карда, тайи даҳ соли охир ба маблағи зиёда аз се миллиард сомонӣ зарари моддӣ барқарор карда шудааст [1, с.3]. Масалан, соли 2019 мувофиқи маълумоти расмии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5336 санҷишҳои назоратӣ гузаронида шуда, нисбати ҳолатҳои вайронкунии қонун 24206 санади эътинооии прокурорӣ табиқ шуда, 36331 нафар ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шуда нисбати 2688 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, зарар ба андозаи 303 миллион сомони ба буҷети давлат барқарор гардидааст [2, с.4].

Бо вуҷуди корҳои анҷомдодаи кормандони мақомоти прокуратура дар самти таъмини риояи якхелаи қонунҳо, ҳанӯз имкониятҳо барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолият мавҷуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи даҳ соли охир шумораи ҷиноятҳо дар кишвар, дар маҷмӯъ, қариб ду баробар, аз ҷумла ҷиноятҳои вазнин зиёда аз ду

баробар, тасарруфи молу мулк ва қаллобӣ қариб ду баробар, авбошӣ ва вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ якуним баробар афзудааст. Шумораи ҷиноятҳои бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд низ тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Чунин вазъ мақомоти прокуратураро водор месозад, ки корро доир ба пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар самтҳои зикршуда ба таври ҷиддӣ тақвият бахшанд.

Тибқи таҳлилҳо содиршавии ҷинояти худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ва сохтмони худсарона торафт афзуда, дар даҳ соли охир қариб понздаҳ баробар зиёд шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» [3], ки дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ қабул шудааст, маҳз барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, риоя ва иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд , инчунин ба амал баровардани ҳуқуқи онҳо барои муроҷиат ба мақомоти дилхоҳи давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор равон карда шудааст. Бо худи ҳамин қонун ӯҳдадории мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдори мушаххас барои дар сари вақт босифат ва холисона баррасӣ намудани муроҷиати онҳо ба танзим андохта шудааст, ки ба мақомоти прокуратура низ дахл дорад.

Таҳлили ҳолати кор оид ба баррасии шикояту ариза ва таклифҳои шаҳрвандон (минбаъд муроҷиати шаҳрвандон) ва дида баромадани масъалаи мазкур дар ҳайати мушовараи Прокуратураи Генералӣ нишон дод, ки дар фаъолияти прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ҳодисаҳои муносибати хунукназарона нисбати муроҷиати шаҳрвандон, тафтиши рӯякӣ, вайрон кардани мӯҳлатҳо ҷой доранд [4].

Ҳолатҳои бо кашолкорӣ ба мақомоти дахлдор фиристодани аризаю шикоятҳо ҷой доранд. Масоили қабул, ба қайдгирӣ ва баррасии муроҷиати шаҳрвандон на дар ҳама прокуратураҳо мувофиқи талаботи қонун ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти муҳим будани кор бо муроҷиати шаҳрвандон, баланд бардоштани ҳисси масъулияти кормандони мақомоти прокуратура ҳангоми баррасии онҳо дар мақомоти прокуратура, ба таври дахлдор ба роҳ мондани назорат аз болои иҷрошавии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, корхонаю муассиса ва сохторҳои дигар сарфи назар аз шакли моликият таъмин мегардад.

Прокуророни вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, нақлиёти, ҳарбӣ, прокурор оид ба назорат аз болои иҷрошавии қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ барои ба таври зарурӣ иҷро шудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ », таъмин намудани дар сари вақт ва бо сифат баррасӣ намудани онҳо, ташкили дурустии қабули онҳо дар мақомоти прокуратура ҳамаи чораҳоро дида истодаанд. Ҳамаи чораҳо дида мешаванд, ки ҳар як муроҷиати шаҳрвандон дар сари вақт, холисона ва пурра аз тарафи ҳамон прокуратурае барраси шаванд, ки ҳалли ин масъала ба ваколати он дохил мешавад. Ҳангоми зарурият барои гузаронидани тафтиш мутахассисон ё худи арзкунандагон ҷалб карда мешаванд. Ба мақомот ва шахсони мансабдоре, ки аз болои амал ё қарорашон шикоят шудааст ё дар бораи кирдори ғайриқонуниашон хабар омадааст, фиристодани муроҷиати шаҳрвандон манъ карда шудааст.

Муроҷиати шаҳрвандон, ки ба воситаи ахбори умум нашр шудааст, ҳатман

мувофиқи қонуни амалкунанда баррасӣ мешавад.

Ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон мӯҳлати якмоҳа ё аз рӯи муроҷиатҳое, ки тафтиши иловагиро талаб намекунанд дар зарфи 15 рӯз, ки бо Қонун муқаррар карда шудааст, риояи қатъиро талаб мекунад.

Дар сурати ба миён омадани зарурат, яъне талаб намудани маводҳои иловагӣ ё қабули чораҳои дигар, ки барои баррасии холисонаи муроҷиат заруранд, мӯҳлати баррасӣ ба тариқи истисно аз тарафи роҳбарияти прокуратураҳо бо ҳатман хабар додан ба муаллифи муроҷиат, мақомот ё ашхоси мансабдоре, ки муроҷиатро зери назорат гирифтааст, на зиёдтар аз як моҳ дароз карда мешавад.

Хоҳиш дар бораи дароз кардани мӯҳлати барраси на дертар аз 5 рӯз пеш аз тамомшавии мӯҳлати барраси пешниҳод карда мешавад.

Муроҷиати шаҳрвандон, ки бояд ба мақомоти дигар фиристода шаванд, дар зарфи на дертар аз 5 рӯз ба он мақомоти фиристодашуда, дар ин бора ҳатман ба муаллиф хабар дода мешавад.

Муроҷиати шаҳрвандон аз як воҳиди сохтори ба дигараш танҳо бо иҷозати муовинони Прокурори Генералӣ, дар вилоятҳо ва ш.Душанбе бошад бо иҷозати прокурор ё ҷонишинони вай, бо ҳатман ба қайд гирифтан дар котибот ва агар муроҷиат дар зери назорат бошад, дар раёсати ташкили кор ва назорати иҷроиши он ба қайд гирифтан, гузаронида мешавад.

Ҳангоми дар муроҷиат мавҷуд будани масъалаҳое, ки ба ваколати якчанд воҳиди сохтори дахл доранд, тафтиши пурраро роҳбари ҳамон сохторе таъмин мекунад, ки дар рӯихати иҷрокунан-дагон аввал дарҷ ёфтааст. Вай аз муроҷиат нусха бардоштан, супориши ягона тартиб додан, гузаронидани тафтиш ва ҷавоб гардо-ниданро таъмин мекунад. [5 с.47-53].

Муроҷиати бе ному нишон (анонимӣ)-и шаҳрвандон, ки дар бораи ҷиноятҳои тайёршудаистода ё аллакай содиршуда маълумот медиҳанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои истифодаи фаврӣ фиристода шуда, боқимондааш бо розигии роҳбарони прокуратура бе санҷиш мешаванд.

Ба ҷонишинҳои Прокурори Генералӣ, Сардори раёсату шӯъбаҳо супориш дода шудааст, ки тартиби тафтиши муроҷиати шаҳрвандон, ки ҳалли пурра, фаврӣ ва босифати онҳоро таъмин карда метавонад, муайян намоянд.

Муроҷиати такрории шаҳрвандонро аз болои қарорҳои прокуророни вилоятҳо, ВМКБ, шаҳру навоҳи ва прокуророни ҳарбию махсуси ба онҳо баробар кардашуда бо омӯзиши парвандаҳои граҷданию ҷиноятӣ ва маводҳои тафтиши дафъаи аввал ҳал карда мешавад.

Ба прокуророни раёсату шӯъбаҳо, ёрдамчиёни калони Прокурори Генералӣ супорида шудааст, ки аз рӯи ҳар як муроҷиати (аризаю шикояти) шаҳрвандон, ки бо омӯзиши парвандаҳои граҷданию ҷиноятӣ ва маводҳои тафтиш ҳатман хулосаи ваҷҳнок бо назардошти ҳамаи далелҳои арзкунанда тартиб дода, онро аз тарафи сардорони раёсатҳо ё ҷонишинҳои Прокурори Генералӣ тасдиқ менамоянд.

Супоришҳо ба прокуророни вилояту шаҳру ноҳия ва прокурори ба онҳо баробаркардашуда бошад, санҷиши далелҳои арзкунанда ё муаллифони аризаю шикоятҳо зери имзои сардорони раёсату шӯъбаҳо, ёрдамчиёни калон ё ҷонишинҳои Прокурори Генерали фиристода шаванд.

Прокурори раёсату шӯъбаҳо ҳуқуқ доранд, ба аризадиҳанда ҳангоми қонеъ гардонидани шикояти дафъаи якум дохилшуда ё фаҳмонида додани он, ҷавоб гардонида ё дар бораи қарори аз тарафи роҳбарияти Прокурори генерали қабулшуда иттилоъ диҳанд.

Ҳангоми рад кардани аризаю шикоят сардорони раёсату шӯъбаҳо ҷавоб мегардонанд; ҳангоми ворид шудани муроҷиати такрори бошад, роҳбарони Прокурори генералии ҶТ ҷавоб мегардонанд. Ҳамин гуна тартиби баррасии муроҷиати шаҳрвандон дар прокуратураҳои вилоятҳо ва шаҳру навоҳи, прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда низ ҷорӣ карда шудааст. Дар прокуратураҳои навоҳи ҷавоби муроҷиати шаҳрвандонро прокуророн имзо мекунанд.

Дар ҷавоб бояд далелҳои муроҷиат дарҷ шуда бошанд, баррасии он бояд ваҷҳнок ва дар асоси меъёрҳои қонун сурат гирад.

Қабули шаҳрвандон, намояндагони созмонҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ мувофиқи ҷадвали қабули шаҳрвандон дар Прокуратураи генералӣ, прокуратураҳои вилоятҳо ва шаҳру навоҳи, прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда сурат мегирад.

Ба сардорони раёсату шӯъбаҳои Прокурори генералӣ ва ҷонишинҳои онҳо қабули шаҳрвандоне, ки аз болои қарори прокуратураҳои тобеъ шикоят мекунанд, супорида шудааст.

Қабули шаҳрвандон аз тарафи Прокурори генералӣ ва ҷонишин-ҳои ӯ аз рӯи шикоятҳое сурат мегирад, ки ба қарори дар дастгоҳи Прокуратураи генералӣ, аз тарафи сардорони раёсату шӯъбаҳои ёрдамчиёни калони Прокурори генералӣ вобаста мебошанд.

Ба ҷонишинҳои Прокурори генералӣ, прокуророни вилоятҳо, шаҳру ноҳия ва прокуророни ба онҳо баробаркардашуда, сардорони раёсату шӯъбаҳо ва ҷонишинҳои онҳо, ёрдамчиёни калони Прокурори Генералӣ супорида шудааст, ки китоби қабули шахсии шаҳрвандонро ҷорӣ кунанд, онро дар котиботи Прокуратураи генералӣ саҳифабандӣ намоянд. Шаҳрвандони ба қабули шахси омада қатъиян ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Доир ба таъмини риояи қонунҳо як нуқтаро қайд кардан зарур аст, ки арзу шикояти шаҳрвандон низ сатҳи риоя ва иҷро шуда истодани қонунҳоро инъикос карда метавонанд. Лекин, чи хеле, ки маводҳои омории мақомоти прокуратура шаҳодат медиҳанд, дар амалия арзу шикояти шаҳрвандон нисбати амал ё санадҳои ғайриқонунӣ, аксар вақт аз ҷониби шахсони ваколатдор бо иштибоҳ ҳамчун «таҳқири шахсӣ» нисбати шахсияти худ фаҳмида мешавад ё онро шахсони мансабдор онро мисли «танқиди шахсӣ» қабул мекунанд [6]. Дар бисёр мавридҳо, шикоят, аслан нисбати шаъну шарафи шахс ё касбии шахси мансабдор пешниҳод намешавад. Шикоят нисбати амал ё қароре, ки шахси ваколатдор ё суд бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун анҷом додаст ё қабул кардааст, оварда мешавад. Бинобар ин, арз кардан, ё пешниҳод шудани шикоят аз ҷониби шаҳрванд дар асл «фоҷеаи мудҳиш» нест [7, с.6]. Аз як тараф, шахси шикояткунанда набояд бевосита ё бавосита ба хотири ҳимояи «шарафи рутба, идора ё мақомот» мавриди таъқиб қарор дода шавад, ки бевосита инкор кардани меъёри Конститутсияи ҶТ мебошад. Аз ҷониби дигар, арзу шикоят барои саривақт ошкор ва бартараф карда шудани вайроншавии қонун, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда; қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал гаштани масъалаҳои ба миён омада ёрӣ мерасонад; масъулиятшиносии кормандони ваколатдори давлатиро то дараҷае баланд мебардорад; яке аз имкониятҳои воқеии иштироки намояндаҳои аҳли ҷамъиятро дар баамалбарории идоракунии давлатӣ таъмин менамояд.

Таҳлилҳои амалияи назорати прокурорӣ нишон медиҳанд, ки сабаби асосии арзу шикоятҳои мардум дар он аст, ки дар амал татбиқ шудани қонун дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бинобар омилҳои субъективӣ ва манфиатдории баъзе

шахсони мансабдори мақомотҳои давлатӣ ба мӯҳлатҳои гуногун «мавқуф» гузошта мешаванд ё то ворид шудани фармони дахлдори роҳбари болоии соҳавӣ татбиқи қонунҳо «**боздошта»** мешаванд. (Баракс татбиқи фармон ё амри роҳбари идораи болоӣ назар ба санади меъёрию ҳуқуқӣ (қонун) саривақт ҷараён мегирад, ки ин хел муносибат ба қонун қувваи қатъӣ ва амали бевоситаи меъёрҳоро коҳиш медиҳад).

Сатҳи пасти ташкили корбарӣ, нокифоягии маърифати ҳуқуқӣ, бемасъулиятӣ, «интизории» фармони махсуси роҳбари идораи болоӣ ё «намоишкории садоқат нисбати роҳбари идораи болоӣ», беэътиноӣ нисбати татбиқи қонунҳо ва ғайраҳо аз қабили омилҳои паҳнгаштае мебошанд, ки ба татбиқи воқеии қонунҳо ва амалӣ гаштани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, аксар вақт монеъ мешаванд, инчунин боиси норозигӣ ва нобоварии мардум ба қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мегардад.

Доир ба ҳамин масъалаҳо, қайд кардан ҷоиз аст, ки ба фаъолияти мақомоти назоратбаранда, таъқиби ҷиноятӣ ва прокуратура набояд танҳо аз рӯи шумораи аризаҳои воридшуда ё парванадҳои ба суд ирсолшуда баҳо дода шаванд, ё ба фаъолияти суд аз рӯи парванадҳое, ки нисбати онҳо танҳо ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст. Миқдор дар ин сурат сифати корро ифода карда наметавонад. Фаъолияти мақомоти номбаршуда дар роҳи тарғибу ташвиқоти қонунҳо, ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳо оиди баррасии арзу шикоят, пешгирии ҷиноят, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва оқибатҳои он бештар мақсаднок аст ва набояд сарфи назар карда шаванд [8, с.321].

Барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳо оиди саривақт ва пурра ошкор кардани ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ содир карда на танҳо дониши ҳуқуқӣ, инчунин интизоми қатъӣ ва намунавии хизматӣ, истифодаи самараноки услубҳои пешқадам, такмили шаклҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият, татбиқи воситаҳои илмӣ-техникӣ ногузир ва ҳатмӣ мебошанд. Ҳангоми пешбурди парвандаҳо ё баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он кӣ дар кадом асос роҳ дода шудааст, қатъиян ва набояд иҷозат дода шаванд, масъулияти муқаррарнамудаи қонун сарфи назар нагардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, саривақт бекор карда шаванд.

Бо ҳамин мазмун сарвари давлат роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ва сохторҳои дигарро вазифадор кардааст, ки доир ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ, риояи савганди ҳарбӣ, сатҳи касбӣ, омодагиии ҷисмонӣ ва рӯҳию равонии хизматчиёни ҳарбӣ, интизоми ҳайати шахсӣ, риояи ойинномаҳои ҳарбӣ ва волоияти қонун, инчунин тарбияи кадрҳои баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии кишварамон ва давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ чораҳои иловагии доимӣ андешанд; ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа, баланд бардоштани сатҳи донишу тахассуси онҳо, пешбарӣ кардани ҳуқуқшиносони пуртаҷриба ба ишғоли вазифа, иҷрои саривақтии санадҳои судӣ ва роҳ надодан ба қонуншиканиҳо дар фаъолияти судяҳо, инчунин ҳалли дигар масъалаҳои ташкилии фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, инчунин бахри баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Ҳамин тариқ, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон аз таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, аз такмилёбӣ ва воқеан дар амал татбиқ шудани қонунҳо, сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишварамон вобастагии калон дорад [9]. «Бунёди ҷомеаи пешрафта қабл аз ҳама эҳтироми қонун, баланд бардоштани

маърифати ҳуқуқӣ ва умуман таъмини волоияти қонунро тақазо мекунад. Мо бояд эҳтирому саҷда карданро ба қонун омӯзем, аз чаҳорчӯбаи Конститутсия берун набароем, ки қонуну қонуният мизони воқеии зиндагӣ, пойдевори ҳаёти ҳаррӯза ва низоми ҳамешагии давлатдории мо гардад» [10, с.41].

**Пайнавишт**:


1. *Аҳмадзода Р.Ю. Баромади Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷинояткорӣ миёни ноболигон" // Минбари халқ, №5 (1194) аз 30 январи соли 2019. – С.3.*
2. *Аҳмадзода Раҳмон Юсуф. Маърузаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишати матбуотӣ доир ба таҳкими қонуният // Ҷумҳурият, № 23(23878) аз 30 январи соли 2020. – С.4.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати воқеӣ ва ҳуқуқӣ». – Душанбе: Қонуният, 2016.*
4. *Фармони Прокурори Генералии ҶТ № 20 аз 14 ноябри соли 2008 «Дар бораи пурзӯр кардани назорати прокурори ва риоя кардани қонуният ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон».*
5. *Тураев Т.Т. Назорати прокурории қонунӣ будани қарорҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждании ва хоҷагӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо // Ҳаёт ва қонун. № 1-2. март 2002. - С.47-53.*
6. *Эмомалӣ Раҳмон. Матбуот ёвари давлату ҳукумат аст. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100 солагии матбуоти тоҷик // Минбари халқ, 2012, №11 (834).*
7. *Мадалиев Қ. Чаро баъзе роҳбарон масъулият эҳсос намекунанд // Ҷумҳурият, № 21-22 (23877) аз 29 январи соли 2020. – С.6.*
8. *Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №11 аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи пурзӯр кардани фаъолияти таҳлилӣ ва ахборотӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Маҷ.фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016, - С.321.*
9. *Дар бораи зарурияти мунтазам ва суботкорона баланд бардоштани сатьи фарҳанги ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқии ҳар як аъзои ҷомеаи мо, муфассал ниг.: Тоҳиров Ф.Т. Тоҷикистон дар роҳи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ // Ҷумҳурият. №66 (20346).19 июни соли 2001.*
10. *Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 5. – Душанбе:Ирфон, 2005. - С.41.*



**Абуллоева Шоира Рақибовна,**
*унвонҷӯйи ДМТ, омӯзгори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара*


## МИРЗО ТУРСУНЗОДА – МУАРРИФГАРИ МИЛЛАТ

Таърих ҳеҷ вақт дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он бо номи абардмардоне вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад.

Дар садаи бист, ки давраи тағйироти куллии сиёсӣ, мафкуравӣ, илмӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буд, чеҳраҳои таъсиргузори миллӣ,

назири устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турзунзода ба арсаи таҳаввулоту таҷаддудот ворид гардиданд ва ба ҷаҳду талошҳои фаровон дар радифи шахсиятҳои ҷаҳонӣ қарор гирифтанд. Агар устодон Айниву Лоҳутӣ дар давраи нави таърихӣ чароғи маънавияти тоҷикро афрӯхта бошанд, устод Мирзо Турсунзода он рӯшаниро қувват ва мудовимат бахшид. [6]

Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоири шаҳир, балки ба сифати арбоби бузурги давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, ба ҳайси Раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар тамоми олами мутамаддин шуҳрат дошт. Ӯ ба ин ташкилоти ҷамъиятию байналмилалӣ бист сол оқилона сарварӣ карда, дар таҳкими пайванди дӯстӣ ва робитаҳои адабии мардумони ду қитъаи муборизи сайёра - Осиё ва Африқо хизматҳои шоиста нумудааст. Ӯ ба сифати муборизи ростини роҳи сулҳ ва дӯстии халқҳо ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ сухан мегуфт, Тоҷикистон ва халқи тоҷикро чун миллати сулҳпарвар, башардӯст ва фарҳангию хирадманд ба тамоми дунё машҳур сохт.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Камол Айнӣ навиштааст: “Касе ба мисли Турсунзода ба шуҳрати миллаташ шуҳрат зам накардааст. Аввалан, ӯ чун рамзи миллат, ҳамчун мунодии сулҳ ба тамоми қитъаҳои олам сафарҳо анҷом додааст, баъдан, дар ҳар куҷое ки будааст, чун гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будааст”. Ин буд, ки устод дар ҳама сафарҳояш бо Ватан ҳамнафас буд ва ёди Ватан ӯро пайваста ҳамсафарӣ мекард. [1, 130с ]

**Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,**
**Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.**

Шоир ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба миллату Ватани худ хизмати шоиста намояд, бо халқ ҳамнафасу ҳамқадам бошад, суханро ба манфиати давлат ва ҷамъият истифода созад. Ашъори дилпазири шоир муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти мамлакат, дарди миллат ва орзуву ормонҳои ӯро дар бар мегирад.

Бесабаб нест, ки асарҳои ин шоири шуҳратёри тоҷик ба зиёда аз панҷоҳ забони халқҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Ин далели обрӯю нуфузи адабиёту фарҳанги тоҷик ва ифтихори миллати тоҷик аст. Мирзо Турсунзода фарзанди содиқи халқ ва ба қавли худаш ***“ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан буд”.*** [6 ]

Воқеан, Ватан азизтарин муқаддасот барои фарзандони огоҳи миллат аст. Онро касе аз тахти дил ва мағзи ҷон дӯст дошта метавонад, ки ифтихори баланди миллӣ дошта бошад. Ифтихор аз озодӣ, ифтихор аз зебоӣ, ифтихор аз Ватан чун модари мушфиқу ғамхор мебошад.

Эҳсоси ватандӯстии шоири шаҳир чунон самимӣ ва завқи зебоиписандиаш чунон равшан буданд, ки Тоҷикистон дар назари ӯ мамлакати тиллоӣ менамуд. Шоир Ватанро такягоҳи муқтадире медонист, ки мегӯяд “ ***халқ аз вай сарбаландиҳо ба даврон мекунад”.***

Шоири бузург халқро дар ҷонсахтию матонат ҳамчун оҳан, Ватанро дар меҳрубонӣ, зебоӣ ва қудрат ба мисли оҳанрабо тасвир мекард. Рангу бӯйи дилкаши Тоҷикистон, ки шоири ҷаҳонгашта онро биҳишти бемисол меномид, боиси ифтихори миллӣ ва сарфарозии ӯ буд. Муҳаббати поки устод Турсунзода ба сарзамини аҷдодӣ, обу хоки Ватан, бешубҳа, барои наслҳои зиёди миллат ҳамчун намунаи олии ибрат хизмат хоҳад кард.

Муқаддас донистани Ватан ва ватандорӣ, шаъну шарафи инсонӣ ва ваҳдати халқҳо, сарфи назар аз нажоду миллату мазҳаби онҳо, дар фаъолияти Мирзо Турзунзода чун арбоби бузурги давлатию ҷамъиятӣ ва кори пурмаҳсули эҷодии ӯ

дар даврахои минбаъда ҳам ба сифати муҳимтарин арзишҳои фалсафию ахлоқӣ идома ва ривоҷ ёфтанд.

Мазмун ва эҷодиёти ин шоири забардасти тоҷикро ваҳдати халқҳои олам ва фаъол сохтани неруҳои азими моддию маънавии онҳо дар роҳи сулҳ, тараққиёти иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоии инсоният ташкил медиҳад. Мирзо Турсунзода нақш ва аҳамияти адабиётро, пеш аз ҳама, дар ҳамин медонист.

Шоир дар асарҳои худ нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона ва эҳсоси баланди инсонпарварии тоҷикон ҳамеша таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба халқи тоҷик бедор мекард, мардумони гуногунмазҳабу гуногунзабони олам нисбат ба мо дар дили худ ҳисси эҳтиром ва дӯстӣ мепарвариданд.

Воқеан, устод Турсунзода бо такя ба неруи фикрӣ, тавони сиёсӣ ва ҳунари адабӣ дар замон ва макони мушаххас тавонист, ки адабиёт ва фарҳанги тоҷикро дар миқёси байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ созад. Дар ин амр ба устод Турсунзода донишу маърифат, таҷрибаву андӯхтаҳо, сайру сафарҳо, диду боздидҳо, мулоқоту вохӯриҳояш бо намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ӯро то ба дараҷаи як шахсияти миллӣ ва фаромиллӣ расонидааст. Ногуфта намонад, ки устод Турсунзода дар даврони шӯравӣ аз ангуштшумор арбобони сиёсию давлатие буд, ки дар миқёси ИҶШС ва берун аз он нуфуз ва эътибори баланди сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ дошт. [5]

Устод ба сифати сафири сулҳи шӯравӣ на танҳо сиёсат ва мафкураи шӯравиро таблиғ кард, балки фарҳанги тоҷикиро ба дуриҳои дур интиқол дода, ҳувияту ҳайсияти тоҷику тоҷикистониро ба намояндагони миллатҳои гуногуни сайёра ошно намуд. Шоир ба ҳамватанони худ муроҷиат менамояд, ки дилро аз кинаю адоват, шубҳаю нобоварӣ покиза, нигоҳ доштан лозим аст. Дилро пур аз меҳру вафо сохтан ва ошёни зиндагиро низ дар дили инсон гузоштан даркор аст, зеро дар ҷаҳон мақоми баландтаре аз дили инсон вуҷуд надорад.

Инсон бузургтарин ва нодиртарин муъҷизаи табиат аст. Бино бар ин, Мирзо Турсунзода ба инсон ва моҳияти ҳастии ӯ аҳамияти калон медиҳад. Дар шеъру достон ва асарҳои драмавию филмномаҳои ӯ инсон бо тамоми паҳлуҳои фаъолияташ, дунёи ботинӣ ва зоҳирӣ, рисолати иҷтимоӣ, олами рангини рӯҳию ахлоқӣ, меҳнат ва муҳаббаташ ба тасвир омадааст.

Мавзӯъҳои асосии эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода ситоиши дӯстиву бародарӣ, озодиву истиқлолият ва мубориза алайҳи низоъангезону тахрибкорон мебошад, ки имрӯзҳо дар замони мо аз аҳамият холӣ нест. Осори шоир насли наврасро ҳушдор медиҳад, ки дар ҳимояи Ватан, ҳувияти миллии хеш ҳушёр, зирак ва дурандеш бошанд.

Мирзо Турсунзода дар шароити нави таърихӣ озодии Тоҷикистон ва халқҳои гуногунмиллатро васф менамуд. Устод дар асарҳои худ симоҳоеро меофарад, ки дар таърихи миллати тоҷик ҳамто надорад. Масалан, қаҳрамони достони “Ҳасани аробакаш” ҷавонмардест, ки озодии ҳақиқиро дар иҷрои хизмати халқ ва ободонии мамлакат мебинад. Ин аст, ки ӯ мувофиқи тақозои замони нав ҳунари ронандагӣ меомӯзад ва баробари Тоҷикистон худаш ҳам рушду камол меёбад. [1. 130с]

Дар достони “Чароғи абадӣ” бошад, шоири қадршинос симои нуронии мураббии забардасти худ устод Садриддин Айниро ба тасвир кашидааст. Ин донишманди маъруф, поягузори адабиёти муосири тоҷик, нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистонро дар ҳаёти маънавии ҷомеаи мо нишон медиҳад. Дар як рӯзи моҳи апрели соли 1953 дар ҳаёти Турсунзода ду воқеаи муҳим рух

медиҳад: субҳ дар хонаи шоир писар ба дунё меояд ва андаке баъдтар устод Айниро, ки ба Душанбе омада буданд, пазирой мекунад. Ин ду воқеа асоси мавзӯи "Чароғи абадӣ"мегардад ва дар чор боби достон "Интизорӣ", "Мулоқоти якум", "Мулоқоти дуюм", "Дар боғ" симои хирадмандонаи устод ба назар мерасад. [1]

Инсони озоде, ки тамоми фаъолияти бошууронаи худро чун шоир ва арбоби ҷамъиятӣ дар роҳи саодати халқҳои заҳматкаш, дӯстию бародарӣ, ваҳдат ва ягонагии мардум бахшидааст, худи устод Мирзо Турсунзода мебошад, ки мо чеҳраи пурҷозибаи ӯро дар достони "Ҷони ширин" мебинем. Дар ин асар мавзӯи оила ва муносибатҳои оилавӣ мавқеи муайянкунандагӣ дорад ва дигар муаммоҳо дар муносибат ба ин мавзӯи асосӣ ҳал мешавад. Дар маркази тасвири Турсунзода оилаи хушбахт қарор гирифтааст, оилае, ки асоси онро меҳру муҳаббат, самимият ва эҳтироми ҳамдигарии зану шавҳар ташкил медиҳад.

Достони "Ҷони ширин" мавзӯъҳои гуногунро фаро гирифтааст. Махсусан, сулҳ, дӯстӣ ва ватанхоҳӣ дар ин асар мавқеи босазо доранд. Шоир масъалаҳои сулҳу дӯстиро тавъам медонад ва онҳоро якҷо мавриди тасвир қарор медиҳад:

**Ҷони ширин, бин, чӣ сон сулҳ аст зӯр,**
**Бин, чӣ сон шуд дӯстӣ моро зарур.**

Дар тасвири достони "Ҷони ширин" сулҳ барои ҷомеаи инсонӣ бузургтарин неъмати рӯйи замин аст, ки файзу баракати онро ба саховати офтоб баробар кардан мумкин аст. Шоири тоҷик ба воситаи тасвири лаҳзаҳои зиндагӣ ва кору пайкори Файз Аҳмади покистонӣ ва Николай Тихонови рус таъкид мекунад, ки сулҳу амонӣ ва озодӣ маҳсули ҷонбозиҳои фарзандонӣ бедордилу барӯманди халқҳои гуногун мебошанд. Махсусан, образи Файз Аҳмад хеле муассир ба қалам омадааст:

**Ёд дорӣ, аз мубориз шоирон**
**Файз буд дар хонаи мо меҳмон.**
**Аз ватан гап сар кунӣ, дар мегирифт,**
**Дар ба мисли ҳезуми тар мегирифт.**
**Печу тобаш мисли мавҷи об буд,**
**Обҳои ноҳаи Панҷоб[130] буд.**

Қаҳрамонони устод Турсунзода одамони озоде ҳастанд, ки ҳастии худро ба хизмати халқу Ватан бахшидаанд. Онҳо ҳар қадар ки ба Тоҷикистон ва инсонияти мутамаддин хизмати шоиста анҷом диҳанд, ба ҳамон андоза худро озод ва хушбахт эҳсос менамоянд.

Достони "Писари Ватан" яке аз калонтарин асарҳои устод Турсунзода буда, ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Мундариҷаи достон дар асоси роҳи ҷангии фарзандони тоҷик ва дӯстиву рафоқати онҳо ба фарзандони халқи украин фароҳам омадааст. Достон аз панди падари Қодир оғоз мешавад. Симои падар чун шахси ватандӯст, ҳалолкор, таҷрибадида ва соҳиби рӯҳи қавиву орзую омоли наҷиб намоён мешавад. Вақте ки ҷанги хонумонсӯз оғоз меёбад, пеш аз ҳама, писарашро ба ҳимояи Ватан бармехезонад:

**Ту ҳам бо дӯстонат рав ба майдон,**
**Нишон деҳ қудрати худро, писарҷон!**
**Далери ман, сазовори падар бош,**
**Чу шамшери падар соҳибзафар бош!**

---

[30] Ноҳа-шакли кутоҳшудаи ноҳия (кишвар, мамлакат)

Мирзо Турсунзода бо воситаи образҳои Қодир ҷавонони ватандӯсти Иттиҳоди Шӯравиро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ тасвир намудааст, ки барои онҳо тамоми хоки паҳновари Давлати Шӯравӣ азизу муқаддас буд. Маҳз, дӯстиву муттаҳидии онҳо ғалабаи халқҳои шӯравиро бар Германияи фашистӣ таъмин намуд.

Шоир дар асарҳои худ нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона ва эҳсоси баланди инсонпарварии тоҷикон ҳамеша ҳусни таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба халқи тоҷик бедор мекард, мардумони гуногунмазҳабу гуногунзабони олам нисбат ба мо дар дили худ ҳисси эҳтиром ва дӯстӣ мепарвариданд.

Имрӯз, ки халқи мо роҳи пешрафти минбаъдаи худро муайян намудааст ва бо ин роҳ устуворона пеш меравад, ин нуқтаи назар барои насли кунунии миллати куҳанбунёди тоҷик моҳияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид кардан мехоҳем, ки ғояи ҷомеаи демократию дунявӣ чароғи раҳнамои мост ва бар хилофи монеаҳое, ки душманон дар роҳи миллати тоҷик эҷод мекунанд, мо дар заминаи худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ чунин ҷомеаро барпо хоҳем кард ва ба он муваффақ хоҳем шуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи кишварҳои пешрафтаю мутамаддини ҷаҳон ҷой гирад.

Аз шахсиятҳои таърихӣ, инсонҳои равшанзамир ва машъалдорони роҳи озодиву истиқлолият, бунёдгузорони Тоҷикистони нав, парчамбардорони матини илму адаб ва фарҳанги миллии тоҷикон бо сипосгузорӣ ёдовар шудан амри воҷиб аст. Зеро ин фарзандони бошарафи халқи тоҷик поягузорони кишвари маҳбуби мо ба шумор мераванд. Дар ин ҳалқа фарзанди шарафманди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода, ки барои хизматҳои бузург дар инкишофи адабиёт ва тарғиби ғояҳои сулҳу дӯстии халқҳо ва густариши нуфузи байналхалқии Тоҷикистон дар радифи устод Садриддин Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров сазовори унвони олии “Қаҳрамони Тоҷикистон” гардидааст, мақому мавқеи шоиста дорад. [9, 345с.]

Мирзо Турсунзода адиби мубориз, шахсияти барҷаста ва инсони наҷиб аст. Ӯ ҳамеша дар дили халқаш зиндаву поянда аст Аз ин рӯ, ӯ маҳбуби халқи тоҷик ва мардумони сулҳпарвару озодихоҳи олам гардидааст. Бегазанд мондани ном ва осори Мирзо Турсунзодаро ҳаёт ба хубӣ собит менамояд. Чун гиромидошт ва рамзи посдориии хизматҳои шоистаи устод Турсунзода ба номаш шаҳр, донишгоҳу мактабҳо ва кӯчаву хиёбонҳо гузошта шудаанд ва, муҳимтар аз ҳама, шеъри ӯ пайваста вирди забони мардуми тоҷик аст.

Бигзор, номи муборак ва осори арзишманди Мирзо Турсунзода ҳамчун қосиди сулҳи даврони мо аз насл ба насл ва аз аср ба аср идома ёфта, умри абадӣ ёбад. Бигзор, каломи оташин, мавзун ва нобу шевои Мирзо Турсунзода қалби тамоми халқи тоҷик ва ҷаҳонро софу мунаввар ва чун оина пурҷило гардонад!

**Адабиёт:**


1. *Асозода Х., Кучаров А. Адабиёти тоҷик (давраи нав).-Душанбе-2006.-130с.*
2. *Абдуллоҳ А., Каримов М. Бузургонро бузургон зинда медоранд: Ба ифтихори 100-солагии Мирзо Турсунзода // Омӯзгор.-2010.-30 июн.*
3. *Ғаффоров У. Устоди маънавии устод: Мирзо Турсунзода //Ғаффоров У. Шаҳбози осмони сухан.-Душанбе: Адиб.-2007.-С.94-115.*
4. *Муссоев А. Фарзанди қарни XX Мирзо Турсунзода.-Душанбе: Ирфон, 2010.-65с.*
5. *Раҳмонов Э. Мирзо Турсунзода - шоири бузург ва арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар маҷлиси*

*тантанавӣ бахшида ба 90-солагии устод Мирзо Турсунзода // Ҷумҳурият.-2001.-30 октябр.*
6. *Самад А. Ифтихори миллат: Мирзо Турсунзода // Ҷумҳурият.-2001.-16 октябр.*
7. *Сайфуллоев А. Иттифоқи Мирзо Турсунзода : Хотираҳо // Адабиёт ва санъат.-2001.-18 май.*
8. *Табаров С. Мақоми Мирзо Турсунзода дар адабиёти умумиҷаҳонии асри XX // Ҷумҳурият.-2001.-25-27 октябр.*
9. *Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор, -Душанбе: «ЭР-граф», 2016.-344-349с.*

**Анотатсия:** Мирзо Турсунзаде был известен во всем мире как поэт, крупный государственный и общественно-политический деятель, как председатель Комитета солидарности Азии и Африки. Он внес большой вклад в укрепление уз дружбы и литературных связей между народами двух континентов - Азии и Африки. Он побывал во многих странах мира как борец за мир и дружбу народов, выступил с высоких международных трибун, прославил Таджикистан и таджикский народ во всем мире как миролюбивая, гуманная, культурная и мудрая нация.

MIRZO TURSUNZODA - PEACEKEEPER

Mirzo Tursunzade was known all over the world as a poet, a prominent statesman and public-political figure, as the chairman of the Asia-Africa Solidarity Committee. He made a great contribution to strengthening the bonds of friendship and literary ties between the peoples of two continents - Asia and Africa. He visited many countries of the world as a fighter for peace and friendship of peoples, spoke from high international tribunes, glorified Tajikistan and the Tajik people throughout the world as a peaceful, humane, cultured and wise nation.

**Абдураҳмонова Мадина Исмоилҷоновна**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатӣ*
*(ДДҲБСТ, шаҳри Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ҲУДУДИ МАРЗИВУ МАЪМУРИИ ЗАМИНҲОИ ШАҲР, ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

Заминдорой боигаириҳое мебошад, ки аз дигар объектҳои моддӣ фарқ мекунад, инчунин замин сарчашмаи ҳаёт, захираи табиат ва пеш аз ҳама моликият низ мебошад, ки истифодаи самараноки он бояд ба таври дуруст ба роҳ монда шавад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад [1]. Бо мақсади танзими раванди тақсими замин дар маҳалҳо, истифодаи самараноки он пешгирии омилҳои муомилоти ғайриқонунии замин, тартиби амалигардонии чорабиниҳои заминсозӣ, ташкили заминистифодабарии нав ва мавҷуда қонунгузории соҳаи замин аз мониторинги ҳуқуқӣ гузаронида шуда, санади меъёрии ҳуқуқии ягонаи мукаммал - Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Асосгузор сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: “Дар 27 соли соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст. Яъне ба як миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ замин тақсим карда дода шудааст ва ба ҳисоби миёна беш аз 7 миллион нафар сокинони кишвар шароити манзилиашонро беҳтар кардаанд” [6, с. 583].

Заминҳои маҳалҳои аҳолинишин яке аз муҳимтарин категорияи фонди давлатии замин мебошад, ки барои баланд бардоштани зиндагии арзандаи инсон зарур буда, тамоми шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, муҳандисӣ ва инфрасохторро дар бар мегирад.

Мубрам будани масъалаҳои ҳуқуқи замин инчунин дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо барои вусъат бахшидан ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, дар боғу гулгаштҳо ва заминҳои фарҳангӣ бо меъёрҳои соҳаи замин ва шаҳрсозӣ ба танзим дароварда мешавад.

Замини шаҳр қисми таркибии категорияи заминҳои маҳаллии аҳолинишин мебошад, ки мақсади истифодабарии ин категорияи замин аз рӯйи таъминоти мақсаднокашон гуногун аст. Зеро дар дохили заминҳои шаҳр миқдори муайяни дигар категорияҳои қитъаҳои замин низ мавҷуд аст, ки қитъаҳо мувофиқи таъиноти мақсаднокашон мавриди истифода қарор дода мешавад. Қитъаҳои замини мазкур пеш аз ҳама барои рушду инкишоф ёфтани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мавриди истифода қарор медиҳад.

А.П. Асимов қайд мекунад, ки ҳудуди марзиву маъмурӣ (яъне ҳудуди шаҳри вилоятҳо, канорҳо, гирду атроф) мувофиқи ташкили ҳудуди маъмурии шаҳр бояд мувофиқ омада, дар натиҷаи он имконияти пешгирии печдарпечии истилоҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни қонунгузории имрӯза, мисол дар қисми заминҳои аҳолинишин дигар гурӯҳои замин дида мешавад [5, с.18]. Ба ақидаи мазкур аллбата розӣ мебошам, ки дар ҳақикат ҳудуди марзии маъмурии маҳалли аҳолинишин дар санадҳо меъёрии ҳуқуқии кишварамон бо мафҳумҳои ҳархела омадаанд.

Мутобиқи сархати 3 қисми 1 моддаи 1 Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохтори марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] зери маҳфуми маҳаллии аҳолинишин ҳудуди муайяни ҷои зисти аҳолӣ, ки дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ сохтори демографии аҳолӣ шуғли онҳо ташаккул ёфта сохтмон ва азнавсозии манзилҳои истиқоматӣ дигар биною иншоот ҷиҳати пешбурди ҳаёту фаъолияти аҳолӣ гашта номи худ ва мувофиқи тартиби муқарраргашта марзи муайян дорад фаҳмида мешавад. Чуноне, ки қайд карда шуд яке аз воҳидҳои сохтории маҳалҳои аҳолинишини шаҳр ба ҳисоб меравад. Шаҳр маҳалли аҳолинишине ба шумор меравад, ки ҳамчун воҳиди марзиву маъмурӣ ба қайд гирифта шуда, дар он идоракунии давлатӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа дар маҳаллҳо амалӣ карда мешавад. Шаҳр ҳамчун воҳиди марзиву маъмурӣ метавонад ҳудуди ноҳия шаҳрак ва деҳотро муттаҳид намояд.

Мутобиқи сархати 8 қисми 1 моддаи 8 Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, № 28 [3], Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон вилоятҳо шаҳри Душанбе шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқ доранд истифодабарии об, замин ва дигар сарватҳои табииро тибқи санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад. Зеро манбаъҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро замин, сарватҳои зеризаминӣ об, ҷангал, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ, ки дар воҳидҳои марзиву маъмурии дахлдор воқеанд, ҳамчун моликияти давлатӣ сарчашмаи даромади мақомоти маҳалли ҳокмияти давлатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии аҳолии воҳидҳои марзиву маъмурии дахлдор мебошанд, ташкил медиҳанд.

Муқаррар намудани ҳудуди маъмурии шаҳр тавассути моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], Қонуни конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровარда мешавад. Тибқи қисми 4 моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзиву маъмуриро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Мувофиқи моддаи 9 Қонуни конститутсионии мазкур таъсису барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илтимосномаи маҷлиси вакилони халқи дахлдор аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар вақти тағйир додани воҳидҳои марзиву маъмурии шаҳр, шаҳрак ва маҳалли аҳолинишини деҳот таркиби категорияи фонди ягонаи давлатии замин бо муқарароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як гурӯҳ ба як гурӯҳи дигар қитъаи замин гузаронида мешавад. Бояд қайд намуд, ки аз зиёдшавии аҳолӣ муроҷиати шаҳрвандон барои гирифтани замин наздиҳавлигӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Аз ин лиҳоз аз ин гурӯҳ ба ин гурӯҳ гузаронидани қитъаи замин дар кишвари мо бисёр ба чашм мерасад, ки ба зарурати давлатӣ ва ҷамъиятӣ доштан, даст кашидан аз истифодабарии қитъаи замин ва истифода намудани он дар дигар гурӯҳ, қатъ гардонидани фаъолияти заминистифодабарандагони заминҳои муҳлатнок дар гурӯҳи заминҳои захираи давлатӣ ва фонди давлатии ҷангал ё бемаҳсул гузаронидани заминҳои корам, алафдарав, чарогоҳҳо фақат дар ҳолати рух додани офатҳои табиӣ (обхезӣ, обзеркунӣ, фаромадани ярчу шағал ва дигар омилҳои табиат), ки боиси аз гардиши кишоварзӣ баромадани ин заминҳо гардидааст, инчунин гирифтани замин тибқи тартиботи муқарраршуда барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, мумкин аст.

Тартиби аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо барои мансуб донистани дар гурӯҳҳои фонди ягонаи давлатии заминҳо ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани заминҳо тибқи қоидаҳои мазкур ба танзим даровარда мешавад. Тибқи моддаи 9 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қоидаҳои тартиби аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо" аз 30 ноябри соли 2007, № 570 [4] тасдиқ шудааст ба танзим даровარда мешавад.

Қоидаҳои мазкур тартиби банизомдарории маводи заминсозӣ, пешниҳодкунӣ ва дархости аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани заминҳоро танзим менамояд.

Гузаронидани заминҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ва аз як намуд ба намуди дигар бо пешниҳоди мақомоти заминсозӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ризояти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Чӣ тавре ки Азимзода А.Ш. қайд мекунанд, моҳияти қоидаҳои қарори номбаркардашуда, ба талабот ҷавобгӯ нест: батанзимдарории ҳуқуқии аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо мухолифат менамояд ба талаботи моддаи 9 (1) Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ҳолати муайянкунии субъекти ваколатдорӣ аз ин гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани қитъаи замин зиддият ба чашм мерасад [7, с. 120].

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии заминистифодабарандагонро ҳама вақт нигоҳ медорад ва намегузорад, ки ҳуқуқҳои онҳо оид ба истифодабарии замин қатъ карда шавад. Аз ин лиҳоз, ҳудуди маъмурии шаҳр дохил намудани қитъаҳои замини гирду атрофи он, ки пештар заминҳои ноҳия ҳисоб меёфт, боиси қатъ гардидани истифодабарии он аз ҷониби заминистифодабарандаи пештара намегардад. Сабаб ва асоси гирифтани чунин заминҳо барои эҳтиёҷоти шаҳр, тибқи нақшаи генералии шаҳрсозӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба амал бароварда мешавад. Мувофиқи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи генералӣ, ин ҳуҷҷати муайянкунанда самтҳои стратегии рушди иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва ҳудуди маҳалли аҳолинишин ё ҳудуди муайян, ки ҳуҷҷати асосии шаҳрсозӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳудудҳои шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишини, қисмҳои алоҳидаи ноҳияҳои маъмурӣ ва ғайра таҳия карда шудааст, фаҳмида мешавад. Мутобиқи моддаи 45 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши генералии ҷойгиркунӣ талаботи зеринро дарбар мегирад: муқаррароти асосии рушди низоми ҷойгиркунонӣ, истифодабарии табиат ва қувваҳои истеҳсолӣ мутобиқи дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадбирҳо оид ба беҳтар намудани вазъи экологӣ дар минтақаҳои истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, нигоҳ доштани ҳудуди объектҳои мероси фарҳангӣ, рушди инфрософхторҳои муҳандисӣ, нақлиётӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти умумидавлатидошта, ҳудудҳои барои рушди низоми ҷойгиркунӣ мусоид, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, минтақаҳои муҳофизати иншооти обӣ, ҳудудҳои истироҳатӣ, ҳудудҳои таъиноти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, ҳудудҳои дорои шароити табиату иқлими ғайриоддӣ, ҳудудҳои дучори таъсири ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ гардида, ҳудудҳои дорои сарватҳои зеризаминӣ, ҳудудҳое, ки барои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар намудҳои истифодаи шаҳрсозӣ ва маҳдудсозии истифодаи ҳудуди мазкур барои амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ муқаррар карда мешаванд ва дигар талабот.

Ба андешаи муаллифони тафсир ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тартиби таҳияи тарҳи генералии ҷойгиркуниро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [8, с. 284].

Тибқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 марти соли 2013, № 958, шаҳрак, ин маҳалли аҳолинишине ба шумор меравад, ки ҳамчун воҳиди марзиву маъмурӣ ба қайд гирифта шуда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. М.М.Соҳибов қайд мекунад, ки дар ҳудуди шаҳрак мумкин аст маҳалҳои аҳолинишини дигар, ки воҳиди марзиву маъмурии алоҳида нестанд, ташкил карда шавад [9, с. 357].

Аз меъёри мазкур муайян шуд, ки шаҳрак маҳалли аҳолинишие ба шумор меравад, ки дар ихтиёри худ замин дорад. Заминҳое, ки дар ҳудуди шаҳрак мавҷуд аст, заминҳои шаҳрак ба шумор меравад, ки паҳн ва истифодабарии онҳо тибқи

тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 76 то 80 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истисном моддаҳои 77 (2) ва 77 (7) сурат мегирад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду истилоҳи бо ҳам монандро дар матнҳои худ ҷой додаст, ки яке «деҳот» ном дорад ва дигар «деҳа» ном дорад. Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», зери мафҳуми деҳот – воҳиди маъмурие, ки аз як ё якчанд деҳаҳо иборат буда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад дар назар дошта мешавад. Деҳа бошад, ин ҳудуди муайяни ҷои зисте мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли аҳолинишин ба қайд гирифта шуда, дар он дараҷаи муайяни ободонӣ таъмин карда шудааст.

Тибқи қисми 5 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба категорияи деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки ба дараҷаи муайяни ободонӣ ноил гардида, шумораи аҳолии онҳо на камтар аз 50 нафарро ташкил медиҳад ва нисфи зиёди аҳолии онҳо ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ ба категорияи деҳа маҳалли аҳолинишини дурдаст ва мушкилгузареро низ дохил кардан мумкин аст, ки теъдоди аҳолии онҳо аз 50 нафар камтар мебошад. Азбаски деҳот мафҳуми васеътар мебошад ва дар дохили худ воҳидҳои марзиву маъмуриро доро аст, ба он қитъаҳои замине дохил мешавад, ки дар дохили сарҳади муқарраршудаи маҳалли аҳолинишин мазкур ҷой дошта бошад. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои маҳалли аҳолинишини деҳот дар ихтиёри мақомоти ҳокимияти маҳалӣ мебошанд. Мувофиқи нақшаи хоҷагидорӣ истифодабарии заминҳои маҳалли аҳолинишини деҳот барои заминҳои наздиҳавлигӣ, сохтмони биноҳои истиқоматии маъданиву маишӣ, иншооти истеҳсолӣ ва мақсадхое, ки хилофи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Муқаррар ва тағйир додани ҳудудҳои маҳалли аҳолинишини деҳот тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақомоти худидоракунии деҳот аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ дар доираи салоҳияташон амалӣ мешавад. Тибқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис ва барҳам додани деҳот, тағйири сарҳади онҳо ва ба ҷои дигар кӯчонидани марказҳои маъмурии онҳо аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдори ноҳия, шаҳр, вилоят сурат мегирад. Ҳангоми таъсис додани деҳот сарҳад ва маркази маъмурии он муқаррар карда мешавад.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки қитъаҳои замини дар ҳудуди марзиву маъмурии маҳалли аҳолинишин воқеъбуда, ба ҷалби қатъи ҳуқуқи қитъаи замини заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин тағйир дода мешавад. Бинобар ҳамин дар назар доштан мумкин, ки қитъаи замини шаҳр ва маҳалли аҳолинишини деҳот барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар баъзе маврид барои васеъ кардани маҳалли аҳолинишин гирифта мешавад. Бо мақсади сохтмон тибқи нақшаи генералии шаҳр ва маҳалли аҳолинишини деҳот ҳудуди марзиву маъмурии маҳалли аҳолинишин тағйир меёбад, аммо аз сабаби он, ки барои тағйир додани ҳудуди марзиву маъмурӣ маблағи бисёр лозим, сохтмони ҳудуди аҳолинишин дар

амал тибқи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ номувофиқ мебошад, аз ҳамин лиҳоз сохтмонҳои нав бо якдигар дар ҳудуди наздик ҷойгиршудаанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994., бо тағйироту иловагиҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Маводи электронӣ] // Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: http://www.mmk.tj. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 марти соли 2013, № 958. [Маводи электронӣ] // Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: http://www.mmk.tj.*
2. *Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 марти соли 2013, № 958. [Маводи электронӣ] // Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: http://www.mmk.tj.*
3. *Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, № 28. [Маводи электронӣ] // Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: http://www.mmk.tj.*
4. *Қоидаҳои тартиби аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007, № 570 тасдиқ шудааст. [Маводи электронӣ]: // Дастрас аз маркази иттилоотии ҳуқуқии 7.0.adlia@yandex.ru (санаи муроҷиат 12.03.2019).*
5. *Асимов А.П. Теоретические основы правового режима земель поселений в Российской Федерации. Автореф.: диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук. Саратов 2004 –56 с.*
6. *Азимзода А.Ш. Правовые проблемы перевода земель из одной категории в другую // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. 2018. № 2. С. 119-123.*
7. *Муртазозода Ҷ.С., Санавваров Ғ.Б., Амонов А.Ҷ. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳия бахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯаи паёмҳо) – Хуҷанд: Хуросон, 2019 – 601 с.*
8. *Раҳимзода М.З. ва диг., Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 360 с.*
9. *Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Андалеб Р, 2015.- 396 с.*



**Аннотация.** В статье рассматриваются социально-правовые проблемы населения по совершенствованию инфраструктуры, в первую очередь, в области строительства и реконструкции автомобильных дорог местного значения в городах и районах с целью расширения благоустройства, в парках и на землях культуры в соответствии с земельным и градостроительным законодательством в Республики Таджикистан. Дается авторские определение по изменения территориально-административного деления городов, поселков и сельских поселений и приводятся нормы перевода земель из одной категории в другую в соответствии с нормами земельного права. В научной статье автор определения и дает вывод о правовой сущности территориальных и административных границ города, поселка и села.

**Ключевые слова:** территориальных и административных границ, перевод земель, категории земель, земли населенного назначения.

**The summary**

The article examines the social and legal problems of the population to improve the infrastructure, primarily in the field of construction and reconstruction of local highways in cities and regions with the aim of expanding landscaping, in parks and on cultural lands in accordance with land and town planning legislation in the Republic of Tajikistan. The author's definition of changes in the territorial-administrative division of cities, towns and rural settlements is given and the norms for transferring land from one category to another are given in accordance with the norms of land law.In a scientific article, the author of the definition and gives a conclusion about the legal essence of the territorial and administrative boundaries of the city, town and village.

**Key words:** territorial and administrative boundaries, land transfer, land categories, land for inhabited purposes.

**Носиров Н.Б.,**
*н.и.ҳ. ФДТТИ*

## МУАММОҲОИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛИИ БАҚАЙДГИРИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ҲАНГОМИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ

Дар давраи иқтисоди бозорӣ азнавташкилдиҳӣ яке аз роҳҳои нисбатан паҳнгаштаи на танҳо қатъ гардидани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, балки яке аз роҳҳои маъмули ба вуҷуд омадани шахсони ҳуқуқии нав мебошад. Воқеан, азнавташкилдиҳӣ як ҳодисаи ҳуқуқии мушаххасе мебошад, ки дар раванди он ҳам ба вуҷуд омадан ва ҳам қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар фарқият аз «барҳам додан» ва «муфлисшавӣ», ки дар раванди онҳоҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ катъ мегардад,«азнавташкилдиҳӣ» чунин шакли қатъ шудани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки дар раванди он ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси (шахсони) ҳуқуқӣ қатъ нагардида, ба шахси ҳуқуқии нав таъсис ёфта мегузарад. Ба ақидаи Е.А. Суханов, азнавташкилдиҳӣ на танҳо шакли қатъ шудани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, балки яке аз воситаи ба вуҷуд омадани шахсони ҳуқуқӣ низ ба ҳисоб меравад [3, 200]. Дар ҳақиқат, ҳангоми азнавташкилдиҳӣ, агар аз як тараф, фаъолияти баъзе шахсони ҳуқуқӣ қатъ гардад ҳам, ҳамзамон аз тарафи дигар, шахсони ҳуқуқии нав ба вуҷуд меоянд. Маҳз барои ҳамин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии фаъолияташон қатъгардида ба шахсони ҳуқуқии фаъолияташон оғозёфта ё идомаёфтаистода мегузарад.

Ба андешаи модар раванди азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ яке аз масъалаи муҳим ин бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқии таъсисёфта ва ё шахсони ҳуқуқии барҳамхӯрда ба ҳисоб меравад. Тартиби бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфтааст, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [1], ба амал бароварда мешавад. Бояд қайд намуд, ки шахси ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳӣ пас аз ворид намудани тағйироти дахлдор ба Феҳристи ягонаи давлатӣ барои шахсони сеюм эътибор

пайдо мекунад ва аз ҳамон лаҳза қобилияти субъекти ҳуқуқи граждани̅ буданро пайдо менамояд.

Ҳангоми муттаҳидшавии ду ё зиёда шахси ҳуқуқи̅, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ба шахси ҳуқуқии навтаъсис гузашта, фаъолияти шахсони ҳуқуқии муттаҳидгардида бо минбаъд ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлати̅ оид ба ин қатъшави̅, қатъ мегардад ва шахси ҳуқуқии навтаъсис бояд аз қайди давлати̅ гузарад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми тақсимшави̅ амалҳо баръакси муттаҳидшави̅ сурат мегиранд. Яъне, ҳангоми тақсимшавии шахси ҳуқуқи̅ шахси ҳуқуқии тақсимгардида мавҷудияти худро қатъ намуда, ду ва ё зиёда шахсони ҳуқуқии нав таъсис меёбанд. Ҳамзамон ҳуқуқу уҳдадориҳои он ба шахсони ҳуқуқии навтаъсис мегузарад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлати̅ маълумотро оид ба қатъ гардидани мавҷудияти шахси ҳуқуқие, ки ба ду ё зиёда шахсони ҳуқуқи̅ тақсим карда шудааст, ба Феҳристи ягонаи давлати̅ ворид намуда, бақайдгирии давлатии ду ва ё зиёда шахсони нави ҳуқуқии дар натиҷаи тақсимкунии шахси ҳуқуқи̅ таъсисёфтаро анҷом медиҳад.

Дар сурати ҳамроҳшавии як ё якчанд шахси ҳуқуқи̅ ба шахси ҳуқуқии дигар ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда ба шахси ҳуқуқии охирон гузашта, ҳамзамон шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда фаъолияти худро худро қатъ мекунанд. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлати̅ маълумотро оид ба қатъ гардидани фаъолияти шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда ба Феҳристи ягонаи давлати̅ ворид менамояд.

Азнавташкилшави̅ ҳангоми ҷудошави̅ бошад, баръакси азнавташкилшавии ҳангомиҳамроҳшави̅ сурат мегирад. Яъне, ҳангоми аз ҳайати шахси ҳуқуқи̅ ҷудо шудани як ё якчанд шахси ҳуқуқи̅, як ё якчанд шахсони ҳуқуқии нав таъсис меёбанд, вале шахси ҳуқуқии аввал фаъолияти худро давом дода, азнавбақайдгирии он зарурат надошта, шахсони ҳуқуқии ҷудошуда бошанд, бояд аз бақайдгирии давлати̅ гузаранд. Маҳз барои ҳамин дар байни ин панҷ шакли азнавташкилдиҳи̅, танҳо ҳангоми «ҷудо шудан», фаъолияти ягон шахси ҳуқуқи̅ қатъ намеёбад, чунки ҳангоми ҷудо шудан аз ҳайати як шахси ҳуқуқи̅ як ё якчанд шахси ҳуқуқии дигар ҷудо шуда, фаъолияти шахсии ҳуқуқии ибтидои̅ низ идома меёбад.

Азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқи̅ одатан ихтиёран бо қарори муассисон ё мақомоти шахси ҳуқуқи̅, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсиси̅ дорои чунин ваколат аст, ба амал бароварда мешавад. Бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисори̅ бошад, дар қонун мумкин аст ҳолатҳо ё тартиби маҷбуран азнавташкилдиҳии ташкилотҳои тиҷорати̅ дар асоси ҳалномаи суд пешбини̅ карда шавад. Масалан, мувофиқи талаботи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисори̅ дар бозорҳои мол» [2] мақомоти зиддиинҳисори̅ дар ҳолати вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисори̅ аз ҷониби шахси ҳуқуқи̅, бо даъво ё ариза ба суд «дар бораи барҳамдиҳи̅ ё азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқи̅» ва ё «дар бораи азнавташкилдиҳии маҷбурии шахсони ҳуқуқи̅ (дар шакли тақсимкуни̅, ҷудокуни̅)» муроҷиат кунад. Аз ҷумла тибқи моддаи 17 қонуни зикршуда, дар ҳолате ки субъектҳои хоҷагидори машғули фаъолияти соҳибкори̅ мавқеи ҳукмфармоиро соҳиб мебошанд ва мунтазам қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд, мақомоти давлатии зиддиинҳисори̅ ҳуқуқ дорад бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисори̅ дар бораи азнавташкилкунии (тақсимкуни̅ё ҷудокунии) онҳо дар доираи воҳидҳои сохториашон, агар ин ба манфиати инкишофи рақобат бошад, ба суд муроҷиат кунад. Таҳти мафҳуми мунтазам вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисори̅

«дар муддати се сол содирнамудани беш аз ду далели вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ фаҳмида мешавад, ки тибқи тартиби муқарраргардида ошкор карда шудааст».

Ҳамзамон қонунгузор шакли маҷбурии табдил додани ҶСП ба ҶСК –ро низ пешбинӣ намудааст. Мувофиқи муқаррароти қ.2. м.108 КГ ҶТ ҷамъияти саҳомии пӯшидае, ки шумораи иштирокчиёнаш аз 50 нафар зиёд аст,дар давоми як сол бояд ба ҶСК табдил дода шавад ва агар пас аз гузаштани ин муҳлат шумораи онҳо то ҳадди муқаррарнамудаи қонун кам нашавад, бояд ба тариқи судӣ барҳам дода шавад. Ҳамчунин тибқи талаботи моддаи 95 КГ ҶТ шумораи иштирокчиёни ҶДММ набояд аз сӣ нафар зиёд бошад, дар акси ҳол, агар шумораи иштирокчиёни он то ҳадди муқарраргардида кам карда нашавад, он бояд дар давоми сол ба ҷамъияти саҳомӣ табдил ёбад ва баъди гузаштани ин муҳлат бошад, бо тартиби судӣ бояд барҳам дода шавад.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки шахси ҳуқуқӣ, ба истиснои ҳолатҳои азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳ шудан, аз лаҳзаи бақайдгирии шахси ҳуқуқии навтаъсис азнавташкилшуда дониста мешавад. Дар сурати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ба он ҳамроҳшавии шахси ҳуқуқии дигар, шахсони ҳуқуқие, ки дар ҳамроҳшавӣ иштирок менамоянд, дар ин хусус бо тартиби муқарраршуда дар як вақт ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣбарои ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣва соҳибкорони инфиродӣ ариза пешниҳод менамоянд. Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзае азнавташкилшуда ба ҳисоб меравад, ки маълумот дар бораи қатъ ёфтани фаъолияти шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда ва маълумот дар бораи тағйироти ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид карда шудаанд.

Дар асоси омӯзиши муқаррароти қонунгузории гражданӣ ва фикру ақидаи олимони соҳа, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳангоми азнавташкилдиҳӣ се ҳолати мушаххаси ҳуқуқӣ мушоҳида шуданаш мумкин аст: 1. Танҳо қатъшавии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, ки он ҳангоми азнавташкилдиҳӣ дар шакли «ҳамроҳ шудан» ба мушоҳида мерасад; 2. Танҳо таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ, ки он ҳангоми азнавташкилдиҳӣ дар шакли «ҷудо шудан» ба мушоҳида мерасад; 3. Ҳам қатъшавии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ва ҳам таъсисёбии шахси ҳуқуқии нав, ки он ҳангоми «табдил додан», «тақсим шудан» ва «муттаҳид шудан» ба мушоҳида мерасад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.316; соли 2010, №12, қ-1, мод.828; ҚҶТ аз 28.12.12г.№912.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006, №7, мод. 346; соли 2008, №10, мод.811;ҚҶТ аз 28.12.12. №913.*
3. *Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. 1: Общая часть. / Отв. ред. Е.А. Суханов. – 4-е изд., стереотип. -М.: Статут, 2016. 958 с.*
4. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қ.1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, № 6, мод. 153; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356.*

**Некоторые теоритические и практические проблемы регистрация юридических лиц при реорганизации**

**Аннотация**.В статье рассматривается некоторые особенности и в то же время некоторые проблемы реорганизация юридических лиц согласно гражданским законодательством Республики Таджикистан. Отмечается что, при реорганизации юридических лиц, в первую очередь возникает вопрос правопреемства юридических лиц. Согласно ГК РТ реорганизация юридических лиц осуществляется путём слияние, присоединение, разделение, выделение и преобразование.

В статье обосновывается мнение о том, что в результате реорганизация юридических лиц, во-первых, происходит одновременное создание одного или несколько новых юридических лиц и во-вторых, происходит одновременное прекращение деятельность одного или несколько юридических лиц.

**Ключевые слова:** юридическое лицо, реорганизация слияние, присоединение, разделение, выделение и преобразование.

**Some problems of reorganization of legal entities according to the legislation of the Republic of Tajikistan**

**Annotation.** The article discusses some of the features and at the same time, some problems of the reorganization of legal entities in accordance with the civil legislation of the Republic of Tajikistan. It is noted that during the reorganization of legal entities, first of all, the issue of legal succession of legal entities arises. According to the Civil Code of the Republic of Tajikistan, reorganization of legal entities is carried out by merging, joining, division, separation and transformation.

The article substantiates the view that as a result of the reorganization of legal entities, first, there is the simultaneous creation of one or several new legal entities. Secondly, there is a simultaneous termination of the activities of one or more legal entities.

**Keywords:** legal entity, reorganization merger, accession, division, separation and transformation.

**Муҳамадхоҷа Яхёев,**
*дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ФДТТИ,*
*узви иттифоқи бастакорон ва рӯзноманигорони*
*Тоҷикистон, Аълочии фарханг,*
*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ЗЕБОГӢ - ДАР МАЪРИФАТ АСТ

Тарбияи зебоӣ (эстетикӣ) маънои васеъро дорост ва он тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад, фақат онро дарк карда тавонистан лозим аст. Тарбияи зебоӣ дар хонандагону донишҷӯён дуруст дарк намудани воқеият, санъат, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии одамон, инкишофи диди бадеӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро нисбат ба зебоиҳои ҳаёт,инчунин қобилияти ба ҳаёт ворид сохтани зебоиҳоро ташаккул медиҳад ва тарбия менамояд.

Шахсро маънан бой мегардонад, дар вай хоҳиши эҷодкорӣ, лутфу марҳамат, шавқи зебогардонии муҳити табииро бедор мекунад.

Мафҳуми «эстетика»-ро бори аввал ҳамчун истилоҳи илмӣ дар қарни XVII файласуфи олмонӣ Александр Готлиб Баумгартин (1714-1762) баробари истилоҳи этика (ахлоқ) ва мантиқ истифода намуда, онро қисми мустақили фалсафа шуморидааст. Аммо худи таълимоти эстетикӣ хеле қадим буда, онро ҳанӯз дар Афина ва Спарта васеъ истифода мебурданд. Эстетика аз истилоҳи юнони ajsrlfirkos гирифта шуда, маънояш ҳис кардан, дарк кардани зебоӣ мебошад.[31]

Ҳисси эстетикӣ бо дараҷаи ҳаловатбарии шахс вобаста аст ва ҳаловат дар ҳаёти инсон аҳамияти калон дорад, ба саломатӣ фоидабахш аст. Гуфтан зарур аст, ки фаҳмиши эстетикӣ дар вуҷуди инсон  якбора пайдо намешавад, бо таъсири одамон ва муҳит он ташаккул меёбад. Дидани манзараҳои латифу дилкаш, фаҳмида тавонистан ва бунёд кардани онҳо ҳаёти маънавии инсонро ғанӣ ва шавқовар мегардонад.

Роҳе, ки инсонро ба олами зебоӣ мебарад, ин дарки нафосат ва тарбияи зебоӣ аст. Дар ҳаёти инсон зебоӣ (нафосат) ҳамеша боиси тавлиди иқтидору тавоноӣ шуда метавонад. Барои фаҳмидан ва ҳис кардани зебоӣ донистани фарҳанг, таърих ва ташаккули ҳаёт нақши умда дорад. Қонунҳои инкишофи бадеӣ бо қонунҳои иҷтимоӣ низ вобаста буда, бо ҳалли проблемаҳои иқтисодиёт зич алоқаманд мебошад.

Ҳар қадаре ки иқтидори шуурнокӣ,  маданияти умумӣ ва эстетикии одамон боло равад, талабот нисбат ба сатҳи ҳаловати маънавӣ, сифати моводи истеъмолшаванда ба шакл ва тарзи истеҳсоли молҳои ниёзи мардум низ ҳамон қадар боло меравад. Одаме, ки дарки нафосат надошта бошад, бо воқеияти ҳаёт муносибати дуруст карда наметавонад. Исбот шудааст, ки маҳз инкишофи дарки зебоӣ аз бисёр ҷиҳат шахсиятро (одами хубро) ба вуҷуд меорад, ҳамзамон ҳаёташро пурмазмун гардонида, дилашро ба зиндагӣ гарм мекунад.

Инсон табиатан майли зебоӣ дошта, дарки зебоии муҳити атроф ба инсон барои мақсадашро аз назари зебоӣ амалӣ гардонидан имкон медиҳад. Дарки зебоӣ манбаи тавоноӣ ахлоқи пок, боигарии маънавӣ ва камоли ҷисмонии инсон дониста мешавад. Шахси зебоипараст зебоиро нахуст дар хеш таҷассум менамояд.

Дар замони ҳозира на танҳо санъат, балки дигар паҳлуҳои зебоӣ, аз ҷумла меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, маишат, табиат ва рафтори одамон низ ба инсон таъсир расонида метавонад. Маҳз, тавассути зебоӣ шахс метавонад, дар шуури худ идеалҳои ҷамъиятиро дарк ва мустаҳкам намуда, дар муносибат ба дигарон лутфу латофатро ба кор барад. Ҳамин тавр, роҳе, ки инсонро ба олами зебоӣ мебарад, тарбияи зебоӣ аст. Барои дарк ва фаҳмонидани зебоӣ, донистани маданияти бадеӣ ва ташкили ҳаёт дар асоси қоидаҳои зебоипарастӣ муҳим аст. Шахс бояд дорои одати мукаммал бошад, ки фазилатҳои зикршуда дар шахсият муҷассам гарданд. Дар инсон фаҳмиши зебоӣ  якбора пайдо шуда наметавонад, он танҳо бо таъсири одамон ва муҳит ташаккул меёбад.

Аз ин лиҳоз, қонунҳои инкишофи бадеии башарият ба қонунҳои инкишофи иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҷоиз аст, ки дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ оянда дараҷаи зебоифаҳмии шаҳрвандон торафт баландтар шудан мегирад. Аз ин ҷиҳат пешрафти ҷомеа, алалхусус, иқтисодиву иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки тарбияи зебоипарастии мардум беҳтар гардад.

Маълум аст, ки манбаи бойтарини таассуроти зебоии инсон - хонандагон, умуман насли наврас санъат ва навъҳои он ба ҳисоб меравад.

---

[31]Раҳимов Х., Нуров А., «Педагогика», Душанбе, 2000

Санъат ҳамчун шакли образноки инъикос ва азнавсозии олам, ҳодисаи фавқулода, мураккаб ва сермаъно мебошад. Вай бояд дар инсон тасаввуроти бадеӣ, ақидаву эътиқодҳое ташаккул диҳад, ки аз чизҳои ҳақиқатан арзишҳои зебоидошта лаззату ҳаловат бурда тавонад.

Санъат ва умуман навъҳои он: мусиқӣ, санъати тасвирӣ, кино, театр, суруду рақс, адабиёти бадеӣ ба кас гуногун таъсир мебахшанд. Барои мисол: асарҳои санъати тасвирӣ - ин барои фаҳмонидани ҳаёти инсоният ва табиат ёрӣ расонида, идроки биноиву тахайюлоти махсусро инкишоф медиҳад. Ғайр аз он инсонро ба рафтори бонафосат, қадр кардани меҳнату санъати воло ҳидоят менамояд.

Ҳамзамон инсон расми зебову муҷассамаҳои гуногунро тамошо карда, тасаввуроти худ, силсилаи лаҳзаҳои ҷудогона, воқеа, хусусият, образҳо ва ҳаракатҳои онро дар лавҳаи хаёлаш зинда месозад.

Суруду мусиқӣ бошад, воқеиятро зимни оҳангу нағма, ҷӯршавии овозҳо инъикос мекунад. Инчунин, қобилияти шунавоии шунавандаро баланд менамояд. Хусусан, суруду мусиқиҳои  классикӣ, аз қабили «Шашмақом» агар онро шунаванда ба хубӣ дарк ва қабул намуда тавонанд, бобати ташаккулдиҳии идеалҳо мадад ва  ба рафтори инсон таъсири бузурге мерасонад.

Дар ҷамъият ҳар қадар эҳсоси зебоипарастӣ ва шуури зебоишиносӣ баланд бошад, инкишофи санъату фарҳанг авҷ гирифта, ҳамон андоза танзими муносибату робитаҳои гуногуни иҷтимоӣ аз қувваи эҷодӣ, офарандагиву созандагии мардум мувофиқи матлаб ва самаранок амалӣ мегарданд.

“Агар ту зебоии гулҳоро эҳсос накунӣ, агар мусиқи туро хушҳол насозад ва агар дӯстиро қадр насозӣ, пас бемор ҳастӣ ва эҳтиёҷ ба табобат дорӣ”, – омадааст дар ҳикмати машҳури арабӣ.

Зебоиро қадр накардан нишонаи носолимист. Танҳо дар сурати ҷисман ё рӯҳан носолим будан, зебоӣ аз мадди назар пинҳон мемонад, ҳол он ки ашхоси неку дар ҳама ҷову ҳама кас ва аз ҳама чиз аломати беҳтаринро дарёфт намуда метавонад.

Рақс низ чун як нави санъат диди зебоифаҳмӣ доштанро дар шахс одат мекунонад.

Инчунин адабиёти бадеӣ - санъати сухан дар қатори навъҳои санъат буда, дар инкишофи рӯҳии инсон нақши муҳимме мебозад.

Хамин тавр зебоӣ муҳиммтарин воситаи муомилоти одамон буда, тарафҳои гуногуни ҳастиро дар бар мегирад ва он бо воситаи сухани хуш ба амал меояд

Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,
Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст.

Оре, сухан аст, ки ҳаёт пойдор аст. Сухан аст, ки кас хушдор аст, зеро тавассути сухангӯй кас доираи васеи фикрронии гӯяндаро маълум мегардонад. На ҳар сухан метавонад писанди шунавандаи оқилу фарзона бигардад. Сухан метавонад аблаҳеро аз кори носазое дур гардонад. На ҳар сухангӯй метавонад, дили хуфтаеро бедор ва ақли хастаро ҳушёр созад. Калом беҳтарин ва қимматтарин алфози нухуфтаи ӯст. Агар он пуробуранг, бамаврид, дилчасп ва таъсирбахш садо диҳад, гӯяндаашро машҳур мегардонад.

Хулоса, сухан оғозу анҷом аст, сухан розу роҳнишондиҳандаи ҳаёт аст. Ҳамин тавр дар инсон бояд хама чиз зебо бошад, ҳам симою сару либосу, ҳам қалбу, ҳам андешаи моҳияти зебоиписандида инсон дар ҳамин нуқтаҳо ифода ёфтааст.

Ҳамзамон зебоифаҳмӣ бе ахлоқу одоби ҳамида шуда наметавонанд. Онҳо якдигарро пурра месозанд ва тарбияи ҳар ду алоқамандона пеш меравад.

«Хоксорӣ - зебу зинати инсонӣ» гуфтани зарбулмасали халқ беҳуда нест. Маҳз, тарбияи зебоӣ ҳамин ҳиссиётро дар инсон мепарварад, ки ин яке аз сифатҳои беҳтарину зеботарини инсон мебошад. Тарбияи зебоипарастӣ дар мазмуни худ пайваста ва ташаккули ахлоқӣ, нисбат ба ҷамъият ва табиат ҳам аҳамияти хоса ва зиёд дорад.

Табиат ҳам аз воситаҳои тавонои таъсиррасонии тарбияи зебоӣ мебошад. Сайру гашти инсон дар табиат, тамошои манзараҳои он, мушоҳидаи замин, об - шилдироси он, оташ, ҳаво, боғҳо, саҳроҳо, кӯлу дарё, растаниҳо, ҳайвонҳову парандаҳо, шакл ва рангу овози онҳо барои инсон аҳамиятноканд. Зеро табиат аз қадимулайём манбаи зебоӣ буд, ҳаст ва бояд бимонад.

Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ оянда бояд инсонҳое зиндагӣ кунанд, ки дараҷаи зебофаҳмиашон баланд бошанд.

Вале афсӯс, то ҳол мо дар ҷамъиятамон бо шахсоне дучор меоем, ки аз сабаби саводи кофӣ надоштан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ доду фарёд мезананд, манманӣ мекунанд, даст ба гиребон мешаванд. Ҳатто, баъзан дар тӯю маъракаҳо, чойхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба ҷойи шунидани мусиқиҳои суннатӣ, мусиқиҳои гӯшхарошро гӯш мекунанд. Хусусан, имрӯзҳо дӯконҳое, ки фитаҳои сурудҳои эстрадиро мефурӯшанд, ҳамаро ба ташвиш овардаанд.

Гоҳо чунин ҳодисаҳо ба чашм мерасад, ки баъзе аз духтарону занони мо, мутаассифона, зебоиро дар маънои танг мефаҳманд. Онҳо чунин гумон мекунанд, ки ҳусну ҷамол, либос, тарзи ҳаракат, пулу мол доштан зебоӣ шуда метавонад.

Ҳамзамон, имрӯзҳо баъзан духтарон ва занҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки то имкон доранд аз паси мӯд медаванд, ҳатто охирон пасандозаашонро сарфи мӯд ё ин ки рангҳои нолозим менамоянд, ҳол он ки эҳтиёҷ ба маводи зарууртаре аз он доранд. (Ба мисли китоб харидан ва ғ.). ин қабил духтарону занҳо, ки танҳо ошиқи худ ҳастанд, чӣ гуна модар хоҳанд буд?.

Ҳусни маънавӣ ё ботинӣ бошад, аслан бо воситаи хирад, ақлу фаросат, идрок, адлу инсоф, шафқату меҳрубонӣ, ширинкаломию хушбаёнӣ баҳо дода мешавад. Шарму ҳаё низ ба ҳусни инсон, хусусан ҷавондухтарон ҳусн зам мекунад. Аз ин рӯ, ҳар як инсони оқил вақти худро ғанимат шуморида, умри азизи хешро сарфи омӯхтани илму маърифат бахшад. Зеро дар ҳадиси Паёмбари ислом Муҳамад(с) омадаст «Илм болотарин рутбаҳост». Пас, биёед, ҷавонони азиз, илму дониш омӯзем, хештанро шиносем, миллати хешро ба ҷаҳониён бо фарҳанги волои худ муаррифӣ намуда, барои пешрафту гул - гулшукуфии Тоҷикистони азиз ҳиссагузор бошем.

М. Ғаззолӣ овардааст: «Муҳимтарин навъи шинохтан – шинохтани худ аст» ё ин ки файласуфи бузург гуфтааст: «Инсон будан ё набудан танҳо аз худи мовобаста аст».

Дар асл зебоӣ дунёи ботинӣ, фикру андешаронӣ, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқу одобро фарогир аст. Кушодачеҳрагӣ, ширинсуханӣ, дониши амиқу фарох ба ҳусн ҳусн зам мекунад. Агар кас ба одами дӯстрӯй вохӯрад, китоби хуберо хонад, суруди дилчасперо шунавад, рақси зебо ё ҷолиберо тамошо кунад, шоду мамнун мегардад. Лекин бештар аз ҳама рӯҳи инсонро рафтору кирдори зебо, ки дар ҷавҳараш некӣ ниҳон аст, навозиш мебахшад.

**Адабиётҳо:**

1. *Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти ҶТ, Пешвои миллат оид ба лоихаи қонун дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз 14 декабри соли 2011*
2. *Мухаммад Ғаззолӣ, «Насиҳат-ул-Мулук», Душанбе 1991*
3. *Хусайн Воизи Кошифи. Ахлоқи Мӯхсинӣ*
4. *Рахимов Х., Нуров А., «Педагогика», Душанбе – 2000*
5. *Яҳёев М. «Дар қаламрави ахлоқ», Хуҷанд, Наби Фаҳрӣ, 2019 с.*
6. *Яҳёев М. Маҷаллаи «Ганҷи Исфара» (№3 (37) 2018)*

**Абдуллоева Гулрухсор Низомидиновна**
*ассистенти кафедраи назария ва*
*таърихи давлат ваҳуқуқи ДДҲБСТ*

## НАЗАРИЯИ Ҷ. ЛОКК ВА Ш.Л. МОНТЕСКЙЕ ОИД БА ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Тадқиқи афкори сиёсиву ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ категорияи пойдории давлатдорӣ ва зуҳуроти фаҳмиданаш басо душвори фаъолияти ҳаёти одамон аст. Дар мафҳумҳои «ҳокимияти давлатӣ», «муомилоти давлатӣ», «принсипҳои таҷзияи ҳокимият» самтҳои муҳими мавҷудияти (ҳастии) тамаддуни инсонӣ муайян гардида, мантиқи шадиди муборизаи синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ифода мешаванд. Бесабаб нест, ки масъалаҳои таҷзияи ҳокимият олимон, фақеҳон, сиёсатмадорон, мутафаккирон, нависандагонро дар замони гузашта ва ҳоло низ ба ҳаяҷон овардааст. Мақсадҳои зикршуда ва инчунин коркарди принисипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ аз нигоҳи афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, ки дар таҷрибаи қонунгузории давлатҳои ҷаҳон мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаро ташкил медиҳанд.

Ақидаҳои Ҷон Локк ва Ш.Л. Монтескйе оид ба таҷзияи ҳокимияти давлати аввалин назарияҳо дар замони нави таърихи давлатдорӣ мебошад, ки ҳамчун модели аврупоӣ пешкаш гардидааст. Назарияи ин файласуфон ва ҳуқуқшиносони Аврупо ҳамчун заминаи асоси барои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани он нақши асосиро ишғол намудааст[1.329]. Аввалин маротиба принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсияи ИМА соли 1787 мустаҳкам карда шуд, ки низоми худдори ва мувозинаро байни се шохаи ҳокимияти давлатӣ муайян кард. Дар замони муосир бошад, ин назария дар аксарияти Конститутсияи мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам гардидааст.

**Ҷон Локк** (1632-1704) – мутафаккири Англия, поягузори назарияи либералии нахустбуржуазӣ, муаллифи асари «Ду рисола дар хусуси идораи давлат» мебошад. Ҷ. Локк якумин назарияи тақсимоти ҳокимиятро таҳия намудааст ва ин назарияро дар асари худ бо номи «Дар бораи идоракунии шаҳрвандӣ» баён кардааст. Дар назарияи пешниҳодкардаи ӯ оид ба ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҷудо намудани ҳокимият маълумот оварда шудааст, лекин оиди шохаи сеюм ҳокимияти судӣ ягон маълумот оварда нашудааст. Ба фикри ӯ шохаи сеюм бояд ҳокимияти федеративӣ бошад. Ҳокимияти федеративӣ мавҷуд аст ... аз рӯи ақидаи Ҷ. Локк ҳокимияти федеративӣ ин ҳамон ҳокимияти иҷроия, лек дар муҳити муносибатҳои

хориҷӣ мебошад[2.84]. Аз рӯи ақидаи ӯ ҳокимияти қонунгузор бояд ба мақомоти махсус, ки аз тарафи халқ интихоб карда мешуда таалуқ дошта бошад, ҳокимияти иҷроия бошад, бояд дар дасти монарх монад.

Локк аз ғояи таҷзияи ҳокимият пуштибонӣ мекунад. Ӯ ҷудо намудани ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроияро зарур мешуморад. Ҳокимияти қонунгузор мансуби парлумон, ҳокимияти иҷроия бошад, мансуб ба шоҳ ва кабинети вазирон аст. Айни замон ҳокимияти қонунгузор воло эълон мешавад. Локк шакли идоракунии шоҳигарии мутлақро рад мекунад. Давлати мустабид бошад, қатъиян маҳкум мешавад, зеро дар он «ҳокимият бидуни ҳуқуқ амалӣ мешавад» . Ӯ ҷонибдори монархияи конститутсионӣ мебошад. Зимни таҳлили давлати мустабид Локк ба хулоса меояд, ки ҳангоми истифодаи зулму ситам халқ ҳаққи исён ва вожгун сохтани ҳокимияти золимонро пайдо мекунад.

Бо вуҷуди як қатор барқароркунӣ ва созишномаҳои таърихӣ дар шакли монархияҳои конститутсионӣ, шакли нави ҳокмияти давлатӣ дар майдони сиёсию назариявӣ торафт бештар тасдиқ мешуд. Маҳз бо паҳншавии ақидаҳои ҷумҳуриявӣ, ташаккули ниҳоии доктринаи тақсимоти ҳокимият вобаста аст. Яке аз муаллифони он, тавре ки маъмулан "падари асосгузор"-и назарияи илмӣ тахмин мезанад, ҳамватани Т. Гоббс ҳамфикри Бристол, писари шахси мансабдори давлатӣ Ҷон Локк буд. Илова ба корҳои илмӣ, Локк дар ҳаёти сиёсии кишвараш фаъолона ширкат варзид. Вай иштирокчии бевоситаи муборизаи зидди абсолютизм дар Англия (вай яке аз идеологҳои ҳизби вигиҳо буд), бо ҳамин сабаб чанд маротиба ба қитъаи Амрикои шимолӣ муҳоҷират карда буд. Пас аз "инқилоби пурҷалол", ба Англия баргашта, асарҳои фалсафӣ ва сиёсии худро нашр мекунад: "Таҷрибаи зеҳни инсон" (1689), "Мактубҳо оид ба таҳаммул" (1689) ва "Ду рисола дар бораи идоракунии давлатӣ" (1690)[2.23]. Таҳаввули амиқи пояҳои ҳокимият, бисёр ниҳодҳои ҷамъиятӣ, ки мавқеи онҳо замоне қавӣ ба назар мерасиданд ва мундариҷа итминон доранд, боиси пайдоиши равишҳои нав дар тафсири давлат ва нақши ҷомеа дар ҷаҳони зудтағйирёбанда гардид. Назарияи таҷзияи ҳокимиятро таҷрибаи нав, ғояҳо ва муҳимтар аз ҳама, бори аввал аз лаҳзаи пайдоиши давлат умеди ҳама гуна маҳдудсозии таъсирбахши зӯроварӣ ва худсарӣ буд ва умеди муқаррар кардани ҳудуди ҳокимиятҳо вуҷуд дошт. Дар байни бисёр лоиҳаҳо, ғояи самарабахш ин маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби худи ҳокимият тавассути ҷудо намудани байни қисматҳои гуногуни механизми давлат амали карда мешавад. Танҳо як ҷонибдори пайгиронаи ин ғоя Ҷ. Локк буд.

Аз ибтидо, ӯ қатъиян ба муносибати анъанавӣ ба монархия мухолиф буда, мустақиман ва бечунучаро онро рад мекунад: "... монархияи мутлақ, ки баъзеҳо шакли ягонаи давлатро дар ҷаҳон меҳисобанд, воқеан бо ҷомеаи шаҳрвандӣ номувофиқ аст ва аз ин рӯ, наметавонад шакли идоракунии шаҳрвандӣ бошад". Қобили зикр аст, ки нахустин китоби “Ду рисолаи ҳукуматӣ” қариб ба танқиди асарҳои Роберт Филмер “Патриарх: Муҳофизати ҳокимияти табиии подшоҳон аз озодии ғайримуқаррарии мардум” бахшида шудааст, ки дар он муаллиф муқаррароти назарияи патриархалии пайдоиши давлатро таҳия менамояд. Ба ақидаи мо, арзиши илмӣ ва ба маънои маънавии асарҳои Локк на танҳо ишора ба таҷзияи ҳокимият дар байни қисмҳои мухталифи механизми давлат, балки дар он аст, ки дар саҳифаҳои ду рисолаи тафсири куллан нав моҳияти он ташаккул ёфтааст. табиати инсонӣ ва муқаррароти асосии назарияи классикии пайдоиши давлат. Аз ин ҷиҳат, шаҳрвандии фаъоли муаллифро қайд кардан муҳим аст, ки ин мубоҳисаро сатҳи сифатан гуногун гузошт. Локк ба гуфтаҳои Филмер дар бораи озодӣ мустақиман мухолиф аст: "... ҳеҷ кас озод таваллуд намешавад ..." ва дар

бораи моҳияти ҳоким, "... ҳар як ҳукумат монархияи мутлақ аст ...". Тафсири нави озодӣ аз мафҳуми «ҳолати табиӣ», ки аз ҷамъиятикунонӣ пеш аз инсон ба вуҷуд омадааст, гирифта шудааст: «Барои дуруст дарк кардани ҳокимияти сиёсӣ, мо бояд дарк кунем, ки ҳама одамон дар кадом ҳолати табиӣ ҳастанд ва ин як ҳолати озодии комил нисбати амалҳо ва мавқеи онҳо мебошад. Инчунин, давлати баробарӣ мебошад, ки дар он тамоми ҳокимиятҳо ва тамоми қаламравҳо ба ҳамдигар мувофиқанд - ҳеҷ каси дигаре нест." Ба гуфти Локк - хоҳиши расонидани зарар ба каси дигар "ҳолати ҷанг"- ро ба вуҷуд меорад. Барои бехатарии худ шахс метавонад чизеро, ки ба вай таҳдид мекунад, нобуд кунад, зеро ин ба қонунҳои табиат мувофиқат мекунад. Дар ҷомеаи муташаккили давлатӣ шаҳрванд ҳимояи ҳуқуқҳои худро бо воситаи мақомоти давлатӣ мебинад ва ҳамин тариқ зӯроварии ҳокимияти давлатиро қонунӣ мекунад.

Ҷ. Локк се шохаи ҳокимиятро ҷудо кард: қонунгузорӣ, иҷроия ва федералӣ (ваколатҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ). Шояд зери таъсири анъанаҳои сиёсии Британиё вай таъкид кард, ки ҳокимияти федералӣ ва иҷроия метавонад, дар як даст бошад, дар ҳоле ки ҳокимияти қонунбарорӣ бояд аз ҳокимияти иҷроия ва федералӣ ҷудо карда шавад ва  илова бар ин, он бояд мақомоти олии кишварро инъикос кунад[8.69].

Ба даст овардани ҳокимияти қонунгузорӣ ба роҳбарияти се мақомоти ҳокимият Локк принсипҳои фаъолияти онро ба таври муфассал тавсиф мекунад. Сарфи назар аз мақоми махсуси ин ҳокимият, ҳудуди ваколатҳои он “қонунҳо нашр ва муқаррар карда шудаанд, ки набояд дар ҳар як ҳолати алоҳида тағйир дода шаванд” ва инчунин сулҳу ризоияти иҷтимоиро амалӣ намоянд. Дар ҳолати табиӣ, шахс ду навъи ҳокимиятро дорад:

1) амалҳоеро, ки барои ҳифзи худ равона шудаанд (аз худаш боло);

2) қувваи ҷазо барои кӯшиши озодӣ ба худаш.

Дар ҷомеаи муташаккили давлат, аввал шахсе ба хотири амният ва дуюмаш ба хотири нигоҳ доштани талошҳои миёнаравӣ ва мақоми ҳокимияти давлатӣ рад карда мешаванд. Ин дуруст аст, зеро аъзои дигари ҷомеа низ бояд ҳамин тавр кунанд. Аммо, гарчанде ки одамон ҳангоми ворид шудан ба ҷомеа баробарӣ, озодӣ ва ҳокимияти иҷроияро рад мекунанд, ҳокимияти ҷамъяитӣ ё мақомоти қонунгузор, ки аз ҷониби одамон сохта шудаанд, ҳеҷ гоҳ наметавонад аз оне, ки барои манфиати умумӣ зарур аст, тамдид кунанд; ин ҳокимият бояд моликияти ҳар як шахсро  ҳифз кунад. Ва ин ҳама бояд бо ҳеҷ гуна ҳадафи дигаре набошад, балки танҳо ба манфиати сулҳ, амният ва беҳбудии ҷамъияти шаҳрвандӣ бошад. Ба гуфтаи Локк, ин бояд маҳдудиятҳои ҳар як мақомот ва умуман ҳокимияти давлатӣ бошад.

**Шарл Луи Монтескйе де Секондат** (1689 – 1755) – ҳуқуқшинос, мутафаккири Фаронса, ҷонибдори ғояҳои маорифпарварӣ буда, дар бахши ҳуқуқшиносӣ, таърих сотсиология, адабиёт, санъат, илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ ибрози андеша намдуааст. Ӯ яке аз поягузорони илми копаративистика – ҳуқукшиносии муқоисавӣ шинохта мешавад. «Мактубҳои форсӣ», «Мулоҳизаҳо дар хусуси иллатҳои бузургӣ ва мағулбияти римиҳо», «Роҷеъ ба моҳияти қонунҳо» аз ҷумлаи асарҳои машҳури ӯ мебошад[7.439].

Мутафаккир кӯшиши муайян намудани қонуниятҳои ихтилофи ҷомеаро ба харҷ дода, ба хулоса меояд, ки маҳз омилҳои ахлоқӣ ва табии «руҳияи халкро» муайян мекунанд, ба шакли ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Қонунҳои адолат ва ташкили дурусти давлатдорӣ омилҳои ҳалкунандаи таъмини озодии сиёсӣ эътироф мешаванд.

Ӯ баҳри муайян намудани моҳияти аслии қонунҳо талош меварзад. Моҳияти қонунҳо дар иртибот бо омилҳое муайян мешавад, ки хислати табии, ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, фарҳангӣ дошта ба қонун таъсир бевосита мерасонанд. Маҷмӯи ҳамин қабил омилҳоро мавсуф моҳияти қонун меномад.

Тавре зикр гашт, Монтескйе омилҳоеро муайян мекунад, ки ба қонун таъсир мерасонанд, аз қабили табиат ва принсипҳои ҳукумат, омилҳои ҷуғрофии кишвар, аз ҷумла ҳудуд, иқлим, хок, вазъи амволӣ, ахлоқ, одатҳо, шумораи аҳолӣ. Тавре мушоҳида мешавад, мафҳумҳои «табиати ҳукумат» ва «принсипҳои ҳукумат» ҷудо карда мешаванд. Таъкид мешавад, ки табиати ҳукумат сохти давлатро муайян мекунад, принсипи ҳукумат бошад, рағбати инсонист.

Байни ин омилҳо маҳз табиати ҳукумат ба қонунҳо таъсири ҳалкунанда дорад. Ба назари Монтескйе, ҳукумат дар натиҷаи муттаҳид гаштани иқтидори қувваҳои алоҳида таъсис мешавад. Муттаҳидии қувваҳо ба ҳолати сиёсӣ меорад. Ҳолати сиёсӣ – давлат номида мешавад.Якҷоя бо қувва хамчунин иродаи одамон низ боиси муттаҳидӣ мегардад. Дар натиҷаи муттаҳидии иродаҳо ҳолати шаҳрвандӣ ташаккул меёбад.

Монтескйе се шакли иродаи давлатро фарқ мекунад: ҷумҳурӣ, монархия ва истибдод. Айни замон ду намуди ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад: 1) ҷумҳурии демократӣ (ҳокимияти халқ); 2) ҷумҳурии аристократӣ ё ашрофӣ (ҳокимияти ашрофон). Монархия (шоҳигарӣ) ба қонун вобаста карда мешавад. Истибдод бошад, баръакс, чун ҳолати беқонунӣ, зулм ва худсарӣ тавсиф мегардад.

Ҳар як шакли давлат дар робита бо принсипаш (асоси ташкилу фаъолияташ) таҳлил мешавад. Таъкид мешавад, ки накуи – принсипи ҷумҳурии демократӣ, шаъну шараф, принсипи монархия тарсу ваҳм ва принсипи истибдод зулм мебошад.

Принсипҳои зикршуда ва ҳамчунин табиати ҳар яке аз шакли давлат дар маҷмӯъ қонуни асосии ин ё он шакли идоракуниро муайян мекунад. Чунончи, қонуни асоси давлати демократӣ мансубияти ҳокимияти қонунгузорро ба халқ, тарзи овоздиҳиро, эътибори ҳуқуқии қарорҳои сентаро муайяну танзим мекунад. Қонуни асосии давлати аристократӣ (ашрофӣ) мансубияти ҳокимияти қоунгузорро ба қисми аҳолӣ муайян мекунад. Қонуни асосии давлатӣ мустақил салоҳияти вазирро муайян мекунад.

Монтескйе яке аз ҷонибдорони намоёни ғояи таҷзияи ҳокимият мебошад. Ӯ таҷзияи ҳокимиятро кафолати озодии сиёсӣ (озодии сиёсии инсон дар муносибат бо одамон ва бо давлат) мешуморад. Тавре мутафаккир менависад: «Агар ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар дасти як шахс ё муассиса муттаҳид гарданд, пас озодӣ ғайриимкон мегардад», зеро монарх ё сенат «қонунҳои золимона қабул карда, онҳоро ба таври золимона амалӣ мекунанд»[3.34].

Ин назарияро дар шакли бештар мукаммал соли 1748 Ш.Л. Монтескйе тафсир карда буд. Аз рӯи ақидаи ӯ талаботи ба ҳокимияти қонунгузор, иҷрокунанда ва суд тақсим гардидани ҳокимият аз худи табиати одам, аз майлу рағбати ӯ иистеъмолкунии ҳокимият бармеояд, ҳар гуна ҳокимият бояд ҳадди худро дошта бошад ва ба ҳуқуқу озодии шаҳрвандон таҳдид накунад. Ин назария ба он даъват менамуд, ки чунин сохти давлат пойдор карда шавад, ки давлат аз ҷониби ҳеҷ кас, аз ҷумла аз ҷониби ягон мақоми он ғасб карда нашавад. Дар ибтидо ин назария ба маҳдуд намудани ҳокимияти шоҳ нигаронида шуда бошад ҳам, дертар ин назарияро чун асоси идеологии мубориза алайҳи ҳамаи шаклҳои диктатура истифода мебурданд. Таърих аз он гувоҳӣ медиҳад, ки диктатура хавфу хатари доимӣ дорад: ҷамъият ва давлат доимо байни худ мубориза мебаранд ва

ҳар сари чанд вақт дар ин мубориза давлате ғолиб меояд, ки режими тоталитарии сиёсиро мустаҳкам созад.

Озодии сиёсӣ аз мустақилияти ҳокимияти судӣ низ вобаста карда мешавад. Ба қавли Монтескйе: «Озодӣ ҳамчунин ғайриимкон аст, дар ҳолате ки агар ҳокимияти судӣ аз ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҷудо нашуда бошад. Агар он бо ҳокимияти қонунгузор чкҷоя гардад, пас ҳаёту озодии шаҳрвандон тобеи худсарӣ мегарданд, чунки судя қонунгузорӣ мекунад. Агар ҳокимияти судӣ бо ҳокимияти иҷроия муттаҳид гардад, пас судя имкон пайдо мекунад, золим гардад»[5.75]. Тавре Монтескйе таъкид мекунад, ҳадаф аз таҷзияи ҳокимиятҳо – гирифтани пеши роҳи сӯиистифода аз ҳокимият мебошад. Баҳри ҳамин ҳадаф ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ аз ҳам ҷудо гашта зимни «мувозинат» амалӣ мешаванд. Айни замон нақши ҳалкунандаи ҳокимияти қонунгузор арзёбӣ мешавад.

Монтескйе ду ҳадафро пайгирӣ кард: якум, эҷоди модели низоми оқилонаи давлат, ки татбиқи амалии он, ба андешаи ӯ, ҷомеаро ба ноил шудан ба озодии сиёсӣ ва дуюм, тавассути қудрати давлатӣ на танҳо озодии сиёсии шаҳрвандон, балки низоми сиёсии ҷомеаро низ таъмин хоҳад кард, ки аз ҳама одилона, пойдор, ба ҳама гуна зарбаҳо тобовар мебошанд. Ҳадафи асосии назарияи Монтескйе талаб кардани озодиҳои шаҳрвандӣ буд, ки вай ҳамчун имконият барои иҷрои ҳама корҳое, ки қонун иҷозат дода буд, мефаҳмид. Мисоли татбиқи амалии ин ғоя низоми сиёсии Англия мебошад, ки ба анъанаҳои намояндагии сиёсӣ асос ёфтааст. Ба ақидаи Монтескйе, тағйирёбии мундариҷаи ҳокимият бояд дар самти баланд бардоштани нақши сиёсии ҷомеа тавассути таъсиси мақомоти намояндагии ҳокимият ва ба таври қатъӣ маҳдуд кардани ҳокимияти подшоҳӣ ба амал ояд. Чунин тақсимоти ҳокимият ба тавозуни зарурии ҳокимият, барои ба даст овардани фазои мутаносиб дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, баробарии расмии ҳуқуқӣ ва ташкили одилонаи муносибатҳои давлатӣ ва ҳокимият дар асоси принсипи аввалиндараҷаи озодиҳои шаҳрвандӣ имкон медиҳад.

Вай механизми тақсими ваколатҳоро дар шакли якчанд ҷузъи махсуси дастгоҳи давлатӣ (эҳтимолан ин системаи сиёсӣ), ки дорои салоҳияти аниқмуайяншуда буд, пешниҳод кард. "Дар ҳар як давлат се силсила ваколатҳо мавҷуданд: қонунгузорӣ, иҷроия, ки ба ҳуқуқи байналмилалӣ масъул аст ва судӣ, ки ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ масъул аст. Ба туфайли қудрати аввал, соҳибихтиёр ё муассиса қонунҳои муваққатӣ ё доимӣ эҷод мекунанд ва қонунҳои мавҷуда тағйир ё такрорӣ мекунад. Ба туфайли дуввум, ӯ ҷанг эълон мекунад ё сулҳ медиҳад, сафирон мефиристад ва қабул мекунад, амниятро таъмин мекунад ва ҳуҷумро пешгирӣ мекунад. Ба туфайли қудрати сеюм, вай ҷиноятҳоро ҷазо медиҳад ва муноқишаҳои байни шахсони хусусиро ҳал мекунад. Ҳокимияти охирро мақомоти судӣ ва дуввумро мақомоти ҳокимияти иҷроия номидан мумкин аст." Монтескйе илова мекунад, ки «агар як шахс, ҳамон дастгоҳи олирутбаҳо ё намояндагони мардум ҳамзамон се мақомоти ҳокимиятро муттаҳид кунанд, ҳама чизро аз даст медоданд: таҳия ва қабули қонунҳо, иҷрои қарорҳои ҷамъиятӣ ва баррасии онҳо дар парвандаҳои гражданӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ.

Ҳамин тавр, набудани озодӣ аз он вобаста аст, ки одамони дар сари ҳокимият буда ҳамеша сӯиистифода мекунанд. Ин тамоюл падидаи объективӣ буда, пояи табиати инсон аст. Барои аз байн бурдани худсарӣ ва сӯиистифода аз ҳокимият, танҳо як роҳ вуҷуд дорад - ба роҳ мондани якчанд мақомоти мустақил аз ҳамдигар мустақил бошанд "Агар ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия дар як шахс ё муассиса муттаҳид карда шаванд, он гоҳ озодӣ вуҷуд нахоҳад дошт, зеро метавон гуфт, ки монарх ё сенат қонунҳои золимро эҷод мекунад, то онҳоро низ

золимона татбиқ кунад. Ҳатто озодии суд аз шохаҳои қонунгузорӣ ва иҷроия ҷудо карда мешавад[3.34]. Агар он бо қонунгузор якҷоя карда шавад, ҳаёт ва озодиҳои шаҳрвандон дар ихтиёри худсарӣ қарор хоҳанд гирифт, зеро судя қонунгузор хоҳад буд. Агар ҳокимияти судӣ бо ҳокимияти судӣ робита дошта бошад, пас судя имконият пайдо мекунад, ки ситамкор гардад...». Монтескйе ба маънои моддӣ се ҳокимиятро ҷудо кард:

1) қонунгузорӣ;

2) иҷроия ва муносибатҳои тибқи қонунгузории байналмилалӣ танзимшаванда; 3) судӣ ва муносибатҳои тибқи қонунгузории гражданӣ танзимшаванда.

Монтескйе ин истилоҳро танҳо як маротиба дар аввали боб истифода мебарад ва пас онро бо ибораи содатарин иваз мекунад. Дар нусхаи аввал, таъсири Ҷ. Локк ба таври равшан мушоҳида карда мешавад, ба ғайр аз қудрати қонунгузорӣ, федералӣ ва иҷроия. Аммо, таснифоти Монтескйе аз таснифи Локк тафовут дорад, зеро Монтескйе шохаи иҷроияро дар муносибатҳои қонунгузории гражданӣ бо мақомоти суд муайян мекунад ва шохае мебошад, ки ба мақомоти федералӣ ва Локк салоҳияти оддии иҷроия дорад. Ҳамин тариқ, тақсими ваколатдори се узви ҳозира ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ташаккул меёбад. Ин мақомот бояд байни мақомоти гуногун тақсим шаванд, ки дар сохтор ва мавқеи худ аз ҳамдигар мустақил набошанд, аммо бо вобастагии дохилии функсияҳои ба онҳо супоридашуда пайвастаанд ва аз ин рӯ, якдигарро боз медоранд.

Консепсияи Монтескйе ба ду принсип асос ёфтааст:

1) мустақилият ва мустақилияти мақомот;

2) тавозун ва фаъолияти шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ[6.201].

Ба ақидаи ӯ, барои таъмини озодӣ, тақсимоти ягонаи ваколатҳо дар байни як мақомот кофӣ нест. Зарур аст, ки ин узвҳо дар мувозинати мутақобила бошанд, яъне. то ки ҳеҷ яке аз онҳо бар дигарон бартарӣ надошта бошад, ва сӯиистифодаи худро амали намояд. Асоси назарияи классикии таҷзияи ҳокимиятро "принсипи худдорӣ ва мувозина" меноманд, ки ин доктринаро воситаи умумии ташкили ҳокимияти давлатӣ мегардонад. Барои он ки аз ҳамдигар мустақил бошанд, мақомот бояд имкон дошта бошанд, ки ба ҳамдигар таъсир расонанд. Ба ибораи дигар, барои тақсимоти воқеии мақомот онҳо набояд аз ҳамдигар комилан ҷудо карда шаванд, зеро дар ин сурат имконияти таъсири мутақобила аз байн меравад. Таъсир асоси тамоми қудрат аст. Ин принсип имкон медиҳад, ки аз як тараф, худсарии эҳтимолии мақомот пешгирӣ карда шавад ва аз ҷониби дигар, соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатӣ ҳифз карда шавад. Дар байни ҳамаи мақомот, сарфи назар аз мустақилият ва баробарии нисбӣ, Монтескйе ҳокимияти қонунгузорро ҳамчун бартаридошта фарқ кард ва: "... агар он дар амал комилан озод бошад, он метавонад дигар мақомоти ҳокимиятро қонунӣ нест кунад." Аз нуқтаи назари Монтескйе, ташкили дуҷонибаи ҳокимияти қонунгузорӣ бояд ба фаъолияти самараноки механизми худдорӣ ва мувозина мусоидат кунад. “Мақомоти қонунгузорӣ, ки аз шахсони бонуфуз иборат аст, аз рӯи табиати худ бояд меросӣ бошад.

Аммо азбаски қудрат (меросӣ) метавонад, барои амалӣ кардани манфиатҳои шахсии худ, фаромӯш кардани манфиатҳои мардум ҷалб карда шавад, зарур аст, ки дар ҳама ҳолатҳо, ваколатҳои он маҳдуд карда шавад. Илова бар ин, маҷлиси қонунгузорӣ набояд доимо нишаста бошад, зеро, дар навбати аввал, моҳияти ҳокимияти қонунгузор инро талаб намекунад. Дуввум, ба гуфтаи Монтескйе, ин ба фаъолияти ҳокимияти иҷроия беасос монеа хоҳад шуд, ки тамоми диққати он баъдтар барои ҳимояи мустақилияти худ аз ҳокимияти қонунгузорӣ дода мешавад.

Ҳуқуқи даъват кардан ва пароканда кардани маҷлиси қонунгузорӣ, инчунин вақти иҷлосияи он бояд ба ҳокимияти иҷроия тааллуқ дошта бошад. Ҳокимияти иҷроия бояд ба дасти монарх мутамарказ шавад ва дар доираи қонунҳои муқаррарнамуда амал кунад. "Ҳокимияти иҷроия бояд дар дасти монарх бошад, зеро ин ҷониби ҳукумат, ки қариб ҳамеша чораҳои фавриро тақозо мекунад, аз ҷониби аксарият беҳтар иҷро карда мешавад; баръакс, ҳар чизе, ки ба қонунгузор вобаста аст, бештари вақтҳо аз ҷониби бисёртар танзим карда мешавад. Агар монарх вуҷуд надошт ва агар ҳокимияти қонунгузорӣ ба шумораи муайяни ашхоси аъзои маҷлиси қонунгузорӣ супорида мешуд, пас дигар озодӣ намемонд. Аз ин рӯ, шохаи қонунгузорӣ бояд ҳуқуқи амали ҳокимияти иҷроияро назорат карда, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдорро дошта бошад. Аммо ин ҳуқукро ба роҳбари мақомоти иҷроия додан мумкин нест, зеро дар ин ҳолат ҳокимияти иҷроия пурра ба шохаи қонунгузор вобаста хоҳад буд. Роҳи халосии ин дилемма принсипи масъулияти англисӣ барои амалҳои монарх бар зиммаи вазирон мебошад. Барои таъмини баробарӣ, ҳамоҳангӣ ва устувории фаъолияти системаи қудрати давлатӣ як қудрати алоҳидае лозим аст, ки дар вақти бухрон ҳамчун адолатпарвар баромад мекунад ва дар ҳолати зарурӣ унсури мувозинат дар сурати низои маҳаллӣ мебошад. Нақши чунин нерӯ ба зиммаи мақомоти судӣ гузошта шуд.

Монтескйе, мувофиқи қонунҳои муосири англисӣ, истисноҳои зеринро пешниҳод кард:

1) Дар ҳолатҳои истисноӣ, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунанд, мақомоти қонунгузорӣ дар муддати кӯтоҳ ба ҳокимияти иҷроия ҳуқуқи ҳабс кардани шаҳрвандонро (ба ҷои судӣ) таъмин менамояд;

2) Ҷиноятҳо бар зидди мардум бояд аз ҷониби палатаи поёнии парлумон таъқиб карда шаванд ва аз ҷониби болоӣ даъво карда шавад. Ғайр аз он, ба палатаи болоӣ ҳуқуқи озодии аъзои худ ва бахшиши гуноҳ дода шудааст. Ба гуфтаи Монтескйе: "Ҳокимияти суд набояд ба Сенати доимӣ супорида шавад, балки ба одамоне, ки дар вақтҳои муайяни сол аз мардум даъват карда мешаванд, то судро мувофиқи усули қонун таъсис диҳанд, ки муҳлати он бо талаботи зарурӣ муайян карда мешавад"[5.81]. Дар ин ҳолат, он як мурофиаи иштирокчиён аст. Монтескйе чунин ташкили судҳоро асоснок карда чунин навиштааст: "Ҳамин тавр, низоми судӣ, ки барои одамон ин қадар даҳшатнок аст, на бо мавқеи маълум ё ҳам ба касби шинохта алоқаманд хоҳад буд; он гӯё нонамоён ва ба назар номунтазам хоҳад буд. Шаҳрвандон ҳамеша дар назди судҳо нестанд ва аз ин хотир судҳо бояд аз рӯи адолат амал карда ҳуқуқи шахсони воқеиро ҳифз намоянд. Ғояҳои Монтескйе дар маркази диққати муҳаққиқон ва дар самтҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ қарор доранд.

Арзиши илмии дар натиҷаи тадқиқот ба даст овардашуда, бо он асоснок мегардад, ки он тасаввуроти илмиро оид ба назарияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар замони нав ба он даъват карда мешавад, ки чунин сохти давлат пойдор карда шавад, ки давлат аз ҷониби ҳеҷ кас, аз ҷумла аз ҷониби ягон мақоми он ғасб карда нашавад. Ақидаҳои Ҷон Локк ва Ш.Л. Монтескйе оид ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ аввалин назарияҳо дар замони нави таърихи давлатдорӣ мебошад, ки ҳамчун модели аврупоӣ пешкаш гардидааст. Назарияи ин файласуфон ва ҳуқуқшиносони Аврупо ҳамчун заминаи асоси барои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ мутсаҳкам намудани он нақши асосиро ишғол намудааст. Аввалин маротиба принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсияи ИМА соли 1787 мустаҳкам карда шуд, ки низоми худдорӣ ва мувозинаро байни се шохаи ҳокимияти давлатӣ муайян кард. Дар замони муосир

бошад, ин назария дар аксарияти Конститутсияи мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам гардидааст.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. *Графский В.Г. История политических и правовых учений: учебник / В.Г. Графский. – 3-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – 329 с.*
2. *Джон Локк. Избранные философские произведения: в 2 т. / под общ. ред. А.А. Макаровского. М., 1960. Т. 2. – 235 с.*
3. *ЗюзинаТ.Е. Единство государства и разделение властей в истории политических и правовых учений // Философия права 2009 №6 – 34 с.*
4. *Любашиц В.Я., Мордовцев А.Ю., Тимошенко И.В. Теория государства и права: Учеб. пособие. Ростов н/Д: Издательский центр «МарТ», 2002. – 225 с.*
5. *Монтескье Ш.Л. О духе законов. Антология мировой правовой мысли. Т. 3 М., 1999. – 452 с.*
6. *Монтескье Ш.Л. Избранные произведения. М., 1955. – 356 с.*
7. *Нерсесянц В.С. История политических и правовых учений: учебник. М., 2017. – 490 с.*
8. *Ященко А. Политические учения в Англии в XVIII веке и в начале XIX века. М., 1912. – 326 с.*



**Ключевые слова:** Конституция, политическая и правовая мысль, государственная власть, принцип разделения властей, законодательная, исполнительная, судебная, государство, право, правительство.



**Аннотация.** В статье рассматривается история возникновения теории разделения властей. Статья посвящена теории разделения властей, предложенной мыслителями Джоном Локком и Шарлем Луи Монтескье. Также в данной статье обсуждаются взгляды Джона Локка и Ш.Л. Монтескье о разделении государственной власти, это первые теории новой эры в истории государственности, которые представлены в виде европейской модели.

Принцип разделения властей был впервые закреплен в Конституции США 1787 года, и в статье также упоминается закрепление этого принципа в конституциях многих стран мира, в том числе Республики Таджикистан.



**Keywords:**Constitution, political and legal thought, state power,the principle of separation of powers, legislative, executive, judicial, state, law, government.



**Annotation.** The article examines the history of the emergence of the theory of separation of powers. The article is devoted to the theory of separation of powers, proposed by the thinkers John Locke and Charles Louis Montesquieu. This article also discusses the views of John Locke and S.L. Montesquieu on the division of state power, these are the first theories of a new era in the history of statehood, which are presented in the form of a European model.

The principle of separation of powers was first enshrined in the US Constitution of 1787, and the article also mentions the consolidation of this principle in the constitutions of many countries of the world, including the Republic of Tajikistan.

**Хасанов Музаффар Салибоевич**
*– муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ДДҲБСТ*

## НУҚТАИ НАЗАР ОИД БА МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СОҲИБИХТИЁРӢ

Консепсияи олимон оид ба соҳибихтиёрӣ гуногунанд ва ҳар яки онҳо ҷабҳаҳои гуногуни соҳибихтиёриро таҳлил намудаанд. Мафҳуми соҳибихтиёрӣ зуҳуроти ягонаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буда, ин ду ҷабҳа байни худ дар алоқамандии зич қарор дорад. Давлатро он гоҳ соҳибихтиёр будани шуморидан мумкин аст, ки дар худ ҳам мазмуни сиёсӣ ва шакли ҳуқуқии соҳибихтиёриро дошта бошад. Ҷабҳаҳои сиёсии соҳибихтиёрии давлатро мумкин аст, шартан соҳибихтиёрии сиёсӣ номид. Тарҳ кардани ташаккулкунандаи сиёсӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир кам мушоҳида карда мешавад. Понамарёв И.П. қайд менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ дар тадқиқот ба ҷабҳаи шакли ҳуқуқии соҳибихтиёрӣ афзалият дода мешавад, ки дар худ на танҳо тарафҳои сиёсӣ, инчунин иқтисодӣ - иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавиро дар бар гирад, ки ба онҳо камтар диққат дода мешавад [13, с. 34].

Лек ба назар гирифтани ҳар ду тарафи соҳибихтиёрӣ тарафдорони худро дорад, чи дар давраи гузашта ва чи дар замони муосир. Масалан Елинек Г. соҳибихтиёриро аз рӯи пайдоиши таърихӣ аввал тассавуроти сиёсӣ ва баъдан ба ҳуқуқӣ мубаддал гашта, ҳисоб менамояд [5, с. 421].

Мутафаккири бузурги фаронсавӣ Морис Ориу яке аз аввалин шуда ҷудо намудани мафҳуми соҳибихтиёрии сиёсӣ ва соҳибихтиёрии ҳуқуқиро пешниҳод намудааст. Морис Ориу қайд менамояд, ки «ҳамаи шахсияти алоҳида, ки миллатро ташкил менамояд дар ҳокимият иштирок намуда ва қисми муайяни соҳибихтиёрии сиёсиро ба ҷо меорад»[11, с. 49]. Дорандаи соҳибихтиёрии ҳуқуқӣ халқ мебошад, дар умум иродаи умумӣ ба ҳисоб меравад, ки онро иродаи ҳалқ шуморида мешавад ва он на иродаи ҳукумат (ҳокимият), балки иродаи танҳо аҳолии шаҳрвандони давлат, ки аз ваколати ҳуқуқии онҳо бармеояд[17, с. 11 ].

Марченко М.Н. қайд менамояд, ки новобаста аз он ки чи тавр мафҳум ва мазмуни соҳибихтиёрии давлат муайян карда мешавад, муҳим он аст, ки бояд ду тараф ё ду ҷабҳаи онро бояд ҷудо намуд: шаклан ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ҳақиқӣ)[9, с.186-187]. Аз рӯи гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки тарафи воқеӣ ин соҳибихтиёрии сиёсӣ мебошад. П.А. Оль таъкид мекунад: «соҳибихтиёрӣ бо ҳокимияти сиёсӣ дар алоқаи зич қарор дорад, яъне қобилияти реалии субъект иродаи худро дар сиёсат ҷорӣ намудан аст»[12, с. 109].

Имрӯз кори илмии мушаххас, ки мафҳуми соҳибихтиёрии сиёсиро муфассал таҳлил намудааст ҷой надорад. Олими намоёни Шӯравӣ Левин И.Д. соҳибихтиёрии сиёсиро ҳамчун «чи дар шакли ҳуқуқӣ ва чи берун аз ҳуқуқӣ зоҳиркардашуда, ҳукмронии сиёсии синфӣ, ки ба қувваи иқтисодии худ такья менамояд»[8, с. 62] тавсиф намудааст.

Ин мафҳуми пешниҳодшуда хуб мебошад, чунки ба синфи сиёсӣ, ки манфиати худро тавассути ҳокимияти худ амалӣ месозад. Дар мафҳуми пешниҳодшуда баръало таъсири таълимоти марксистӣ ҳис карда мешавад, чунки ба иқтисодиёт, ки ҳокимият ташкил менамояд, такья менамояд. Барои пурра азхуд намудани соҳибихтиёрӣ танҳо ба фаҳмиши марксистии ҳокимият такья кардан ҷоиз нест.

Кокошин А.А. мафҳуми реалии соҳибихтиёрро пешниҳод намуд, ки моҳияти он ин имконияти давлат дар амал (на ин ки деклоративӣ) мустақиман сиёсати дохилаю хориҷа ва муҳофизии худро ҷорӣ намудан мебошад, ин бастан ва бекор намудани шартномаҳо, дохил гаштан ва ё баромадан аз муносибатҳои стратегии ҳамкорӣ ва ғ. меҳисобад[6, с. 63].

Имрӯз равияҳо, мактабҳо, доктринаҳои гуногун ҷой дорад ва зарур аст, ки чунин мафҳуми соҳибихтиёрии сиёсӣ таҳия намуд, ки дар худ дар чаҳорчӯбаи ҳамаи ин равияҳо таҳия карда шавад, инчунин муҳити сиёсии ҷомеаи муосирро пурра дар назар дошта бошад.

Ташаккулёбии доктринаи соҳибихтиёрӣ бо таълимоти ғояҳои абсолютизми Макиавелли Н. ва Боденом Ж. алоқаманд менамоянд. Макиавелли Н. ба сифати манфиати олии сиёсӣ манфати давлатро муайян намуд, ки ба он дигар манфиатҳо бояд тобеъ бошанд ва бояд қайд намуд, ки мутафаккир байни ҳоким ва давлат тафриқа накарда буд. Ҳоким аз рӯи ақидаи ӯ дорои ҳокимияти волои давлатии ҷодонопазирро доро мебошад, лек ба ҳар ҳол худ оиди мафҳуми соҳибихтиёрӣ байён накардааст.

Ҳуқуқи байналхалқӣ ба сифати ҳақ донистани ҳокимияти марказӣ дар давраи феодализм талабот ба таълимоти фалсафии асримиёна, ки принсипи дахлнопазирии (дохилии) соҳибихтиёрӣ, яъне дахолат накардан ба корҳои ягдигари давлат дастгирӣ намуд. Лек ба ҳар ҳол соҳибихтиёрии давраи эҳьё бахри ҳалли муаммоҳои ҷойдошта ҷанги ҳама бар зидди ҳама, тарс ва зулм нуқтаи қатъиро нагузошт. Жан Боден аввалин шуда соҳибихтиёриро дар гардиши сиёсӣ - ҳуқуқӣ ворид намуд. Ӯ мутафакири фаронсавӣ, сиёсатмадор ва назариётчии ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқшинос, яке аз аввалинҳо мафҳуми классикии соҳибихтиёриро ҳамчун «доимӣ ва мутлақ будан ҳокимияти давлат» таҳия намуд.

Дар эҷодиёти худ «Шаш китоб оиди ҷумҳурӣ» (1576) ӯ пайдоиши илоҳии ҳокимияти монархро инкор менамуд, ғояи худро бо ғояи монархияи конститутсионӣ ва принсипи ҷудонопазирии соҳибихтиёрии давлат, мазҳабпазирииро асоснок ва ҳимоя менамуд.

Аз рӯи таҳлил чунин мафҳуми соҳибихтиёрии сиёсиро баровардан мумкин аст: «соҳибихтиёрии сиёсӣ ин имконияти ҳукумати давлати муайян мустақилона иродаи худро байён намояд, чи дар шакли ҳуқуқӣ ва чи берун аз ҳуқуқӣ ва онро бе ҳамагуна маҳдудияти беруна амалӣ созад».

Фарзандон муҳимтарин воситаи бақои оила мебошанд. Аз ин сабаб барои тарбияи дурусти онҳо муҳити боварӣ ва эҳтироми ҳамдигариро фароҳам овардан зарур аст. Аз мазмуни қисми дуюми моддаи 34 дар ҳуқуқи оилавӣ ду принсипи муҳим мавриди иҷро қарор гирафтааст: яке ғамхорӣ дар ҳаққи фарзандон ва ҳимояи манфиати онҳо ва дигаре аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ масъули ҳамдигар будани волидайн ва фарзандон. Гузаштагони мо оид ба тарбияи фарзанд асарҳои бузург навиштаанд, ба монанди «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо мебошанд, ки барои волидон дастур ва роҳнамои беҳтарин аст. Дар ин китобҳо марҳалаҳои мухталифи таҷрибаи ахлоқии башарият ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, киояндаи ҷомеаро муайян менамояд, бо далелҳои муътамад ба исбот расидаанд. Мардуми соҳибтамаддуни мо ба таълиму тарбияи фарзанд аҳамияти махсус зоҳир карда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ пайваста талош меварзанд.

Барои аз байн бардоштани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта ва садди роҳи падидаҳои номатлубро гирифтан, инчунин ҷавонону наврасонро дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ тарбият намудан ва ба хотири боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд,

худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умумибашарӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқи ҳамида, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзандонамон дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид.

Мақсади асосии Қонун баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондустӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Мувофиқи моддаи 7-и Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд иборат аст аз:

- ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзанд, интихоб намудани шакл, намуд ва усули таълим ва муассисаҳои таълимӣ, агар ин шакл, намуд ва усули таълим ба саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад;
- дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳ сифати таълим ва донишандузии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок ва мусоидат намоянд;
- дар муносибатҳои ҳуқуқӣ намояндаи қонунии фарзанд бошанд;
- дар раванди дарс ба давомот ва сатҳу сифати донишандузии фарзанд шинос шаванд.

Мазмуни асосии қонун уҳдадориҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд ташкил медиҳад ва ин уҳдадориҳо аз он иборат мебошанд, ки падару модар ва омӯзгорон бояд тамоми донишу малакаи худро барои тарбияи дурусти фарзандон равона намуда, тамоми восита ва шароитро муҳайё созанд, то ки фарзандон бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул шаванд. Падару модар вазифадоранд, ки тибқи арзишҳои миллӣ ба фарзандони худ номи нек гузоранд, барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо ғамхорӣ намоянд ва фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, эҳтироми падару модар ва риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбия намуда, барои онҳо шароити хуби таълиму тадрисро фароҳам оваранд. Гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд, шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд. Новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд. Шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд. Ба фарзандони то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, ба худ овардан ва истифода намудани телефонҳои мобилӣ ва тамошои филмҳои дорои хусусияти экстремистӣ доштаро манъ намоянд. Аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода намудани интернетро назорат намоянд.

Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз соли ба тавсиб расиданаш то ҳол натиҷаҳои назарраси пешгиркунандаи ҳуқуқвайронкунии кӯдакону наврасонро нишон додаст. Аз ҷумла, дар ҷомеаи имрӯзаи кишварамон сатҳи оворагардию ҳуқуқвайронкунӣ ва содир гардидани ҷиноятҳо аз ҷониби ҷавонону наврасон нисбат ба солҳои гузашта хеле паст шудааст ва падару модарон низ барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандон тамоми чораҳои заруриро андешида, шароити хуби маърифатнок

намудани онҳоро ба роҳ монда истодаанд. Баъди қабули Қонуни мазкур бисёр масъалаҳо бар дӯши падару модар вогузор шуданд. Муносибати фаъолонаи шаҳрвандони кишвар ба масъалаи тарбияи фарзанд баъди ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" равшан ба чашм мерасад. Дар тамоми ташкилоту муассисаҳо баҳри амалӣ гаштани Қонуни мазкур чораҳои зарурӣ андешида шуда, бо дарки масъулияти баланд сиёсати давлатро ҷонибдорӣ менамоянд.

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа рӯҳу равони воқеӣ пайдо мекунад. Аммо ба ин се ниҳод муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар натиҷаи раванди ҷаҳонишавӣ вусъати азиме пайдо кардааст, таъсири зиёд мерасонад. Хусусан, нақши оилаи устувор ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият дар тарбияи фарзанд басо муҳим мебошад. Падару модарон, ки сутуни хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон, маърифатнокии онҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Як нуктаро ба инобат гирифтан лозим аст, ки фарзанди солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модар мебошад ва ба ин хотир, барои таълиму тарбия ҳеҷ чизро набояд аз онҳо дареғ дошт.

Моҳияти ин Қонун аз ҷониби падару модарон ва бахусус, зиёиёни кишвар хеле амиқ дарк гардидааст. Бояд қайд кард, ки ҳар як падару модар дар раванди таълиму тарбияи фарзанд масъуланд, ҷиҳатҳои рӯҳию равонии онҳоро ба назар гирифта, кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ба кӯдакон зӯровариро пеш наоранд ва аз зинаҳои инкишофи кӯдакон бархӯрдор шаванду таълиму тарбияи дурустро ба роҳ монанд. Ташаббуси аҳли ҷомеа, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони ташкилоту муассисаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо нисбат ба тақдири ҷомеа ва ояндаи миллат бетараф набуда, дар фикри онанд, ки насли ҷавони имрӯзаи моро дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократӣ тарбия намоянд. Дар ин самт, волидайн ва тамоми сохторҳои давлатӣ бар он уҳдадор мегарданд, ки нисбат ба насли наврас ва ояндаи давлати ҷавони тоҷик бетафовутӣ зоҳир накарда, дастаҷамъона дар устувору пойдорӣ, рушд ва пешрафти он саҳмгузор бошанд.

Ҳар як падару модарро зарур аст, ки ин уҳдадории конститутсионӣ ва вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии худро хуб дарк намуда, фарзандони худро дар руҳияи эҳтироми қонун, анҷоми амалҳои тақдирсоз, омӯзиши илму ҳунар ва азхуднамоии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон - Тоҷикистон ҳидоят кунанд ва тавонанд, ки дар оянда аз фарзандони содиқу номбардори миллати худ ифтихор намоянд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Матни расмӣ, с 2016.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, № 7-8, мод.616; с.2016, № 3, мод.147//.*



**Ключвые слова:** Обязанности, обязательства, образование, воспитание, дети, преподаватели, право, конституция, семья, школа, общество, нация, информационное пространство.

Keywords: Responsibilities, obligations, education, education, children, teachers, law, constitution, family, school, society, nation, information space

**Аннотация**: Эта статья об ответственности родителей за воспитание и уход за детьми, их поведении в современном обществе, обязанностях родителей, повышении осведомленности, национальном самосознании, патриотической гордости и ценном вкладе в гражданскую ответственность молодежи.

**Annotation**: This article is about parental responsibility for raising and caring for children, their behavior in modern society, parental responsibilities, awareness raising, national identity, patriotic pride and valuable contributions to youth civic responsibility.

**Қодирӣ Амирхон Ҳасанзода**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,*
*криминалистика ва пешгирии коррупсияи ДДҲБСТ*

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАКМИЛ ДОДАНИ СИСТЕМАИ ҲУҚУҚӢ

Мушкилоти сиёсати ҳуқуқӣ падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, диққати ҷиддӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Аз инрӯ, дар назди олимон вазифаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи падидаҳо ва равандҳои нави сиёсати ҳуқуқӣ ва умумигардонии назариявӣ гузошта шудаанд, ки дар ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ саҳм гузоштааст.

Дар ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳуқуқӣ ба сиёсати стратегии давлат дар роҳи бунёди волоияти ҳуқуқ баланд бардошта шудааст. Тасдиқи равшани ин «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, №492 қабул шудааст [2]. Муаммои муосир дар бораи моҳияти сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон суолест, ки ин намуди сиёсат ба кадом падидаҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ тааллуқ дорад. Дар ҳама давру замон сиёсат ва ҳуқуқ бо ҳамдигар зич алоқаманд буданд, ки дар натиҷаи ин ҳамкорӣ мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ пайдо шуд ва ҳоло он аксар вақт дар илми ҳуқуқшиносӣ вомехӯрад.

Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият дар асоси ягонагии сиёсат ва қонун, ғояҳои консептуалии ба расмият даровардашудаи сиёсӣ ва ҳуқуқии дорои хусусияти стратегӣ ва тактикӣ, яъне чунин ғояҳои таълимотӣ, ки самтҳои рушди ҷомеаро муайян мекунанд, талабот ва тартиботро ташаккул медиҳанд, давлатдории ҳуқуқӣ ва фарҳанги олии ҳуқуқӣ ҷомеа ва шахсият таҳким мебахшад.

Мазмуни асосии рушди пеш аз шӯравии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нуқтаи назари худ муайянкунии сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат, эволютсия аз Ҷумҳурии Шӯравӣ ба ҷумҳурии президентӣ буд. Донишкадаи президент дар тӯли муддати кӯтоҳи худ, аз рӯи меъёрҳои таърихии рушд, мавҷудият, ҳамеша ҳамчун яке аз муассисаҳои муосири замони мо тахти назари олимони ҳуқуқшино смебошад. Омӯзиши санадҳои меъёрии Президенти ҷумҳурӣ дар низоми ҳуқуқии таҷдидшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад. Диққати асосии муҳаққиқон ба ин ниҳод асосан аз он иборат аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози фаъолияти худ аз ваколатҳои қонунбарории худ фаъолона ва эҷодкорона

истифода мебарад. Вай шумораи зиёди фармонҳои меъёрии дорои эътибори қонунро қабул мекунад, референдумҳо мегузаронад, паёмҳои солона нашр мекунад. Аммо ин соҳаи фаъолияти президент қаблан дар илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ нашуда буд ва таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявӣ ва методологӣ оид ба масъалаҳои баровардани фармонҳои президент гузаронида намешуданд.

Тавре ки ба мо маълум аст, моҳияти сиёсати ҳуқуқиро намуди муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва умуман фарҳанг муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқӣ ба далели зарурати ҳамкории шахс, давлат ва ҷомеа ҳамчун механизми рушди кишвар хизмат мекунад. Дар ин робита, бояд қайд кард, ки омӯзиши сиёсати ҳуқуқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок мебошад.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои демократикунонии минбаъда ва навсозии системаи ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои иҷрои он кори ҷиддӣ, назорати доимӣ аз болои нақшаи чорабиниҳои пешбинишуда лозим аст. Дар маҷмӯъ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои пайвастани илм ва амалияи ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи қонун, таълими ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ ба як система таҳия шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат оид ба кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани ёрии пурихтисоси ҳуқуқӣ эълон кард ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои адвокатураро ҳамчун асосии расонидани кумаки ҳуқуқии тахассусӣ муайян кард. Аммо то чӣ андоза бомуваффақият ва самаранок пеш бурдани фаъолияти адвокатҳо, ин рисолати конститутсионӣ, албатта, аз он лоиҳаҳое вобаста аст, ки адвокатураро дар кишвари мо ба танзим медароранд.

Аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ гардидани ҳуқуқи конститутсионӣ барои гирифтани ёрии пурихтисоси ҳуқуқӣ шарт ва кафолати дастрасӣ ба адолати судӣ мебошад. Механизмҳои татбиқи ин ҳуқуқ бояд такмилдодашаванд ва ҳуқуқҳои мурофиавии адвокат ҳамчун иштирокчии фаъоли ҷиноятӣ механизмҳои самарабахши ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Рушди соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва такмили минбаъдаи низоми ёрии ҳуқуқӣ имрӯз махсусан муҳим мегардад. Нақши намояндагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ки ба рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, дар риояи ӯҳдадориҳои марбут ба принсипҳои мурофиаи одилона, инчунин ӯҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҳимояи воситаҳои таъсирбахш, қоидаҳои қонун, озодӣ аз истеҳсолот ҳабс ё боздошти худсарона, манъи шиканҷа ва истиқлолияти судӣ фароҳам меовард.

Дар айни замон, чизи аз ҳама муҳиме, ки ба муҳофизи хуб воқеан ниёз дорад, мавқеи ҷасурона ва устувори шаҳрвандӣ барои ифодаи манфиати муштарӣ бо муқобили айбдоркунӣ мебошад. Ғайр аз ташкили муносибатҳо бо айбдоркунанда, адвокат инчунин амалҳои судяҳоро низ риоя мекунад. Ҳангоми эҳтироми меъёрҳои рафтори суд, адвокат бо вуҷуди ин вазифадор аст, ки амали судяро назора кунад, ва агар судя хато кунад, ба суди болоӣ шикоят кунад. Баъзан адвокат маҷбур аст ба амали маъмурияти муассисаи ислоҳӣ, масалан, дар парвандаҳои шиканҷа эътироз кунад. Дар ҷомеаи демократӣ нақши адвокатҳо на танҳо дар ҳимояи манфиатҳои муштариёни инфиродӣ мебошад. Адвокатҳо дар бисёр кишварҳо ба истиқлолияти худ бо таҳдидҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд: барои мисол, ҳисоботи Маърӯзачии махсуси СММ оид ба мустақилияти судяҳо ва адвокатҳо ё ҳисоботи даврии Комиссияи байналмилалии ҳуқуқшиносон «Ҳамлаба адолат» -ро бинед. Адвокат, беш аз пеш, имрӯз ба мустақилияти комил ниёз дорад.

Тавре ки шумо медонед, интихоби бомуваффақияти ҳимояи айбдоршаванда бештар аз маҳорати касбии адвокат, ба қобилияти таҳлили маводи парванда, пурсишҳо ва таҳияи саволҳо ба коршиносон вобаста аст. Ҳимоятгар дар ихтиёри худ василаҳои мухталифе дорад, ки бо он вай бо айбдоркунанда баҳс мекунад. Тавре ки таҷриба нишон дод, ҷорӣ намудани мурофиаи ҳакамон, ба судҳо додани санади ҳабс ба нақши касби ҳуқуқшиносӣ таъсири мусбат расонд. Аммо, ҳуқуқҳои мурофиавии адвокат ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ҷиноятӣ механизмҳои самарабахши ҳуқуқии талаб мекунанд.

Меъёри асосии баҳодиҳии сифати кори адвокат танҳо як чиз буда метавонад - самаранокии парвандаи зерҳимояи ӯ, парвандаи муштарӣ, боварибахшии далелҳои ӯ барои тафтишот ва суд. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқи арзёбии кори адвокат танҳо ба муштарӣ ва суд тааллуқ дорад. Агар суд бинад, ки кори адвокат номатлуб пеш бурда мешавад, вай метавонад ба тариқи қонунии муқарраршуда вокуниш нишон диҳад, инчунин ҳамаи чораҳои кофӣ ва ҳимояти адвокатҳоро андешад. Роҳҳои муқарраршудаи таъмин ва кафолати мустақилияти адвокатҳо мавҷуданд. Одатан, адвокатҳо намояндагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ мебошанд ва ташкилоти касбии онҳо, коллегияи адвокатҳо, як мақоми мустақил аз мақомоти давлатӣ мебошад (узвият дар адвокатура барои адвокат ҳатмӣ аст). Мустақилияти коллегияро Ҳукумат кафолат медиҳад, ки манфиатҳои шаҳрвандонро ифода мекунад. Дар баробари ин, муқаррарот дар бораи мустақилият дар қонуне, ки аз ҷониби парламент қабул шудааст, тасдиқ карда шудааст, ки дар он аъзои адвокатҳо ва ҷомеа ҳамчун ҳизб баромад мекунанд. Тибқи чунин шартнома, ба коллегияи адвокатҳо дар масъалаҳои қарор дар бораи қабули аъзои нави адвокатҳо, муқаррар кардани расмиёти дохилии фаъолият, расмиёти интизомӣ, таҳияи қоидаҳои рафтор ва одоби адвокатҳо мустақилият дода мешавад [3]. Тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18марти соли 2015 қайд шудааст: «Адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба татбиқи ҳуқуқи инсон, ки давлат кафолат додааст ва бо Конститутсияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимояи судии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва гирифтани кумаки ҳуқуқии тахассусӣ доранд пешбинӣ шудааст [1]. Вазифаи муҳимтарин дар ин шартномаи иҷтимоӣ расонидани ёрии баландсифат ба инсон мебошад. Аз ин рӯ, мустақилияти касби ҳуқуқшиносӣ комилан номаҳдуд нест; дарвоқеъ, муносибати мутахассисони ҳуқуқӣ ва ҳукумат як масъалаи хеле нозук аст, онҳо бояд тавре ташкил карда шаванд, ки ҳангоми таъмини истиқлолият, инчунин назорати иҷтимоӣ аз болои иҷрои касбӣ ва дурусти ваколатҳои уҳдадорӣ мебарад. Танзими возеҳи қонунгузории касби адвокатӣ, инчунин шаффофияти коллегияҳои адвокатҳо, тамоми амалҳо ва расмиёти онҳо, шарти ивазнашавандаи истиқлолият мебошад.

Системаи ҳуқуқӣ дар шароити муосир ҳамчун як системаи махсуси иҷтимоӣ ташаккул меёбад, падидаҳои ҳуқуқӣ аз ташкилоти сиёсии ҷомеа бармеоянд. Системаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили мустақил ва худмаблағгузор, пешакӣ ва иловагӣ, хеле муҳим ва самараноки рушди иҷтимоӣ дар якҷоягӣ ва ҳамкорӣ бо дигар омилҳо - рӯҳонӣ ва фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, давлатӣ-сиёсӣ ба назар мерасад.

Имрӯзҳо хоҳиши назария ва амалия ба систематикӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ягонагии падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ фаъолтар шуда истодааст. Дар ин ҳолат, пеш аз ҳама, мо хусусиятҳои системавии ҳуқуқро дар назар дорем - фарҳангӣ ва тамаддунӣ, моҳиятӣ ва функсионалӣ, универсалӣ ва форматсионалӣ, иҷтимоӣ - сохторӣ (миллӣ, гурӯҳӣ, персоналистӣ, синфӣ, демографӣ ва ғ.). Дар кишварҳои

ИДМ бо сабабҳои маълум таваҷҷуҳ ба чунин иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявӣ, аз қабили қонунҳои фитрӣ ва мусбӣ, ҳуқуқи хусусӣ ва ҷамъиятӣ, қонун зиёд шудааст. Онҳоро чунин иттиҳодияҳои ҳуқуқӣ, ба монанди шохаҳои моддӣ ва расмӣ (мурофиавии) ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, зерсистемаҳои ҳуқуқии башардӯстона (иҷтимоӣ) ва низоъӣ мепайвандад. Каму беш мазмуни муназзам дорои чунин мафҳумҳо мебошад, ки соҳаи ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқӣ, сохтори ҳуқуқии ҷомеа, падидаҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, низомҳои қонун ва қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқӣ, низоми судӣ, ҳуқуқи инсон; падидаҳои ҳуқуқӣ, омилҳо, шароит, воситаҳо, механизмҳо ва ғайра. Агар қонун ба монанди он дар бораи аҳамияти бениҳоят бузурги он барои фаъолият ва рушди иҷтимоӣ шубҳа ба вуҷуд наорад, пас табиати системавии ҳуқуқ аз нуқтаи назар ва ҷойгоҳаш нақш дорад, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба қадри кофӣ ошкор нашудаанд ва дар амалияи қонунгузорӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ суст ба назар гирифта шудаанд.

Системаи ҳуқуқ яке аз унсурҳои асосии системасозии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Он хусусияти объективӣ дорад, зеро он системаи воқеан мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоиро инъикос мекунад ва бо салоҳдиди субъективии одамон сохта намешавад. Системаи ҳуқуқии миллӣ, ки хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дорад, ҳамон талаботҳои системаи ҳуқуқии миллиро муайян мекунад. Низоми қонун ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарин, ки сохт ва рушди системаи қонунгузориро муайян мекунад, амал мекунад. Таҳлили муносибатҳои на камтар мураккаб ва муносибати байни низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузорӣ, мушкилоти шадиди раванди муосири қонунгузорӣ, зиддиятҳо дар муносибатҳои қонун падидаҳои нав дар рушди соҳавии қонунгузорӣ ва татбиқи қонунҳо дар бораи аҳамияти ин категорияҳои ҳуқуқӣ хулоса бароранд. Қонун падидаи бештар объективӣ, аҳамиятнок, ахлоқӣ, одилона, инсонпарварона, устувор аст. Қонун ташаккули субъективӣ, сунъӣ мебошад; он метавонад бисёр унсурҳои бегонакунии давлат, аз ҷиҳати сиёсӣ дар бар гирад; аксар вақт он ҳамчун рамзи муқовимати байни давлат ва ҷомеа ба назар мерасад; он камтар устувор аст. Аз ин рӯ, низоми қонунгузорӣ бояд ба низоми қонун ва низоми ҳуқуқӣ мувофиқат кунад, то мундариҷаи ҳуқуқии худро гум накунад. Таҳлили падидаҳои нави қонунгузорӣ аз нуқтаи назари ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар системаҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқ, инчунин дар низоми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дорад [4].

Таҳлили ҳамаҷонибаи таносуб, робита ва ҳамкории низоми ҳуқуқӣ бо давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври табиӣ ба чунин хулоса меорад, ки низоми ҳуқуқии рушдёфта яке аз хусусиятҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Аммо, аз тарафи дигар, худи волоияти қонун унсури системаи ҳуқуқӣ ҳамчун як муассисаи бузурги ҳуқуқӣ бо системаи сохторҳои қонунгузорӣ, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, иҷроия мебошад. Дар баробари ин, давлат ҳамчун як созмони сиёсӣ ҳамеша то андозае ба моликияти бегонагӣ хос аст. Аз ин рӯ, афзалияти қонун нисбат ба қудрат, ки аксар вақт хоҳиши амалҳои ғайриқонунӣ дорад, зарур аст. Муқаррароти асосии консепсияи давлати ҳуқуқӣ бартарии ҷомеаи шаҳрвандӣ бар давлат, тобеи давлат ба назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ, афзалияти қонун бар сиёсат ва қонун бар санади маъмурӣ мебошанд.

Волоияти қонун бояд ба ҳадди аксар наздикшавии ҳуқуқи хусусӣ ва давлатӣ дар системаи ягонаи ҳуқуқӣ мусоидат кунад. Манфияти давлатдорӣ ва ҳуқуқи оммавиро дар қатори дигар омилҳо ва бо фаъолияти мунтазами механизмҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ кам кардан мумкин аст.

Дар хотима, боядқайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷумҳурии соҳибихтиёр аст, ки дар он институти президентӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ба рушди устувори ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёти истифодашуда**


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182.*
2. *«Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 ноябри соли 2013, № 492.*
3. *Материалы Сборника Круглого стола на тему: «Право на квалифицированную юридическую помощь и независимость адвокатуры» - Астана: Центр исследования правовой политики, 9 декабря 2010. - С. 116.*
4. *Лившиц Р.З. Теория права - М.: БЕК, 1994. - С. 417.*



**Аннотация.** В статье рассматриваются аспекты уголовно-правовой политики как правовой системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** право, правовая система, понятие, правовая политика, право, юристы, суды.

**Annotation.** The article examines aspects of criminal law policy as a legal system of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** law, legal system, concept, legal policy, law, lawyers, courts.



**Ризобоева Н.**
*омӯзгори калони кафедраи*
*фанҳои гуманитарии ФДТТИ*


## ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ФАРЗОНА

Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона дар баробари он ҳама корномаҳое, ки барои рушди шеъри тоҷикӣ дар марҳилаи нави таърихӣ анҷом додааст, силсилаи ашъори шоирони ҷаҳонро тарҷума намудааст, ки мақоми ӯро ҳамчун тарҷумони шоён бозгӯӣ мекунад. Маълум аст, ки барои анҷоми муваффақонаи тарҷумаи ашъор ҳунари шоирӣ нақши бузург дорад ва осори тарҷумашуда пеш аз ҳама маҳсули кор, андешаву тахайюли ҳамон шоир ба шумор меравад. Ҳатто мавориди ҳам эҳсос мешавад, ки агар тарҷумон аз ҳунари баланди шоирӣ бархурдор бошад, тарҷумаи анҷомдодаи ӯ аз асли шеър муассир ва қобили таваҷҷуҳ сурат мегирад. Ин хусусияти ҳунарӣ ва бадеиро дар тарҷумаҳои ашъори шоирони кишварҳои олам, аз ҷумла намунаҳои ҳойкуҳои ҷопонӣ, ашъори Абай, Афанасий Вет, Ҷорҷ Байрон, Анна Ахматова ва дигарон ба мушоҳида метавон гирифт.

Тарҷумаҳои устод Фарзона аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ ва баррасӣ мебошанд, зеро то кунун дар барбари дар шакли алоҳида ба нашр расидани китоби тарҷумаи ашъори Анна Ахматова аз ҷониби Фарзона силсилаи тарҷумаҳои дигари шоира дар китобҳои “Себарга”, “Найистон” ба чоп расиданд, ки бегумон ба анҷоми як таҳқиқоти алоҳида дар бораи вежагиҳои бадеии тарҷумаҳои суханвар таъкид меварзанд.  Аммо мо дар ин нигоштаи хеш кӯшиш мекунем, ки бештар дар бораи ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаиҳои анҷомдодаи шоира мулоҳизоти хешро баён намоем.

Мусаллам аст, ки тасвирҳои парадоксӣ дар заминаи аз ду мафҳуми мутазод офаридани маъние, ки зоҳиран маънӣ надорад, ба вуҷуд меоянд. Дар худи ашъори Фарзона ин навъ тасовир фаровон ба чашм мерасанд, ки албатта ин баҳсу баррасии ҷудогонаро хостор аст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки мо ба чунин падидаҳои ҳунарии шеърӣ дар тарҷумаҳои Фарзона низ дучор меоем, ки пеш аз ҳама онҳо маҳсули таҷрибаҳои ҳунарии худи шоира мебошанд. Аз ҷумла, дар ин навъи шеърии ҳойкуи шоири ҷопонӣ, Майуо Басё тасвир мешавад, ки шабпара мехоҳад, дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ кунад;

Ин шабпара тирамоҳ мехоҳад
Бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан:
Шабнам хурда аз барги гули довудӣ (2,213)

“Дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан” навъе тасвири парадоксӣ аст, чун ин ҳолу ҳавои ғайриимкон аст ва аз мафоҳими дар асл зидмаънои “тирамоҳ” ва “баҳор”.

Дар ин шеъри Ҷорҷ Байрон, ки “Ба бонуе, ки суол медиҳад: Баҳорон чаро сафар мекунӣ? шоира зимни тарҷума тасвире меофарад, ки гузаштаи азизро дар пеши роҳи худ дидан мехоҳад, ки албатта ин ғайриимкон аст. Аммо ҳамин ормони суханвар дар тарҷумаи шеър ба шакли як тасвири парадоксӣ ба ҷилва омадааст:

Мисли гуноҳкори зи фирдавс рондае,
Мебингарам ба ҷониби ояндаи сиёҳ.
Яхбаста аз ҳаросаму уммед мекунам,
То он гузаштаҳои азиз оядам зи роҳ. (2,219)

Гузашта аз роҳ омадан дар таркиби худ баёне парадоксӣ дорад, зеро гузашта ҳаргиз аз роҳи намеояд, чун аллакай вай рафтааст. Аммо шоира ин ҷо барои тасвири ормони гӯянда онро ба ҳамин шакл тарҷума намудааст, ки аз назокате хос бархурдор гардидааст.

Дар ҳамин шеър ибораи “назокати тоқатситон” дар банди дигари он низ баёне парадоксӣ ба шумор меравад, зеро назокат дар асл вожаи ифодакунандаи зебоиву хубии маъшуқ аст ва бо тоқатситон омадани он зоҳиран мутазод аст, вале баёне хеле зебои парадоксӣ аст, ки дар шеваи тарҷумаи шоира ба ҷилва омадааст:

Инак, пас аз шикасти ғамангези сарнавишт,
Бигрезам аз назокати тоқатситони ту.
То бозпас нидо накунам, фасли рафтаро,
Бигрезам аз фироқу ғами бебаёни ту. (219)

Дар шеъри дигари Ҷорҷ Байрон, ки “Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон” унвон дорад, таъбирҳои “нури ашковар”, “ Тирагӣ зи анвор” баёноте парадоксӣ доранд, зеро нур дар асл мояи шодиву нишот аст ва тирагӣ маҳсули бенурист, аммо ин ҷо тирагӣ зи анвор дониста мешавад:

Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон,
Нури туст ашковар, эй мунаввару тобон.
Тирагӣ зи анворат, тиратар зи пешин аст,
Нури ту чу шодии рӯзҳои дӯшин аст. (2,220)

Дар шеъри аз “Соқинома”-и шоири маъруфи олмонӣ Иоҳанн Гуте таъбирҳои “хамӯшии ширину зебо” , “ дар талотумхонаи андешаҳои хештан” навъе тасвирҳои парадоксиро дар худ ғунҷоиш додаанд:

Менишам яккаву танҳо,
Хоҷаи хешам,
Бода менӯшам
Дар ин хомӯшии ширину зебо.
Не халал орам ба кас,

Не кас халал орад ба ман,
Менишинам,
Дар талотумхонаи андешаҳои хештан (230)

Дар тарҷумаи шеъри шоири олмонӣ Ҳенрих Ҳейне бошад таркиби “кайфияти ғам” истифода шудааст,ки баёне парадоксӣ мебошад. Одатан ғам барои инсонҳо ранҷу азият ато мекунад ва аз он дард мекашанд, аммо шоир барои ифодаи ҳоли худ ибораи кайфияти ғамро истифода кардааст, ки таъбире борвар аз тасвире парадоксист:

Ҳамғуссаи ман басе зиёд аст,
Дар зодгаҳи хуҷастафолам.
Кайфияти ғам касе, ки донад,
Донад, ки чи гуна аст ҳолам. (2,234)

Ибораи “бенафас гаштан” дар асл маънии аз олам гузаштанро дорад, вале дар ашъори шуаро барои ифодаи ранҷу азият низ ба кор меравад, ки дар ин сурат то ҷое навъе парадоксро дар худ ғунҷоиш медиҳад. Дар тарҷумаи шеъри А.С. Пушкин бо номи “Иқтидо ба Қуръон” шоира Фарзона ҳангоми тасвири раҳмгумзании биёбонгарди танҳо истифода бурдааст, ки аз таъсири сӯзи гармо бенафас мешавад, яъне ин ҷо ба маънии сӯхтани нафас дар гармо ба кор рафта, гунаи тасвире парадоксиро ба худ гирифтааст:

Раҳнаварде хаста менолид рӯ сӯи Худо,
Дар суроғи қатраи обеву нахли барҳаво.
Се шабу се рӯз раҳгум зад биёбонгарди зор,
Бенафас аз сӯзи гармо, сарфурӯ зери ғубор (2,241)

Дар тарҷумаи шеъре аз шоири қазоқ Абай шоираи маҳбуби мо Фарзона таркиберо ба сурати “давандаи дармонда” эҷод кардаанд, ки воқеан аз лиҳози сохторӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва дақиқ ба умқи маънои он назар афкандан маълум месозад,қи аслан инсоне, ки дар ҳоли давидан аст, наметавонад якбора дармонда буд, чун ҳоли вай ифодакунандаи роҳ рафтан бошад. Аммо ин ҷо ҳадафи шоир тасвири ҳолатест, ки бо ҳама давандагӣ инсон дармондаи олами гузарон аст, чун олами гузарон худ доми нонамоёне ҳаст, инсони метавонад бо ҳама шитоб дар доми он дармонад:

Домест олами гузарон, доми нонамост,
Эй бас каси даванда, ки дармондаи вай аст.
Он мурда нест он ки пас аз интиҳои умр,
Бар ҳар диле ҳиҷош чу ноҷии хушпай аст (2,250)

Ибораи “забони гуфтушунуфт” дар асл агар бештар ба вуҷуди ҳиссомезӣ таъкид варзад, лекин таркиби гуфтушунуфт дар асл ба худии худ як маънии дигар медиҳад. Шунидани забон, ки аз таркиби ин ибора берун меояд, ба мавҷудияти тасвире парадоксӣ дар таркиби он ишорат меварзад. Гуфтушунид дар асл ба маънии гуфтугӯ кардан ҳам истифода мешавад, вале шоир зимнан дар ҷараёни як шеъри дигаре аз шоири қазоқ Абай бо эҷоди ибораи “забони гуфтушунуфт” навъе таъбире борвар аз ифодаи парадоксӣ офаридааст:

Имтиҳоне агарки пеш омад,
Ва агар кор бар мубоҳиса рафт.
Ту гиребон дариву хун резӣ,
Ки надорӣ забони гуфтушунуфт. (2,257)

Дар ҷараёни тарҷумаи шеъри Анна Ахматова шоира Фарзона таъбири “рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод” - ро ба кор гирифтааст, ки навъе баёни парадоксӣ дар он эҳсос мешавад, зеро одатан рӯзҳои сардро на ҳамеша инсонҳо ба шодӣ ёд мекунанд:

Овaҳ андар шаҳри бемонанди Петр,
Рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод.
Бол мезад гулхани сурхи ғуруб,
Тирагӣ оҳиста мафраш мекушод. (1,68)

Ҳангоми муқоисаи ин порчаи шеърӣ бо гунаи аслии он маълум мешавад, ки таркиби парадоксии офарида дар тарҷумаи тоҷикии он ба чашм расида, маҳсули эҷоди шоира Фарзона мебошад. Зеро дар ин қитъаи асли русии шеъри Анна Ахматова шеваи баёни парадоксӣ дида намешавад ва танҳо шоир Фарзона муваффақ шудаанд, ки бо кӯшиши эҷоди чунин тарзи нигориши шоирона тарҷумаи тоҷикии онро ҷаззобу ҳунари шоирии хешро дар эҷоди як шеъри тарҷумашуда ба ҷилва оваранд:

О, это был прохладный день,
В чудесном городе Петровом.
Лежал закат костром багровым,
Ин медленно густела тень (1, 16).

Дар умум, баҳсу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар тарҷумаҳои анҷомдодаи Фарзона аз шоирони ҷаҳон маълум месозад, ки ин шеваи баён дар сурудаҳои шоира пеш аз ҳама бар асоси таҷрибаҳои нодири худи ӯ ба ҷилва омадаанд, зеро ҳангоми муқоиса бо гунаҳои русиву дигар забонҳои асли ашъор маълум мешавад, ки чунин шеваи баён ва корбурди ин падидаи ҳунарии шеър бештар дар тарҷумаҳои Фарзона ба назар расида, таъкид бар он мекунад, ки онҳо маҳсули тафаккур ва тахайюли бадеии шоира мебошанд.

**Калидвожаҳо:** парадокс,тасвире парадоксӣ, ашъор, тарҷума, падидаи ҳунарӣ, шеваи баён, шоирони ҷаҳон,муқоиса.

**Анотатсия:** дар мақола оид ба тасвирҳои парадоксие, ки дар тарҷумаи ашъори шоирони ҷаҳон, ба мисли Майуо Басё, Абай, Афанасий Фед, Анна Ахматова,Ҷорҷ Байрон, ки аз ҷониби Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзонабону сурат пазируфтааст ва падидаҳои ҳунарии шеърӣ дар осори тарҷумкарда, ки бозгӯи таҷрибаҳои ҳунарӣ, тахайюлу андешаҳои шоираанд,бозгӯӣ менамояд, сухан меравад.

**Пайнавишт:**

1. *Анна Ахматова. Шеърҳо. Тарҷумаи Фарзона. -Хуҷанд: Ношир, 112 с.*
2. *Фарзона. Найсон. Маҷмӯаи рубоӣ, дубайтӣ ва тарҷумаҳо. -Хуҷанд: Хуросон, 2019.-320.*
3. *Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 1. –Хуҷанд, Нури маърифат, 2003.–510 с.*
4. *Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 2.–Хуҷанд, Нури маърифат, 2003.–472 с.*
5. *Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 3. –Хуҷанд, 2003. Нури маърифат, –378 с.*
6. *Фарзона. Муҳри гули мино /Фарзона. – Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.*

**Ахмедов Нарзуллохон Иззатуллоевич**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,*

**Зиёбоева Мавзунахон Нарзуллохоновна**
*муаллимаи калони факултети*
*ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ,*

**Мирзоев Ҳоҷимурод Мирзоевич**
*магистранти курси 2-юм*

## ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ЭКСПЕРТИЗАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ КАФИЛИ ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ БАЛАНДСИФАТ

## ТАҲЛИЛИ ҶИНОЯТӢ – ҲУҚУҚИИ РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ (моддаи 279 КҶ ҶТ)

Барои ҷамъият хавфнокии ришвадиҳии тиҷоратӣ дар он ифода меёбад, ки чунин кирдор амалишавии муносибатҳои бозоргониро вайрон намуда, дар риояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳо монеа эҷод менамояд.

Ришвадиҳии тиҷоратӣ, порагирии тиҷоратӣ дар як раванд бо порагирии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот вобаста бо фаъолияти хизматии онҳо арзи вуҷуд дорад. [1]

Ҷиноятҳои марбут ба ришвадиҳии тиҷоратӣ дар баробари гирифтан ва додани пора ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ба амният, субботи ҷомеа, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолат халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонад. Вобаста ба ин дар асоси таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи судӣ дар ин самт, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» аз 19 декабри соли 2008, №11 қабул намуд, ки масъалаҳои банду басти ин ҷиноятҳоро дар бар мегирад. [2]

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 279 КҶ ҷавобгариро барои ришвадиҳии тиҷоратӣ пешбинӣ намудааст, ки он аз 4 қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Дар қисми якуми моддаи 279 КҶ ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ додани пул, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, ҳамчунин вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс ғайриқонунӣ расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ба ӯ барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда, пешбинӣ гардидааст.

Объекти ҷинояти мазкурро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки барои таъмини фаъолияти муътадили дастгоҳи идоракунии корхонаҳои тиҷоратию дигар корхонаҳо равона гардидааст. [3]

Предмети ҷиноят дар баробари маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк (молҳои саноатӣ, маҳсулоти хӯроквории), инчунин фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, ки беподош расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд (пешниҳод намудани роҳхатҳои сайёҳатӣ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бӯстонсарой ва ғайра), шуда метавонанд.

Таҳти мафҳуми фоидаи хусусияти молу мулкидошта бошад паст кардани арзиши молу мулки додамешуда, объектҳои хусусишаванда, кам кардани пардохти иҷора, маблағи фоизи истифодаи ссудаи (қарзи) бонкӣ, фаҳмида мешавад. Ҳангоми бандубасти кирдор бояд ба фоида ва хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, баҳои маблағӣ дода шавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 50 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳое шахси ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд, ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ном доранд.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ таъсис дода шаванд.

Таъсиси иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳо ба роҳ монда мешавад. [4]

Зери дигар корхонаҳо - шахсони ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Моддаи 279 КҶ ду ҷинояти мустақилро пешбинӣ менамояд. Вобаста ба ин тарафи объективии ин ҷиноят аз кирдорҳои зерин иборат аст:

1. Ғайриқонунӣ додани пул, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, инчунин расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад ё вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда;

2. Аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда.

Бояд дар назар дошт, ки мувофиқи эзоҳ ба моддаи 295 КҶ таҳти мафҳуми кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо дар моддаи мазкур шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро дар ташкилоти тиҷоратӣ сарфи назар аз шакли моликият ва инчунин дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, анҷом медиҳанд. [5]

Додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, ҳамчунин гирифтани он аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, аз лаҳзаи қабули ҳатто як қисми ашёи қиматноки додамешуда, хотимаёфта дониста мешаванд.

Дар ҳолате, ки шахси вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани ришваи тиҷоратиро рад намудааст, шахсе, ки ришваро медиҳад, барои сӯиқасд ба ҷинояти бо қисми дахлдори моддаи 279 КҶ пешбинишуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Агар додани ашёи қиматдори маслиҳатгардида бо сабабҳои аз иродаи шахсоне, ки кӯшиш мекарданд предмети ришваро диҳанд ё гиранд вобастанабуда, анҷом наёфта бошад, кирдори содирнамудаи онҳо бояд ҳамчун сӯиқасд ба гирифтан ё додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда шавад.

Нияти изҳорнамудаи шахс дар бораи додани (гирифтани) маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё пешниҳод намудани имконияти ғайриқонунӣ истифода бурдани хизматрасонии хусусияти моддӣ (молу мулкӣ)

дошта, таркиби ҷиноятро оиди сӯиқасди гирифтан ё додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ташкил намедиҳад, агар шахс барои амалӣ гардонидани ин нияташ ягон ҳаракатҳои мушаххасро иҷро накарда бошад.

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо моддаи 279 КҶ зарур аст, ки ришва вобаста ба мақоми ишғолкардаи шахс дода ё гирифта шавад. Вобаста ба ин, таҳти мафҳуми ҳаракати (беҳаракатӣ) шахси мансабдор, ки ба фоидаи ришвадиҳанда амалӣ мегардад, бояд чунин ҳаракатҳое фаҳмида шаванд, ки шахси дар корхонаи тиҷоратӣ вазифаи идоракуниро ишғолнамуда, ба онҳо ваколат дошт ё вазифадор буд, ки мутобиқи ваколатҳои хизматии ба души ӯ вогузоргардидаро иҷро намояд. Таҳти мафҳуми ҳаракатҳои ғайриқонунии шахси мансабдор бошад, ҳаракатҳои ғайриҳуқуқие, ки аз ваколати хизматиаш барнамеоянд ё ин ки бархилофи манфиати хизматӣ амалӣ гардонида шудааст ва инчунин ҳаракатҳое, ки аломати ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкуниро дар бар мегиранд, фаҳмида мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита содир мешавад. Ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад.

Субъекти қисми якуми моддаи 279 КҶ шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

Қисми 2-юми моддаи 279 КҶ ҷавобгариро барои ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, пешбинӣ намудааст.

Субъекти қисми 2-и моддаи 279 КҶ шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

Дар қисми 3-и моддаи 279 КҶ ҷавобгарӣ барои аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда, пешбинӣ намудааст.

Дар қисми 4-и моддаи мазкур ҷавобгарӣ барои кирдорҳои пешбининамудаи қисми сеюми ҳамин модда, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

в) дар алоқамандӣ бо тамаъҷӯӣ содир шуда бошад, пешбинӣ гардидааст.

Субъекти қ.қ.3 ва 4-и моддаи 279 КҶ – махсус, яъне шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад. Шахсоне, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ, ё бо ваколати махсус вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона новобаста аз шакли моликият ё корхонаи ғайритиҷоратие, ки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаи давлатӣ намебошад ва инчунин ваколатдороне, ки тибқи шартнома манфиати давлатро дар мақомоти идоракунии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ (ширкатҳои хоҷагидорӣ), ки қисми саҳмияи онҳо (ҳисса, амонат) моликияти давлат мебошад, намояндагӣ мекунанд, шахсони мансабдор эътироф карда намешаванд ва дар сурати ғайриқонунӣ гирифтани ашёи қиматнок ё истифодаи хизматрасонӣ барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати

ришвадиҳанда, бинобар ишғол намудани мавқеи хизматиаш, бояд тибқи моддаи 279 КҶ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаҳои тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар ашёҳои қиматдор гӯё барои содир намудани ҳаракате (беҳаракатие), ки онро ӯ аз сабаби мавҷуд набудани ваколатҳои хизматӣ ё имконнопазир будани истифодабарии мавқеи хизматии худ наметавонад амалӣ гардонад, ҳангоми ҷой доштани қасд барои гирифтани ашёҳои қиматдори номбурда, бояд ҳамчун қаллобӣ бо моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад. [6]

Дар чунин ҳолатҳо соҳиби ашёҳои қиматдор барои сӯиқасд ба додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар додани ашёҳои қиматдор ба мақсади аз ҷониби шахсони қайдгардида амалӣ намудани ҳаракатҳои (беҳаракатӣ) хоҳишнамудаи ӯ, равона шуда бошад.

Банду басти гирифтану додани ришваи тиҷоратӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ бо аломати такрорӣ содир намудани ҳамон як ҷиноятро на камтар аз ду маротиба ифода менамояд, агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷиноятҳои қаблӣ нагузашта бошад ё ин ки доғи судӣ барои чунин ҷинояти қаблан содирнамуда бардошта ё барҳам нахӯрда бошад.

Гирифтан ва додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ дар якчанд марҳила барои иҷро намудан ё иҷро накардани ҳаракатҳое, ки ба вуқӯъ омадани натиҷаи дилхоҳро таъмин менамояд ва ҳамчунин додани предмети ришва ба гурӯҳи шахсони мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд ва ҷиноятро бо маслиҳати пешакӣ ё дар ҳайати гурӯҳи муташаккил содир намудаанд, ҳамчун ҷинояти такроран содиршуда эътироф карда намешавад.

Гирифтани предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ дар сурате бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон дониста мешавад, ки агар дар ҷиноят ду ва зиёда шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд, иштирок карда, қаблан барои якҷоя содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи мавқеи хизматии худ маслиҳат кардаанд. Дар ин маврид аҳамият надорад, ки кадом маблағро ҳар яке аз ин шахсон гирифтаанд.

Таҳти мафҳуми тамаъҷӯӣ, аз ҷонибе шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, талаб намудани додани додани мукофоти ғайриқонунӣ дар намуди маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, зери таҳдиди содир намудани ҳаракатҳое, ки метавонанд ба манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонанд ё охиринро ба чунин вазъият гузоранд, ки ӯ маҷбур мешавад ришвадиҳии тиҷоратиро бо мақсади пешгирии оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандааш амалӣ намояд, фаҳмида мешавад.

Эзоҳи моддаи 279 КҶ шартҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамояд, ки мутобиқи он агар нисбат ба шахси кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин моддаро содирнамуда тамаҷӯи ҷойдошта бошад ва ӯ ихтиёрӣ ба мақоме, ки ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятӣ кушояд, оид ба ришвадиҳӣ иттилоъ диҳад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Банди 29 Қарори Пленум муқаррар менамояд, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсе, ки ришвадиҳии тиҷоратиро анҷом додааст, бо асосҳои ихтиёран дар бораи содир шудани ҷиноят хабар расонидан, маънои дар ҳаракатҳои шахсони мазкур мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро надорад. Аз ин рӯ, онҳо ҷабрдида эътироф карда намешаванд ва барои баргардонидани ашёҳои

қиматдори ба сифати предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додашуда ҳуқуқи талабгор шудан надоранд ва ин ашёҳо ба онҳо баргардонида намешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар нисбати шахс оиди ғайриқонунӣ додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк дар намуди ришвадиҳии тиҷоратӣ талабот арз шуда, то додани онҳо шахс ба мақомоте, ки ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро дорад, ихтиёран хабар расонида бошаду додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматноку дигар молу мулк, бо мақсади бо далели шайъӣ дастгир кардани шахсе, ки чунин талаботро пешниҳод намудааст, таҳти назорати мақомоти мазкур ба амал бароварда шуда бошад, маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк ба фоидаи давлат дода намешавад. Дар чунин ҳолатҳо маблағи пулӣ ва дигар ашёҳои қиматдор, ки предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд, бояд ба соҳибаш баргардонида шаванд. [7]

**Адабиёт:**


1. *Ашитов З.О. Уголовное право Республики Казахстан. Учебное пособие / З.О. Ашитов. – Алматы: Жеті Жарғы, 2013. - С.301.*
2. *Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 23 ноябри соли 2012, №30 ва аз 29 сентябри соли 2014, №7 ворид карда шудаанд). /Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – С.74-82.*
3. *Уголовное право России. – М., 2008. – С.305.*
4. *Маҳмудов М.А., Тагойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, «ЭР-граф», 2010. - С.130.*
5. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 17 декабри соли 2020 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №9, мод.68, мод.69.*
6. *Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. – С.620-622.*
7. *Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. Душанбе «Империал-Групп», 2015. – С.162.*



**Аннотация:** В статье авторы обсуждают вопросы коммерческого подкупа, его социальных рисков, негативных последствий этого нежелательного явления, основных понятий и уголовной ответственности за такие действия.

**Annotation:** In the article, the authors discuss the issues of commercial bribery, its social risks  and the negative consequences of this undesirable phenomenon, the basic concepts, and criminal liability for such acts.



**Ключевые слова:** преступление, незаконный, деньги, ценные бумаги, имущество, коммерческие предприятия, офис, вознаграждение, вещественные доказательства, организованная группа, вымогательство, хищение, объединение, союз, уголовное наказание.

**Keywords:** crime, illegal, money, securities, property, commercial enterprises, office, reward, physical evidence, organized group, extortion, embezzlement, association, union and criminal punishment.

**Пӯлотов Комилҷон Иброҳимович**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи ДДҲБСТ*

# ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ЭКСПЕРТИЗАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ КАФИЛИ ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ БАЛАНДСИФАТ

Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Чунин тарзи танзими ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро асосан ба идоракунии давлатӣ равона созанд. Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд. Тавре ки маълум аст, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад [1].

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад. Хусусиятҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ ташкил медиҳанд[3].

Соҳаҳои муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим дароварда мешаванд, аз ҷумла масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ.

Мафҳуми амнияти ҷамъиятӣ, миллӣ ва амнияти озуқаворӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: амнияти ҷамъиятӣ – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд; амнияти миллӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ; амнияти озуқаворӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад [2].

Дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ ташкил ва баргузории экспертизаи ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Доир ба шарҳи истилоҳи "ҳуқуқэҷодкунӣ" ва "қонунэҷодкунӣ" дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ мавқеи якхела вуҷуд надорад. Дар адабиёти соҳавӣ асосан истилоҳи "ҳуқуқэҷодкунӣ" бештар истифода шудааст. Ба ақидаи профессор Р.Ш.

Сотиволдиев ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои фаъолияти давлат буда, дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихии давлатҳо, аз лаҳзаи пайдоиши онҳо саркарда, то имрӯз вуҷуд дорад. Ҳуқуқэҷодкунӣ омиле буд, ки зарурати давлатро тақозо намудааст. Маҳз зарурияти қабули санадҳои ҳуқуқӣ боиси таъсиси мақомоти махсуси давлат гардид, ки фаъолияти асосии онҳо аз ҳуқуқэҷодкунӣ иборат буд. Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз омилҳои муҳими ташаккули давлат гардида, дар баробари ин ба шакли асосии фаъолияти давлат табдил меёбад. Инкишофи давлат ин дар айни замон ҷараёни такмили қонунгузорӣ аст. Дар ҳар давраи навбатӣ санадҳои ҳуқуқии мукаммалтар қабул мешуданд. Сатҳи қонунҳо бо мурури замон баландтар мешавад. Қонунҳои имрӯза аз қонунҳои замонҳои гузашта бо сатҳи баланди илмӣ фарқ мекунанд. Ҳар як қонун нишондиҳандаи пешрафти маънавии ҷомеа аст. Маҳз, аз рӯи сифати санадҳои ҳуқуқӣ дар бораи сатҳи инкишофи ин ё он давлат, маданият ва шуури ҳуқуқии аъзоёни он маълумот пайдо кардан мумкин аст. Қонунҳои Солон дар Юнони Қадим, Қонунҳои XII ҷадвал дар Рими Қадим, Кодекси граждании Франсия (соли 1804) ва чандин қонуну санадҳои ҳуқуқӣ аз сатҳи инкишофи тамаддунии давлатҳои гузашта шаҳодат медиҳанд. Қонунҳои имрӯз қабулкардаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, алалхусус Конститутсияи кишвари мо, ки ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсонро, талаботҳои қонуни ҳуқуқӣ ва меъёрҳову арзишҳои ҳуқуқи башарро инъикос намудаанд, аз омодагии ҷумҳурӣ ба амалӣ кардани нуқтаҳои асосии ҳуқуқи муосири ҷаҳон, сатҳи баланди тамаддунии ҷомеа, болоравии шуури ҳуқуқии аҳолӣ, пешрафти илми ҳуқуқии кишварамон шаҳодат медиҳад [16;17].

Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти махсуси давлат аст, ки бо меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида танзим мегардад. Онро на ҳамаи мақомоти давлат, балки мақомоти босалоҳият ба амал мебароранд. Ин салоҳият пеш аз ҳама дар конститутсия нишон дода мешавад.

Вазифаи асосии ҳуқуқэҷодкунӣ - қабули санадҳои ҳуқуқӣ аст.

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки аз нуқтаи назари позитивӣ, тавофути "ҳуқуқэҷодкунӣ" ва "қонунэҷодкунӣ" мумкин аст, ба чашм нарасанд. Барои ҳамин профессор С.С. Алексеев (Россия) ин ду мафҳумро ҷудо накарда, як мешуморад. Ба ақидаи мавсуф ҳуқуқэҷодкунӣ (қонунэҷодкунӣ) – ин фаъолияти махсуси мақомоти ваколатдор аст, ки рафти ташаккули ҳуқуқро бо эътибори ҳуқуқии қонун ва мавриди амалӣ гаштанаш ба итмом мерасонад [7].

Вобаста ба субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ се намуди асосии ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ карда мешаванд:

1) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлат
2) ҳуқуқэҷодкунии шахсони мансабдор
3) ҳуқуқэҷодкунии халқ.

Тавре қаблан қайд намудем дар ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил ва баргузории экспертизаи ҳуқуқӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд. Истилоҳи экспертиза- «expertuz» лотинӣ буда маънои он тадқиқоти масъалаҳое, ки дониши махсусро дар соҳаҳои гуногун талаб мекунад, мебошад[18].

Экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз талаботи асосӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ буда, бо мақсади таъмини сифати баланд ва амали самараноконаи онҳо гузаронида мешавад[14]. Ҳамин ақидаро Г.И.Денисов низ эътироф менамояд[8].

Институти экспертизаи ҳуқуқӣ доираи иштироки шаҳрвандон ва аъзоёни ҷамъиятро дар таҳия, қабул, амалигардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, додани

баҳо ба қарорҳои қабулгардида ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдорро доир ба ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ мегардонад.

Одатан аз экспертизаи ҳуқуқӣ лоиҳаҳои нав таҳияшудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд. Аммо имрӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ ақидае ҳаст, ки бояд экспертизаи ҳуқуқиро на фақат лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муддати дароз амал мекунанд ва самаранокии танзими ҳуқуқии онҳо дар зери шубҳа қарор доранд, бояд гузаранд. О А. Короткова қайд мекунад, ки объектҳои экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гуногунанд. Ба сифати онҳо метавонанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи онҳо, ки дар рафти идоракунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва дигар фаъолият гузаронидани тадқиқоти экспертиро талаб мекунанд, баромад кунанд[12].

Моддаи 64 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муносибатҳо вобаста ба масъалаҳои экспертизаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро ба танзим медарорад. Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда метавонад мавриди экспертизаи ҳуқуқӣ, забонӣ, зиддикоррупсионӣ, таҳлили таъсири танзимкунӣ, молиявию иқтисодӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ё махсуси илмӣ қарор дода шавад. Ба сифати эксперт ташкилот ва шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи ҳамин лоиҳа бевосита иштирок накарда бошанд. Дар баҳодиҳии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ экспертҳо мустақил буда, ба мавқеи мақоми ҳуқуқэҷодкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо супориши он экспертиза гузаронида мешавад, вобаста нестанд. Лоиҳаи санади қонунгузорӣ, ки ба экспертизаи мустақили илмӣ пешниҳод карда шудааст, дар ҷаласаи мақомоти қонунгузор танҳо дар мавриди мавҷуд будани хулосаи экспертӣ баррасӣ мегардад. Экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гузаронида мешавад[3].

Таҳлили моддаи 64 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» собит менамояд, ки барои баҳодиҳии сифати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда экспертизаҳои зерин гузаронида мешаванд:ҳуқуқӣ; забонӣ; зиддикоррупсионӣ;таҳлили таъсири танзимкунӣ; молиявӣ; иқтисодӣ; экологӣ; илмӣ; техникӣ; экспертизаи махсуси илмӣ.

Доир ба таҳлили таъсири танзимкунӣ қайд менамоем, ки масъалаи мазкур дар асоси талаботи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 18 ноябри соли 2015 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, баррасӣ мегардад. Дар моддаи 1 консепсияи мазкур ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: таҳлили таъсири танзимкунӣ (ТТТ) - усули қабули қарорҳоест, ки ба далелҳои воқеӣ асос ёфта, ҳангоми қабули қарорҳои танзимкунанда истифода мешавад. ТТТ - раванди ошкор намудан ва арзёбии мунтазами оқибатҳои эҳтимолӣ (масалан, таҳлили фоида ва хароҷот) бо истифода аз усули пайдарпайи таҳлилӣ мебошад, ки ин оқибатҳо метавонанд дар натиҷаи ҷорӣ намудани ин ё он тадбири танзимкунӣ зоҳир шаванд. Моҳияти ТТТ аз муқаррар намудани мақсадҳое, ки мақомоти давлатӣ ба онҳо ноил шудан мехоҳанд, дарёфти ҳамаи роҳҳои дахолати сиёсие, ки тавассути он ба ин мақсад ноил шудан мумкин аст ва муқоиса намудани алтернативаи эҳтимолӣ иборат мебошад. ТТТ барои интихоби услуби нисбатан амалӣ ва самараноки ҳалли масъала ва муваффақ шудан ба ҳадафҳои гузошташуда муҳлат менамояд[5].

Мафҳуми мазкур дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» чунин шарҳ дода шудааст: таҳлили таъсири танзимкунӣ – дар асоси далелҳои воқеӣ муайян намудани оқибатҳои мусбат ва манфии иқтисодию иҷтимоӣ ва бо дарназардошти таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои соҳибкорон ва давлат қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ[3].

Дар рафти гузаронидани экспертиза, эксперт бояд талаботи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба экспертиза, аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ - техникӣ», ««Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»» ба инобат гирад.

Экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда шавад:

- принсипи қонуният; салоҳиятнокӣ ва сатҳи баланди касбии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки экспертиза мегузаронанд;
- муносибати илмӣ, таҳқиқи пурра, ҳамаҷонибава воқеии объектҳои экспертиза, таъмини асоснокии натиҷаҳои экспертиза; мустақилият ва ҳимояи ҳуқуқи иштироккунандагони раванди экспертӣ ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро намудани фаъолияти касбӣ;
- ташкили бонизоми корҳои экспертӣ ва таъмини меъёрӣ ва илмию методии онҳо;
- баназар гирифтани афкори ҷамъият оид ба масъалаи мавриди экспертиза қарордошта;
- ҷавобгарӣ барои дурустӣ, пуррагӣ ва асоснокии тавсияҳои экспертиза;
- шаффофияти экспертиза;
- мустақилияти экспертон дар қабули қарор ва хулосаҳои мушаххас;
- масъулияти экспертон оид ба таҳлили пурра ва асоснокии хулоса вобаста ба натиҷаи экспертиза[14].

Гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ се марҳиларо дар бар мегирад:

- корҳои ташкилӣ оид ба гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- натиҷабардорӣ аз гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва додани хулоса.

Марҳилаи аввали гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омодагӣ ва корҳои ташкилӣ мебошад. Дар ин марҳила эксперт, экспертон ё ташкилоте, ки экспертизаро мегузаронад, муайян карда мешаванд. Ба сифати эксперт ташкилот ва шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи ҳамин лоиҳа бевосита иштирок накарда бошанд. Гузаронидани экспертиза бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ маълумоти пурра ва боътимодро пешниҳод менамояд.

Экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз таҳлил ва баҳодиҳии лоиҳа оғоз меёбад. Дар рафти таҳлили лоиҳа ё санади қонунгузории амалкунанда дуруст аст, рақамҳои оморӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ, маводҳои таҷрибаи танзими ҳуқуқӣ вобаста ба предмети танзими лоиҳа маводҳо ва тавсияҳои илмӣ истифода бурда шаванд. Дар рафти таҳлил омӯхтани қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи танзими чунин муносибатҳо дар давлатҳои хориҷа, аз ҷумла давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории

иқтисодии Авроосиё ва дигарҳо мебошад. Дар рафти таҳлил эксперт донишҳо ва касбияти ихтисосии ҳуқуқшиносии худро ба асос мегирад. Масъалаҳои дар лоиҳа ё санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар ҷараёни экспертиза ба вуҷуд омадаро дар асоси таҷрибава касбияти худ баҳо медиҳад.

Дар баҳодиҳии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ экспертҳо мустақил буда, ба мавқеи мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо супориши он экспертиза гузаронида мешавад, вобаста нестанд. Эксперт ҳангоми гузаронидани экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар интихоби усулҳои гузаронидани экспертиза мустақил аст ва оид ба объектҳои экспертиза бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқотӣ мувофиқи донишҳои махсуси худ гузаронидааш хулоса медиҳад. Расонидани таъсир ба эксперт аз ҷониби намояндаи фармоишгар ё шахсони дигар, ки барои гузаронидани экспертиза манфиатдор мебошанд, манъ аст.

Дар рафти экспертиза ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нигоҳи зерин баҳо дода мешавад;

а) зарурияти қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;

б) мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) таносуби лоиҳаи санад бо қонунҳои амалкунанда;

г) мутобиқати лоиҳаи санад ба санадҳоибайналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

д) саривақтии қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;

е) интихоби шакли дурусти санади меъёрии ҳуқуқӣ (кодекс, қонун, фармон, қарор, оиннома, низомнома ва ғайра);

ж) таъминоти иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилии санади меъёрии ҳуқуқӣ;

и) мутобиқати сарфа (молиявӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ) бо натиҷаҳое, ки дар оянда дар рафти татбиқи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд;

к) ҳолатҳои манфие, ки амали лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меорад (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва дигарҳо);

л) мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи техникаи қонунгузорӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», забони қонун ва истилоҳоти қонунгузорӣ;

м) мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талабот ва дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии муосир ва таҷрибаи ҳуқуқӣ.

Натиҷаи экспертиза дар шакли хулоса пешниҳод карда мешавад. Хулоса дар шакли хаттӣ аз ҷониби эксперт ё экспертон дода шуда ва аз ҷониби ташкилоти экспертӣ, ки дар экспертизаи санади меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намудааст, имзо карда мешавад. Дар вақте, ки экспертиза аз тарафи ташкилоти экспертӣ гузаронида мешавад, хулоса аз тарафи эксперт (ё экспертон), ки санади меъёрии ҳуқуқиро мавриди таҳлил қарор додаанд, имзо карда мешавад ва аз тарафи роҳбари ташкилоти экспертӣ тасдиқ карда мешавад. Дар ҳолате, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи гурӯҳи экспертон анҷом дода мешавад, хулоса бо овоздиҳии аксарияти экспертон қабул карда мешавад. Хулосаи мақомоти ҳокимияти иҷроия бояд аз хулосаҳои экспертӣ фарқ карда шаванд. Фарқияти асосии хулосаи экспертӣ аз хулосаҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия дар он аст, ки он маҳсули касбият, илмият ва мустақилияти экспертҳо мебошад.

И.А. Закиров мафҳум, принсип, ҳайати экспертҳо, функсия, таснифи экспертизаи ҳуқуқӣ ва давраҳои тадқиқоти экспертиро таҳлил намудааст. Ба ақидаи ӯ экспертизаи ҳуқуқӣ ин фаъолияти бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи мутахассисони соҳаҳои мухталифи ҳуқуқшиносӣ, ки барои мувофиқатии лоиҳаи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Россия ва дигар қонунҳои ҷорӣ хулоса

медиҳанд, мебошад[11]. А.А Разуваев экспертизаи ҳуқуқиро ҳамчун воситаи баланд бардоштани чараёни татбиқи ҳуқуқ (чанбаҳои назариявӣ ва амалӣ) таҳлил кардааст[13].В.Ю.Рагозин экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳои Федератсияи Россияро ба тариқи комплексӣ тадқиқ намуда, таъсири бевоситаи онро ба сифат ва самаранокии қонунҳои қабулшаванда нишон додааст. Ҳамчунин мавсуф мафҳуми экспертизаи ҳуқуқиро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ экспертизаи ҳуқуқӣ ин тадқиқоти махсуси лоиҳаҳои қонунҳо, ки бо мақсади мувофиқатии он ба меъёрҳои Конститутсия, дигар қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалии аз чониби Россия эътирофгардида мебошад[15].Е.В.Журкина экспертизаи ҳуқуқиро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии қонунгузорӣ меҳисобад. Ҳамчунин мавсуф пешниҳод намудааст, ки мафҳуми экспертизаи ҳуқуқӣ дар қонун бояд мустаҳкам карда шавад[10].

Дар китобҳои дарсӣ, васоитҳои таълимии фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ (дар Тоҷикистон) ва фанни таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон мафҳуми экспертизаи ҳуқуқӣ дода нашудааст. Бинобар ҳамин мо пешниҳод менамоем, ки дар ҳамаи сарчашмаҳои таълими назарияи давлат ва ҳуқуқ, дигар фанҳои бо он алоқаманд ба ҳамин мавзӯъ аҳамият дода шавад, ҳамчунин дар конференсияҳои илмӣ - амалии донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бо иштироки олимони ҳуқуқшинос ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (хусусан прокуратура, адлия ва монанди инҳо) экспертизаи ҳуқуқӣ мавриди музокирот қарор гирад, чунки ба ақидаи муҳаққиқони масъалаи мазкур ташкил ва баргузории экспертизаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ кафили қабули қонунҳои баландсифат ба ҳисоб меравад.

Яке аз вазифаҳои асосии Вазорати адлия ин иштирок дар таъмини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, гузаронидани санҷиши ҳуқуқии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмин намудани мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, мебошад[6]. Ба ақидаи мо агар калимаи «санҷиши ҳуқуқии…» ба «экспертизаи ҳуқуқии…» иваз карда шавад, дар ҳамин замина мафҳуми экспертизаи ҳуқуқӣ ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ коркард гардиданаш мумкин аст. Масъалаи мазкур дар давлатҳои пасошӯравӣ мусбӣ, (дар Россия ) ҳал шудааст[9].

Ба ақидаи мо, экспертизаи ҳуқуқӣ ин тадқиқоти махсус оид ба муқаррар намудани мувофиқатии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мебошад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018. Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 2011,№ 721 "Дар бораи амният", бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати15.03.2016с.Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj.*

3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414.Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj. Моддаи 2.*
4. *Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст. Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj.*
5. *Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ноябри соли 2015 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,№673 тасдиқ шудааст. (бо охирин тағйиру иловаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.02.2017, № 66). Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj.*
6. *Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст. Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj.*
7. *Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия. Опыт комплексного исследования. — М.: Статут, 1999. с.89.*
8. *Денисов Г.И. Юридическая техника: теория и практика|| Журнал российского права. М.: Норма, 2005.№ 8. С.86-96.*
9. *Ельцов Г.И. Юридическая экспертиза в практике органов юстиции.|| Российская юстиция. М.: Юрид. лит., 2001. №7. С.54-55.*
10. *Журкина Е.В. Правовая экспертиза нормативного правового акта как средство повышения эффективности законодательства: Дисс...канд. юрид. Наук.-Москва.-2009. с.97.*
11. *Закиров И.А. Правовая экспертиза. Автореф. дисс. канд. юрид. наук. Нижный Новгород. 2008. 27с.*
12. *Короткова О.А. Экспертиза законопроектов и законодательных актов: теоретико-правовой аспект. Автореферат дисс…канд.юрид.наук.-М., 2010. с.14-15.*
13. *Разуваев А.А. Экспертиза как средство повышения эффективности процесса правореализации: вопросы теории и практики. Дисс. канд. юрид.наук. Саратов. 2006. 229с.*
14. *Раҳимов М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ.. Душанбе: «Шуҷоиён».-2011.-с.91-96.*
15. *Рагозин В.Ю. Правовая экспертиза законопроектов в Российской Федерации. Дисс. канд. юрид.наук. М., 1998. 166с.*
16. *Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ. Душанбе.Нашриёти КММ "Империал-Групп".-2003. с.371-380.*
17. *Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. Душанбе.с.407-451.*
18. *Словарь иностранных слов. Русский язык, М. -1988. -с.588.*

**Мақсудов У. О.**
*Донишкадаи политехникии*
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон*
*ба номи академик М.Осимӣ*

# ТАЪСИРИ АСИММЕТРИЯ ДАР ҶАРАЁНИ ТАРҶУМАИ МАТНИ БАДЕӢ

Дар тарҷумашиносии осори бадеӣ категорияҳои симметрия ва асимметрия борҳо ба доираи таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Бавижа, тамоми паҳлуҳо ва унсурҳои симметрия / асимметрия ва вазифаҳои прагматикӣ, синтагматикӣ, парадигматикӣ, семиотикӣ, семантикӣ, синтаксисӣ, морфологӣ, грамматикӣ ва лексикии тарҷумаҳои осори мухталифи бадеӣ дар муқоиса ба осори асл мавриди омӯзиш ва таҳқиқи як қатор олимони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Шахобова М.Б., Каримов У., Самадов А., Зикриёев Ф., Турсунов Ф., Виноградов В.В., Гаспаров М.Л., Лихачев Д.С., Лотман Ю.М., Хованская З.И., Шкловский В.Б., Якобсон Р., Гак В. Г., Карцевский С., Пономаренко И.Н., Гончар, Н.Г., Гасек Б.Г., Кушнина, Л.В., Овчинникова Г. В., Пищальникова В.А., Полетаева Е. Д., Харина Е. С., Шевнин А.Б., Лекомцева И.А., Куралева Т.В. қарор гирифтааст.

Зери мафҳуми асимметрияи байнизабонӣ падидае таъриф мегардад, ки ҳангоми муқоисаи системаҳои мухталифи луғавӣ чун асимметрияи лексикӣ, грамматикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва фонетикӣ зоҳир мешавад.

Ҳадафи таҳқиқ муайян кардани асимметрия чун як падидаи муҳими раванди тарҷума, таъсири он ба натиҷаи тарҷума, инчунин таҳлили муқоисавии зуҳуроти гуногуни асимметрия дар матнҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Асимметрияи байнизабонӣ, дар он инъикос мегардад, ки сохтор ва мундариҷа дар муодилҳои луғавии байнизабонӣ мувофиқат намекунанд (яъне асимметрияи байнизабонӣ аз лиҳози лексикӣ-семантикӣ). Ҳолати маъмулии асимметрияи байнизабонии грамматикӣ дар тафовути баъзе унсурҳои морфологии ду забони муқоисашаванда ифшо мегардад.

Тадқиқоти луғавӣ-тарҷумонӣ аз лиҳози иқтибосорӣ дорои категорияҳои симметрия ва асимметрия мебошад, ки аҳамияти хоса дорад. Ин категорияҳо аз диалектикаи ягона иборат буда, аз ҳадафҳои муҳими таҳқиқоти забоншиносӣ мебошанд.

Муқоисаи матни асл ва тарҷума собит мекунад, ки падидаи симметрияи забонӣ дар асоси умумиятҳои системаи забонӣ бино шуда, асимметрия дар робита ба сохтори гуногуни воҳидҳои луғавии забони асл ва тарҷума мавриди назари муҳаққиқ қарор гирад.

Таҳлили луғавии воҳидҳои забони асл ва тарҷума аз бандҳои зерин иборат аст:

- афзалияти интиқоли услуб ва мундариҷаи воҳидҳои матни асл дар тарҷума, ҳангоми баён қисман ё комилан симметрӣ / асимметрӣ мегарданд;

- такрори интиқоли симметрии услуб ва муҳтавои воҳидҳо тибқи бандҳои зерин дар ҳоли асимметрияи баёнӣ зоҳир мегарданд:

1. Ҷойивазкунии категорияҳои грамматикӣ.

2. Ҷойивазкунии ҳиссаҳои нутқ.

3. Ҷойивазкунӣ ва тағйири актантҳо:

а) ҷойивазкунии мубтадо бо аъзои пайрави ҷумла:

б) шарҳи ҷумлаҳои дорои актанти сохта:

в) ҷойивазкунии хабар бо аъзои пайрави ҷумла.

Ҳангоми аз баъзе вижагиҳои фарҳангии асл бехабар будани мутарҷим иштибоҳоти тарҷумавӣ рӯи кор омада, дар натиҷа дарку фаҳмиши матни тарҷума барои хонанда мушкил мегардад ва тафаккуру маърифати ӯро тағйир медиҳад, ки ин хатои тарҷумавиро падидаи асимметрияи байнифарҳангӣ меноманд.

Мушкилоти асосие, ки тарҷумон ҳангоми тарҷума бо мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд рӯбарӯ мешавад, шояд ӯро ба роҳи ғалат равона созад. Ду забони дорои воҳидҳои мухталифи маъноӣ аз лиҳози морфема, лексика ва фразеология ба ҳам наздикро дучор шудан мушкил аст.

Ҳоло дар мисоли муқоисаи порчаҳо аз повести "Мӯйсафед ва баҳр"-и Эрнст Хемингуей ва ду тарҷумаи тоҷикии он дар пояи таҳлили асимметрӣ баррасӣ хоҳем кард.

*Ҷадвали 1.1.*

| Матни асл | Тарҷумаи аввал | Тарҷумаи дигар |
|---|---|---|
| *“But you went* ***turtle-ing*** *for years off the* ***Mosquito*** *Coast and* ***your eyes are goods****” [15, 14].* | *Лекин худат* ***чандин сол*** *барои* ***шикори сангпушт*** *ба соҳили* ***Москита*** *рафтию* ***чашмонат сип-сиҳат*** *[13, 16].* | *Аммо ту, ки* ***солҳои дароз*** *дар соҳили Москито* ***сангпушт шикор мекардӣ, чашмонат ҳанӯз хубанд*** *[14, 15].* |

Таҳлили муқоисавии матни асл ва тарҷума нишон дод, ки дар тарҷумаи аввал “***чандин сол-for years***” аз нигоҳи асимметрияи грамматикӣ, хоса морфологӣ “***чандин***” - сифат “***сол***” - исм буда, аммо дар матни асл ибораи “***for years***” аз вожаи “***for***” - пешоянд ва “***years***” - исм шомил аст, вале аз лиҳози мазмун мувофиқ ва услубан заиф мебошад. Дар тарҷумаи дувум “***солҳои дароз-for years***” падидаи асимметрияи морфологӣ ба назар расида, аз лиҳози мундариҷа ва услуб ҳамоҳанг аст. Ҳамчунин, ибораи “***шикори сангпушт рафтию-went turtle-ing***” мазмунан возеҳ ва равон тарҷума шудааст, аммо аз лиҳози морфологӣ “***шикори сангпушт***” бо як вожаи “***turtle-ing***” тарҷума шудааст, ки “***шикор***” - навъи фаъолият буда, чун *исми амал* омадааст, аммо “***сангпушт***” номи хазанда аст, ки ба вазифаи *исм* истифода шудааст ва калимаи “***turtle-ing***” дар ҷумла чун герундий сабт шуда, дар қиёс ба тарҷумаи тоҷикиаш асимметрияи морфологӣ мебошад. Ибораи “***чашмонат сип-сиҳат-your eyes are goods***” аз лиҳози мазмун хуб тарҷума шуда, аммо “***чашмонат сип-сиҳат***” - ибора мебошад ва “***your eyes are goods***” ҷумла аст. Бояд қайд кард, ки дар ибораи “***чашмонат сип-сиҳат***” дараҷаи олии сифат истифода шуда, дар ҷумлаи “***your eyes are goods***” нишонаҳои дараҷаи сифат дида намешавад, ки ин зуҳуротро асимметрияи грамматикӣ ва морфологӣ гӯянд. Дар мисоли дигар асимметрияи баргардонӣ (транслитератсия) “***Mosquito***” ба намуди “***Москита***” ба назар мерасад, яъне дар вожаи матни асл “***Mosquito***” ҳарфи охирин “**о**” буда, аммо дар варианти тоҷикӣ “***Москита***” бо ҳарфи “**а**” баргардон шудааст, ҳамзамон дар тарҷумаи дувум “***Москито***” дуруст баргардон шудааст.

*Ҷадвали 1.2.*

| Матни асл | Тарҷумаи аввал | Тарҷумаи дигар |
|---|---|---|
| ***The shack*** *was made of the* ***tough bud-shields of the royal palm*** *which are called* ***guano*** *and in it there was a bed… [15, 14].* | ***Вай (кулба)*** *аз баргҳои дарахти нахл сохта шуда буд, ки онро дар ин ҷо* ***диапо*** *меноманд [13, 17].* | ***Кулба*** *аз* ***баргҳои сахти нахли шоҳӣ*** *сохта шуда буд, ки* ***гуано*** *меноманд ва дар он як рахти хоб... буд [14, 15].* |

Таҳлили муқоисавии тарҷумаҳо нишон дод, ки асимметрияи грамматикии байнизабонӣ инъикос гардад. Тавре ки маълум аст, вазифаи артикл дар забони англисӣ ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянии исм буда, алоқа бо исм ва робитаҳои гӯяндаву шунаванда аст. Ба ибораи дигар, гӯянда исмеро ба шунаванда дар ҳоли муайян ё номуайян баён карда, артиклро истифода мекунад. Дар ин мисол, "***<u>the</u>***" барои хонанда (шунаванда - М.У) муайянии исмро собит накарда, балки барои тарҷумон (гӯянда - М.У.) ба номуайянӣ далолат мекунад. Дар забони тоҷикӣ морфемаи "***е***" ба ҳайси категорияи номуайянӣ ба кор ояд. Аз нуқтаи назари фазои тарҷума, маънои воқеии матнҳои асл ва тарҷумаро баён мекунем. Маъмулан, артикли "***<u>the</u>***" ба тоҷикӣ бештар "***<u>ин</u>***" тарҷума мешавад, зеро он шаҳодат ба муайянӣ дорад. Аммо дар тарҷумаи аввал чун "***<u>Вай (кулба)</u>-<u>The shack</u>***" дар ҳолати асимметрия қарор гирифта, дар тарҷумаи дувум "***<u>Кулба</u>***" дуруст тарҷума шудааст. Дар ибораи "***баргҳои дарахти нахл - tough bud-shields of the royal palm***" дар тарҷумаи аввал калимаҳои "***royal//шоҳона*** ё ***шоҳӣ***" ва "***tough - сахт, устувор, ғавс***" аз диққати тарҷумон дур монда, зери таъсири зуҳуроти асимметрӣ нодуруст тарҷума шудааст ва тарҷумон кӯшидааст, ки тарҷумаро ба таври саҳл анҷом диҳад. Ҳамзамон, агар ибораи "***баргҳои дарахти нахл -tough bud-shields of the royal palm***" ба шакли "***баргҳои сахти сипаршакли нахли шоҳӣ***" тарҷума мегардид, шояд мураккаб мешуд, лекин тарҷумаи дувум "***баргҳои сахти нахли шоҳӣ***" нисбатан хуб анҷом ёфтааст. Дар намунаи дигари тарҷумаи аввал вожаи "***<u>диано</u>*** - ***<u>guano</u>***" мутаассифона нодуруст баргардон шуда, чун "***<u>диано</u>***" баргардон (транслитератсия) шудааст, ки онро тарҷумашиносон таҳвили тарҷума (переводческая трансформация) меноманд, ки он (транслитератсия - М.У.) яке аз навъҳои таҳвили тарҷума мебошад. Азбаски, мафҳуми "***<u>диано</u>***" берун аз доираи маърифати хонанда аст, аз ин ҷиҳат ин падидаро асимметрияи байнифарҳангӣ ё мушаххасан културема (адами ин ё он мафҳум дар фарҳанги бегона - М.У.) меноманд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар ҳамаи намунаҳои боло таъсири падидаи асимметрия ба раванди тарҷумаи осори бадеӣ ба назар мерасад.

*Ҷадвали 1.3.*

| Матни асл | Тарҷумаи аввал | Тарҷумаи дигар |
|---|---|---|
| *"Do you think we should buy a **terminal of the lottery** with **an** eighty-five? Tomorrow is the **eighty-fifth day**." "**We can do that**," the boy said. "But what about the eighty-seven of your **great record**?" [15, 18].* | ***Билети лотореягии <u>рақами</u>*** *ҳаштоду панҷ доштагиро харем намешавад-мӣ-а? Охир пагоҳ рӯзи ҳаштоду* ***панҷӯм-ку***.*–* ***Чаро нахарем****? – гуфт писарбача. – Охир* ***дафъаи аввал*** *ҳаштоду ҳафт рӯз буд-ку? [13, 18].* | *Як* ***билети лотерея*** *бо* ***<u>рақами</u>*** *ҳаштоду панҷ харем чӣ мешавад? Фардо рӯзи ҳаштоду панҷум аст. –* ***Фикри бад нест****, - гуфт писарак. Аммо ҳаштоду ҳафти* ***таърихӣ*** *чӣ мешавад? [14, 19].* |

Воқеан дар тарҷумаи ибораҳои "***билети лотореягӣ***" ва "***билети лотерея - terminal of the lottery***" вожаи "***лотореягӣ***" чун сифати нисбӣ ва "***лотерея***" - сифат омада, ба назари мо тарҷумаи дувум муваффақтар мебошад. Аммо дар матни асл калимаи "***<u>number-рақам</u>***" ба чашм намерасад, тарҷумон зери таъсири асимметрияи категорияи номуайянӣ вожаи "***<u>рақам</u>***"-ро вориди матн намудааст, ки онро асимметрияи лексикӣ ё таҳвили тарҷума меноманд. Ба илова, артикли номуйянии "***an***" дар тарҷума ба вазифаи категорияи номуайянӣ наомада, балки ба ҳайси исм "***<u>рақам</u>***" тарҷума шудааст. Маълум мегардад, ки мутарҷимон кӯшиш ба харҷ додаанд, то ки тарҷума ба фарҳанг ва ҷаҳонбинии хонанда мутобиқ бошад. Дар

тарҷумаи аввал ибораи “*Охир пагоҳ рӯзи ҳаштоду панҷӯм-ку*” ба наҳви ҷумлаи хитобӣ баён шуда, аммо дар тарҷумаи дигар “*Фардо рӯзи ҳаштоду панҷум аст”* ба намуди ҷумлаи ҳикоягӣ матраҳ шудааст. Пас, ҳангоми тарҷума ҳодисаи асимметрияи синтаксисӣ ба чашм расида, тарҷумонон мувофиқи фаҳмиши хеш ҷумларо бо ду тарз тарҷума кардаанд. Ин ҳодисаро таҳвили тарҷумаи навъи синтаксисӣ меноманд. Лекин, бояд қайд кард, ки чаро ҷумлаи “*Охир пагоҳ рӯзи ҳаштоду панҷӯм-ку*” аломати хитобӣ надорад? Сабаб дар он аст, ки дар матни асл аломати хитобӣ сабт нашудааст, шояд аз ин лиҳоз тарҷумон қайди онро лозим надонистааст. Изофа бар ин, ибораи “***Do you think***” ба тоҷикӣ “***Ба фикри ту***” тарҷума шуда, зери таъсири таҳвили тарҷума, бо услуби бадеӣ, тарҷума шудааст, ки онро асимметрияи услубӣ гӯянд.

Тарҷумаи ибораи “***we can do that***” дар мисоли тарҷумаи аввал “***чаро нахарем***” ва бо “***фикри бад нест***” муодил буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно ду навъ тарҷумаи мухталифанд ва дар ибораи “***чаро нахарем***” калимаи “***харидан - buy***” дар матни асл умуман зикр нашуда, балки ба ҷумлаи қаблии “***we should buy - мо бояд бихарем***” робита дорад, аммо феъли ёридиҳандаи “***кардан - do***” ба феъли асосии “***харидан - buy***” алоқаманд аст, ки онро асимметрияи ҷойивазкунии маъноӣ гӯянд.

Дар ибораҳои “***дафъаи аввал***” ва “***таърихӣ***” дубора таъсири асимметрия ба назар расид, зеро аз сабаби он ки *рақами ҳаштоду ҳафт* дар ҳаёти шахсии қаҳрамонони ҳикоя арзиши хоса доштааст, зеро қаҳрамони сужа ҳар рӯзи ҳаёти хешро қайд мекардааст, аз ин лиҳоз муаллифи асар вожаи “***record - қайд***”-ро ба кор бурдааст. Дар такя ба ин одат тарҷумони аввал “***дафъаи аввал***” ва дувум “***таърихӣ***” тарҷума кардааст, ки ба назари мо тарҷумаи дувум аз лиҳози мазмун беҳтар ва ба матни асл наздиктар аст. Ин таҳлил бозгӯи он аст, ки таъсири зуҳуроти асимметрияи семантикӣ зоҳир гардад.

Ҳолатҳои равшани асимметрияи байнизабонӣ аз лиҳози грамматика ҳангоми тафовути мазмуни грамматикии сохторҳои морфологӣ, аз ҷумла вазифаи сифат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ инъикос мегардад. Аммо аз нуқтаи назари синтаксисӣ, асимметрияро метавон тибқи қонуну қолабҳои сохтори ҷумла таҳлил ва баррасӣ намуд [9, с. 101].

Омӯзиши асимметрияи лингвистӣ аз лиҳози назария ва амалияи тарҷума аҳамияти хоса дорад, зеро маҳз асимметрияи воҳидҳои забонӣ бештар сабаби иштибоҳоти тарҷумонӣ мегардад. Олими рус Кашкин В.Б. қайд мекунад, ки муносибатҳои асимметрии байни воҳидҳои луғавии забонҳои мухталиф дар пояи тафовути тарҷумаҳо асос ёфтаанд [8, 37].

Тибқи назарияи қонунҳои забонӣ, воҳидҳои лексикии ду забон нисбат ба якдигар муодил ё баробар (*тау - май*) буда, дар воҳидҳое, ки ҳангоми тарҷума ва таҳвил якчанд усул истифода мегардад, ба ҳам муодил намешаванд, лекин маънои лексемаро дар тарҷума интиқол медиҳанд [9, 102].

Бад-ин гуна, ҳангоми перомуни воҳидҳои луғавии гурӯҳҳои дуюм ва сеюм сухан гуфтан, масъалаи омӯзиши асимметрияи байнизабонӣ ба миён меояд.

Ҳоло якчанд намунаҳои ассиметрияи байнизабонӣ дар тарҷумаҳои дигар пешниҳод мегардад:

*Ҷадвали 1.4.*

| Матни асл | Тарҷумаи аввал | Тарҷумаи дигар |
|---|---|---|
| *I like **beer in cans** best. - I know. But **this is in bottles**, **Hatuey beer**, and I take* | *Лекин ман бештар **пивои консервиро** нағз мебинам. – Медонам. Аммо имрӯз вай* | *Ман **оби ҷави қуттигиро** бештар дӯст медорам. – Медонам. Аммо **инҳо*** |

| | | |
|---|---|---|
| back the **bottles** [15, 22]. | *пивои шишагӣ дод.* ***Шишаҳоширо** ба **худш** бурда медиҳам [13, 20].* | ***шишагианд**, <u>**оби ҷави Ҳатвӣ**</u>, шишаҳояшро баъд бармегардонам [14, 23].* |

Азбаски, дар замони шӯравӣ таъсири забони русӣ ба тоҷикӣ бештар мушоҳида мешуд, бинобар ин аксари нависандагон, рӯзноманигорон ва мутарҷимон дар осорашон аз калимаву ибороти русӣ иқтибос меоварданд ва дар натиҷа истифодаи вожаҳои иқтибосшуда маъмул мегардид.

Дар тарҷумаи аввал як қатор калимаву ибораҳои русӣ вориди фазои тарҷума (переводческое пространство) шудаанд. Масалан, дар тарҷумаи аввали давраи шӯравӣ ибораи "***пивои консервӣ - beer in cans***" вориди матни тарҷума шуда, баъдан дар замони истиқлолият комилан шакли тоҷикии "***оби ҷави қуттигӣ***"-ро ба худ касб намудааст. Ин ҷо ибораи "***пивои консервӣ***" ба ҳайси асимметрияи фарҳангӣ омадааст, зеро ибораи "***оби ҷави қуттигӣ***" дар вақташ роиҷ набуд. Ҳамчунин, дар тарҷумаи аввал "*Аммо имрӯз вай пивои шишагӣ дод - But this is in bottles"* тамғаи оби ҷав зикр нашуда, вожаҳои "***имрӯз-today***" ва "***дод-gave***" дар матни тарҷума илова шуаанд, ки нишонаи таъсири асимметрия аст. Ҳамзамон, тибқи тарҷумаи дувум ҷумлаи *"Аммо инҳо шишагианд, <u>**оби ҷави Ҳатвӣ**</u>"* симметрияи маъноӣ мебошад. Лекин дар забони англисӣ калимаи "***beer - оби ҷав***" исми шумориданашаванда буда, муаллифи асар тибқи қоидаҳои грамматикӣ онро бо ҷонишини *"**this-ин**"* дуруст ишора кардааст, аммо дар тарҷумаи тоҷикӣ калимаи "***шишагианд - in bottles***" дар шакли ҷамъ омада, аз ин лиҳоз тарҷумон онро "**инҳо**" тарҷума кардааст.

Дар ҷумлаи охир, тарҷумаи аввал бо шеваи хоси маҳаллӣ баён шудааст: "*Шишаҳоширо ба худш бурда медиҳам - I take back the bottles*" яъне вожаи "*худш*" дар матни асл вуҷуд надорад, лекин ибораи феълии "*бурда медиҳам"* хоси забони қиссаву ҳикоя ва роман буда, аслан " *take back*" дар луғат маънои "***баргардонидан***"-ро ифода мекунад. Дар тарҷумаи дувум ҷумлаи "*I take back the bottles*" чун "*шишаҳояшро баъд бармегардонам*" мазмунан симметрӣ буда, вале калимаи "*баъд*" дар матни англисӣ ба назар нарасид.

Аз мулоҳиза ва натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавон ба натиҷае расид, ки воқеан таъсир ва зуҳуроти асимметрияи байнизабонӣ, байнифарҳангӣ, асимметрияи лексикӣ ва семантикӣ, морфологӣ, грамматикӣ, фонетикӣ, луғавӣ ва ғ. дар ҷараёни тарҷумаи осори бадеӣ ба чашм расида, дар натиҷа забону адабиёт, таъриху фарҳанг ва ҷаҳонбинии миллат рӯ ба сӯи рушд ё коҳиш меорад. Дар ҳоли таъсири мусбӣ муносибатҳои забониву адабӣ, фарҳангиву маданӣ ва сиёсиву ҳамкориҳои миллатҳо мустаҳкам мегардад.

**Пайнавишт**:


1. *Балли, Ш. Общая лингвистика и вопросы языкознания / Ш. Балли. - М., 1995.*
2. *Бархударов Л. С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). - М.: Междунар. отношения, 1975. - 240 с. Борисова Л. И. Ложные друзья переводчика: учебное пособие по научно-техническому переводу. - М.: НВИ-ТЕЗАуРуС, 2002. - 212 с.*
3. *Вернадский В.И. Избранные труды по истории науки. М.: Наука, 1981.*
4. *Влахов С. И., Флорин С. П. Непереводимое в переводе. - М.: Валент, 2006. - 448 с.*
5. *Гак В. Г. Асимметрия в языке / В. Г. Гак // Лингвистический энциклопедический словарь / гл. ред. В. Н. Ярцева. - М., 1990. - С. 47.*

6. *Гасек Б.Г. [Электронный ресурс]: Межъязыковая симметрия и асимметрия в переводе (русский и польский языки). URL: [https://www.liveinternet.ru/community/moja_polska/post216847299/](https://www.liveinternet.ru/community/moja_polska/post216847299/) (Санаи истифодабарӣ: 30.12.2020).*
7. *Гончар, Н.Г. Асимметрия в переводе художественного текста: этнолингвокультурный аспект: дисс. … канд. фил. наук: Тюмень, 2009. - 254 с.*
8. *Кашкин В.Б. Асимметричность знака и межъязыковые различия // Теоретические проблемы современного языкознания. Сборник в честь проф. З.Д. Поповой. Воронеж. 2009. С.32-37.*
9. *Лекомцева И.А., Куралева Т.В. Межъязыковая асимметрия в переводе // Лекомцева И.А., Куралева Т.В. Балтийский гуманитарный журнал. 2018. Т. 7. № 1(22). - С. 101-104.*
10. *Муҳаммадраҳими Карим. Ҷумъа Қуддус. "Ширин" (қисса). // Муҳаммадраҳими Карим. Ҷумъа Қуддус. Душанбе: Адиб, 2006. - 176 саҳ.*
11. *Соссюр Ф. Труды по языкознанию. Москва: Прогресс, 1977. 696 с.*
12. *Шубников А.В., Копцик В.А. Симметрия в науке и искусстве. М.: Наука, 1972.*
13. *Эрнст, Хемингуей. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Эрнст Хемингуей. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 99 с.*
14. *Эрнст, Хемингуей. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Эрнст Хемингуей. Бо иқдоми сафорати Амрико дар Тоҷикистон. Тарҷумаи Муҳаммадсалим Азизмуродов. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 168 с.*
15. *Ernest, Hemingway. The Old Man and the Sea / Ernest Hemingway. - New York: Scribner, 2003. - 127 p.*
16. *The Sands of Oxus: Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini by Sadriddin Ayni. Translated from Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. Costa Mesa, California: Mazda Publishers. - 1998. +ix-275 pp.*
17. *[https://dictionary.cambridge.org/dictionary/english/deed](https://dictionary.cambridge.org/dictionary/english/deed) (Дата обращении: 20.02.2021)*
18. *[https://translate.academic.ru/кушоиш/tg/ru/](https://translate.academic.ru/кушоиш/tg/ru/) (Дата обращении: 20.02.2021)*
19. *[https://translate.academic.ru//дуо/tg/ru/](https://translate.academic.ru//дуо/tg/ru/) (Дата обращении: 20.02.2021)*
20. *[https://dictionary.cambridge.org/dictionary/english/prayer](https://dictionary.cambridge.org/dictionary/english/prayer) (Дата обращении: 20.02.2021)*
21. *[https://translate.academic.ru/савоб/tg/ru/](https://translate.academic.ru/савоб/tg/ru/) (Дата обращении: 20.02.2021)*

***Влияние асимметрии в процессе перевода художественного текста***

**Ключевые слова**: асимметрия, перевод художественного произведения, грамматическая асимметрия, лексико-семантическая асимметрия, межкультурная асимметрия, межъязыковая асимметрия, влияние асимметрии

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются случаи межъязыковой асимметрии при переводе художетвенного произведения. Единицы исходного языка и языка перевода находятся в отношениях асимметрии как на лексическом, так и на грамматическом уровнях, что проявляется в неоднозначности переводческих решений и переводческой вариативности. Значительная степень асимметрии проявляется не только при сопоставлении систем двух языков, но и установлении соответствий между употреблениями этих языковых единиц в речи. Межъязыковая асимметрия на уровне лексики проявляется в том, что количество и содержание значений у межъязыковых словарных эквивалентов никогда не совпадают. На грамматическом уровне случаи межъязыковой асимметрии можно найти и в области морфологии (отсутствие морфологических форм, различные функции одинаковых морфологических форм), и в области синтаксиса. В данной

статье межъязыковая асимметрия рассматривается на следующих языковых уровнях: лексическом (уровень слова и лексическая сочетаемость) и грамматическом: морфологическом (в условиях реализации разных функций одних и тех же морфологических форм) и синтаксическом (нарушение грамматической сочетаемости и образование аномальных структур в языке перевода). Результаты исследования могут быть использования для переосмысления теоретических положений и коррекции методики преподавания практики перевода, а также уточнения методов и принципов оценки качества перевода.

***The influence of asymmetry in the translation of a literary text***

**Keywords**: asymmetry, literary translation, grammatical asymmetry, lexico-semantic asymmetry, intercultural asymmetry, interlingual asymmetry, influence of asymmetry.

**Abstract.** The paper describes the cases of interlingual asymmetry in the translation of literary work. The units of the original language and the language of translation are in the relationship of asymmetry at both the lexical and grammatical levels, which can be seen in translation decisions and translation variability. A significant degree of asymmetry might be seen not only in comparison of the systems of two languages, but also in defining the interrelationship between the use of these language units in speech. The interlingual asymmetry at vocabulary level could be shown in a fact that the number and content of values in interlingual vocabulary equivalents cannot be coincided. From the grammatical view, cases of interlingual asymmetry can be found in morphology (lack of morphological forms, various functions of the same morphological forms), and in syntax. In this article, interlingual asymmetry is considered according to the following linguistic levels: lexical (word level and lexical combination) and grammatical: morphological (in the context of the implementation of different functions of the same morphological forms) and syntax (effects of grammatical compatibility and formation of abnormal structures in the language of translation). The results of the study may be used to develop the theoretical provisions and correct the method of teaching translation practice, as well as to clarify the methods and principles of assessing the quality of translation.

**Мамадҷонова Фотимахон Шарифҷоновна,**
*ассистент-омӯзгори ФДТТИ*

## ТЕМПЕРАМЕНТИ МУАЛЛИМ ВА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки самаранокии таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ аз омӯзгор вобаста аст. Муаллим дар фаъолияти педагогиаш аниқ медонад, ки бо одами зиндаи инкишофёбанда сарукор дорад. Зеро ҳар амалу рафтори ӯ метавонад, ба ҳаёти ӯ муассир бошад. Мақсад аз ин гуфтаҳо дар чист? Вақте давлат ва ҷамъият насли навраси худро бо боварии комил ба дасти омӯзгор месупораду аз омӯзгор ва насли хеш умеде дорад, моро водор месозад, ки рӯй ба таҳлилу таҳқиқи ин шахсияти муассир ва фаъолияти касбии ӯ оварем. Дар ин маврид бисёр гуфтаанду навиштаанд ва боз менависанд. Албатта, ин гуфтаҳову навиштаҳо аз мадди назари мо низ дур намондааст. Ба ҳар ҳол кӯшиш намудем, бо ибрози нуқтаи назар дар раванди созандагии кишвар саҳмгузор бошему халос. Меоем сари мақсад.

Чӣ хеле ки қайд кардем, самаранокии таълиму тарбия аз шахсияти омӯзгор вобастагии зиёд дорад. Инчунин, маълум аст, ки барои самаранокии фаъолияти педагогӣ бо баробари саводнокии омӯзгор ҳамчунин фаъолнокии омӯзгор, қобилияту маҳорат ва малакаи педагогӣ ва такти педагогии ӯ мавқеи басо муҳим дорад. Дар ин самт хусусиятҳои фардию психологии омӯзгор низ аз нуқтаи назари психологӣ низ бетаъсир намемонад.

Акнун мегузарем ба хусусиятҳои фардию психологии омӯзгор. Дар байни хусусиятҳои фардӣ темперамент ва хислат аҳаммияти махсус доранд. Ин ҷо сухан дар бораи алоқаи ногусастании миҷоз ва характери омӯзгор меравад. Миҷоз яке аз хусусиятҳои шахс аст, ки аз ҷараёну ҳолатҳои психикӣ иборат мебошад. Хислат бошад, маҷмӯи аксуламали инсон ба иҷтимоёти ӯст (А.Маслоу), характер – ин як шакли аз ҷониби ҳар шахс аз худ гаштани маъёрҳои маданист, ки дар сохтори заминавии шахсият мавҷуд аст (А. Кардинер). Албатта, миҷоз ва хислат ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, умумияти хислатҳои шахсро инъикос мекунад. Миҷоз дар хислат чунин хусусиятҳо, ба монанди: дар мувозинат будан, ба осонӣ ва ё ба мушкилӣ мутобиқшавӣ ба шароит ва муҳити нав, серҳаракатӣ ва сустҳаракатӣ, ба таъсироти ангеза ба тезӣ ҷавоб додан ва ғайраро муайян мекунад. Хусусиятҳои миҷоз ҳатто хислат шуданаш ҳам мумкин аст (мисол майл ба меланхоликӣ ва қобилияти корӣ). Дар одаме, ки хислат ташаккул ёфтааст, миҷоз ҳамчун намуди мустақили шахсият зоҳир намешавад. Он ҷузъи серҳаракатии хислат шуда, самтнокии эмотсионалӣ ва суръати ҷоришавии ҷараёни психикӣ мегардад. [3]. Аксари психологҳо ба касбҳое, ки бо одамони зиёд кор мекунанд, ҷудо намудани типи миҷозро зарур намешуморанд. Як гурӯҳи олимон ба онанд, ки темперамент, яъне миҷози омӯзгор ба раванди таълиму тарбия таъсир намерасонад, ҳол он ки ба ин раванди фаъолият таъсир расонидани он ба мушоҳида мерасад.

Инак, миҷоз - ин маҷмӯи зуҳуроти хусусиятҳои устувори фард аст, ки тарафҳои гуногуни динамикаи фаъолияти психикии ӯро тавсиф медиҳад. Темперамент калимаи лотинӣ буда «муносибати қисмҳо» тарҷума шудааст. Маълум аст, ки дар бораи асоси органикии миҷоз се системаи асосӣ мавҷуд аст: системаи гуморалӣ (ҳолате, ки дар организми инсон кадом моеъ бартарӣ дорад (назарияи Галлен ваГипократ), ба он вобаста мекарданд. Аз ин ҷо чор намуди миҷоз сангвиник (бартарӣ доштани хун, аз калимаи лотинии «сангвис»- хун), холерик (бартарӣ доштани зарда, аз калимаи «холе» - зарда), флегматик (бартарӣ доштани луоб аз калимаи лотинии «флегма» - луоб) ва меланхолик (бартарӣ доштани зардаи сиёҳ аз калимаи лотинии «меланхоле» - зардаи сиёҳ) ба вуҷуд омад, ки то замони мо омада расидааст.[3]

Дуюм, системаи конститутсионалӣ дар асри XIV ба вуҷуд омадааст (назарияи Кремер, Шелдон), ки гӯё сохти тани одам намуди миҷозро муайян мекунад. Э Крегмер чор намуди сохти тан, ба монанди мавзунӣ (лептосоматик), варзишгар (атлетик - паҳлавон), танадор – фарбеҳ (пикник) ва ғайрипайкар (диспластик)-ро муайян кард. Крегмер бо сохти тан се намуди миҷоз: инзотилик, истомитик, сиклоид номгузорӣ кард, ки мавриди танқид фаро гирифт. Зеро норасоӣ дар он буд, ки онҳо таъсироти муҳит, шароит ва ташаккули хусусиятҳои психикии индивидро ба назар нагирифта, баъзан инкор ҳам мекарданд.[3]

Назарияи сеюмин миҷозро дар асоси фаъолияти маркази системаи асаб вобаста медиданд. Таълимоти И.П. Павлов дар бораи таъсири системаи марказии асаб, ба монанди қувва, мувозинат ва серҳаракатии ҳаяҷон ва боздорӣ . Муносибати ду қувваи мавзунӣ ва номавзунии индивид, ки аз рӯйи бартарии яке

аз қувваҳо аз қувваи дигар миҷоз муайян карда мешуд. Аз тарафи И.П. Павлов чор намуди хоси миҷоз дар чор намуди фаъолияти системаи асаб нишон дода шудааст: системаи асаби дармувозинатбудаи серҳаракат (сангвиник), системаи асаби дармувозинатнабудаи серҳаракат (холерик), системаи асаби дармувозинатбудаи суст (флегматик), системаи асаби дармувозинатнабудаи суст. Асоси системаи серҳаракат ба тезӣ ва осон ба вуҷуд омада, рефлексҳои шартии мусбӣ (серҳаракти ангезиш - ҳаяҷон) ва боздорӣ (серҳаракатии боздорӣ) мебошад. Ҳаяҷоннокӣ - қувваи таъсироти беруна барои ба вуҷуд омадани реаксия чӣ гуна аст?

Ангезишпазирӣ – (реактивность) дараҷаи таассуроти беихтиёрии одам, ки ба таъсироти ботинӣ ва зоҳирӣ қувваи якхела дорад (сахтгапзанӣ, тезутундӣ).

Ҳар қадар одам фаъолона ба таъсироти муҳит ҷавоб гардонида, барои ба мақсад ноил шудан мушкилиҳоро бартараф кунад, ин нишонаи фаъолнокӣ аст (мустаҳкамӣ, мақсаднокӣ, бодиққатӣ).

Таносуби ангезишпазирӣ ва фаъолнокӣ бо он муайян мешавад, ки фаъолнокии одам ба шароитҳои тасодуфии ботинӣ ва ё зоҳирӣ (таъб, ходисаҳои тасодуфӣ) ё аз мақсад, хоҳишу эътиқод то кадом дараҷа вобаста аст

Ҳушёрӣ ва ё карахтӣ (пластичность, ригидность) шаҳодати он аст, ки одам ба таъсироти беруна чӣ қадар мутобиқ шуда метавонад (ҳушёрӣ) ва ё чӣ қадар беҳаракатию беташаббусӣ (карахтӣ) зоҳир мекунад.

Суръати иртиҷоъ (реаксия) бошад, ба суръати иртиҷои психикӣ ва чӣ тавр суръат гирифтани ин ҷараён (нутқ, ҳаракати дастон, тезақлӣ) иртибот дорад.

Хусусиятҳои темперамент метавонад ба дараҷае тағйир ёбанд, вале худи темперамент бетағйир мемонад. Ба зоҳиршавии миҷоз хислат (характер)-и муаллим, мақсад ва мотивҳои фаъолиятии ӯ таъсир мерасонанд. Зуҳуроти темперамент метавонад, дар ягон ҳолатҳои мотивӣ фаъол ё сохтакорона бошад. [3]

Акнун мегузарем ба таснифи хусусиятҳои темпераменти омӯзгор.

Омӯзгори флегматик: ботамкин, оромтабиат, сабур, фориғбол, худро хеле хуб идора мекунад. Одами хеле пухтакори покизакораст. Вале эҳсосоташ суст буда, сустҳаракатӣ, бепарвоӣ, карахтӣ зоҳир ва диққаташро суст идора мекунад.

Темпераменти флегматик ба фаъолияти омӯзгорӣ муовофиқ аст. Аксар вақт омӯзгори флегматик барои завқу шавқи хонандагонро бедор кардан мушкилӣ мекашад, зеро ба ӯ зарур аст, ки ба дарсҳо ба дараҷаи кофӣ омодагӣ бинад, метод ва навъҳои нав ба нави таълимро ҷустуҷӯ намояд ва техникаи педагогиро сайқал диҳад. Дар ҳамин ҳол амалиёти фаврӣ ва зудамалии муаллим талаб карда мешавад ва дар зери таъсири суханони нарми муаллими флегматики оромтабиати бепарво талабагонро хоб намегирад. Аз дигар тараф, оромии муаллими флегматик ба мактаббачаи серҳаракати холерик ва сангвиник муассир аст, зеро аз оромии ӯ холерики дармувозинатнабуда ором мегирад.

Муаллими холерик боғайрат, фаъол, қатъӣ, ташаббускори, уҳдабаро, вале одатан бадфеъл, дағал, дар ҳолати пурҷӯшу хурӯш, эмотсионалӣ худро идора карда наметавонад ва эҳсоси манфиашонро дошта наметавонад. Муаллими холерик баъзан дар раванди дарс фаромӯш мекунад, ки аз суханони дағал ва сахти муаллим кӯдакон, ки ӯ таълим медиҳад, метавонанд дилшикаста ва ё рӯҳафтода шаванд. Вале муаллим холерик тез ба дили бачаҳо роҳ мeёбад.

Дар мобайни муаллимони муваффақ холерикҳо низ кам нестанд. Ҳол он ки муаллими холерик бояд рафтори худашро таҳти назорат гирад ва ба кӯдакон тарбияи таҳаммулпазирӣ дода тавонад. Барои ин кӯдакон ва касби педагогиро бояд дӯст дорад. Агар барои омӯзгори холерик чунин муҳити созгори омӯзгориро фароҳам созем, ҷиҳати пешгирии реаксияҳои номатлуби холерикӣ (дағалӣ,

тундмиҷозӣ, асабоният), ки баъзан ҳангоми иҷрои вазифаи омӯзгорӣ рух медиҳад, мусоидат мекунад.

Муаллими сангвиник одами зиндадил, серҳаракат, хушчақчак буда, ба шароити нав осон мутобиқ мешавад, диққати хонандагонро тез ва осон ҷамъ карда метавонад, ташкилотчӣ ва одамонро аз паси худ бурда метавонад. Дар ҳама ҳолатҳои эмотсионалӣ худро идора карда метавонад. Дар раванди ташкили дарс ва идораи синф маҳорати баланд дорад. Хонандагон ба вай тез унс мегиранд ва ба вай бовар мекунанд. Камбудии сангвиник дар он аст, ки баъзан аз ҳад зиёд бо бачаҳо дӯст мешавад.

Миҷози сангвиник барои фаъолияти омӯзгорӣ хеле мувофиқ аст. Бо вуҷуди ин муаллими сангвиник ҳассосият, тағйирпазирӣ ва нозукдилии худро набояд фаромӯш кунад. Дарсҳояш хеле шавқовару хурсандибахш ҷараён мегиранд ва бачаҳоро аз ҳад зиёд ба ҳаяҷон меорад. Ӯ дар раванди таълим бояд бо хонандагон бештар кор кунад, ки онҳо ба нозирони беруна табдил наёбанд.

Муаллими меланхолик меҳрубон, нармдил, боодоб, вале дар муҳити нав худро гум мекунад, беҷуръати дудила, мардумгурези канораҷӯй, нозукдил ва нисбат ба худ эҳтиёткорона муносибат мекунад. Ба худ ва имконияти худ бовар надорад.  Ба ангезаҳои таъсирнок бепарвоӣ зоҳир мекунад ва тез монда мешавад. Ба чорабиниҳои мактабӣ бепарвоӣ зоҳир карда, худро дур мекашад.

Меланхолик ба фаъолияти педагогӣ имконият дорад, вале темпераменташ мувофиқат намекунад. Вохӯрии ӯ бо кӯдакон эҳсоси тарсро ба вуҷуд меорад. Эҳсосоти баланди муассири башӯроварандаи меланхолик ва бепарвоии ӯ ба ангезандаҳо ба тез мондашавии қудакон ва паст шудани майлу рағбат ба омӯзиш оварда мерасонад. Бино бар каммаҳоратӣ дар раванди ташкил ва идораи дарс мушкилӣ мекашад. Бо вуҷуди ин, агар муаллими меланхолик дар фаъолияти педагогиаш тартиботи аниқеро фикр кунад ва ё тадриҷан аз як услубу шароити зиндагӣ ба дигараш гузаштанро пешбинӣ кунад, он гоҳ дар вай нишонаҳои устуворӣ ва бовар ба худ шакл гирифта метавонад, вале вай дар тасаввуроти миҷозии худ боқӣ мемонад. Мутаассифона, ин хусусият ба таассуроти кӯдаки инкишофёбанда таъсири манфӣ мерасонад.[1] Муаллими меланхолик метавонад омӯзгори хуб бошад, вале бо кадом арзиш.. бо то андозаи мондашавии системаи асаб ва нервроз.

Дар китоби Е.А Климов “ Школа..., а дальше?” муаллиф дарсҳои муаллими сангвиник ва муаллими флегматикро муқоиса, натиҷагирӣ ва қайд мекунад, ки дар асоси фаъолияти ҳар ду омӯзгор хулоса кардани кадоме аз онҳо беҳтар кор мекунад, беҳуда мебошад. Ҳар ду омӯзгор фаъолнокии хонандагонро бомуваффақият ҳал мекунанд. Ба ғайр аз ин, агар омӯзгори сангвиник бо услуби омӯзгори флегматик фориғболона амал кунад, симои худро гум мекунад ва масъала ҳалли беҳтари худро намеёбад. Айнан амалиёти омӯзгори флегматики оромтабиати фориғбол ба амалиёти сангвиники серғайрат ҳамин тавр аст. [2]

Ин ҷо асоси муваффақияти ҳар ду омӯзгор ба услуби фардии ба худ хоси худ ташаккул меёбад. [2].

Дар ҷое, ки қобилияти ташкилотчигӣ , зудамалӣ ва рангорангии таасурот зарур бошад, омӯзгор сангвиник беҳамтост.

Дар ҷое, ки қобилияти баланди коршоямию профессионалӣ ва қобилияти  то ба охир расонидани кори якранг лозим бошад, флегматики оромтабиат хеле мувофиқ аст.

Набудани назорат ё худ паст будани талабот ҳам метавонад, ба рафтор ва фаъолияти муаллимон, ки дорои темпераментҳои гуногун мебошанд, таъсири

манфӣ расонад. Ташкили дурусти фаъолияти омӯзгорон, ҳамчунин ҷорӣ гардонидани талабот нисбат ба сифати кори омӯзгорӣ ба характери фаъолияти омӯзгорони флегматик мусбӣ мусоидат мекунад. Дар чунин ҳолат сустӣ, бефарқӣ, карахтӣ ва танбалӣ, ки тарафи манфии темпераменти флегматикҳо мебошад, бартараф карда мешавад. Омӯзгорони меланхолик, ки дар шароити хуби корӣ фаъолият мекунанд, аз тарафи маъмурияти мактаб, ҷомеаи меҳнатӣ ва падару модарон эҳтиром мебинанд ва метавонанд, ин душвориҳои баамалояндаро тез бартараф кунанд.

Услуби фардии фаъолияти омӯзгор дар раванди омӯзишу бозомӯзӣ ташаккул ёфта, фаъолияти педагогии ӯро ба дараҷаи баландтаре мебардорад. Ҳангоме ки омӯзгор усулҳои пурсамареро, ки барои расидан ба натиҷаҳои назаррас мусоидат мекунад, таҳлил ва имконияту натиҷаҳои фаъолияташро аниқ менамояд, роҳандозии онҳоро осонтар мегарданд. Бо мурури замон чунин усулҳо ва шакли кор интихоб карда мешаванд, ки ба хусусиятҳои шахсият, махсусан темперамент ва характер мувофиқат мекунанд ва самарахш мебошанд.

Аз ин сабаб таҷрибаю нигоҳи фардии ҳар як омӯзгор куллан аз дигар омӯзгорон фарк мекунад. Ҳар он амале, ки омӯзгор анҷом медиҳад, он ба худ хос буда, сифатҳои фардӣ, темперамент ва ғайраро дар бар мегирад.

Умуман, одамонро аз рӯйи типҳои миҷоз ҷудо намудан нодуруст аст, одатан баҳамойӣ ва тавъамии нишонаҳои алоҳидаи як темперамент бо якчанд нишонаҳои дигар темперамент мушоҳида мешавад. Баъзан зоҳиршавии темперанет аз маданияти умумии шахс вобаста аст. Бино бар ин, тундмиҷозии муаллимро танҳо аз таснифи типологии хусусиятҳои системаи асаб алоқаманд кардан мумкин нест ва ин одатан ба тарбия низ вобастагӣ дорад.

Муаллимро зарур аст, ки хусусиятҳои темпераменти худро донад ва дар фаъолият педагогиаш онҳоро инобат гирад. Вай бояд сабку услуби фардии фаъолияти худашро, ки тарафҳои мусбати хусусиятҳои темпераменташро ошкор месозаду тарафҳои манфиашро боздорад, ба шакл дарорад. Хусусиятҳои типи миҷози худро ба назар гирифта, муаллим метавонад, дар раванди таълиму тарбия ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Сухомлинский В. А. Сто советов учителю. Киев , 1984.254с*
2. *Климов Е. А. Школа..., а дальше?., Л.,1971 -134с*
3. *Давлатов М. Психология – Душанбе, Собириён, 2010.*



**Ключевые слова**: личность учителя, темперамент учителя, успешность педагогической деятельности, эффективность обучение, психологические особенности учителя, активность, холерик, сангвиник, флегматик, меланхолик

**Keywords:** personality of the teacher, temperament of the teacher, the success of pedagogical activity, the effectiveness of teaching, psychological characteristics of the teacher, activity, choleric, sanguine, phlegmatic, melancholic.



**Анотатция:**В статье говорится о важности темперамента и характера. Эффективность обучения зависит от личности учителя, а для результативности педагогической деятельности наряду с грамотностью учителя очень важны его активность, умения, навыки и педагогические навыки, педагогический такт. В этой связи индивидуальные и **психологические** особенности учителя также важны с психологической точки зрения.

The article talks about the importance of temperament and character. The effectiveness of training depends on the personality of the teacher, and for the effectiveness of pedagogical activity, along with the literacy of the teacher, his activity, skills, skills and pedagogical skills, pedagogical tact are very important. In this regard, the individual and psychological characteristics of the teacher are also important from a psychological point of view.

**Қодирӣ Амирхон Ҳасанзода**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,*
*криминалистика ва пешгирии*
*коррупсияи ДДҲБСТ*

## ТЕХНОЛОГИЯИ ҲУҚУҚИИ ТАҲИЯИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОН

Ҳуқуқтадбиққунӣ механизми мураккаби робитаҳо ва муносибатҳои моддӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ, техникӣ, психологӣ ва ғайра мебошад. Ин механизм бояд барои ноил шудан ба ҳадафҳои қонунгузорӣ мусоидат намояд. Аммо, он инчунин метавонад ин ҳадафҳоро тахриф карда, талаботҳои меъёрии ҳуқуқиро, масалан, мақомҳои расмиро иваз кунад ва ба ин васила самаранокии танзими ҳуқуқиро коҳиш диҳад. Ҳангоми амалӣ намудани чораҳои муайяни ҳуқуқӣ бояд роҳҳои ҳуқуқие муайян карда шаванд, ки тавассути он ба ҳадафи гузошташуда имконпазир аст. Дар айни замон, дар байни онҳо илм ва амалияи мушаххас технологияҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Тавре ки Т.Я. Хабриева, иброз менамояд, истифодаи технологияҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад ба:

ифодаи дақиқи мундариҷаи санадҳои ҳуқуқӣ, возеҳӣ ва дастрасии онҳо;

таъсиррасонии мунтазам ба фаъолияти қонунгузорӣ, пешгирии хатогиҳои ҳуқуқӣ ва ислоҳи онҳо;

таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаҳмиши дурусти маънои қонунгузорӣ;

ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва мувофиқ сохтани низомҳои ҳуқуқӣ;

омӯхтани асосҳои қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ [1].

Ҳамин тариқ, технологияҳои ҳуқуқӣ дар таъмини самаранокии қарорҳои қонунӣ, аз ҷумла санадҳои меъёри хуқуқ нақши муҳим доранд.

Аз худи соҳаи ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ хулосабарорӣ карда, мо гуфта метавонем, ки падидаи «технология» дар бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон мавҷуд аст. Технология барои шарҳи бисёр равандҳои дар ҳаёти ҷомеа пешбинишуда таҳия шудааст. Дар сатҳи хурд он ҳам чун як навъ консепсияи сохтани ашёи рӯзгор амал мекунад, дар сатҳи макро пайдоиш ва шакли рушди категорияҳои миқёси умумиҷаҳониро нишон медиҳад. Технология ва ҳама чизи ба он алоқаманд механизми мураккаб ва бисёрфунксионалӣ мебошад, ки дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ ҷойгоҳи худро ишғол мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ мафҳумҳои возеҳи технологияҳои ҳуқуқӣ мавҷуд нестанд. Ба маънои маҳдуд, онҳо ҳамчун чизҳое, ки ҳоло дар илми хуқуқ ва амалия аз ҷониби мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» қабул карда мешавад, фаҳмида мешаванд.

Аксар вақт онҳо маънои ҳама маҳсулотеро доранд, ки бо натиҷаҳои рушди илми ҳуқуқшиносӣ алоқаманд аст [2]. Бояд қайд кард, ки огоҳии илмӣ ва амалӣ имрӯз норасои технологияи ҳуқуқӣ мебошад ва агар аҳамияти ҳамаҷонибаи технологияи ҳуқуқӣ бошад, ҷузъиёти таҳқиқоти он кайҳост, ки дар илм воқеияти муқарраршуда будаанд ва ба ҳеҷ шакку шубҳа дучор намеоянд, пас мегӯянд худи ҳамин, аммо дар робита ба ҳуқуқӣ ва ҳатто аз ин ҳам бештар технологияи таҳияи санадҳои меъёри ҳуқуқиро номумкин месозад. Дар тӯли чанд соли охир, ҷомеаи илмӣ як қатор тадбирҳоро андешиданд, ки ба фаҳмиши технологияи ҳуқуқӣ [3] равона карда шудаанд, аммо, чун қоида, дар доираи қонунэҷодкунӣ [4].

Пеш аз фаҳмидани мафҳуми технологияи ҳуқуқӣ барои таҳияи санадҳои меъёри ҳуқуқ, мо дар бораи моҳияти технологияи ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ як чанд нуқтаи назари илмиро пешниҳод менамоем.

Яке аз олими машҳури ҳуқуқшиносӣ В.Н. Карташов технологияи ҳуқуқиро бо ду маъно шарҳ медиҳад.

«Якум, технологияи ҳуқуқӣ ин раванди омодасозӣ, ба қайд гирифтан ва интишори қарорҳои (санадҳои) гуногуни ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси принсипҳо, нақшаҳо ва пешгӯиҳои муайян мавҷуданд, ки дар давоми он воситаҳо, усулҳо, ва фаъолияти ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Баъдан, технологияи ҳуқуқӣ (аз истилоҳи юнонӣ techne - санъат, малака, маҳорат ва logos илм мебошад) системаи донишро дар бораи воситаҳо, усулҳо ва амалияи судмандтарин ва ба нақша гирифташуда дорад»[5].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ боз чанд таърифе ҳаст, ки мустақиман дар бораи «технологияи ҳуқуқӣ» ҳарф мезананд.

Ҳамин тавр, Н.А. Власенко, чунин мешуморад, ки технологияи ҳуқуқӣ бояд маънои татбиқ ва истифодаи усулҳо ва усулҳои таҳия ва қабули қарори ҳуқуқиро дошта бошад, ки дар ин ҷо натиҷаи фаъолияти ҳуқуқии дар асоси принсипҳо амалишаванда фаҳмида мешавад ва усулҳои амалиёти технологӣ мебошад [6].

ХабриеваТ.Я. чунин мешуморад, ки технологияҳои ҳуқуқӣ бояд ҳамчун як маҷмӯаи аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи усулҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва инчунин тартиби истифодаи онҳо, ки бо ёрии онҳо захираҳои зарурӣ (молиявӣ, ташкилӣ ва ғ.) оптималӣ мебошанд, фаҳмида шаванд , ки бо мақсади ташаккули қарорҳои муассири қонунӣ истифода мешаванд [1].

В.М. Баранов чунин мешуморад, ки “технологияи ҳуқуқӣ” маҷмӯи принсипҳо, усулҳо, расмиёти ташаккул ва татбиқи ҳама намудҳои амалияи ҳуқуқӣ мебошад, ки як навъи «техносфераи ҳуқуқӣ»-ро ташаккул медиҳад, ки ҳолати он бо сатҳи бадастомадаи иқтисодӣ муайян карда мешавад, рушди сиёсӣ, техникӣ ва фарҳангии як давлати мушаххас. Технологияи ҳуқуқӣ на танҳо маҷмӯъ, балки пайдарҳамии усулҳои ба мақсад мувофиқ табдилдодани иттилооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ ба санади нави муассири ҳуқуқӣ мебошад» [11].

А.Н. Миронов чунин мешуморад, ки “технологияи ҳуқуқӣ” фаъолияти мураккаби мақсаднок оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қоидаҳои муайян мебошад, ки ба таҳияи қонунҳои муассир ва баландсифат нигаронида шудааст дар бораи санадҳо, такмил ва ба низом даровардани онҳо. Дар доираи ин таъриф муаллиф амалан технологияи ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқиро баробар мекунад, ки ин комилан дуруст баназар намерасад [8].

Таҳлили бо диққати андешаҳои баёншуда ба мо имкон медиҳад, хулоса барорем, ки технологияро олимон на танҳо ҳамчун як варианти омодасозии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ (маънои махсусан муҳими техникӣ), балки ҳамчун категорияи аз

ҷиҳати илмӣ асоснок, таҷрибавӣ санҷидашуда, ки раванди табдилдодани ҳаёт ва воқеият ба заминаи ҳуқуқӣ мебошад.

Бо дарназардошти таърифҳои таъиншудаи технологияи ҳуқуқӣ, шумо метавонед назари худро оид ба ин падида муайян кунед. Технологияи ҳуқуқӣ истифодаи муназзам дар доираи фаъолияти ҳадафмандонаи илмии асосноки воситаҳо, усулҳо ва қоидаҳо бо мақсади таҳия ва қабули қарорҳои санади баландсифат мебошад.

Ҳуқуқтадбиқкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад. Технологияи ҳуқуқӣ амалисозии онро такмил медиҳад. Технологияи қонун эҷодкунӣ, кор бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад [10]. Чунин ба назар мерасад, ки ба ҳифзи ҳуқуқ инчунин технологияи инфиродӣ хос аст, ки мавҷудияти он пеш аз ҳама ба мураккабии танзими инфиродӣ, афзоиши аҳамияти он барои субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва масъулияти олии иҷтимоӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба дониши аз ҷиҳати илмӣ тасдиқшуда, таҳияҳо оид ба татбиқи он ниёз доранд.

Технологияро дар соҳаи татбиқи ҳуқуқҳо метавон ҳамчун қонунӣ, ҳифзи қонун ё ҳамчун ҳифзи ҳуқуқ номид. Аммо мо чунин мешуморем, ки инъикоси ҷиддии тамоми хусусиятҳои равандҳои объективии баамаломада дар соҳаи муносибатҳое, ки мо таҳқиқ дорем, яъне татбиқи қонун, ба нишонаи нуқта ниёз дорад. Натиҷаи ҳифзи қонун санади иҷрои қонун мебошад. Технология ба истеҳсоли чизе, яъне ба маҳсулоти ниҳоӣ равона шудааст. Дар ин робита, технологияи ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ амал мекунад, «технологияи ҳуқуқии омодасозии санадҳои меъёри ҳуқуқ» номидан комилан дуруст мебошад.

Дурустии мавҷудияти як лаҳзаи технологӣ дар татбиқи қонун аз хусусиятҳои онҳо бармеояд. Ҳуқуқтадбиқкуние, ки мо онро ҳамчун як комплекс муқаррар кардаем, бо меъмории инфиродии таълим, иҷро карда намешавад, ки ин дар амал мебошад. Аз ин рӯ, дар ин ҷо технология барои шинохтани моҳияти муносибатҳои ҳалшаванда лозим аст, лаҳзаҳои душвортарин ва баҳсталабро дар он муайян кардан, роҳҳои ҳалли онҳоро ёфтан ва дар ниҳоят ба технология барои эҷоди санади баландсифат, ки инъикоси талаботи шахс мебошад ташкил медиҳад.

Технология инчунин дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарур аст, то ки охирин метавонад ҳадафи иҷтимоии худро бо самаранокии ҳадди аксар иҷро кунад. Ин таҳлили ҳамаҷонибаи маҷмӯи муносибатҳоро, муносибати эпистемологиро ба омӯзиши онҳо талаб мекунад. Илова бар омӯхтани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии парванда, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд муайян кунад, ки танзими масъалаҳои шабеҳ дар гузашта чӣ гуна ва бо кадом роҳ сурат гирифтааст, ки амалияи муосири ҳифзи ҳуқуқ бо кадом роҳ пеш меравад, тасаввур кардани имконпазир оқибатҳои танзими инфиродӣ дар оянда (пешгӯӣ), яъне таъсире, ки санади содирнамудаи субъекти татбиқи қонунро ба фаъолияти ҳаётии шахси мушаххас мерасонад, оё он ба ӯ имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро истифода барад, ҳимоя кунад ҷомеаро аз таҷовузи ҷиноятӣ.

Фаҳмидани он, ки чӣ гуна амалияи татбиқи қонунро оқилона татбиқ кардан мумкин аст, танҳо бо роҳи баррасии маҷмӯи муайяни муносибатҳо бошад. Технологияи таҳияи санадҳои ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳатман асоси илмӣ дошта бошад. Яъне, барои он ки танзими инфиродӣ ба авҷи камолоти худ бирасад, аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи он чиро бояд танзим кард, чӣ гуна танзим кардан, ҳисоб кардани оқибатҳо, каҷравиҳои эҳтимолӣ (хатоҳо) ва натиҷаҳои ниҳоӣ ва танҳо пас аз он ки дар асоси маълумотҳои аз ҷиҳати илмӣ тасдиқшуда амалан мушкилотро

ҳал кунанд. Вазифаи чунин таҳқиқот таҳияи роҳҳо, пешниҳодҳо, механизмҳои мушаххаси оптимизатсияи амалисозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хоҳад буд. Маҳз, бо ёрии технология эҳтимолияти фаҳмидани он ки чӣ тавр роҳи самарабахши ҳалли як низои ягонаи ҳуқуқӣ ба таври назаррас меафзояд. Дарҳол бояд қайд кард, ки мо танҳо технологияи раванди ҳифзи ҳуқуқро дар назар надорем, зеро он метавонад, дар назари аввал чунин намояд. Вазифаи ягона ва асосии технологияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷиҳати илмӣ «ғизо додан» ҷузъи воқеии техникии ҳифзи ҳуқуқ нест, вагарна технологияро метавон ҳамчун категорияи хизматрасонии таҷҳизот ҳисобид, ки ҳадафи мустақил надорад. Чунин тасаввуроти моҳияти технология дар қонун ғайри қобили қабул аст.

Техникаи татбиқи қонун барои дуруст, ба маънои расмӣ пурмазмун, таҳияи ҳуҷҷат мавҷуд аст, яъне дар асл, он вақте амал мекунад, ки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аллакай моҳияти қарорро медонад ва ба ӯ лозим аст, ки амали охиринро ба протокол қайд намояд, яъне санади ҳуқуқӣ тартиб диҳад. Маълумоте, ки бо ин восита ба даст омадааст, ҳамчун мавод барои технология дар «сохтан» -и санади мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебарад.

Технология тамоми раванди татбиқи меъёрро фаро мегирад ва ҳатто аз он болотар меравад, то тамоми ҷанбаҳои муносибатҳо, ки ба ин ё он натиҷаи танзими инфиродӣ метавонанд таъсир расонанд, ба назар гирифта шаванд. Ҳифзи ҳуқуқ, бар хилофи қонунгузорӣ, чун қоида, таҳияи ҳама гуна ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар оянда қабул карда мешаванд. Ин намуди иқтисоди мурофиавӣ бо моҳияти худи татбиқи қонун комилан асоснок аст, ки дар он мавҷуд набудани қабули қарори саривақтӣ барои ин навъи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ғайри қобили қабул аст. Дар натиҷа, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо баланд шудани дараҷаи диққат бояд тамоми анбори воситаҳо ва усулҳои техникиву тактикӣ барои саривақт посух додан ба ниёзҳои шаҳрвандон бо қабули қарорҳои муассирро истифода барад.

Аз нуқтаи назари мусбӣ, дар доираи технологияи ҳуқуқии таҳияи санадҳои ҳифзи ҳуқуқ чунин раванди мутобиқсозии меъёри ҳуқуқӣ ба амал омада истодааст, ки дар натиҷаи он на танҳо омодагии он ба амалҳои амалӣ муайян карда мешавад, балки худи камбудиҳое, ки барои танзими самараноки инфиродӣ монеаҳо эҷод мекунанд, ошкор карда мешаванд. Дар ин робита, инчунин муҳим аст, ки субъекти ҳифзи ҳуқуқ кӯшиш накунад, ки дар роҳи он бо ёрии баъзе воситаҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд, убур кунад, баръакс, камбудиҳоро ошкор мекунад ва ба онҳо мувофиқан муносибат мекунад, масалан, ба санадҳои қонунгузорӣ тағйироту иловаҳо пешниҳод мекунад ё консепсияи ягонаеро дар бар мегирад, ки қоидаҳои татбиқи як қоидаҳои мушаххаси қонунро дар бар мегирад. Яъне, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба мушкилоте, ки дар раванди танзими инфиродӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, бетараф нест. Аз ин рӯ, технология дар татбиқи меъёрҳо на танҳо барои татбиқи дақиқ ва устувори ҳуқуқҳои субъективӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои қонунӣ муҳим аст, балки вазифаҳои умумии ҳуқуқиро низ иҷро менамояд, ки системаи ҳуқуқиро беҳтар, ҳадафнок ва қобили амалӣ мегардонад.

Технология на танҳо қонунгузорӣ, принсипҳои асосии он, меъёрҳои алоҳидаи қабулшудаи ҳуқуқро таҳлил мекунад, балки тамоюлоти замон, ниёзҳои ҷомеа, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишварро низ ба назар мегирад. Субъекти қонун амалкунанда дар ин ҷо нақши таҳлилгарро иҷро мекунад, вай дорои унсури муайяни эҷодӣ, рафтори вазъияти интеллектуалӣ мебошад, ки ба муайян кардани самтҳои асосии рушди раванди татбиқи қонун равона шудааст.

Бо дарназардошти ин таърифи номбаршуда технологияи ҳуқуқӣ ва арзиши муқарраршуда ва моҳияти технологияи таҳияи санадҳои ҳифзи ҳуқуқ, мо имкон дорем дарк намоем, ки онро дар доираи фаъолияти илмии асосноки мақсадноки ҳифзи ҳуқуқ воситаҳо, усулҳо ва қоидаҳо бо мақсади таҳия ва қабули санадҳои санҷидашудаи баландсифати ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Адабиёти тавсиявӣ:**


1. *Хабриева Т. Я. Современные юридические технологии в теории и практике правотворчества и правоприменения [Текст] / Т. Я. Хабриева // Эффективность законодательства и современные юридические технологии (материалы заседания Международной школы- практикума молодых ученых-юристов. Москва, 29-31 мая 2008 г.). - 2009.*
2. *Баранов В. М., Климентьева Н. А. Юридическая техника: природа, основные приемы, значение [Текст]: ретроспективный библиографический указатель / В. М. Баранов, Н. А. Климентьева - Н. Новгород. 2005.*
3. *Проблемы юридической техники: [Текст]: сборник статей / под ред. В. М. Баранова. - Н. Новгород. - 2000.*
4. *Волкова С. В., Малышева С. И. Межвузовская конференция о проблемах юридической техники [Текст] С. В. Волкова, С. И. Малышева // Известия высших учебных заведений. Правоведение. - 2006. - № 2.*
5. *Бахвалов С. В. Законодательная технология: некоторые проблемы теории и методологии [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук:12.00.01 / С. В. Бахвалов - Н.Новгород, 2006.*
6. *Власенко Н. А. Законодательная технология: Теория. Опыт. Правила [Текст] / Н. А. Власенко. - Иркутск. - 2001.*
7. *Князинин К. Н. Охранительные правоприменительные акты: вопросы теории и технологии [Текст] / К. Н. Князинин. - Свердловск. - 1991.*
8. *Миронов А. Н. Юридическая технология подготовки нормативных правовых актов. - М., 2010.*
9. *Карташов В. Н. Юридическая техника, тактика, стратегия и технология (к вопросу о соотношении) [Текст] / В. Н. Карташов // Проблемы юридической техники: Сборник статей / под ред. В.М. Баранова. - Н. Новгород.- 2000.*
10. *Юридическая техника [Текст]: учебное пособие по подготовке законопроектов и иных нормативных правовых актов органами исполнительной власти/ под ред. Т. Я. Хабриевой, Н. А. Власенко. - М.: 2010.*
11. *Баранов В. М. Предисловие [Текст] / В. М. Баранов // Проблемы юридической техники: Сборник статей / под ред. В. М. Баранова. - Н. Новгород. - 2000.*
12. *Миронов А. Н. Юридическая технология нормативных правовых актов [Текст]: монография / А. Н. Миронов. - Уфа:УЮИ МВД России, 2008.*
13. *Каргин К. В. Юридические документы [Текст] / науч. ред. В.А. Толстик. - М. - 2008.*



**Аннотация.** В данной статье рассматривается процесс юридической технологии разработки нормативных актов. Он содержит взгляды нескольких ученых на юридические технологии. Автор отмечает, что правовые технологии играют важную роль в обеспечении эффективности судебных решений, в том числе правовых актов. Автор также отметил, что юридическая технология - это фиксированная ценность и суть технологии правоприменения, что позволяет использовать ее в сфере научно обоснованной правоохранительной деятельности,

инструментов, методов и правил для разработки и принятия высоких требований.качественные правоохранительные документы.

**Ключевые слова:** законотворчество, правовая технология, правоприменение, нормативные акты, законодательство, закон, законодательство.

**Annotation.** This article examines the process of legal technology for the development of regulations. It contains the views of several scholars on legal technology. The author notes that legal technologies play an important role in ensuring the effectiveness of court decisions, including legal acts. The author also noted that legal technology is a fixed value and essence of law enforcement technology, which allows it to be used in the field of scientifically based law enforcement, tools, methods and rules for the development and adoption of high requirements. high quality law enforcement documents.

**Key words:** lawmaking, legal technology, law enforcement, regulations, legislation, law, legislation.

**Холиқов Исломбой Абдумаҷитович**
*ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ*

## ХУСУСИЯТҲОИ АРЗИШИ ОЛИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ: МАСОИЛҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚӢ

Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият ва қабули нахустин Конститутсияи худ соли 1994 самти тараққиёти худро ба сӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати демократии ҳуқуқбунёд иҷтимоӣ ва дунявӣ муайян кард. Ҳадафи марказии ин шоҳроҳи давлатдории миллиро ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил медод.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан эҳтиром ва арҷгузориро ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷавҳари сиёсати давлатдории Тоҷикистон эълон намуд. Вобаста ба ин бо ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳои саривақтию ҷавобгӯ ба талаботи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ворид намуданд. **[1]** Таи солҳои минбаъда, дар партави моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи кишвар низоми ҳуқуқӣ зина ба зина ба ислоҳоти ҳуқуқӣ рӯ оварда ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ва муқаддас ба ҳаёти воқеӣ роҳ ёфт. **[2. саҳ. 2-5 ]**

Рӯ овардан ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ғайричашмдошт набуда, вай аз табиати мардуми истиқлолҳои миллат дар давоми 30 – соли истиқлолияти давлатӣ сарчашма гирифта ба воқеияти замони нав такя мекард. Ҳар як соҳаи ҳаёт дар шароити нави таърихӣ бо назардошти талаботи воқеӣ ва манфиатҳои ҷамъият, давлат ногузирии арзиши муайянкунанда, тақдирсоз ва умумиятдоштаи одамият- ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ногузир масъалагузорӣ мекард. Дар асрҳои XX ва XX1 вазъияти давлатдорӣ ва муносибати байни давлатҳо ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун маҳаки муҳимми инкишоф ва баҳодиҳии воқеияти давлату давлатдорӣ муайян кардааст. **[3]** Ба ин хотир ҳама арзишҳои дигар бояд баҳри амалишавии он нигаронида шуда, дар хизмати он

гузошта шаванд. Давлат, сиёсат ва ҳамагуна манфиат, ба қавли И.Кант, бояд назди ҳуқуқи инсон сари таъзим фуруд оранд.

Маҳз дар ҳамин хотир моддаи 5 Констиутсияи Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эълон намуда моддаи 14 бошад мазмуни фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, қонунгузрӣ, иҷроия, судӣ ва низоми қонунгузории кишварро тобеи табиати ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар кардааст. Ин маънои онро дорад, ки фаъоллияти ҳама мақмоти давлати дар партави эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон сурат мегирад ва ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда бояд ба манфиати инсон созгор буда ба ҳукуку озодиҳои асосии инсон созгор бошанд. Зеро ҳама дастоварду музафаариятҳои маънавию моддиро, ки маҳсули дасти инсон аст, мумкин аст барқарор кард; Агар қасрҳою маъбадҳо, Каъбаю бутхонаҳо вайрон шаванд онхоро мумкин аст барқарор кард, вале агар инсоне кушта шавад ҳаёти ӯро аз нав барқарор карда касе наметавонад. Аз ин ҷост, ки инсонҳо аз қадим нисбат ба якдигар меҳру муҳаббат дошта дар ҳолатҳои вазнинӣ дасти ҳамдигар мегирифтанд ва давлатҳои адолатнок мақому мартабаи инсонро ҳамчун арзиши қиммат аз қадим хифз мекарданд. Саъдии Шерозӣ барҳақ мефармояд:

*Банӣ одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.* **[9]**

Баъзе мавридҳо оид ба қадру қиммати инсон ва хуқуқҳои ӯ сухан гуфтан барои иддае як падидаи куҳнашуда менамояд. Ё аз назари илмӣ ин андешаҳо гӯё одӣ ва омиёна менамоянд, ки ин иштибоҳи маҳз аст. Ҳамин гунна муносибати нодуруст буд, ки дар даврони ҷанги сарди асри XX ва ҳоло дар арафаи тақсимоти нави ҷаҳонии манфиатҳо ба чи осоние амрикоиҳою шӯравиҳо ва ҳоло ворисони онҳо ва дигар бозигарони тахтаи шоҳмоти ҷаҳонӣ табиати инсон ва умумияти одамиро аз хотир баровардa, чи гуна халқу миллатҳоро ба гирдоби куштору ғорат гирифтор карданд ва ҳоло низ менамоянд. Аз ин ҳолатҳои ногувор миллионҳо инсонҳо аз хонаҳо маҳрум гаштаву дар ба дар шудаанд. Дар чунин шароит дифои ҳуқуқи инсон номумкин мегардад. Бинобр он мо бояд кӯшиш намоем ки нахуст давлатамон тинҷ бошад, ва дар ин амонӣ ҳуқуку озодиҳои инсон ҳифз карда шавад. **[4]**

Дар шароити муосир танҳо давлате мақоми арзандаи худро дар ин ҷаҳони нооромм касб менамояд, ки агар ӯ ба ҳуқуку озодиҳои инсон арҷ гузорад, онҳоро қадр кунад ва дар доираи талаботи қонунҳо ҳифз намояд.

Аз ҳуқуку озодиҳо тарсидан лозим нест, балки онро тақвият дода, дар партави он худро озод эҳсос намудан шарт ва зарур аст. Оне, ки аз озодӣ метарсад, ӯ заифии худро эҳсос мекунад, камбудии худро ислоҳ кардан намехоҳад, ҳамроҳи ҷамъият ва давлат инкишоф ёфтан намехоҳад.

Таҷрибаи давлатдории миллии бисёр кишварҳо собит менамояд, ки одатан, аз хукуку озодиҳо мардуми саводи кофӣ надошта ва кормандони масъули аз ҳуқуқҳо ноогоҳ баробар метарсанд. Аз муносибати онҳо хатар ба дин ва давлат ворид мегардад. Озодӣ дар ҳама навъаш, чӣ озодии сухан, чӣ озодии виҷдон ва чӣ озодии ҳаракат ва озодии интихоби маскани зист ҳамагӣ рукнҳои муҳими адолатнокӣ ва инкишофи ҷомеа дар имрӯзу асрҳои мобаъд амал хоҳад кард. Ҳуқуқи инсон низ дар ҳама паҳнои муносибатҳо ҳамеша дар мадди авали сиёсати давлати ва низоми ҳуқуқӣ боқи хоҳад монд. Зеро он давлате, ки ба ҳуқуқи озодии инсон арҷ гузошт онҳоро эҳтиром кард номи онҳо дар таърих ҷовидона хоҳад монд. Имрӯз пас аз гузашти ҳазорсолаҳо номи Куруши Кабир ҳамчун шоҳи

кишваркушо ва одил тавассути Эъломияи Куруши кабир оид ба ҳуқуқу озодиҳост, ки соли 539 қабл аз мелод ҳангоми воридшавӣ ба Бобулистон қабул карда буд, боқӣ мондааст. **[6]** Ӯ дар таърихи инсоният нахустин маротиба ҳуқуқ ба озодии ҳаракат, озодии виҷдон ва дахлнопазирии манзилро эълон ва кафолат додааст. Номи Анушервон бошад бо адлу инсоф нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсонҳо ҷовидон шудааст. Аз ин хотир давлатҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки зина ба зина ҳуқуқу озодиҳоро васеъ намоянд онҳоро дар зинаҳои баландтар дифоъ намоянд. **[7]**

Таърихи инсоният бо ҳама гуна паҳно ва дарозияш як саҳифаи хеле кӯчаки васеъгардии озодии инсон дар паҳнои арзишҳое чун адл, инсоф, манфиат, ақл, хирад ва амсоли инҳост. Дар байни ҳуқуқ ва озодиҳо дар чунин шароитҳои мураккаб нақши озодии виҷдон ва озодии сухан хеле муҳим аст. Бахусус озодии сухан ва баёни андеша чун калиди муаммои инкишофи ҷомеаи инсонӣ дар ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқӣ маҳаки асосии таъмини демократия ва ошкорбаёнӣ буда, ба ҷомеаи шаҳрвандии аз озодӣ нафасгирифта ҳавои тоза (кислород) фароҳам меорад. Маҳз озодии сухан ва баёни андеша тавассути андеша ва ғояҳои мухталифи афкори ҷомеа дар заминаи гуногунандешии афкор (плюрализм) заминаи воқеии инкишоф ва пешравии ҷомеаро таъмин менамояд. Барои он ки халқи озод дар интихоби озоди роҳи ояндаи худ соҳибихтиёр бошад, аввал ҳаққе, ки ӯ амалӣ менамояд, худмуайянкунист. Яъне андеша ва сухани хешро доир ба соҳибихтиёрӣ ва шакли ташкили ҳокимият, шакли идора, режими сиёсӣ ва ғ. баён намудан аст. Аз ин хотир, дар қатори муҳимтарин ҳуқуқҳои башар, паймонҳои байналмилалӣ ҳаққи худмуайянкунӣ ва сохибихтиёриро додаанд.

Дар баробари ин ҳама, озодии сухан ва баёни андеша тибқи моддаи 19 Эъломияи ҳуқуқи башар, моддаи 19 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) ва моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин маҳаки давлати демократӣ кафолат дода шудааст. Дар моддаи 19 ПБҲШС чунин аломатҳои озодии сухан таъкид шудааст:

1. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки бидуни мамониат озодона аз андешаи худ пайравӣ намояд.
2. Ҳар як инсон ба изҳори озодонаи ақидаи(андешаи) худ ҳақ дорад; ин ҳақ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва ғояро, сарфи назар аз марзҳои давлатӣ, шифоҳӣ, хаттӣ, тавассути матбуот ё шаклҳои бадеӣ ва ё дигар усулҳои баён зоҳир менамояд **[10].**

Дар моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ озодии сухан ва баёни андеша кафолат дода шудааст**[2. саҳ. 9].** Ба як нукта бояд диққат дод, ки озодии сухан танҳо баёни андеша нест, он аз ҷамъ намудани маълумот, ба даст овардани иттилоот ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва ғояро фарогир аст. Яъне дар он инсон ҳамчун махлуқи бошуур имкон пайдо менамояд, ки ба ташаккули тафаккур, ғизодиҳии андеша ва таҷдиду такмили доимии он дастрасӣ дошта бошад. Яъне қабл аз баёни андеша шароитеро тақозо дорад, ки дар он андешаи солим тавлид гардад. Танҳо пас аз таҳлили ҳамаҷониба имкони баёни озоди он ба миён меояд. Ва барои он алабатта, шакли зоҳирёбӣ шарт ва зарур аст. Хаттӣ ё даҳонӣ тавассути васоити ахбори омма, бо пешниҳоди асари таҳлилӣ ва ё офаридани як образи бадеӣ ва ғ. аҳамият надорад. Дар маҷмӯъ ин ҷараёни ҳимояи озодии сухан ва баёни андеша ба давлати миллӣ шароит фароҳам меорад, ки аз роҳҳои нодурусту ноҳамвор берун рафта, роҳи дурусту муназзамеро, ки дар он ҳеҷ як миллатгароии шовинистӣ, беадолатии динӣ ва мамониатҳои сохта дар инкишофи илм вуҷуд дошта наметавонад, интихоб менамояд. Аз ин дидгоҳ озодии сухан ва

баёни андеша дар ҳамбастагии озодии эҷодиёт ва ҳуқуқ ба офаридани асарҳои илмӣ ва бадеӣ (моддаи 40 Конститутсия) ба шаҳрвандони кишвари мо имкон медиҳад, ки дар бунёди давлати миллии муосир нақши дурусти худро гузоранд**[2. саҳ. 10].** Бахусус маҳдудият ва худдорӣ аз ақида ва ғояҳое, ки аломати хусумат ва бадбинии миллиро дорад, дар риояи ин ҳуқуқ шарт ва зарур аст. Яъне ҳангоми истифодаи истилоҳи давлати миллӣ, ҳуқуқи миллӣ, мо бештар такя ба ҳувияти худшиносии миллӣ намуда, паҳлӯи тарозуро аз шинохти давлати миллӣ ҳамчун шакли ҳамзистии миллати муттаҳидаи замони муосир ба арзиши мафкуравии (идеологии) сиёсӣ, ки дар хизмати давлат қарор дорад, табдил медиҳем.**[8]**

Ҳамин тавр, санадҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин шаклҳои густурдаи эътирофи ҳуқуқи баёни андешаро пешниҳод намудаанд, ки истифодаи васеи онҳо дар инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва интихоби роҳи ояндаи давлатҳои миллӣ шарт ва зарур аст. Албатта, ин ҳақ аз лаҳзаи зоҳиршавӣ ва ё ифодаёбиаш маҳдудшаванда буда, сарҳади онро тибқи қисми 2 ва 3 моддаи 19 ПБҲШС, моддаи 14 ва 30 Конститутсияи кишвар манфиатҳои умумиичтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва дигар арзишҳои умумидавлатӣ муайян менамояд. Тағйироту иловаҳо ба Конститутсия дар таърихи 22 май арзишҳои муайнякунандаи ин сарҳадро то 8 унсур расониданд. Сарҳади онро инчунин ақл, хирад ва сатҳи инкишоф андозагирӣ месозад.

Дар ин ҷараён ягона арзиш ва ғояе, ки бениҳоят нерӯи баланди муттаҳидкунии халқу инсонҳоро масъалагузорӣ менамояд, эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Тоҷикистон дар остонаи ҳазораи се дар ибтидои роҳи таърихие истодаааст, ки ояндаи он новобаста аз эълон ва муқаррар шуданаш пастию баландӣ ва ноҳамвориҳои зиёдро дорост. Таърихи инсоният собит менамояд, ки ҳар як идеология, ақида ва мафкураи ҳукмрон пас аз муддате ҷои худро ба дигаре ногузир месупорад. Ба назари ман шояд демократия, давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ҳамчун шаклҳо ва тарзҳои ташкили ҳаёти сиёсӣ ва манфиатовари ҳаёти имрӯза пас аз замоне бо иҷро намудани функсияҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию ҳуқуқии худ, мавқеи худро ба падидаҳои нав супоранд. Дар чунин сурат ба назари мо арзише, ки то кунун устувории худро аз даврони пайдоиши одам нигоҳ доштааст ва онда низ нигоҳ дошат метавонад ин ҳамин – Ҳуқуқу озодии Инсон аст. Ва беҳтарин роҳи ҳифзи ин неъмат, яъне ҳуқуқу озодиҳо, онҳоро ҳамчун неъмат ва арзиши олӣ ҷой намудан дар низоми ҳуқукии кишвар аст. Шукр мекунем, ки имрӯз давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои мӯҳтарами миллатамон ин неъмати бебаҳоро ҳамчун арзиши олӣ барои мо шаҳрвандон эълон намуда, Президенти кишвар ҳамчун ҳомии Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои мо баромад менамояд.

**Адабиёт:**


1) *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001. www.mmk.tj*
2) *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе 2016. www.mmk.tj*
3) *Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.*
4) *Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ.- Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – 107 с.*
5) *Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.*
6) *Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1.- Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 50с.*
7) *Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. 164 саҳ.*

8) *Искандаров З.Х. Хуқуқи инсон ва механизми миллии химояи он. – Душанбе: Эҷод, 2006. –136 с.*
9) *Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. 292 саҳ.*
10) *Эъломияи ҳуқуқи башар. – Душанбе: Маркази Миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. 12 саҳ.*

**Характеристики высшей ценности прав человека в правовой системе: теоретико-праовые проблемы**

**Ключевые слова**: конституция, нормативные акты международного права, права человека, правовая система, демократия, свобода слова

История человечества - это история постепенного распространения признания и защиты прав человека. Стоит отметить, что наши предки в теории и на практике обладали действенными идеями и источниками по признанию и защите прав человека. Правовые источники Параса-данных доисторического периода - Декларация Великого Ахеменида Кира, Закон Сасанидов, Увещевание Тохира ибн Хусейна, Судебные реформы Кази Фазлуллы и десятки других юридических источников предков. В области прав человека интересы нации, народов и государств признаются и защищаются сбалансированным образом, потому что он признает и защищает человека за пределами границ, нацию, людей и государство, и его сущность отражается в его внешнем и внутреннем выражении, которое зависит от первого.

**Characteristics of the highest value of human rights in the legal system: theoretical-legal problems of law**

**Key words**: constitution, normative acts of international law, human rights, legal system, democracy, freedom of speech

The history of humanity is a history of the gradual expansion of the recognition and protection of human rights. It is worth to note that our ancestors, in theory and in practice, had effective ideas and sources on the recognition and protection of human rights. The legal resources of the Parasa-data of the prehistoric period are the Declaration of the Great Achaemenid Cyrus, the Sassanid Law, the Exhortation of Tohir ibn Husayn, the Judicial Reforms of Qazi Fazlullah, and dozens of other legal sources of the ancestors. In human rights, the interests of the nation, peoples and states are recognized and protected in a balanced way, because it recognizes and protects man beyond borders, nation and people and state, and its essence is reflected in its external and internal expression, which depends on the former.

**Каримова Муаззам Мирзокаримовна**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,*
*криминалистика ва пешгирии коррупсияи*
*факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ*

## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ

Экстремизм дар замони муосир яке аз масъалаи муҳим ба шумор рафта, он хусусияти байналмилалиро касб кардааст. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани он давлатҳо бояд байни ҳамдигар ҳамкориҳои байналмилалиро ба роҳ монанд ва

танҳо дар ин ҳолат ба натиҷаи назаррас бар зидди экстремизми байналмилалӣ соҳиб шудан мумкин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқовимат ба экстремизми байналмилалиро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳон баррасӣ намуда, дар ин самт кӯшиш намуда истодааст, ки бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои байналмиллалиро амалӣ намояд.

Вазъи буҳрони ҷомеа пеш аз ҳама дар иқтисодиёт, мавҷудияти муноқишаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байнимазҳабӣ (байни конфессияҳо), номукаммалии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки проблемаҳои баҳсноки минтақавӣ ва байналмилалиро танзим менамояд, барои ба миён омадани чунин ҷиноятҳо ба монанди терроризм ва экстремизм мусоидат мекунад. Созишномаҳои байналмилалиро ба асос гирифта, бояд бо дигар давлатҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси онҳо, инчунин созмонҳои байналмилалӣ, ки вазифашон аз мубориза бар зидди терроризм ваэкстремизм иборат аст, ҳамкории самарабахш анҷом дода шавад. Бояд аз таҷрибаи байналмилалӣ ҷиҳати мубориза бо чунин зуҳурот васеъ истифода намуд, механизми ҳамоҳанги муқовимат ба терроризм ва экстремизми байналмилалиро таъсис дод, ҳамагуна роҳҳои қочоқи силоҳ, маводи тарканда дар дохили кишвар ва роҳҳои воридоти онҳоро аз хориҷа ба таври эътимоднок баст. [1]

Имрӯз Тоҷикистон аъзои Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳо буда, дар самти муқовимат ба таҳдиду хатарҳои нав, аз ҷумла терроризм ва экстремизм бетараф нест. Ҳамзамон бо як қатор кишварҳо, аз ҷумла Афғонистон, Хитой, Покистон, Туркия, Ӯзбекистон ва ғайра созишномаҳои дуҷониба оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм баста шуда, дар доираи Созмони хамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо давлатҳои аъзо дар ин самт ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд.

Айни ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталабе вуҷуд доранд, ки самаранокии ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт коҳиш медиҳанд. Аз ҷумла, бинобар нав будани масъалаи муқовимат ба экстремизми зӯроварона дар қатъномаи Шӯрои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид «Ҳуқуқи инсон ва пешгириву мубориза бо экстремизми зӯроварона» мафҳумҳои калидӣ дар ин соҳа ҳамаҷониба равшану возеҳ инъикос нашуда, омилҳои сиёсӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, мафкуравӣ, ташкилӣ ва дигари пайдоиши он, инчунин нақши ҳалкунандаи давлат дар бартараф намудани онҳо дарҷ карда нашудааст.

Амалияи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда ҳанӯз шакл нагирифта аст. Ҳамзамон санади универсалии танзимкунандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо интернет - экстремизм, ки он, аз ҷумла тартиби ягонаи аз шабакаи интернет хориҷ кардани маводи экстремистиро пешбинӣ намояд, мавҷуд нест.

Дар робита ба ин, вазифаҳои мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат бо экстремизм ва терроризм инҳо мебошанд:

- мусоидат ба такмил додани заминаҳои ҳуқуқии байналмилалии муқовимат бо экстремизм ва терроризм;

- васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ - шартномавии ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо, ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар муқовимат бо экстремизм ва терроризм;

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ ва таъмини иҷрои воқеии шартномаҳо бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм;

- вусъат додани ташаббусҳо оид ба ҷалб намудани диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ниҳодҳои минтақавӣ ба таъмини сулҳ ва ризоият дар Афғонистон ва мусоидат ба ҷалб намудани ин кишвар ба равандҳои ҳамкориҳои минтақавӣ, аз ҷумла дар соҳаи мубориза бо экстремизм ва терроризм.[2]

Шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байни давлатӣ), ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байни ҳукуматӣ) ва ё вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақоми дигари идоракунии давлатӣ (шартномаи байни идоравӣ) бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. [3]

Яке аз шартномаи байналмилалие, ки муносибатҳои ҳамкории давлатҳои Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар мубориза бар зидди экстремизм ба танзим медарорад, ин Конвенсияи Шанхай оид ба муқовимат ба экстремизм (аз 09 июни соли 2017) мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 21феврали соли 2018 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1002 тасдиқ намудааст.

Конвенсияи Шанхай оид ба муқовимат ба экстремизм бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамкории тарафҳо дар муқовимат бо экстремизм баста шудааст. Тибқи муқаррароти ин Конвенсия муқовимат бо экстремизм ин фаъолияти тарафҳо, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини тамомияти марзӣ мебошад. Ба амнияти миллӣ аз экстремизм, ошкор сохтан ва пешгирӣ намудани экстремизм, бартараф намудани таъсири он, инчунин ошкор ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки барои татбиқи он мусоидат кардааст, равона карда шудааст.

Конвенсияи мазкур барои ҳамкории тарафҳо дар соҳаи муқовимат бо экстремизм татбиқ шудааст. Ҳамкории дар Конвенсияи мазкур пешбинишуда аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори муайяннамудаи ҳар як тараф амалӣ мегардад. Мақомоти салоҳиятдори тарафҳо роҷеъ ба масъалаҳои пешбининамудаи Конвенсияи мазкур дар доираи ваколатҳояшон ҳамкорӣ мекунанд. Воҳидҳои минтақавӣ ва сохторҳои дигари мақомоти ваколатдори тарафҳо бо мақсади иҷрои Конвенсияи мазкур мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақомоти салоҳиятдори тарафҳо равобити мустақимро муқаррар карда метавонанд. Ҳамкории мақомоти салоҳиятдори тарафҳо дар шакли дуҷонибаю бисёрҷониба дар асоси дархост роҷеъ ба расонидани кумак, инчунин бо роҳи иттилоотонӣ аз рӯи ташаббуси мақоми салоҳиятдори яке аз тарафҳо ба роҳ монда мешавад.[4]

Дар асоси Конвенсияи муқовимат ба экстремизм ҳар як тараф тибқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ тадбирҳоро дар сатҳи миллӣ барои муқовимат бо ифротгароӣ таҳия ва татбиқ менамояд, ки метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

1) такмили қонунгузорӣ оид ба муқовимат бо ифротгароӣ, арзёбии даврии самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат бо ифротгароӣ;

2) муайян намудани мақом ва ё мақомоте, ки ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти марбутаи тарафҳоро оид ба муқовимат бо ифротгароӣ ҳамоҳанг менамояд;

3) тақвияти ҳамкориҳои наздисарҳадии кишварҳои аъзо оид ба пешгирии нуфузи аъзои созмонҳои ифротгаро ба қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай;

4) ҳамкории муштарак бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба муқовимат бо экстремизм;

5) тақвияти фаъолияти таблиғотӣ оид ба пешгирии экстремизм ва иқдомҳо бар зидди паҳншавии идеологияи ифротгароӣ, аз ҷумла дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаи "Интернет";

6) назорати (мониторинги) воситаҳои ахбори омма ва шабакаи "Интернет" бо мақсади сари вақт ошкор ва пешгирӣ намудани паҳншавии идеологияи ифротгаро;

7) маҳдудкунии дастрасӣ ба маводи экстремистӣ, ки дар шабакаҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар шабакаи "Интернет" ҷойгир шудаанд;

8) таҳкими анъанаҳои фарҳангӣ, маънавӣ, тарбияи маънавиву ватандӯстӣ, ки шаҳрвандонро барои муқовимат бар зидди экстремизм огоҳона водор мекунад;

9) баланд бардоштани дараҷаи касбии кормандони мақомоти салоҳиятдор ва дигар мақомоте, ки бар зидди ифротгароӣ муқовимат мебаранд, инчунин дастгирии молиявӣ, моддӣ ва дигар дастгирии фаъолияти ин мақомот ва кормандони онҳо;

10) гузаронидани пажӯҳиш дар соҳаи муқовимат бо ифротгароӣ, аз ҷумла дар арсаи байналмилалӣ, ки тарафҳо аъзои он мебошанд;

11) ҳимояи ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ичунин дар ҳолати зарурӣ шахсоне, ки ба мақомоти салоҳиятдор барои пешгирӣ ва гузариши ҷиноятҳои фарогири Конвенсияи мазкур мусоидат намудаанд.

Ҳамин тавр, муқовимат ба экстремизм муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ташаккули заминаҳои дахлдори ҳуқуқии байналмилалӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои амалиро дар ин самт тақозо менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, дар муқовимат ба экстремизм бо давлатҳои хориҷӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд. Бо эътирофи аҳамияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар ин соҳа, Ҷумҳурии Тоҷикистон конвенсияҳои асосии зидди экстремистии байналмилалиро эътироф намуда, дар ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавии фаъолияташон ба муқовимат бо экстремизми байналмилалӣ равонашуда фаъолона иштирок менамояд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006 № 1717 тасдиқ шудааст /Манбаи интернетӣ: mmk.tj. Санаи муроҷиат: 04.03.2021 сол*
2. *Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 / Манбаи интернетӣ: mmk.tj.Санаи муроҷиат: 04.03.2021 сол*
3. *Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)». Зери таҳрири муовини якуми Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи сеюм Холиқов А.Ғ.- Душанбе, 2014. –С.189.*

4. *Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм аз 15 июни соли 2001 (30 январи соли 2002 бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон№ 513 тасдиқ шудааст)/ Манбаи интернетӣ: http://www.kremlin.ru/supplement/3405. Санаи муроҷиат: 15.03.2021 сол*

**Международное сотрудничество в борьбе с экстремизмом**

**Ключевые слова:** экстремизм, международный экстремизм, международное сотрудничество, ООН, Шанхайская организация сотрудничества, противодействие экстремизму и терроризму, международные договоры.

**Аннотация:** В статье анализируется проблема международного сотрудничества в борьбе с экстремизмом. Автор выражает свою позицию по усилению борьбы с международным экстремизмом на уровне международного сотрудничества с международными организациями, такими как ООН и Шанхайская организация сотрудничества. В этой статье также определяется цель принятия Шанхайской конвенции о борьбе с экстремизмом и ее реализация на национальном уровне. Автор размышляет над проблемой международного сотрудничества в борьбе с экстремизмом, высказывает свои взгляды на него и теоретически обосновывает.

**Keywords:** extremism, international extremism, international cooperation, UN, Shanghai Cooperation Organization, countering extremism and terrorism, international treaties.

**Annotation:** The article analyzes the problem of international cooperation in the fight against extremism. The author expresses his position on strengthening the fight against international extremism at the level of international cooperation with international organizations such as the UN and the Shanghai Cooperation Organization. This article also defines the purpose of the adoption of the Shanghai Convention against Extremism and its implementation at the national level. The author reflects on the problem of international cooperation in the fight against extremism, expresses his views on it and substantiates theoretically.

**Додобоев Ҳорисҷон Холисович**
*сармутахассиси шуъбаи кадрҳо*
*ва коргузории ФДТТИ*

# ҶИНОЯТҲОИ МУТАШАККИЛ – ХАТАРИ ВОҚЕӢ БА АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ ВА САЛОМАТИИ АҲОЛӢ

Ҷиноятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир карда мешаванд, дар замони муосир яке аз зуҳуротҳои номатлуби ҷомеа ба шумор рафта, мубориза бар зидди он яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи мақомотҳое, ки ба муқобили ҷинояткорӣ мубориза мебаранд ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи муқаррароти Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013 - 2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013 тасдиқ шудааст ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба такмили механизмҳои ҳамкории мутақобилаи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дар амалигардонии самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия ва такмили мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус шарикӣ дар ҷиноят,

ҷинояткории муташаккилона, иттиҳоди ҷиноятӣ равона шудаанд, зарур мебошад[32].

Бинобар ин, бо мақсади фаҳмидани мазмун ва муҳтавои Стратегияи мазкур, инчунин мусоидати методӣ ба субъектҳое, ки бевосита бар зидди шарикони ҷиноят, ҷинояткории муташаккилона, иттиҳодияи ҷиноятӣ мубориза мебаранд кумаки ҳаматарафа бояд расонид.

Инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» оварда шудааст ва дар он шарҳи расмии чунин мафҳумҳои асосӣ, ба монанди: ҷинояткории муташаккилона, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, иттиҳоди ҷиноятӣ, (ташкилоти ҷиноятӣ), маблағгузории гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, ташкилоти ба гурӯҳи муташаккилонаи ҷиноятӣ мусоидаткунанда нишон дода шудааст.

Мустаҳкам гардидани институти шарикӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама имкон медиҳад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ашхосе, ки худ бевосита ҷиноят содир накардаанду аммо ба таври муайян ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд, асоснок гардонида шавад. Бо ин институти мазкур имкон медиҳад, ки доираи кирдорҳои бевосита дар меъёрҳои қисми махсуси КҶ пешбининашуда, ки барои ҷамъият хавфнок буда, таъсиррасонии ҳуқуқӣ – ҷиноятиро талаб мекунанд, муайян гардад. Баъдан, он имкон медиҳад, ки кирдорҳои шарикон дуруст баҳо дода шавад. Сониян, институти шарикӣ дар ҷиноят имкон медиҳад, ки ҷавобгарӣ ва ҷазодиҳӣ нисбати шахсони бо ин ё он тарз дар содиршавии ҷиноят иштирок намуда вабаста ба принсипҳои қонуният, гунаҳкорӣ ва адолат фардӣ гардонида шавад.

Институти шарикӣ дар тамоми давраи таърихи инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва баҳснок ба ҳисоб меравад. Чунин баҳодиҳӣ ба шарикӣ аз он вобаста аст, ки фаъолияти ҷиноятӣ мумкин аст, на танҳо аз ҷониби субъекти алоҳида, балки аз ҷониби якчанд шахс низ кӯшиши худро оиди содир намудани ҷиноят муттаҳид месозанд, содир мешавад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 майи соли 1998 қабул шуд ва аз 1-уми сентябри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифтааст, шарикӣ дар ҷиноятро дар боби 7 ва моддаҳои 35 - 39 мустаҳкам намудааст, ки мутобиқи моддаи 35 мафҳуми шарикиро ба тариқи зайл шарҳ додаст: «Иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсон дар содир намудани ҷинояти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад». Дар таърифи мазкур қонунгузор аломатҳои хосеро таҷассум мекунад, ки бо онҳо фаъолияти якҷояи ҷиноятӣ дар фарқият аз ҳолатҳои танҳо Институти шарикӣ қисми ҷудонашавандаи системаи меъёрҳо ва институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо мақсад ва вазифаҳои он низ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ муайян мешаванд. Якҷоя бо ин институти мазкур таъиноти махсуси худро дорад, ки дар онҳо ифода мегардад.

Муттаҳиди ду ва зиёда ашхос шариконро барои содирнамоии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин равона сохта, ба бартарафшавии монеъаҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷиноятӣ имконият медиҳад ва умуман дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин ҷиноятҳоро зиёд мегардонад.

[32] **Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020. Саҳ-1**

Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гуруҳи устувори ашхосе, ки пешакӣ барои содир намудани як ё якчан ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад.

Гурӯҳи муташаккил мувофиқи қ.3 м. 39 КҶ ҶТ гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд.

Ҳамин тариқ аломатҳои махсуси гурӯҳи муташаккил, ки дар тафовут аз шарикӣ бо маслиҳати пешакӣ (гурӯҳ бо маслиҳати пешакӣ) аз инҳо иборатанд:

1.Муттаҳидии пешакӣ;

2.Устуворӣ;

3.Муттаҳидии пешакӣ ва устуворӣ бо мақсади содир кардани як ё якчанд ҷиноят равон карда шудааст.

Шахсе, ки гурӯҳи муташаккилро таъсис додаст ва ё ба он роҳбарӣ мекунад, барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки гурӯҳ содир кардааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар он ҷиноятҳо дар зери роҳбарии бевоситаи ӯ содир шуда бошад, яъне, агар қасди ӯ ҷиноятҳои содиршударо дарбар гирифта бошад. Умуман, агар ҷиноятҳои содиршуда ба мақсадҳои гурӯҳи ташкилшуда ва вазифаҳои он, ки аз ҷониби роҳбар тарҳрезӣ шудааст, мувофиқат кунад, ҷавобгарии роҳбари гурӯҳ маҷуд аст

Содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳи муташаккил ҳамчун шакли мустақили шарикӣ дар КҶ ҶТ ба чунин тарз пешбинӣ шудааст. Авалан, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ҳангоми содир намудани чӣ гунна ҷинояте, ки набошад б. «в» м. 62 КҶ ҶТ. Сониян, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда барои як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ.

Гурӯҳи муташаккил аз ҳама бештар муттасил (зуд-зуд) ҷиноятҳои ғаразноки хавфнокро (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, тамаъҷуӣ) ва ҷиноятҳои муқобили шахсият, ҳамчунин дуздӣ ё тамаъҷуии силоҳ, муҳимоти маводи тарканда, воситаҳои таркиш ва ғайраро содир менамоянд.

Аломати асосие, ки ин шакли шарикиро аз дигаронаш фарқ мекунанд устуворӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки аъзоёни (иштирокчиёни) гурӯҳро мақсади якҷоя чун қоида дар ҷараёни нисбатан давомдори вақт содир кардани ҷиноятҳои бешумор муттаҳид мешаванд. Табиати худ ба худ вуҷуд доштани роҳбар (ташкилотчиро) барои пурра ба танзим андохтани фаъолияти гурӯҳҳо ва аъзоёни алоҳидаи он тайёрии ҳаматарафа, ба нақша гирифтани фаъолияти ҷинояткорон, тақсими нақшҳо дар байни аъзоёни гурӯҳоро талаб менамояд.

Гурӯҳи муташаккил дар худ тӯдаи шахсон нисбатан мухторро таҷассум менамояд, ки қасди якҷояи фаъолияти ҷинояти онро муттаҳид сохтааст. Аммо гурӯҳи муташаккил чӣ хеле, ки аз муқаррароти моддаи фавқузикр бар меояд, мумкин аст, ҳатто барои содир намудани як кирдори ҷиноятие, ки таёрии махсусро талаб менамояд ба вуҷуд ояд. Мусаллаҳӣ аломати ҳатмии гурӯҳи муташаккил нест.

Бо мурури замон бо гузаштани вақт гурӯҳи шахсони пешакӣ барои содир намудани ҷиноят созиш баста метавонад, хусусияти устувориро молик гашта ва ба гурӯҳи муташаккил табдил ёбад.

Гурӯҳи муташаккил мумкин аст аз ҳамиҷрочиён иборат бошад, ки ҳар кадоми онҳо бевосита дар содир намудани ҷиноят иштирок меварзанд. Вале ба тарзи ба худи шарики хос аъзоёни гурӯҳи муташаккил нақшҳои гуногунро дар байни худ тақсим намуда, иҷро менамоянд - яке ташкилкунанда, дигаре иҷрочӣ, сеюмин таҳриккунанда, чорумин ёрдамчӣ.

Вобаста ба ҳолатҳои рух медодагӣ иштирокдорони гурӯҳи муташаккил нақшҳои худро иваз менамоянд, шахсе, ки иштирокчии доимии гурӯҳи

муташаккил намебошад, вале як маротиба барои ба амал баровардани фаъолияти зидди ҳуқуқии онҳо кумак намудааст, мумкин аст барои ёрдамчӣ дар содир намудани ҷинояти алоҳида ҷавобгар карда шавад.

Таъсиси гурӯҳи муташаккил дар ҳолатҳое, ки дар моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ нашудааст, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба он ҷиноятҳое мегардад, ки барои содир кардани онҳо ин гурӯҳ таъсис ёфтааст.

Ҷавобгарии ҷиноятии ашхоси дар ҳамин модда номбаршуда бе ишора ба моддаи 36 Қисми умумии ҳамин Кодекс фаро мерасад.

Иштирокчии гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), ки ихтиёран ба мақомоти ҳокимият ҳозир шуда, то содир гардидани ҷиноят дар ошкор намудани нияти ҷинояткорона фаъолона мусоидат намудааст, агар дар кирдори ӯ аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Яке аз омилҳои ба шаклҳо тақсим намудани шарикӣ дар ҷиноят – ин вақти пайдо шудани маслиҳат байни шарикон оид ба содир намудани ҷиноят мебошад. Дар моддаи тафсиршаванда дар бораи чунин шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят сухан меравад. Ин меъёр, ки ба шаклҳои шарикӣ бахшида шудааст, аввалин бор ба КҶ дохил карда шудааст. Аҳамияти ҳуқуқии ҷиноии шаклҳои шарикӣ, ки дар моддаи мазкур номбар карда шудааст, аз он иборат аст, ки онҳо ё ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷиноят (м.м.185,186,187 ва ғ. КҶ) ё ҳамчун аломати вазнинкунандаи (квалификатсионии) таркиби ҷиноят (банди «з» қ.2 м.104, банди «б» қ.2, банди «в» қ.4. м.244 КҶ) ё ба сифати ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд (банди «в» қ.1 м.62 КҶ), баромад мекунанд.

Дар он ҳолатҳо, ки ҳаракати шарикон барои содиркунӣ ва ташкили ҷиноят равон шуда бошад, вале ҳаракатҳои онҳо бинобар сабабҳои ба онҳо вобастанабуда амалӣ нашавад, онҳо барои тайёрӣ ба ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (шарики барорнагирифта). Мисол, таҳриккунанда бо сабабҳои ба ӯ вобастанабуда наметавонад, ки иҷрокунандаро барои содир намудани ҷиноят ҷалб намояд; ташкилкунанда наметавонад, ки субъектони дигарро бо шарту шароитҳои лозима барои содиркунии ҷиноят таъмин намояд, гурӯҳро ба ягонафикрӣ орад ва ғайра. Ҳаракатҳои ёрдамчӣ дар ҳолате барорнагирифта маҳсуб мешавад, ки иҷрокунанда аз ёрдами ӯ даст кашад ва ё ёрии ӯро қабул намуда, аз содиркунии ҷиноят ихтиёран даст кашад. Шарикии барорнагирифта чун шакли махсуси тайёрӣ ба ҷиноят баромад мекунад, ки кирдори ҳамаи онҳо бо дастрасии қ.2 м.32 КҶ ва моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ бандубаст карда мешавад.

Дар ин шакли шарикӣ ҳар як шарикони ҷиноят иҷрокунандагон ба ҳисоб рафта, мумкин, ки пурра ва ё қисман тарафи объективии ҷинояти мушаххасро содир намоянд (ҳар яки онҳо – пурра ё қисман, ва ё якеаш – пурра, дигараш - қисман)[33].

Гурӯҳи муташаккил бо мақсади содир кардани ҷиноят, ки тайёрии дурударозро дарбар мегирад, таъсис шудааст. Гурӯҳи муташаккили худро то дергоҳ нигоҳ медорад. Аломати ин гурӯҳ чунинанд: а) ба гурӯҳ ду ва ё зиёда ашхос шомил аст; б) гурӯҳ пешакӣ бо мақсади содир намудани як ва ё якчанд ҷиноят ташкил шудааст; в) гурӯҳ хусусияти устуворӣ ва муттаҳидиро дорост.

Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи муташаккил эътирф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё

---

[33]Ниг.:Благов Е.В., Шаилов Р.Х. Особенности назначения наказания соучастникам преступления. Ярославль, 1993.

махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад.

Ҷиноят дар ҳолате аз ҷониби иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содиршуда эътироф мешавад, ки агар онро узви (аъзои) чунин иттиҳод ҷиҳати иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи он, инчунин бо супориши иттиҳоди ҷиноятӣ шахсе содир карда бошад, ки узви иттиҳоди ҷиноятӣ нест.

Шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) таъсис додааст ё ба он роҳбарӣ кардааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс барои ташкил ва роҳбарии онҳо, инчунин, барои тамоми ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад,ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дигар иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс, инчунин, барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Аломатҳои иттиҳоди ҷиноятӣ чунинанд: а) иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) дар натиҷаи муттаҳидшавии ду ва ё якчанд гурӯҳи муташаккил таъсис меёбад; б) мақсади таъсиси он, содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мебошад; в) фаъолияти чунин иттиҳод (ташкилот) ба таври аниқ дар байни аъзоёни иттиҳод ва сохторҳои он тақсим шудани вазифаҳои идоракунӣ, таъминотӣ ва иҷро кардани мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод асос меёбад; г) иттиҳод (ташкилот) дохилан муттаҳид буда, механизми идоракунии устуворро дорост; д) иттиҳод (ташкилот) мақсади ягона ва усулҳои доимии фаъолити худро дорад.

Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод менамоем, ки истилоҳоти «гурӯҳи муташаккили ҷинояткор», «гурӯҳи аз ҷиҳати сохтор ташаккулёфта» ки дар Конвесияи Созмони милали муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, ки бо резолютсияи 55/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 15 ноябри соли 2000 қабул шудааст ва Тоҷикистон онро ратификатсия кардааст, дар м.36 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд айнан истифода гардад. Чунки дар ин ҳолат талаботи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ақидаи мо, пурра амалӣ мегардад.

**Адабиёт:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд.-Душанбе.-2016.*
2. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 02 январи соли 2018//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, №9, мод. 68.Сомонаи интернетии маркази миллии қонунгузорӣ. mmk.tj.*
3. *Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои оид ба бандитизм» аз 23 ноябри соли 2012 №15. Сомонаи интернетии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонwww.sudioli.tj*
4. *Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. - Душанбе. Глобус. 2006. 880 с.*
5. *Уголовное право. Общая часть. М., 1993. – 280 с.*
6. *Уголовное право России. Общая часть. Под ред. В.Н. Кудрявцева и А.В. Наумова. М., 1997. 334 с.*

7. *Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ\Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С.Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова.-Душанбе, 2011. 331 с.*
8. *Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Душанбе, 2010. 322 с.*

**Ключевые слова**: преступление, незаконно, соучастие в преступления, преступное сообщество, уголовный кодекс, организованная преступная группировка, жадность, хищение, объединение, союз, уголовное наказание.

**Аннотация:** Статья посвящена организованной преступности и преступности с участием общественности, способам борьбы с такими нежелательными явлениями, путям продвижения, совершенствования национального законодательства и уголовной ответственности профессионального менеджмента.

**Keyresponsibilities:** crime, legal investigation, oriental crime, criminal association, organizedcrimegroup, greed, embezzlement, association, union, criminal punishment.

**Annotation:**The article fo cuses on organizedand participate or crime, ways to combat such unde sirablephen omena, waystoadvance, improvenational legislation and criminall iability for professional management.

**Ризоева Нигина Мамадкаримовна**
*унвонҷӯйи ФДТТИ*

## НАҶОБАТ ВА АСОЛАТИ ТОҶИК

Имрӯз ман аз тоҷик буданам тафохур намуда, мехоҳам, асли пайдоиши ин миллат, маънии ин вожаро шарҳ дода бошам, гарчанде доир ба ҳамин мавзӯъ бисёр аз бузургон ақидаҳои худро бо воситаи мақолаву асарҳои илмиашон исбот намудаанд, андешаи худро бо овардани баъзе аз далелҳои собиткардаи онҳо зарур мешуморам. Яъне вожаи тоҷик чӣ маънӣ дорад? Ин миллат кай арзи ҳастӣ намудааст? Мафҳумҳои "демократӣ", "ҳуқуқбунёд", "дунявӣ" ва "ягона" чӣ маънӣ дорад, тафсир диҳам.

"Тоҷикон - халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз зуҳури дини исломият дар ин сарзаминҳо ба тариқи муқимӣ - дар шаҳрҳо ва деҳаҳо зиндагӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умргузаронӣ мекарданд - инҳо ҳамон суғдиёне буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр, дар канорҳо, водиҳо ва кӯҳҳои Зарафшон ва Бохтариёну Тахориён буданд, ки бо марказияти Балхи қадим дар Хуросон ва Чағониён буданд, ки бо марказияи Тирмиз ва Ҳисори шодмон имрӯзҳо дар канорҳои рости дарёи Омуя зиндагӣ мекарданд", -қайд менамояд С.Айнӣ. Яъне тоҷикон аҳолии қадимтарини Мовароуннаҳру Хуросон будаанд ва аз рӯи нишондоди маъхазҳо ва китоби муқаддаси зардуштиён "Авасто" худро "арийя" - ориёӣ меномидаанд, ки маънои баор, шарифро дошт ва калимаи мазкур бо мурури замон ба номи нажоди тамоми халқҳои эронӣ табдил ёфт. Доктор Саид Нафисӣ доир ба нажоди ориёиҳо ва макони зисти онҳо ақидаашро чунин баён намудааст: "Бисёре аз уламои бузург ақида доранд, ки нажоди мо, яъне ориёӣ дар он сарзамин, дар доманаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ва дар канори рӯди Ҷайҳун ва Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хешро гузаронидаанд. Китоби осмонии Эрони қадим, яъне "Авесто" кишвареро нишон медиҳад, ки обу ҳавои он хулди замин буд ва аҷдоди мо нахуст дар он ҷо парвариш ёфтаанд ва бо қарина метавон ёфт, ки мурод

ҳамин арзи мавҷуди эрониён ва ҳамин хиттаи дилкаши соҳилҳои Ҷайҳун ва Сайҳун аст. Уламои таърих ақида доранд, ки мо аз он ҷо омадаем, Эрони имрӯз ба манзили хонаи дувуми мост". Аз омӯзиши фикру ақидаи олимони соҳа ва маъхазҳои таърихӣ метавон ба чунин ақида омад, ки ба аҳолии ин сарзамин баъд аз ҷорӣ шудани дини ислом номи "тоҷик" - ро дода, забонашонро "забони тоҷикӣ" ва ё "забони форсӣ" гуфтаанд. Ҳамин тавр номи "тоҷик" ба сифати номи як миллат аввал ба халқҳои форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда, минбаъд тамоми халқҳои форсизабонро чунин ном бурданд. Ин андешаи моро як байти тарҷеъбанди Саъдӣ, ки зодаи Шероз - маркази вилояти Форс аст ва худро "тоҷик" меномад, собит менамояд:

Шояд, ки ба подшаҳ бигӯед,

Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Инчунин, муаллифони дигари осори эронӣ аз қадимтарини онҳо сар карда, то адибони асри нуздаҳ вожаи "тоҷик" - ро ба халқҳои форсизабони Эрон кор фармудаанд.

Ба ақидаи доктор Саид Нафисӣ "Дар қарнҳои ислом Хоразм ва Мовароуннаҳр ва Хуросон ободтарин ва номитарин иёлоти Осиёи Миёна будааст. Дар қарни савум ва чаҳоруми ҳиҷрӣ ду силсилаи эрони бузург - Саффориён ва Сомониён дар ин ноҳия падид омаданд ва пушти хилофати Бағдодро ин сарзаини бостонӣ шикаст. Аз он рӯз то муддати шашсад сол, яъне то авосити қарни нуҳум ин хиттаи дилангез бузургтарин шуарои Эронро овардааст. Рӯдакӣ пешрави ин силсила ва Ҷомӣ охирин марди бузурги ин хонавода аст. Шуарои Туркистон маъруфтарин ашъори форсиро сурудаанд. Шаҳрҳои бузург ва ободи ин ноҳия, ки аз қадимтарин шаҳрҳои Эрон шумурда мешаванд, мисли Самарқанд, Бухоро ва Балх ва ғайра то замоне, ки авлоди Темур салтанат карданд, ҳамеша дорулилми Эрон буданд. Ҳанӯз бадеътарин ва зеботарин шоҳкориҳои меъморони Эронро дар Бухоро ва Балху Самарқанд метавон ёфт. Бузургони Эрон ағлаб аз ин сарзамин бархостаанд".

Доир ба маънои аслии вожаи "тоҷик" ва баромадгоҳи вай Садриддин Айнӣ аз ҷиҳати таърихӣ, забоншиносӣ ва этимологӣ таҳлили дақиқро ба субут расонидааст, ки овардани онро дар ин ҷо зарур ва ҳатмӣ мешуморем: "калимаи "тоҷик"аз се ҷузъи мураккаб аст: " ТОҶ-Й-К". Ҷузъи якум "тоҷ"аст, ки зиннати сари подшоҳон ва нишонаи подшоҳии онон буда, номи дигари вай дар форсӣ "афсар" ва дар арабӣ "иклил" аст; дувум ҳарфи "ӣ" нисбат аст. Масалан, мо Самарқандӣ, Бухороӣ ё Сталинободӣ гӯем, ҳамин "ӣ" ҳамроҳ мешавад ва чизҳо ё шахсҳои ба ин шаҳрҳо мансубро мефаҳмонад; ҷузъи савум "к"-и исмӣ аст. Ҳар вақт калима сифатеро, ё калимаи исми онро номи чизи махсус кардан хоҳанд, ин ҳарфро дар охири он калима ҳамроҳ мекунанд ва ин ҳарф ин калимаро исми хос мегардонад. Чунончи, калимаи "дона". Тухми ҳар рустанро, ки агар вайро дар замин кард анд, мисли он рустаниҳо рӯёнанд, "дона"гуфтан мумкин аст. Вақте хостанд, ин калимаро ба тухми зардолу ва шафтолу барин меваҳои сардарахте хос кунанд, ба вай "к"-и исмиро ҳамроҳ карда "донак" гуфтанд"

Агар вожаи "Тоҷикистон" - ро.аз ҷиҳати забоншиносӣ таҳлил намоем, ҷузъи - истон пасванди макон соз аст ва бо ин роҳ даҳҳо калимаҳои исмӣ шакл гирифтааст, масалан, он ҷое ки гули зиёд дорад, макони гул аст, гулистон гуфтаанд, ба ҳамин монанд боғистон, шабистон, нуристон, найистон, сангистон, чаманистон. Ҳамин тавр ҷое, ки тоҷикон макон доранд, кору фаъолият доранд, обод кардаанд – Тоҷикистон гуфтаанд. Тавре мушоҳида мекунем, дар зери таъсири забони тоҷикӣ

бо истифодаи пасванди маконсози - истон номҳои давлатҳои мустақил, ба монанди Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Арманистон сохта шудаанд.

Миллати тоҷик аз вақти пайдоиш то кунун бисёр ҳаводиси таърихиро аз сар гузаронида, дар тайи ин мароҳил бо сахтиҳои зиёде рӯ ба рӯ омада ва дар вартаи нобудшавӣ қарор гирифтаанд, вале бо хиради азалие, ки доранд, аз доми бало раста тавонистаанд. Чун тоҷикон ҳастӣ ва пойдории худро дар масири таърих нигоҳ дошта тавонистаанд, ба кам миллат даст додааст. “Таърих гувоҳ аст, - менависанд Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ки дар тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст”. Ба ҳамин мазмун дар асари олими кишваршиноси рус Н.Г.Павлов “История Туркистана” омадааст: “Мо дар арафаи эҳёи нави ин **миллати боистеъдод ва ҷонсахт** - тоҷикон мебошем. То дами эҳё онҳо зиндагӣ не ,балки ҳақирона рӯзгузаронӣ мекарданд ва ин фақру аҷз натиҷаи се зарбае буд, ки Чингизхон, Темур ва хонҳои манғит ба онҳо расонидаанд... Аз рӯи инсоф бояд гуфт, тоҷикон то кунун халқи аз ҳама ҷонсахттаранд, кам андар кам миллате мисли тоҷикон ба ин зарбаҳои сахт дучор омадааст, аммо қадре фурсати нафасросткунӣ кифоя буд, ки онҳо боз ҷон бигиранд”[.1.92] Бошарафу бофарҳанг ва маданитарину боистеъдод будани миллати тоҷикро дигар миллату халқиятҳо эътироф кардаанд. Дар “Қомус – ул - аъмол” - и туркӣ, ки муаллифаш Шамсиддин Сомӣ аст, доир ба миллати тоҷик чунин навиштаҳоро мебинем: “....инҳо дар шаҳрҳо ба тиҷорат ва пешаварӣ машғул буда, **фаъол, соҳибистеъдод ва нисбат ба соири тоифаҳои аҳолӣ маданӣ** бошанд ҳам, монанди турк, ӯзбек, тотор, афғонӣ ва дигар қавмҳои кӯчманчӣ ҷасур ва ҷанговар нестанд, бинобар онҳо ба назари инҳо (қавмҳои кӯчманчӣ) хор мебошанд.”

Бар хилофи гуфтаҳои муаллифи “Қомус - ул - аълом” Шамсиддини Сомӣ, ки гарчанде тоҷиконро “фаъол, соҳибистеъдод ва нисбат ба соири тоифаҳои аҳолӣ маданӣ”, ҳамзамон “ҷасур ва ҷанговар нестанд” гуфтааст, Садриддин Айнӣ хеле посухи хуб додааст: “Агар мақсади муаллиф аз “ҷасорату ҷанговарӣ” хунрезии бераҳмона ва ваҳшиёнаи чингизӣ бошад, албатта, тоҷикон ба ин гуна “ҷасорат ва ҷанговарӣ” соҳиб набуданд. Аммо агар мақсад аз ҷанговарӣ, ҷанговарии одилона ва ҷасорати маданиёна ва ҷонбозӣ карда тавонистан дар роҳи мудофиаи Ватан бошад, тоҷикон аз ин хусус аз як қавми ҷасур ва ҷанговар кам набуданд ва нестанд”. [1.12]Бар исботи андешааш аз шарафу ор ва ҳимояи номусу ғурури миллӣ ба таърих рӯ оварда. мисолҳо аз муқовимати шадиди Спитамен бар муқобили Искандари Мақдунӣ, ки то Самарқанд қариб бе ҷанг омада буд, Абумуслими Хуросонӣ ва Муқаннаъ, ки бар муқобили истилогарии арабҳо бархостаанд, истодагарӣ ва муқовимати Темурмалики хуҷандӣ бар чингизиён, Восеъ бар муқобили амирони манғитӣ истодааст, мисол меорад. Аз далелҳои дар таърих сабтшуда медонем, ки тоҷик дар ҳеҷ замоне бар сари халқиятҳои дигар “бо ҳамҳамаву дамдама лашкар накашидаст”, дили нарм, инсондӯстиву инсонгароӣ ва маданияту фарҳанги баланд доштани. миллат бар он боис шуд, ки аз даври гардун ҷабри беҳад кашад.

Истеъдоди баланди тоҷикон на танҳо дар ҳамаи самтҳои илм – тиб, риёзӣ, нуҷумшиносӣ, фиқҳу фалсафа ва адабиёт дида мешавад, инчунин дар сиёсат ва давлатдорӣ низ. Ташкили давлати Саффориён ва Сомониён ба гуфтаи Саид Нафисӣ “пушти хилофати Бағдодро шикаст”. Ва ё дар даврони ҳукмронии

хилофати арабу салҷуқиҳо ва чингизҳо аз тоҷикон вазирон ва арбобони сиёсат баромадаанд, ки дар обод кардани мамлакат ва пойдории давлат хизматҳои намоён кардаанд. Яке аз чунин арбобони сиёсӣ, вазири хилофати Аббосиён Бармакиён, ки падари ин оила Бармак ном як тоҷики оташпараст, ки дар Оташкадаи Балх хидмат мекард, мебошад. Инҳо исрофоти халифаҳоро маҳдуд карда, қисми зиёди даромади давлатро барои обод кардани Осиёи Миёна ва Эрон ва боло бардоштани маданият сарф кардаанд. Дар замони хилофати Ҳорунаррашид Ясо ва писарони ӯ ва ё дар замони Салҷуқиён Низомулмулки Тӯсӣ аз Арабистон гирифта то Туркистон мамлакатро идора мекарданд. Дар даврони Ҳалоку ва наберааш Арғунхон Хоҷашамсиддин Муҳаммад Ҷувайнӣ ва бародараш Алоуддин Атомалик Ҷувайнӣ илм, адабиёт ва умуман маданияти миллиро ривоҷ дода, ходимони ин соҳаро дастгирӣ кардаанд.

Қарни бист барои миллати тоҷик қарни санҷишҳои нави таърих буд. Аввалан, дар оғоз - соли 1924 Тоҷикистон чун вилояти автономӣ ба ҳайати Республикаи Сотсиалистии Ӯзбекистон дохил карда шуда, бо талошҳои паёпаю беҳади С.Айниву Б.Ғафуров, Шириншоҳ ва як қатор фарзандони фарзонаи миллат бар алайҳи пантуркистон, ки мавҷудияти ин миллатро дар арсаи таърих инкор мекарданд, бо асарҳояшон аз қадим мавҷуд будани миллати тоҷикро собит кардаанд ва ҳарчанд “гаҳвораи тамаддуни тоҷикон” - ро бо дигар манотиқҳои куҳанбунёди тоҷикон бохта бошанд ҳам, дар ин “табартақсим” бар бунёди Республикаи Сотсиалистии Тоҷикистон муваффақ шуданд, ки дар таърих яке аз боарзиштарин талоши миллат сабт шуда аст. Дигар, дар охири ин қарн бо пароканда шудани понздаҳ республикаи давлати абарқудрати Шӯравӣ Тоҷикистон бе меҳнат ва осон соҳиби истиқлолият гашт. Доир ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санади ҳуқуқии “Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон” аз 24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум сухан рафта, баъдан 9 сентябри соли 1991 Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва қонунӣ гардонида шуд. Ва ҳанӯз ин “кӯдаки яксолаи таърих”устуворона қадам гузоштанро наомӯхта, бар гирдоби ҳаводиси таърих афтиду дар оташи худ сӯхт. Ин миллати посӯхтаву лабташнаро аз гирдоби ҳалокат фарзандони бохирадаш бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳониданд ва истиқлолияту ваҳдати миллии кишварро таҳким бахшиданд. Барои таҳким бахшидани истиқлолият Конститутсияи Тоҷикистон, ки ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардид, бунёди давлати соҳибистиқлолро бар асоси таҷзияи ҳокимият, анъана, инсонгарой, арзишҳои умумиинсонӣ ва инчунин, дигар арзишҳои ҷаҳонӣ дар шакли давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, кафолати озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон муқаррар намуд. Ин маъниро мо дар моддаи якуми Конститутсия дида метвонем,ки мувофиқи он “Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд”.

Мақсад аз дарҷи мақола дар баробари нишон додани бунёд, ҳастӣ хусусиятҳои махсуси миллӣ ва пойдории миллат дар моварои таърих,доир ба

бунёди давлати миллӣ,ки он аз истиқлолияти давлатӣ ва ҳукуматдорӣ ба таври конститутсионӣ сурат мегирад, истоданиям. Истиқлолият маънои соҳибихтиёрро дорад. Соҳибихтиёрии Точикистон ин маънои мустақилона муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ - роҳу усулҳои тараққиёти худро дар соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, инчунин, тарзу усулҳои муносибат бо давлатҳои хориҷӣ, умуман, ҷомеаи ҷаҳониро дорад. Ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ комилан мустақил буда, дар шакли пурраашон дар қаламрави давлат амал карда, ҳеҷ гуна дахолати мамлакатҳои хориҷиро намепазирад ва дар муносибатҳои байналмилалӣ низ тобеи давлатҳои хориҷӣ намегардад.

Мафҳуми "демократӣ" ҳокимияти халкро ифода мекунад. Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимият давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бо воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент,Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоқикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.Давлати демократӣ аз ҳукматдории тотолитарӣ ва авторитарӣ фарсаххо дур аст. Барои ба тариқи демократӣ идора кардани давлат, устувор шудани заминаҳои гуногунандешии сиёсӣ ва таҳкими ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ аҳамият ва нақши муҳим дорад, ба қавли Президенти ҶТ он "дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо сохтори нодир буда, созмонҳо ва ташкилотҳои дорои ақидаҳои гуногун ва барномаҳои мухталифро муттаҳид кардааст", ки барои таҳкими ҳуқуқии ҷомеа ва устувор шудани гуногунандешии сиёсӣ заминаи устувор гузошт.

Давлати ҳуқуқбунёд эътироф шудани Тоҷикистон маънои ба Конститутсия тобеъ будани кулли шаҳрвандон ва ҳамаи мақомоти давлатиро дорад.

Истилоҳи "дунявӣ" чунин маънӣ дорад, ки дар давлат ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ва ё афзалият надорад. Ягон дин ба ҳайси дини давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст ва ҳамаи динҳо ҳуқуқу мавҷудияти баробар доранд, шаҳрвандони кишвар, сарфи назар аз он ки ба кадом дин пайравӣ мекунанд, комилан баробарҳуқуқ мебошанд.Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои он мудохила карда наметавонанд. Ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат маънои онро надорад, ки ташкилотҳои динӣ бо давлат ҳамкорӣ намекунанд. Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандро барои эътиқоди динӣ ва фаъолияти динӣ маҳдуд намекунад. Фақат он иттиҳодияҳое манъ карда мешаванд, ки миллатгароӣ, хусумату бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват намуда, сохтори констутсиониро сарнагун кардан мехоҳанд.

Мафҳуми ягона будани Тоҷикистон дар он ифода ёфтааст, ки мақомоти олии намояндагӣ, иҷроия ва судии барои тамоми кишвар умумӣ, як Конститутсия, як низоми қонунгузорӣ ва шаҳрвандии ягона дорад. Дар Тоҷикистон низоми ягонаи пул, сиёсати ягонаи қарз ва андоз ҷорӣ аст. Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси таҷзия аз давлатдории ниёгон бо дарназардошти хилқат ва арзишҳои миллӣ, инчунн аз пайгирии усулҳои давлатҳои пешрафта сохта шудааст, идора кардани давлат бо адлу дод, густариш ва такомули тамоми самтҳои зиндагӣ дар асоси меъёрҳои қонунӣ аст. Ин буд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радаи шашуми беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон ҷойгузин шуд.

Ибтикор ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули маънавиёти миллат, пеш бурдани манфиатҳои миллӣ беандоза аст. Таҷрибаи рӯзгор, натиҷаву хулосаҳои ниёгон ва ҳам давлатҳои мутараққӣ бар он асос қарор гирифт, ки танҳо миллати соҳибдонишу соҳибхирад дар сатҳи давлати мутараққӣ ҷойгир шудани кишвараш саҳмгузорӣ карда метавонад. Ин маъниро Пешвои миллат дар суханҳои бо ҳикмати худ барои ҳаммиллатон чунин иброз доштанд: “Фаромӯш набояд кард, ки Ватанро танҳо кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат ва забондону дорои касбу ихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯй обод карда метавонанд”.

Ҳар солеро барои чизе хос кардан аз ташаббусҳо бар дурнамои миллат аст, ки бо дониш мусаллаҳ шудани аҳли ҷомеа, рушд ва пешрафти ин ё он самт асос мегузорад. Соли маориф ва илмҳои техникӣ эълон шудани соли 2010 бар он асос гузошт, ки садҳо мактабҳои нав бунёд гардида, фарогирии дониш бо дарёфти усулҳо ва методҳои беҳтарин, истифодаи васоити техникӣ ва шабакаҳои интернетӣ роҳандозӣ шуда, сатҳу сифати таълим баланд бардошта шавад. Ва ё “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” эълон шудани солҳои 2020-2040 бо мақсади тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, омӯзиши жарфи фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ ва зуҳури нобиғагони риёзӣ чун Абӯнасри Форобӣ, Насриддини Тӯсӣ, Муҳаммади Хоразмӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ замина хоҳад гузошт.

Инчунин тӯли ду сол ва минбаъд баргузор шудани озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Ватани азизам Тоҷикистон”, ва аз соли 2021 “Илм – фурӯғи маърифат” муҳимтар аз ҳама барои баланд бардоштани маърифати миллат ва дарёфти нафарони баландистеъдод, сайқали маҳорати худодод , ба сатҳи нобиғагон расондани насли имрӯз чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Саъдӣ, Хайёму Ҳофиз ва амсоли ин гуна обои миллат аст, ки созанда ва муаррифгари асолати баланд, маданият ва хиради миллат бар наслҳои фардо хоҳад буд.

Бар ҷавоби ин гуна ғамхорӣ ва ташаббусҳои Пешво мо - насли имрӯзро мебояд,дар ҷаҳони пур аз тазоду мушкилот, пур аз ихтилофу зиддиятҳо,ки сабаби афзудан ва густариш ёфтани ,терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроту номатлубу хатарафзо дар саросари сайёра гаштааст, ҳалли дурусту саривақтии ин муамморо,ки танҳо бо воситаи хираду дониш даст хоҳад дод ,ёбем. Ба тасарруф ва ғасби мафкураи шахрвандон, ҷой намудани ғояҳои иртиҷоӣ ки амалишавии ин мақсади ифротиёну хоинони миллат тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст, ба таблиғоту ақидаҳои бебунёд фирефта нашуда, ба доми макри онҳо наафтидани ин миллати бохирадро тақозо мекунад ва дар назди ҷамъаит вазифа мегузорад, ки наврасону ҷавононро дар самти дурусту истифода бар манфиати худу миллат кор фармудани шабакаҳо роҳнамоӣ кунанд. Ҳувият, номусу ор, худшиносиву ватандӯстиро дар ниҳодашон бедор намоянд, ҳадафи асосии ин гурӯҳҳоро дарк намуда неруи ҷавонии худро бар хизмат ва ҳимояи Ватан, ки мактаби бузурги мардонагиву ватандӯстӣ маҳсуб меёбад сарф намоянд. Бар афроде, ки ба миллати тоҷик бо ҳақорат ва нописандӣ менигаранд, собит намоянд, ҷасур ва ҷанговаранд, ҳангоми зарурат бар ҳимояи марзу бум омодаанд, ҷавҳар,наҷобат ва асолати миллии ниё дар шарёнашон ҷорист.

**Калидвожаҳо**: миллати тоҷик, ниё, Осиёи Миёна, Моваоуннаҳр, Эрон, Ҷумҳурии Тоҷикистон,Конститутсия

**Анотатсия:** Дар мақола доир ба макон ва асли баромади миллати тоҷик, сарчашмаҳои собиткунандаи макону ҳастии миллати куҳанбунёд, таърих, фардҳои

таърихӣ, ки дар шинохти миллат нақш гузоштаанд маълумот дода шудааст. Инчунин, бар асоси таҷзия аз давлатдории ниёгон бо дарназардошти хилқат ва арзишҳои миллӣ ва пайгирии усулҳои давлатҳои пешрафта сохта шудани Конститутсияи ҶТ,шарҳи моддаи якум ва чораандешӣ дар таҳкими давлат ва дар сатҳи нобиғагон тарбия намудан, ки муаррифгари асолат. маданиятва хиради тоҷикон хоҳад буд, истода гузаштааст.

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| ***САРСУХАН*** ........................................................................................................ | | 3 |
| ***БАХШИ II Иқтисодиёти рақамӣ: гузариш ва ҳалли муаммоҳо*** | | |
| ***Komilov S.S.*** | Significance and role of data in e-commerce and the digital economy........................................................................................ | 5 |
| ***Аминов Д.Ғ., Тӯразода Ҷ.А., Тошматова М.Д.*** | Арзёбии сатҳи вобастагии ҷумҳурии тоҷикистон аз воридоти гурӯҳи молҳо........................................................................... | 5 |
| ***Самадова З.А.*** | Баъзе масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............... | 14 |
| ***Шарипов Б.М. Холов Т.Т.*** | Вопросы финансирования геологоразведочных работ в Таджикистане…………………………………………………….. | 19 |
| ***Холиқов М.Ғ.*** | Дурнамо ва рушди рақобатпазирии сифати маҳсулоти корхонаҳои консервабарорӣ дар бозорҳои дохил ва берун аз кишвар.......................................................................................... | 27 |
| ***Ҳасанов М.М. Сайфиддинов А.Б*** | Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ.... | 29 |
| ***Валиева Н.М.*** | Иқтисодиёти рақамӣ дар рушди шарикии давлат ва бахши хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................... | 32 |
| ***Ҳафизова П.А.*** | Пойгоҳи ахборотии фаъолияти молиявии корхона дар инкишофи иқтисодиёти рақамӣ…………………………………… | 36 |
| ***Ахмедова М.*** | Иқтисоди рақамӣ ҳамчун омили амнияти иқтисодӣ дар пандемияи Covid-19.................................................................... | 40 |
| ***Умарова С.И.*** | Инновационное развитие виноградарства – основа повышения эффективности........................................................ | 43 |
| ***Муҳиддинов М., Ҷӯраев Ғ.Ғ.*** | Методологияи баҳодиҳии интегралии комплексии рушди иқтисодӣ – экологии минтақа...................................................... | 49 |
| ***Тӯразода Ҷ.А., Аминов Д.Ғ., Тошматова М.Д.*** | Механизмҳои ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................. | 53 |
| ***Хомидов И.М., Вахобов Т.*** | Модернизация экономики через цифровой экономики………. | 57 |
| ***Каримова М.И.*** | Мукаммалгардонии рақобатпазирии бонкӣ дар бозори қарздиҳӣ.............................................................................................. | 63 |
| ***Игамназаров Н.И*** | Мушкилоти таъсири омилҳои минтақавӣ ба рушди соҳибкории хурд.............................................................................................. | 68 |
| ***Курбонова Ш.С.*** | Методологические подходы к оценке развития продовольственного рынка....................................................... | 72 |
| ***Ризоқулов Т.Р. Шаропова Н.Ҳ.*** | Равияҳои методии баҳодиҳӣ ба истифодабарии иқтидори захиравии минтақа ва таснифоти нишондодҳои он…………… | 78 |
| ***Солиев З.М., Максудова З.*** | Развитие промышленности как один из факторов развития экономики………………………………………………………… | 87 |
| ***Шодиева Р.Р.*** | Развитие цифровой экономики................................................. | 91 |
| ***Ҷӯраева З.*** | Рушди соҳибкорӣ дар марҳилаи муосири бӯҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ........................................................................ | 94 |
| ***Тошматова М.Д., Тӯразода Ҷ.А. Аминов Д. Ғ.*** | Самтҳои рушди сиёсати воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... | 99 |

| | | |
|---|---|---|
| *Бобоева Г., Рахимова С.* | Саҳми корхонаҳои саноатӣ дар ғани гардонидани буҷети маҳалӣ........................................................................................ | 103 |
| *Джабаров Г.Н.* | Сущность и необходимость цифровизации банковского сектора в Республике Таджикистан……………………………… | 109 |
| *Рахматджонов Г.* | К оценке и экспертизе инновационных проектов в строительстве……………………………………………………… | 112 |
| *Азимов А.Ҷ., Абдузухурова З.Б.* | Таъсири равандҳои иқтисодӣ дар рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ | 119 |
| *Акпарзода А.* | Теоретические аспекты устойчивое управление земельными ресурсами………………………………………………………….. | 121 |
| *Пӯлотова М.Х., Турсунова З.Ғ.* | Хавфҳо ва таҳдидҳои иқтисоди рақамӣ, роҳҳои рафъи онҳо..... | 127 |
| *Раупов К.С.* | Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон............................................. | 132 |

***БАХШИ IV. Нақши фанҳои ҷомеашиносӣ дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ***

| | | |
|---|---|---|
| *Муллоҷонова Н.А* | Аломатҳои объективии таркиби ҷинояти қочоқ мутобиқи қонунугузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………… | 138 |
| *Авезова З.Б.* | Чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ дар низоми адолати судӣ........................................................................................ | 142 |
| *Рауфов М.М.* | Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ........................ | 148 |
| *Дадобоева М.А.* | Баъзе аз масъалаҳои умуминазариявии маҷбурсозии давлатӣ – ҳуқуқӣ........................................................................................ | 152 |
| *Зиёбоева М.Н.* | Испытательный срок при отсрочке отбывания наказания беременным женщинам и женщинам, имеющим детей в возрасте до восьми лет……………………………………………… | 156 |
| *Сайдуллоев А.А* | Баъзе масъалаҳои банду басти ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ)....... | 161 |
| *Каримов Р.А.* | Баъзе масъалаҳои такмили танзими ғайритарифии савдои хориҷӣ дар таъмини рушди воридотивазкунӣ............................. | 167 |
| *Арабеков У.Ҷ., Пӯлодов И.,* | 30-Соли фаласафаи Истиқлолгароии Пешво............................ | 171 |
| *Каримов А.А.* | Баъзе ҷанбаҳои фалсафаи машшоияи Ибни Сино……………… | 173 |
| *Солиев З.М., Салимов Ф., Нумонов И., Ибрагимова Н.,* | Вклад Абурайхона Беруни в сохранении научного наследия своей эпохи на примере его трактата «Индия»………………….. | 178 |
| *Сайдуллоев А.А.* | Иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................... | 180 |
| *Абдуллоева Г. Н.* | Инкишофи озодии виҷдон дар Иттиҳоди Шӯравӣ...................... | 185 |
| *Бобоев М.Ҳ.* | Ислоҳоти адвокатура дар Тоҷикистони имрӯза......................... | 190 |
| *Кудусова Н.В.* | Истифодаи сарчашмаҳои интернетӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ................................................. | 195 |
| *Ниъматов Ш.К.* | Криминальные характеристики обмана потребителей………… | 199 |
| *Раҳматуллоева Р.Р.* | Қоидаҳои мурофиавии баррасии парвандаи истеҳсолоти махсус доир ба фарзандхонӣ......................................................... | 202 |
| *Салимов Ф.* | Методология изучения наследия Мухаммада Хоразми на уроках предмета «Информационные технологии».................... | 208 |
| *Қаҳоров Н.М.* | Муаммоҳои назорати прокурорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд..................................................... | 210 |
| *Абуллоева Ш.Р.* | Мирзо Турсунзода – Муаррифгари миллат............................... | 216 |

| | | |
|---|---|---|
| ***Абдураҳмонова М.И.*** | Моҳияти ҳуқуқии ҳудуди марзиву маъмурии заминҳои шаҳр, шаҳрак ва деҳот...................................................................... | 221 |
| ***Носиров Н.Б.,*** | Муаммоҳои назариявӣ-амалии бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳӣ...................................................... | 227 |
| ***Яҳёев М.*** | Зебогӣ - дар маърифат аст.......................................................... | 230 |
| ***Абдуллоева Г.Н.*** | Назарияи Ҷ. Локк ва Ш.Л. Монтескйе оид ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ...................................................................... | 234 |
| ***Хасанов М.С.*** | Нуқтаи назар оид ба мафҳум ва моҳияти соҳибихтиёрӣ............ | 242 |
| ***Рахматулоев А.Э., Кахоров Н.М.*** | О необходимости совершенствования мер по пресечению и предупреждению преступлений…………………………………… | 247 |
| ***Олимҷонов Б.*** | Оқибатҳои ҳуқуқии риоя накардани қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон........ | 254 |
| ***Ҳоҷиева Ш.А.*** | Рисолати муҳими падару модар - тарбияи фарзанд.................. | 259 |
| ***Қодирӣ А. Ҳ.*** | Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи такмил додани системаи ҳуқуқӣ........................................................................ | 262 |
| ***Ризобоева Н.*** | Тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаҳои Фарзона........................ | 266 |
| ***Ахмедов Н.И., Зиёбоева М.Н., Мирзоев Ҳ.М.*** | Ташкил ва баргузории экспертизаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ кафили қабули қонунҳои баландсифат...................................... | 270 |
| ***Пӯлотов К.И.*** | Ташкил ва баргузории экспертизаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ кафили қабули қонунҳои баландсифат...................................... | 275 |
| ***Мақсудов У. О.*** | Таъсири асимметрия дар ҷараёни тарҷумаи матни бадеӣ........... | 282 |
| ***Мамадҷонова Ф.Ш.*** | Темпераменти муаллим ва самаранокии фаъолияти педагогӣ... | 288 |
| ***Қодирӣ А.Ҳ.*** | Технологияи ҳуқуқии таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ: мафҳум ва моҳияти он................................................................ | 293 |
| ***Холиқов И.А.*** | Хусусиятҳои арзиши олии ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқӣ: масоилҳои назариявии ҳуқуқӣ………………………………….. | 298 |
| ***Каримова М.М.*** | Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм......................................................................... | 302 |
| ***Додобоев Ҳ.Х*** | Ҷиноятҳои муташаккил – хатари воқеӣ ба амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ.............................................................. | 306 |
| ***Ризоева Н.М.*** | Наҷобат ва асолати тоҷик......................................................... | 311 |